НАШРИЁТИ «АДИБ»



У М А Р  С А Ф А Р

# Б О З Г А Ш Т И
# П А Д А Р

Душанбе
«Адиб»
2014

ББК –84 Тоҷик 7-4
С-35

Муҳаррир *Мубашшир Акбарзод*

С-35 **Умар Сафар. Бозгашти падар** *(қиссаҳо).*
– Душанбе, “Адиб”, 2014, 256 саҳ.

Маҷмӯае,ки манзури хонандагони гиромӣ мегардад, фарогири қиссаҳоест, ки аз саргузашти пурхаму печи инсонҳо ҳикоят мекунанд. Инсонҳое, ки гардиши рӯзгор, сарнавишт зиндагии эшонро бо ҳам пайванд задаву дар қиболи ҳама гуна душвориҳо мавриди озмоиш қарор додааст. Умед аст, ки маҷмӯа мавриди писанди дӯстдорони адабиёт қарор мегирад.

ISBN 978-99947-2-419-2

© Нашриёти «Адиб», 2014



## САДОЕ АЗ ХИЛВАТ

Тарҷумони садову сукут

*Касе, к-ӯ фош дид асрори ҷонро,*
*Набинад ҷуз ба чашми худ ҷаҳонро.*
*Навое офарин дар синаи хеш,*
*Баҳоре метавон кардан хазонро.*

*Муҳаммад Иқбол*

Инсон шудан хулосаи тамоми сайру сулук ва барномаву тариқатҳои рӯҳонист, ки бузургони олам барои шинохти ҳамин асолат талош кардаанд ва дар ҳамин қаламрави ошнову ношинос то абад пӯёву поё мондаанд. Каломи хуҷастаи «Эй Инсон» борҳо дар кутуби муқаддас ва Қуръони Карим мукаррар шудааст ва Инсон аст, ки бори амонат дар дӯш ва гавҳари

муҳаббат дар дил мавриди хитоби қудсӣ қарор гирифтааст. Файласуфи бузург Давид Юм дар оғозномаи рисолааш «Достони табиати одам» менависад, ки «Агар ин асари ман барои зеҳни хонандагонам осонпазир нест, фикр мекунам, ки аз боиси ибҳомгарой ва бозгӯйӣ бардоштҳои руъёист. Аммо ин ангезаҳову андешаҳо қобҳоеанд, ки акси ҳар хонандаро оғӯш мекунанд ва соҳибони аксҳоро ба сафарҳои ботинӣ ба самти асл мехонанд».

«Садое аз хилват» низ моро ба доруссаломи дили Инсон даъват мекунад, ба хилватсарои номакшуфе, ки розҳову овозҳову эъҷозҳо зиндагонии ҷовидон доранд. Мавзӯи биниши адиби равоншиносу ҷаҳоншинос Умар Сафар ҳамин нуктаи кучактарину бузургтарин аст: Ҷаҳону Инсон.

Инсон дар баробари ҷаҳон ҷуғрофиёи тангтар дорад ё ҷаҳон дар баробари рӯҳи Инсон, ки вусъати нуҳ фалакро месипараду боз ҳам худро дар панҷараҳои масдуд асир мебинад. Нависандаи ниҳонбину жарфпаймо дар радифи тавонотарин адибони инсонгаро фардеро, ки ҳанӯз қисмате аз ҷомеаи мардҳо навъи фаръии одамӣ меҳисобанд, қаҳрамони худ пазируфтааст: Занро! Ва боз чӣ гуна занеро? Чун дар талотумгоҳи эҳсосу афкори Моҳрӯ мавҷ мезанем, мепиндорем, ки ин бонуи муаззам олими файласуф аст ё орифи тариқатшинос, суханвари тавоност ё муҳандису меъмори ватансозу ҷаҳоноро. Яъне, нафарест, ки маърифати густардаи андӯхтаву афрӯхтаро дар мадрасаҳои олӣ ҳосил кардааст. Аммо, на! Мухотаби нависандаи мо як рӯбандаи одист, ки дар ҳошияи гирудорҳои иҷтимоъ ва дар андаруни ҷӯшишҳои ботинии худ ҳаёти камфурӯғе ба сар мебарад ва бо қудрати азими инсоние, ки дорад, аз зулматистони андуҳу озор ба сапедадами саодат нақб меканад. Моҳрӯ зиндагияшро ба кори озодагиву назофат бахшидааст. Аммо асли ин таахҳуд рӯбучини як коргоҳ нест, рӯбучину поксозии як ҷаҳону инсонҳои ӯст ва козургарии сиришти хеш аст, ки Моҳрӯро пайваста машғул медорад. Шояд мо гоҳе ба фаррошону рӯфтагарони кӯчаву кӯ бо чашми камбини беэъти-

бор менигарем ва аслан фикр намекунем, ки ҳамин нафарони одӣ шояд бузургтарин, комилтарин, наҷибтарин намунаи инсон бошанд, ки дар назаргоҳи мо рӯнамо шудаанд. Тақсири мост, ки инсонҳоро дар мақому мартабаҳои иҷтимоӣ мавриди шинохту қазовату иззат қарор медиҳем. Аммо нависандаи мо бо муҳаббати нотасвир, бо иродату посдории беҳудуд, бо меҳру хулусу шафқати бемунтаҳо ба қаҳрамонаш муносибат мекунад, зеро медонад, ки ин бонуи зоҳиран муҳаққар бо фарҳангу маърифати фитрӣ, бо рӯшании пиндору иқтидори бузурги равониву шаҳомати ботинияш мазҳари азамат ва камоли инсонист. Аз ин рӯ, ин зани тавоно бо сарнавишти тираи худ мадоро намекунад ва бо талошу пӯёӣ ба ояндаи муфарреҳ раҳ мекушояд. Роҳи рафтан ба самти саодатро нависанда басе сабуронаву ботадриҷ бозгӯ кардааст: Моҳрӯ аз оромишгоҳи тифлӣ ба арсаи тӯфонҷӯши ҷавонӣ, аз шикаст ба шикасте шадидтар, аз асорати манҳус ба озодии бенишот ва баъди худгудозиву худсозиҳои паёпай ба қаламрави хуршедии бахту нусрат мерасад. «Садое аз хилват» садое аз аъмоқи дили инсони танҳост, ки бо ин ҳама зарбаҳои қазо афтода нест, зеро пуштвонаи яктотарину болотаринро ёфтааст, ки бо инояти ӯ худро аз вартаи шақоват ба фарози саломат берун мекашад. Ин садои башоратбахш аз дили ӯ меояд, аз дили пурсукуту пурнавои ӯ, аз дили орому тӯфонзои ӯ, аз дили кӯчаку бопаҳно, аз дили фардосозу ояндаафрӯзе, ки парваришгоҳи зеботарин ишқу таманноҳост.

«Садое аз хилват» фарҳангномаи чандин мафоҳимест, ки мо бо онҳо аз назари суварӣ бархурд мекардем ва бо дарки ниҳонпаймо ба ҷавҳарашон дар намекушудем: дарвоза, маҳтоб, чароғ, гаҳвора, лӯхтак, сарбанд, чағдег, барг, дарахт, ҷорӯб, меҳрубонӣ, шаб, барф, гирдбод, садо, сукут ва ғайра. Ҳатто, вожаҳои гӯсфанд, гӯсола, гов, қассоб аз зарфияти луғавии худ хориҷ шудаву рамзкушои ниҳонтарин асрори ҳастӣ гардидаанд. Асар таҷаммуи ҳамин санбулҳои зебост, ки тинати инсонро оинадорӣ мекунанд ва ҳар лаҳза чун омӯзгори

нонамо моро дастури ҳаёту муждаи наҷот мебахшанд. Ҷурм дар инсонҳост, ки ин дастурро намепазиранду он муждаро намешунаванд. Симои пирамарди ранҷуре, ки баргҳои бодрезро дар зери нурмижгони мунири хуршед чун номаҳои essмармуз хат ба хат мехонад ва баъд дар кафаш мефишораду бар хок мезанад, чӣ басе асрор дорад. Мисли ин мо ҳам ҳар шабу рӯзи Худоро, ки барг –барг аз дафтари тақвим мерезанд, нохондаву нимхонда ба коми адам меафканем. Балки мо он баргҳои ҳикматро боре ҳам ба даст намегирем ва бо чашми таҳқиқ хутути Муншии азалро намехонем. Пас, он марди рамзошно огоҳтару бинотару саломаттар аз мост, ки фурсату ҳиммату рағбати баргхониву ниҳондонӣ дорад ва садои пои вақтро мешунавад.

Инсоншиносии фалсафии устод Умар Сафар бисёр бешабеҳаву мавзун аст. Ӯ мисли оина аз шабакаи биниши қаҳрамони худ хомӯштарину гӯётарин вожаҳоро тарҷумонӣ мекунад. Масалан, ҷорӯб, ки як ашёи одии рӯзгор аст ва ҳаргиз мавриди таваҷҷуҳи мо қарор наёфтааст, дар ин асар санбули бошаҳоматест, ки тозакории ҷаҳонро дар дӯш дорад.

Ҳамчу Мавлоно, ки мегӯяд:

*Дод ҷорӯбе ба дастам он нигор,*
*Гуфт: аз дарёи ҷон гарде барор.*

Дарё, ки бегардтарин офаридаи Ҳазрати Кирдгор аст ва хосса, дарёи ҷон, ки таваллудгоҳи сафои азалист, магар ба покрӯбии ҷорӯбе ниёз дорад? Оре, дорад. Ҷорӯбе, ки нигори кибриёӣ аз ғайб медиҳад, ҳар лаҳза дарёро муназзаҳ мекунад, дарёро, ки раҳ ба раҳ хасу хошоку анбориши дигар мепазирад ва дарёи ҷонро, ки бидуни ҷорӯб дар андаруни чирку ғубору зангор тирагун мешавад. Устод Умар Сафар, ки номбардору вомбардори ростини Рӯдакию Фирдавсию Мавлонову Ҳофиз аст, бо чашми дарунгарову ифшогар ба рози

вуҷуд меандешад ва «Садое аз хилват» -и ӯ мифтоҳест, ки бо чархиши якбораву якчандборааш мову шумо ба сарзамини асолати Инсон сафар мекунем. Пас, ин қиссаро мукарраран мебояд нукта ба нукта, хат ба хат, ҳарф ба ҳарф, дил ба дил, ҷон ба ҷон хонд, то хизонаи саршореро рӯ ба рӯи худ боз бубинем.

Профессор Умар Сафар, ки ба унвони муҳаққиқи забон ва адаби тоҷик дар ҳалқаҳои илмии форсизабонон дерест иштиҳор ёфтааст, дар офариниши осори бадеӣ низ басе чирадаст аст. Забони нобу шодоби насри ӯ, ки бисёр пурсармояву бенамунаву зебост, бо андешаҳои ҳакимона иттиҳоди бешикаст ёфтааст ва тасвирҳо дар тамошокадаи ҷони мо чун поктарин латифаҳои рӯҳонӣ таҷаллӣ мезананд.

Ман устод Умар Сафарро бо иншои ин асари пурфурӯғ, ки дигарбора мартабаи арҷманди инсонро дар пешгаҳи андешаҳо мегузорад, муборакбод мегӯям ва орзу меварзам, ки хомаи нурандуди ӯ зеботарин таровишҳои андешаҳои башариро баъд аз ин низ ба мо армуғон мебахшад.

***ФАРЗОНА, ШОИРИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН***



Сукут дар ин хокдон гӯё хайма задааст. Сояи он бар ҳама мавҷудот пӯшише шуда, ки пеши роҳи ҳар ҳарфу садоро баставу масдуд сохтааст. Нерӯву ҷазабаи ин сукут ба андозаест, ки дар руҳу равони хокиён нуфуз кардаву сангин нишастааст. Чашмҳо саршори сукут аст. Нури дидаҳо бо риш-

таи сукут омезиш ёфтааст. Ҳеҷ касеро ҷуръату ёрои нигоҳ кардан ба сурати дигаре нест. Бо гузашти ҳар рӯз ин сукути ноошно девосо бузург мешавад, пурранг мегардад ва фазои тарсолуду бимнок эҷод месозад. Ин хокиён ҳастанд, ки хомӯшона бо лабони дӯхтаву чашмҳои баста ин фазои ваҳшатзоро мепазиранд. Бо эҳтиёт аз ҳавои он нафас мекашанд. Чи ранҷовар аст, замоне, ки нафас беруну синаҳо соф мекунанд. Ҳавои танаффуси онҳо мисли оташест, ки то умқи синаҳо фурӯ меравад ва дуди ҷонсӯзу ғализаш оҳиста-оҳиста аз димоғашон бухорваш берун меояд.

Сукут бархоста аз батни замон аст ва шояд дар зоту моҳияти худ падидаи баде набошад. Вале ҳангоме ки лаҷомгусехта мешавад ва гулӯи ҳар ҷунбишу таҳарруки зиндагиофаринро хафа месозад, ба нерӯе бунёдсӯзу зишттинат бадал мешавад. Тасаллути ӯ бар иродаву хиради одамӣ боиси марги инсонияти хокиён мешавад.

Садоҳо дар қалбҳо хоку хокрӯба мегарданд. Меҳру дӯстдорӣ аз миёни хокиён рахт мебандад. Марз байни инсону чаҳорпоён кӯр мешавад, фаросату басират аз зеҳну ҳуши мардум зудуда мешавад…

* * *

Замони зиёде аз иқомати ман дар чаҳордевори ин сукутзадагон нагузаштааст. Ман низ зиндонии фазои ғамгину сукутбори ин бахтбаргаштагонам. Вале аз рӯзи нахуст ҳеҷ ҳозир набудаам, то таслими омирони ин макони накбатзада бошам. Хешро барои як мусофирати дурудароз ё як гурези иҷборӣ аз муҳити дилгиру хафакунандаи ин марзу бум ва ҳолу ҳавои мардумаш омода месозам. Танҳо зуҳури андешаи раҳоӣ дар домони зеҳнам маро масту бехуд мегардонад. Дидагонам аз шодӣ моломоли вуҷуди хуршед мегарданд. Танам ба ҷунбиш дармеояд. Касе ноошно дар як гӯшае аз сафҳаи сафеди зеҳнам ин ҷумлаи пурсиширо навишта аст:

-Аз ин сарзаминҳо фирор мекунӣ? Сафарат хуш бод! Аз ди-

дани ин саҳна шигифтзада мешавам. Ин марди ғариба кӣ буд, ки на зуҳурашро дидам ва на ғайбаташро. Ҳарчанд шахсияти он ноошно маълумам нест, вале ба гумонам, ки мешиносамаш. Ҳавосамро ҷамъ мекунам, то ба ёд биёрам, ки соҳиби ин суоли навзуҳур кӣ метавонад бошад? Агар садояшро мешунидам, шояд тезтар мешинохтамаш. Ин пурсиш бо гузашти ҳар лаҳза ҳушу равонамро побанд месозад, ба тааммулу андеша бармеангезад. Ӯ аз куҷо дониста, ки ман сари ҷудо шудан аз ин ҷамоатро дорам? Замон бо кундӣ мегузарад ва мағзамро ошуфтатар менамояд. Сардаргумӣ, посух наёфтан ба пурсишҳои паёпай асабиам месозад. Мехоҳам ба ин нукта пай барам, ки дар кадомин рӯзгору чи соате бо ин мардуми парешонҳолу андуҳдил пайванд хурдам. Вале беҳуда бод дар каф мегирам. Ҳеҷ нахе барои пайванди масири ёд пайдо намешавад…

* * *

Ғаризаи зотист, ки инсонҳо ҳангоми таҷдиди ҷузъиёти рухдодҳое, ки аз сари онҳо гузаштааст бо шеваҳои гуногун даст мебаранд. Ангушти ибҳом ё мушти гиреҳхурда зери манаҳ мегузоранд, пилкҳоро бо ҳам мебанданд, то як тамаркузи зеҳнӣ ҳосил намоянд. Он гоҳ гом ба гом, пора-пора саҳнаи сипаришударо дар пардаи зеҳн бозмеофаринанд. Ҳолати равонии аҷибест. Онҳое, ки ин вазъро таҷриба кардаанд, ғорҳои амиқу пурпечи онро хуб шинохтаанд. Медонанд, ки ин ҳолат ба гунае як марзи оғоз аст, ки низому пайванди хоси тамоми аъзову аҷзоро мехоҳад. Мисли намоз гузордану роз гуфтан бо Худост. Роҳе, ки замоне тай шудааст ва бо гардиши рӯзгор бояд аз нав сипарӣ шавад. Вале ин сафар аз мусофирати пешин аз замин то осмон фарқ мекунад.

Мусофир дар ин навбат бояд ҳар кирду амали хешро барандозу арзёбӣ намояд. Гуноҳу савобашро бишносад. Агар ин амр муназзаму муваффақ анҷом пазирад, мусофирро ба домани ризояту қаноат ё пушаймониву надомат мекашонад…

Худовандо! Ман низ гирифтори чунин вазъе ҳастам.

Мехоҳам зери сояи пурсиши он марди ноошно, ки дар пардаи зеҳнам сабт шуда, нуқтаи муттако пайдо кунам ва сипас чараёни пайвандамро бо ин иҷтимои ғарқи сукуту забонгирифта, бозсозӣ намоям. Ақаллан битавонам ҳувияту макони будубоши он марди ғарибаро таъйин созам. Бад-ин манзур чашмҳоямро мебандам ва абрувонамро кашидаву гирифта нигоҳ медорам…

Худоё! Бидуни ихтиёр вориди дунёи торику тор мегардам. Торикие, ки олуда бо равшанист. Гӯйӣ дар ибтидои шоҳроҳи бузургу тӯлонӣ болои санге нишастаам. Ин санги бесадо, ки шояд нишастангоҳу макони нафасгардонии садҳо мусофири роҳпаймо буда бошад, саропо сарду берӯҳ аст. Сардияш бераҳмона ба ҷону танам сӯзан мезанад. Замон мегузарад ва бо гузашти он халишҳои сӯзанӣ амиқтар мегардад. Эҳсос мекунам, ки ба як мавҷуди сангӣ мубаддал мешавам. Нахуст нохунҳо ва ангуштони пойҳоям беҳиссу сангин мешаванд. Сипас буҷулаку соқи поям карахту мунҷамид шуданд. Саъй кардам, пойи ростамро боло бардорам, натавонистам. То зону санг шуда будам. Чашмонам ба шоҳрагҳои соқҳоям афтод.

Хун дар даруни онҳо аз ҳаракат бозмондаву лахт баста буд. Хун, ҳофизу идоматбахши ҳастӣ, хуни зиндагиофарин, дар баробари нерӯи сардпарокани санг ранг бохта буд. Шоҳрагҳоро гӯё бо хокаи сиёҳи мунаҷамидшуда пур карда буданд. Дар ҳоле ки сояи ғаму андӯҳ болои сарам парда меафканд, саъй кардам бо молиш додани пойҳо вазъи табиии онҳоро бозгардонам. Вале дареғо, ки ин кор ҳам муяссарам нашуд. Ангуштонам ба ҷисми сарду яхзада бархӯрданд. Шиддати сардӣ ба андозае буд, ки пӯст дар баданаи пой мечаспид.

Ангуштонамро бо ранҷу азоби фаровон аз баданаи сангину яхполои поям раҳо намудам. Нармишу мулоимати табиии онҳоро гӯё санг фурӯ бурда буд. Дар нӯги ангуштоне, ки ба хотири молиш ба поям расида буданд, нуқтаҳои сиёҳи

беруҳу бечон пайдо шуда буданд. Ҳангоме ки бо пушаймонӣ ва ҳасрате дардолуд ба онҳо нигоҳ мекардам, эҳсос намудам, ки то миён санг шудаам.

Косаи сабрам лабрез мешуд ва равзанае барои фирору раҳоӣ мечст. Ин фарёди дардрез мисли ҳавопаймое, ки дар фазои фурдгоҳ бо мақсади авҷ гирифтан мегардад, дар фазои синаам мегардиду боло мерафт, то ин ки бар тораки гулӯям расид. Фазои гулӯ тангӣ намуд, мисли ин ки болҳояш ба куҳдомани гулӯ расид. Аз ин бархӯрди нобаҳангом болҳояш шикасту оташ гирифт ва дар умқи синаам фурӯ рехт. Гӯё намехост сукути беруниёнро бишканад. Вале аз оташпораҳои фурӯрехта такони ҷонбахш дар вуҷуди ман падид омад. Эҳсос намудам, ки гармие аз камарам бархост ва сарнишеб шуд, то вуҷудамро аз табиати сангин пок созад. Ба зонувонам ҷон даромад. Ҷӯяҳои хунгузар ба ҷунбишу ҳаракат афтод. Сабукие васфнопазиру хурсандибахш бар вуҷудам чира мешуд. Бо эҳтиёт, худнобовар аз болои санг бархостам. Дидагонам ҳамоно баставу пӯшида ба ҳам буданд, вале аз пушти пилкҳо медидам, ки ҷойи нишастам об шудаву фурӯ рафтааст. Бо ҳамон ҳолат дар оғӯши он ҷодаи торикдил нигоҳе ба тӯли он намудам. Дар ниҳояти ҷода миёни торикии олуда бо равшании заифу камнур суроби мардеро дидам, ки ҷониби ман даст такон медод ва ба сӯйи хеш мехонд, вале садояш намерасид. Ин марди ношинохт кӣ буд, маълумам нашуд.

Ва боз он ҷумлаи пурсишӣ дар пардаи зеҳнам мисли оташак сар кашид:

- Аз ин сарзамин фирор мекунӣ? Сафарат хуш бод!

Мегӯянд пурсишҳое, ки посухашон дерёб аст, ҳамеша барангезандаи шигифтзадагию пурсишҳои дигари дунмболдоранд. Зуҳури тозаи он пурсиш мағзамро ба ковишу гумон водошт.

Чаро маҳз дидори дури марди ноошнои интиҳои ҷода ва дастафшонию ишораташ он саҳнаи пешинро зинда кард? Ё миёни ин ду қутб пайванду иртиботест рамзолуд, ки барои

ман равшан нест? Қалбам ором - ором гувоҳӣ медод, ки соҳиби ин фазои мармузу он пурсиш ҳамон марди истода дар охири ҷода аст.

Хостам бо тамоми неру ӯро садо кунам, бипурсам, ки кисту куҷойист. Чаро манро ба ҷониби хеш мехонад? Мо ки бо ҳам ноошноем? Ҳаргиз сари суфрае нанишаставу дидоре ҳам бо якдигар надоштаем. Ин ҷодаи меҳолуду торикси-ришт, ки ӯ қарор дорад, дар дили кадом сарзамине поён меё-бад? Маънии фосилаи мавҷуд миёни мо чӣ бошад? Чӣ пе-шомаде водораш намуда, ки ба ман рӯ биёрад? Чаро худи ӯ ба тарафи ман ҳаракат намекунад?...

Ба Худо, натавонистам ҳатто лабонамро такон бидиҳам. Гӯё забонамро дар даҳони боз баста буданд. Бидуни ихтиёр ба мардуми атроф назар андохтам. Гӯйӣ дар аъмоқи як шабе зулмонӣ ба ҳам печидаву лӯлида дар хоби амиқ фурӯ рафта буданд. Сукуте ғамангез болои сарашон парса мезад. Агар хамухези ороми синаҳояшон, ки бар асари гардиши ҳавои танаффус рух медод, набуд, гумон мекардӣ дар чаҳордевори як мазор қарор дорӣ. Чашмам боз ба самти он марди ғариба, он нашинохта, ки вуҷудаш аз дур аз зери пардаҳои меҳолуду торикравшани ҷодаи бепоён кашандагиву ҷаззобияти хос дошт, афтод. Ман бори нахустин буд, ки аз ҳузури конуне саршор аз меҳру дӯстдорӣ, ишқу алоқа дар вуҷуди одамӣ воқиф шудам.

*Офаридгор аз ҳамон лаҳзаи офариниш ин авотифи зебову наҷиби инсониро дар ниҳоди башар ҷойгир намудааст. Вале бадбахту бадрӯзӣ касе, ки аз дарки ин дорой ғофил бимонад ва пайхас накунад, ки чи хазоине дар вуҷуди наҳифи ӯ нуҳуфта аст. Ин дорой бояд дар хилоли умри инсонӣ зарра-зарра, пора- пора бо дигарон қисмат шавад, то ҳастӣ идо-мату истеҳком дошта бошад. Ин авотиф вуҷуди маҳсус доранд ва замоне ба ҷунбишу такопӯ медароянд, ки дар рӯ ба рӯи хеш аҳли розу ниёзро бубинанд. Нисор шудану ҷон фишондан моҳияту хосияти ин авотиф аст. Ҳар як такону*

*навасони онҳо ниҳоди одамиро мунқалиб месозад. Рӯҳу равонро инфиолу таҳаррук мебахшад, шодию масаррат мебахшад ва ба ҷониби мухотаб раҳнамун мегардонад.*

Замоне ки аз ҳузури он конуни қудсӣ огоҳ шудам, саропои баданамро саршору мамлу аз гармии навозишгару латиф дарёфтам. Як нерӯе аз ботин ангезаам медод, талқинам менамуд, то ба сӯи марди парданишин, ки чеҳрааш нурполо буд, раҳсипор шавам. Ин шӯру шаафи дарунӣ барои гом бардоштан ба сӯйи ӯ омодаам месохт. Зерчашмӣ ба иҷтимое, ки миёнашон буду бош доштам, назар кардам. Сукут эшонро муътоду сарбазер, мутеъу сарафканда намуда буд. Ҳама печидаву ғарқ дар олами сукут буданд. Миёни онҳо хешро танҳо дидам ва дар ниҳояти амр ба ин қарор омадам, ки бояд аз ҷамъи онҳо рахт барканам ва роҳ ба ҷониби ношинохте бигирам, ки дар интиҳои ҷода танҳотар аз ман интизори дидор аст.

Боз бо қалби моломоли сӯзу ҳасрат ба тарафи мардуми сиришта бо хоку оби сукут баргаштам, то хомӯшвор бо онон худоҳофизӣ кунам. Зиндагии муштарак бо онон сангину таҳаммулнопазир буд, вале лаҳзаи хайрбод ҳис кардам, ки ҷудоӣ аз эшон сахттару ранҷзотар аст. Нидое музтарибонаву омирона ба гӯши зеҳнам фурӯ мехонд, ки савганд ёд кунам, ки рӯзе бозхоҳам гашт ва эшонро аз занҷиру банди зиндони ин кохи сукут раҳо хоҳам сохт….

* * *

Савганд ба номи поку муназзаҳат, эй Офаридгоре, ки замоне аз торикистону зулумоти нобудию адам ба сарзамини будану ҳастан овардиям. Дидагони маро ба шигифтиҳои офаринишат ошно кардӣ. Лаззати зистанро дар домани ин хонаи бузургу мунаққашат ба ман чашонидӣ. Маро бо дунёи рангину аъҷобангези парандагону хазандагон, даду дом, кӯҳу саҳро, бешазорону ҷангалҳои сарсабз ҳамнишину ҳамдӯш гардонидӣ. Чашмонамро бо оби нилии дарёҳо шустӣ ва ба рӯшноию зулолат одат додӣ. Рӯзе ба сӯйи ин мардум,

ки сукут масмуму маҳҷурашон намудааст, боз хоҳам гашт.

* * *

Гирдбоде, ки қабл аз нисфирӯз дар фазои шаҳр бархоста буд, пас аз муддате фурӯ нишастан дубора мисли лахчаи зери хокистар шуъла кашид ва ба ҷони дору дарахт, кӯчаву паскӯчаҳо тохт, ба дару панҷараҳо печид. Болои боми хонаҳои маскунӣ, даруни холигоҳҳо давид. Садои бимноку даҳшатангезаш лаҳза ба лаҳза ваҳмангезтар мешуд. Ин деви ноаён аз гиребони хасу хокрӯбаҳо, хазонрезаҳои зери дарахтони ҳошияи ҷодаҳо, коғазпораҳои партофтаи сокинони хонаҳои маскунӣ гирифта буд ва анбӯҳи онҳоро дар миёни ҷодаҳо, биноҳо мечархониду ба ҳаво партоб мекард. Шиддати ин боди тарсафкан ба андозае буд, ки чашмҳоро ба роҳатӣ намешуд боз намуд.Ин гирдбоди ғайриинтизор мардуми шаҳрнишинро комилан ғофилгир намуда буд. Мардуми раҳгузари дур аз манзилу кошона бо қомати хамида дар муқобили бод саъй менамуданд, то сарпаноҳе барои хеш пайдо кунанд. Гирдбод хокбодеро бо худ бархезонда буд ва дар фазои шаҳр мегустаронид. Атрофу акноф ба ҳадде ғуборолуду хокандуд гашта буд, ки дидани пеши поро номумкин сохта буд.

Гирдбод пешопеши раҳгузарони тарсхурда рӯйи ҷодаҳо, болои бому бонги хонаҳо, саҳни ҳавлиҳо, даруни лӯлаҳои дудкаш девонавор мечархиду мерақсид ва гӯё вуҷуди ноаёнашро дар ниҳоди гарду хок, хасу хошоки аз рухсори баргу шохи дарахтон барчидаву анбоштаи хеш нишон медод.



Чархиши ҳузураш махсусан дар холигоҳи боми хонаҳо даҳшатафкан буд. Гирдбод мехост нерӯву тавонмандиашро ҳама ҷо муҷассам созад, вале боми биноҳои маскунӣ барои ин амр созгор набуд. Дар он маҳдуда худро хафаву гулӯгир эҳсос менамуд. Дар пайи ин фарёде изтироболудаву хавфангез мекашид. Ин фарёд шабеҳи садои рӯдхонае буд, ки тӯфонӣ шуда ва пайкараашро мехост аз бистараш берун бияндозад. Дарахтони солхӯрдаи канори ҷода бо тамоми нерӯ дар муқобили ин балои аҳриманӣ муқовимату пофишорӣ нишон медоданд, пасу пеш алвонҷ мехӯрданд, вале фишори бунёдкани бод аз андоза беш буд. Ин буд, ки ҷо-ҷо шохаҳоро мешикаст ва дар ҷойе дарахтони куҳансоли сояф-

канро аз бун вожгун месохт. Ҳузури ин меҳмони нохонда махсусан аз барои парандагони дарахтнишин, паёмади нохушоянде дошт. Дар нахустин лаҳзаҳои зуҳур сарпанҷаи харобкори гирдбод чаҳордевори лонаҳои барсохта аз хору хасу чӯбаҳои онҳоро титу пора кард. Аҷзои лонаҳои мавсимӣ, ки аз ҳар гӯшае бо нӯги минқорҳо ба ҳам расидаву меъморӣ шуда буданд, бо нахустин дами селосои гирдбод вожгун ва ба ҳар сӯйе пареш хӯрданд. Кӣ мегуфт, ки миёни анбӯҳи шоху барги дарахтони ҳамҷавори хонаву дари мо бо орзуи будан ин ҷонварони хушгили Худо конуне барои зистан бунёд сохта буданд?! Гирдбод фурӯ менишинад ва паррандагоне, ки пайи обу дона аз макони хеш берун парида буданд, бозмегарданд ва аз зистгоҳи хеш ҳеҷ нишоне пайдо наменамоянд. Гӯйӣ ҳеҷ вақте дар ин сарзамин, дар синаи шохсорон набудаву лонае ҳам надоштаанд.

*Ғаризаи зотист, ки ин махлуқоти покро ба сӯйи иқоматгоҳашон мекашонад. Иқоматгоҳе, ки дигар хурдтарин нишоне аз он боқӣ намондааст. Вале бӯю атре дар он маҳдуда парвозист. Бӯю атре, ки замони бунёди лонаву буду бош дар фазову марзи он, аз домани меҳру сидқ ба ҳар хасу хори он конуни умед аз умқи ҷон нишондаанд ва инак ҷозибаву кашандагии он роиҳаи ошно онҳоро ба ҷониби хеш мекашонад…*

Гирдоб аз қисмати шимоли шаҳр аз кӯҳпояҳои офтобхурдаву сурхфоми Сапедрег бархоставу барқвор ба самти ғарб ҳаракат мекард. Ягона нерӯе, ки қодир буд ба салтанати бебандубори он поён бахшад, бориши борон буд. Ҳаво гирифтаву абрҳо обистани борон буданд…

* * *

Шаҳр аз доманкуҳи Сапедрег ибтидо мегирифт ва дар қисмати ҷануб бо маҳаллаи Гилкорон поён меёфт, маконе, ки куҳантарин қисмати шаҳр маҳсуб мешуд ва муддати тӯлонӣ буд, ки аз ёди шаҳрдорӣ дур афтодаву ободӣ аз доманаш рахт барбаста буд. Ҳеҷ касеро парвои ободон сохтаву сарсабз наму-

дани он набуд. Аксари хонаҳои маскунӣ худсохт ва қадимӣ буданд. Танҳо чанд иморат бо тарҳи меъмориҳои муосир дар интиҳои маҳалла қад афрохта, вале аз замони бунёди онҳо низ солҳо гузашта буд. Ва инак, Гилкорон низ дар чанги гирдбод мисли гунҷишки дардомуфтода метапид. Нахустин қурбонии гирдбод себҳои буридаву пора-пораи мардуми маҳалла буд, ки рӯйи ҳавлӣ ва баъзеҳо болои боми хеш паҳн намуда буданд, то бихушконанд. Гилкориён аксар зироаткорию боғдорӣ мекарданд ва тамоми сол шаҳриёнро бо меваҷоти хушку тар таъмин месохтанд. Бечора мардум себро бо сахтӣ ҷамъоварӣ намуда, аз гарду хок пок мекарданд ва соатҳо гирди ҳам нишаста бо корд реза менамуданд, сипас дар офтобрӯяҳо паҳн месохтанд. Рӯзҳо дастранҷи хешро аз мурғони хонагӣ ва паррандагон муҳофизат мекарданд. Хушконидан амале буд, ки тӯли зиёд дошт, ҳафтаҳо мегузашт, то об аз рагаҳои меваи бурида бухор гардад ва он ба марзи хушкӣ бирасад. Рӯздармиён меваҳоро рӯйгардон, ҷояшонро иваз мекарданд, то нури хуршед ба тамоми аҷзои бурида баробар бирасад ва рутубат сабабгори пӯсишу вайрон шудани онҳо нагардад.

Мевапоракунӣ ва махсусан реза кардани себ азобу ранҷ дошт. Ҳарчанд кори маъмулӣ буд, вале зиндагии маҳаллаи канорнишини шаҳрро бе вуҷуди он тасаввур намудан муҳол буд. Маъмулан баъд аз се-чаҳор рӯзи анҷоми кори порасозӣ бар асари тобиши хуршед ва обпар шудани мевапораҳо бӯйи хуше аз домани онҳо бармехест ва дар атроф мепароканид. Ин аз он шаҳодат медод, ки нурҳои хуршед дар синаи себрезаҳо ҷойгузин шуда ва ҷойро барои рутубату тарӣ танг месозанд. Анвори хуршед оби шираандудро аз хона бадар мекунад, вале на дастхолӣ, ки бо бӯю атри себ. Ва ин атру бӯ, ки мисли гиряҳои бесадову хомӯш аст, дар фазо парвозӣ мешавад, ба машому димоғҳо сар мезанад, дар боғҳо медавад, бар рӯйи порисаҳо мерасад, миёни хазонрӯбаҳо мечархад ва гоҳе ба сарзамини дарахти себе по мениҳад, ки замоне дар шохаҳои он дар сурати себе пуробу шодоб, сабзу хол-холӣ овезон буд. Бо

чашмҳои боз ба хуршед менигарист. Аз нури он ҳаросе надошт. Худое накарда гармии хуршед ба тангаш меоварду хушкдаҳанаш мекард, парвое надошт, зеро бо хок пайванд дошт. Аз умқи он шира мекашид, ташнагӣ мешикаст, зери сояи гесвони сабзи дарахт бо вазишу навозиши мусиқии ҷонфизои бодҳои гоҳ-гоҳӣ ба хоб мерафт ва пас аз муддате бо ҷӯшиши шираи ҷабида аз ширдони хок чашм боз мекард ва бо эҳсоси ин ки ҷойгоҳи баланде дорад, оромиш пайдо менамуд. *Ғофил аз ин ки рӯзе ногузир пешорӯст. Замони пойин омадан ба замин, ба конуне, ки будан дар чаҳордевораш кори саҳле нест. Ин конун ранҷ дорад, хурду пора шудан, об гаштан, бухорваш ба сӯи адам рафтан, ранг бохтан дорад. Себе буд сабзрангу хол-холӣ, аз шох барчидандаш, бо об обтаниаш доданд, корд ба дилаш ниҳоданд, пора-порааш карданд. Дарунашро сафеди сафед диданд. Дуруст дар миёни синааш даруни кисачаҳое чанд донае сурхфом ёфтанд, мисли қатраҳои хун. Дар офтобаш гузоштанд, то хуршед обашро бимакад, рангаш бибозад, зардрангу сурхфомаш кунад.*

Ва боз гирдбод буд, ки бо ин сарнавишти қисматшуда рӯ ба рӯ гашта буд ва бо тамоми нерӯ мехост дастархонҳои моломоли себрезаҳоро титу пареш намояд, дару дарвозаҳои мардум аз шиддати зарбаҳои сангини гирдбод баставу боз мешуданд. Шишаи панҷараҳо ба садо дар меомад, либосҳои шставу овехта болои торбандҳо ба ҳаво мерехт, бечора соҳибхоназанҳо бо душворӣ дар пайи ҷамъоварӣ ва ҳифзи ҳосили заҳмати хеш буданд. Мурғон дар лонаи хеш ба садо даромада буданд. Аккосу ғавғои сагонро, ки то расидани гирдбод шурӯъ шуда буд, поёне набуд.

* * *

Моҳрӯ руфтгори бемористони Гилкорон, ки дар пушти бемористон дар як хона иҷоранишин буд, бо шаст аз ҷойи кор берун давид. Қалбаш аз ҳаяҷону изтироб меларзид. Мехост ҳар чӣ зудтар худро ба хона расонад. Дар кӯча ҳеҷ

ҷонзоде набуд, вале дастовези гирдбод роҳҳоро банду ҳаракатро душвор сохта буд. Гирдбод гӯйӣ аз хашму ғазаб ё аз фарти шодӣ мисли гургон нуҷу мекашид, мисли мардуми девонаавзоъ хасу хошокро ба сараш бод менамуд.

- Оҳой, Моҳрӯ-ӯ-ӯ …



Ин садои сартабиби бемористон Ҷаҳонгир буд. Моҳрӯ ин овозро хуб мешинохт. Нахустин пурсише, ки ба зеҳнаш тобид, ин буд, ки аз ӯ чи мехоста бошад? Шояд куҷо рафтанашро мепурсад? Субҳ ҳангоме, ки утоқи корашро покизакорӣ мекард, дида будаш. Гарму самимона бо ӯ аҳволпурсӣ намуда буд. Агар коре дошт, ҳамон ҷо ба ӯ дар миён мегузошт. Ё шояд аз ин ки бидуни иҷозат, аз маҳалли кор хориҷ мешавад, ӯро ғазаболуд сохтааст? Вале дар лаҳну оҳанги садояш асаре аз хашму ғазаб нест. Моҳрӯ дар фазои бемористон дар хилоли замони ҳамкорӣ садоҳоро омӯхтаву дар гӯши ҷон андухта буд. Ба ёди падари худобиёмурзаш афтод ва масири гулпӯшу атрандуди ёди падардорӣ ба домони кӯдакиҳо кашондаш. Дар як мижа ба ҳам задан қалбаш ғуссадору андуҳбор шуд. Эҳсосе ғамбор дар вуҷудаш сар мекашид ва саҳнаҳои нотакрори ду-

рафтодаи зиндагиашро дар лавҳи хотираш муҷассам мехост. Чеҳраи ширину нафаси гарми падарро мешунид, ки гӯйӣ асрҳо пеш дасти навозиш ба мӯйҳои ҷингилаи Моҳрӯ мегузошт ва аз инсону муҳити одамӣ сухан мегуфт. Мегуфт, неъматҳои Худованди бузург барои бандагонаш пуршумор аст. *Ин ки Худо ба забони инсонҳо калима ниҳод, нерӯи андешидану гуфтан бахшид, ҳадяи беназирест. Инсонҳо бо ин неъмати осмонӣ ниёзҳои хешро бароварда месозанд,бо ҳам розу ниёз, дарди дил мекунанд, вуҷуди хешро дар домони ҳастӣ ба тамошо мегузоранд. Вале ба андешаи падар садои одамӣ садои одӣ нест, балки шиносномаи ҳазорранги зиндагии ӯст. Дар ойинаи садои як инсон метавон дунёи ботинашро ба тамошо гузошт, рафтору кирдорашро шинохт, нияту хулусашро бӯйид, марзи хубиҳову зиштиҳояшро таъйин намуд. Ин садо мисли як корхонаи бузургест, ки меҳрубонию дӯстдорӣ меофаринад, оромишу таскин фароҳам менамояд, миёни мардум пайванду иртибот халқ месозад. Ба гунае софу равшан аст, ки кашандагию ҷаззобият эҷод мекунад.*

*Ба баракати ҳамин садост, ки модарон тифлакони хешро ба хоби нӯшин во медоранд, ба гӯши онҳо гули қиссаву афсона мерезанд, дар замири эшон дарахти зебойӣ мекоранд. Агар ин садо набуд, ниҳоди одамӣ аз зӯри ғуссаву дард мунфаҷир мешуд. Ин ҳадяи илоҳист, ки инсонҳо бо дасти он дарду ранҷи якдигарро дона-дона мечинанд, ғамҳоро мезудоянд ва равзанаҳои бастаро барои шодию нишот, умедҳои сабз боз мекунанд. Худованд дар ҳанҷараи бандагон садову дар забонашон калимаро ҷорӣ намуд, то пуле барои иртиботи отифӣ бо ӯ дошта бошанд…*

-Оҳой Моҳрӯ!

Ва боз ҳам овози Ҷаҳонгир буд, ки бори дувум ӯро садо мезад. Дигар барои андеша кардан фурсат набуд. Бояд ҷониби садо баргашт. Моҳрӯ мисли сарбозоне, ки нав ба хидмат оғоз намудаву дар қиболи фармонҳои афсарон саросема пайи иҷрои дастури низомӣ мешаванд, ба сӯи Ҷаҳонгир

қафо баргашт ва бо дидани сартабиб сари ҷо шах шуд. Рӯймоли сараш назди панҷара дар дасти Ҷаҳонгир буд.

Дар моли ҳалоли ӯ будани рӯймоли заргаронии дасти сартабиб ҷойи шакку тардиде набуд. Вале як гӯшаи дил бовар намекард. Охир, сари субҳ пеш аз хона берун шудан ӯ бо рӯймол на танҳо сар, ки ҳатто давр то даври гарданашро ҳам пӯшонида буд. Рӯймоли зарди заргаронӣ, ки давр то давраш хӯшаҳои ресмонии сафед дошт, ҳадяи модараш буд. Моҳрӯ ин рӯймолро хеле дӯст медошт, вале медонист, ки мисли бадани моҳӣ лағжонак аст. Аммо ба дасти Ҷаҳонгир афтодани он ҳайратангез буд.

Моҳрӯ дар ҳоле ки аз тамошои ин манзара моту гиҷ шуда буд, даст ба сараш бурд. Ангуштони шахшулаш миёни гесувони анбӯҳаш фурӯ рафт. Охирин сояҳои заъифу ларзони шакку тардид аз сараш дур шуд. Ҳамзамон ҳолате шиканҷазову тоқатшикан дар вуҷудаш сабз шуд. Зане бо сари бараҳна, бо мӯйҳои парешхӯрда, миёни гирдбод. Ӯ ёд надошт, ки кай ва дар чи маконе бо сари луч пеши назари мардум қад рост намуда буд. Эҳсоси гарму обгуна саропояшро фаро гирифт. Шарму хиҷолати хуфтаи занона дар қалбаш бедор шуда буд ва ҳар гуна ҷунбишу вокунишро дар вуҷуди ӯ фурӯ менишонд. Гирдбод хирмани гесувонашро канор кашидаву девонавор онҳоро бод медод, вале Моҳрӯ гӯё ҳузури онро эҳсос намекард.

Ба сӯйи Ҷаҳонгир ва рӯймоли заргаронии хӯшадор хира шуда буд ва аз зӯри шарм чи кор карданашро намедонист. Яқин мефаҳмид, ки бараҳнасарӣ гуноҳ ҳам бошад, вале ӯ қасдан муртакиби чунин ҷурме нашудааст. Аз сӯйи дигар дар синну соли хеш чунин вазъиятеро интизор надошт. Шарму ҳаёи погирифта дар фазои синааш ба гиря водораш мекард, вале бо зикри «бисмиллоҳ» ба худ дилдорӣ мекард ва аз Худованди бузург ҳалли мушкил таманно дошт.

Моҳрӯ ба хотири гирифтани рӯймолаш ба сӯйи Ҷаҳонгир гом бардошт. Гирдбод бо ҳама шӯру шаафе, ки дошт, ната-

волиста буд шонаҳои ӯро хам кунад, вале дар қиболи ҳаёи занона таслим шуда буд. Сарбазер қадам бармечид ва бо остини чапи пироҳан фарқи сарашро то ҷое, ки имкон дошт, пинҳон менамуд…

*Ҳастии инсонӣ дар паҳнаи хеш чеҳраҳои ҳазорранг дорад. Дар ин майдон ҳеҷ мавҷуду ҳеҷ чизе ба сари худ, берун аз шоҳроҳи муштараки идомат буду бош намекунад. Ҳар як ҷилваву рангбозиҳо бо ҳам пайванду бастагии печдарпече доранд. Падидор шудани ҳолоте, ки ғайриинтизоранд, ҳаргиз тасодуфиву лаҳзайӣ нестанд, балки ба ҷараёни бузурги зиндагӣ бо ҳазор ришта пайванд мехӯранд. Зеҳни одамро ба ҷунбишу такон дармеоваранд. Сарриштаи ҳушу андешаашро ба ҷониби сарчашмаву хостангоҳи оғозини хеш раҳнамун месозанд, масири ёду хотираашро пок медоранд, то инсонҳо моҳияти вуҷудӣ, зарурати ногузир будани онҳоро идрок намоянд. Ба умқи ин воқеият бирасанд, ки дар ин киштзори ҳамагонӣ ба ҳосили киштаи хеш рӯ ба рӯ ҳастанд ва ногузир бояд хоставу нохоста бурда ё бохтаи вуҷуди онҳоро бипазиранд.* Расму суннатҳои марсум миёни мардум чунин сарнавиште доранд. Решаҳои амиқи аксари ойину анъанаҳо ба марзҳои хонаводагӣ мерасанд. Аслан расму ойинҳое, ки дар айёми кӯдакиву наврасӣ дар зеҳну ҳуши фарзандон рехта мешавад, мисли мум нақшпазир аст. Хеле зуд дар мағзи кудак менишинад ва дигар бо суҳулату осонӣ аз он нақшу сурат чизеро наметавон бизудуду пок сохт…

Моҳрӯ замоне ки сари бараҳнаашро бо остинаш панаҳ карда буд, хуб медонист, ки ин амалаш мисли «бод дар каф гирифтан аст», вале бо ин саъю талош худро ба гунае таскин мебахшид, ҷамъу ҷур менамуд, аз ин ки дарислоҳи гуноҳ, риояти расму ойин иқдом намудаст. Зеҳнаш барқвор ба домани кӯдакиҳо бурдаш. Давроне, ки ба ӯ фарҳанги рӯймоландозию рӯсарибандӣ меомӯзонданд…

Хотирае ширину дардзо дар гӯшае аз ҳофизааш мисли забонаи шамъ дар торикӣ оҳиста-оҳиста равшан шуд. Баҳор пушти

дар буд. Табиат пас аз барфрезиҳои тӯлонӣ аз чангу асорати сармо раҳо шуда буд. Хуршед ба сари ҳама чиз гармӣ мерехт, бар дидаҳо тухми нур мегузошт. Шодию нишоти сабзгуна аз дили замин ҷавона мезад. Дар он айём Моҳрӯ, ки даҳ сол беш надошт, дар як рӯзи хуршедрез аз хона бадар рафт, то бо ҳамсолонаш бозӣ кунад. Бозиҳое, ки ҳатто номашон дилро лабрези хурсандӣ менамуд. Чиликдангал, ҷогаҳшавакон, парак-парак. Хуб ёдаш ҳаст. Он рӯз ҷогаҳшавакон доштанд. Шарти бозӣ ин буд, ки аз бозигарон яке чашмҳояшро мебаст ва дигарон худро дар пушти девору дарахтон, пушти дарвоза, каҳдон ва дигар маконҳои саридастӣ панаҳ мекарданд. Бозигари чашмбаста баъд аз замоне чашмҳоро боз менамуд ва ба ёфтани панаҳшудагон шурӯъ менамуд.

Ҷӯянда пас аз дидани макони панаҳшудагон ба зикри ному ишораи паноҳгоҳ ба эшон хабар медод. Пинҳоншудагон чун яқин ҳосил мекарданд, ки ҷӯянда аз ҷойгоҳи онҳо воқиф аст, аз паноҳгоҳи хеш берун меомаданд. Агар ҷӯянда наздики ҷойи онҳо буд, бошитоб худро ба ӯ мерасониданд ва гираш мекарданд. Агар то пойгаҳ ба ӯ мерасиданд, баранда мешуданд. Дар акси ҳол бозиро мебохтанд.

Қисса кӯтоҳ дар он рӯзи баҳорӣ Моҳрӯ зимни қуръапартоӣ ҷӯянда шуд. Чашмҳояшро бо панҷаҳояш пӯшонид ва ҳама пароканда шуданд. Замоне ки дидагонашро боз намуд, на пай буду на Ҳайдар. Ба атроф хира шуд. Бо нерӯи ғариза ва таҷрӣба бояд муайян менамуд, ки паноҳгоҳи бозигарон дар чи самту маконест. Бозигоҳ назди хонаашон қарор дошт. Аз ин рӯ тахмин зад, ки бозигарон ҳатман дар дохили хона паноҳ ҷустаанд. Оҳиста-оҳиста бех-бехи девори хона ба дарвоза наздик шуд ва аз равзанаи хурдакак ба ҳавлӣ чашм духт. Зери чапкандӣ пушти дарзаҳои ҳезумпая сари се бозигарро дид ва садояшон заду ба пойгоҳ баргашт. Паноҳгоҳи бозингари чорум, ҳамсинфаш Хушдил маълум набуд. Дилаш гувоҳӣ медод, ки ӯ низ дар ҳавлии онҳо ҷойгоҳ пайдо намудааст. Бори дувум ба дарвоза наздик шуд.

Дарвозаи нимроғро боз намуд ва вориди ҳавлӣ гашт. Ҳамзамон бо даромадан ба дарвоза аз тарафи чап каҳдон ҷойгир буд. Моҳрӯ яқин ҳосил намуда буд, ки Хушдил онҷост, вале шарти бозӣ ин буд, ки ҳузури ӯро бояд бо чашм бубинад. Аз сӯйи дигар фосила то пойгоҳ кутоҳ буд ва имкон дошт, Хушдил ба ӯ фурсати фирор надиҳад. Вале чорае ба ҷуз гушодани дари каҳдон набуд. Музтарибу ҳаяҷонзада сар-сари по ба дари каҳдон наздик шуд ва гӯшашро ба дари чӯбини фарсуда часпонид. Нахустин садое, ки шунид зарабони тунди қалбаш буд, ки аз шиддати ҳаяҷону нигаронӣ лаҳза ба лаҳза суръат мегирифт.

Аз ҳазору як сурохи дар бӯйи коҳи намкашидаву бӯгирифта ба машомаш расид. Ҳавосашро ҷамътар карду гӯшашро бар рӯйи дар ҷафс намуд. Қалбаш ором мегирифт ва зарабонаш ҳам коҳиш ёфта буд. Баногоҳ садои нафас-нафас задани Хушдилро шунид. Дигар ҷойи таъхир набуд. Дарро бошаст боз кард ва ба муҷарраде, ки Хушдилро садо зад, ӯ аз каҳдон берун ҷаҳид ва худро ба Моҳрӯ расонда даст ба гесувони резбофти пушти шонаҳояш гузошт. Дар ҳамин асно падар вориди дарвоза ва шоҳиди ин саҳнаи кӯдакона шуд. Хушдил ба ӯ арзи салом намуд. Падар низ бо лабханде маҳин посухи салом кард ва вориди хона гашт. Он рӯзи софу равшан миёни ҷастухезу садоҳои беғубор аз барги сабзу шукуфони чеҳраҳои пурнишоту шодирез мисли шабнам фурӯ чакид. Гуё ҳеҷ иттифоқе наяфтода буд. Вале замоне баъд асари он бозӣ Моҳрӯро ба бозигоҳе дигаре кашонид, ки шарту ҳадафи он муддати тӯлонӣ қобили дарк набуд…

Бо гузашти ғуруб пас аз намози шом Моҳрӯ мондаву лакот сарфи шом намуду ба хоб рафт. Бистари хобаш назди панҷараи кӯчак ҷойгир буд ва панҷара тамошогоҳи аҷибе буд. Аз пушти он мешуд, осмону аҷроми онро тамошо намуд. Хастагии барчида аз домани рӯз, лаззати аҷибе дар пайкараш эҷод менамуд. Ба осмон нигарист. Ба чашмаш суроби ҳавопаймои дар ҳоли фуруд расид. Фазои хомӯшу оро-

ми осмонро парвози ҳавопаймо халалдор месохт. Ӯ борҳо ин ҳолатро дида буд. Медонист, ки ҳар рӯз дар ҳамин замон ҳавопаймо дар оғӯши торикӣ зери ахтарони осмон бо чароғҳои фурӯзон падид меояд, сукути ин марзро мешиканад ва ба сӯи фурудгоҳ меравад. Чароғҳои рангааш милт-милт мекунанд. Ӯ инро медонист, аммо ҳаргиз нишастани онро надида буд. Вале имрӯз чашмҳояш нерӯи назораи онро надоштанд. Хоб ғалаба мекард. Пилкҳояш пӯшидаву боз мешуданд. Ин ҳолати руҳнавозу роҳатзо, ки бар асари хастагии рӯзона пайдо шуда буд, оқибат дар олами хоб ғарқаш кард.

Бистари Моҳрӯро аз ҷойгаҳи падару модар гаҳвораи хоҳараш-Анӯша ҷудо менамуд. Мавқеияти гаҳвора мисли як девори марзгуна шинохта мешуд, марзе, ки дар имтидоди замон шабону рӯзон даргири ноором, гиряву сару садоҳои ногузири тифлона мегашт. Дидбони ҳамешаҳушёру бедордили ин марзу буми дӯстдоштанӣ модар буд, ки бо ҷунбондани пулуки гаҳвора ва хондани таронаҳои ширини кӯдакона садоҳоро фурӯ менишонд. Бо лаҳни ширину дилангез гиряҳои гоҳ-гоҳиро хомӯшу ба ханда мойил месохт. Вожагони афсунгараш дар чашми тифлак хоб мерехт.

Дар ин миён гаҳвора пурбаҳотарин доройии хонавода, солдида ва хеле қадимӣ буд. Ба гуфти модар ҳатто падар даврони тифлиашро дар он гузаронида буд. Гарди пирӣ аз дер замоне бар тору пуди он нишаставу рангу нақшу нигори пешинро аз саропояш пок намуда буд.

Танҳо гулҳои буридаи давру бараш гувоҳӣ медод, ки наққоше ҳунарманду бодаступо ҳаккокияш намудааст. Пояҳои гаҳвора ба андозае фартуту фарсуда буданд, ки ҳангоми такон додан аз рагу пайвандашон овозе ҳазину дардолуд берун мехест ва дар фазои хона мепечид. Дар дастаи он тори сари кӯдак ҳафт дона муҳраи сафеду сиёҳи чашмӣ овезон буд ва ҳамзамон бо ҷунбиши гаҳвора шаддаи муҳраҳо низ ба ҳаракат дармеомад. Муҳраҳо бо ҳам дакка

мехӯрданд ва аз зарби расиши ногузир фарёд мезаданд, мисли он ки ин фарёди дугонаи нимасиёҳу нимасафед он мавҷуди ноогоҳи даруни гаҳвораро тадриҷан ба сарзамини дигаре, ки рангҳои аслиаш сафедиву сиёҳист ошно месохт…

Моҳрӯи хаставу кӯфтаи масти хоб аз дарди рӯҳозори рон аз хоб бедор шуд. Модар гаҳвора меҷунбонид. Моҳрӯ пай бурд, ки теғаи тези гаҳвора аст, ки рони пояшро зер намуда ва бар асари он пӯсташ лухс кандааст. Ӯ хуб медонист, ки гаҳвора дар аснои ҷунбидан як ҷо қарор надорад ва қисмати поиниаш ҳамеша ба тарафи мухолиф ҳаракат мекунад.

Рони лухсканда сахт ранҷаш медод, вале мекӯшид бо лаб газидан шиддати дарду азобашро фурӯ нишонад, зеро бим дошт бо оҳу ҳаракати нобаҷое падару модарро безобита созад. Хоб комилан аз сараш парида буд. Ҷойи захм мисли доғ сӯзиш мекард, вале тоқат меовард, аз ҷой такон намехурд. Аз панҷара ба осмон нигарист, то худро машғул бидорад ва вуҷуди дарду ранҷро ҳис накунад.

Оғози моҳ буд ва моҳтоб нав шудаву беш аз нисфи осмони шабзадаро паймуда буд. Маълум буд, ки посҳо аз шаб гузаштааст. Воқеан тамошои моҳтобро дар домани шабҳои зулмонӣ дӯст медошт. Гоҳе орзу мекард меҳмони хонаи моҳтоб бошад, сари зонуяш биншинад, сар ба синааш бигузорад ва бо ӯ дар ҷодаҳои осмонӣ сайру гашт намояд.

Ва аммо… Он шаб дилаш мехост бо назораи моҳ аз ранҷу шиканҷааш бикоҳад. Саргарми ин андешаҳо буд, ки овози маҳини модараш баланд шуд:

- Мардак, чӣ дардат шидай? Ай гапу гуп мундай? Дамат мисли осмуни абрӣ ғуруп гирифтай. На «ҳа», на «не» мегӯйӣ. Лоҳаз ку нестӣ?

Пурсиши паёпайи модар ҳуши Моҳрӯро ба худ кашид. Дигар комилан дардашро фаромӯш намудаву аз буни гаҳвора ба бистари падару модар duздакӣ менигарист. Интизори посухи падар буд. Вале аз санг садо буду аз ӯ не. Падар дастҳоро пушти гарданаш ҳалқа намуда рӯйи болишт ба тах-

тапушт дароз кашида буд ва дар ҳоле, ки ба девори муқобил нигоҳ менамуд, дар гирдоби андешаҳои номаълум ғарқ буд, гуё, ки гуфтаҳои модарро нашнида буд.

Ин нашнидаангорӣ, беҳиссу бетаваҷҷуҳ будан дар баробари ҳолати норавшану мармузе, ки кушоишу пардадарӣ мехоҳад, модарро мушаввашу муҳити хонаводаро музтариб месохт. Моҳрӯ ҳарчанд духтарбачае беш набуд, вале қалби кӯдаконааш инро эҳсос мекард.

Аз сӯйи дигар дунёи ботини падарро печидатару ноошнотар медид. Гумон мекард падар барои рафъи мушкиле, ки гиребонгири ӯст дар олами хаёл сарриштаи ҳаллу раҳойӣ меҷӯяд. Зеҳнаш машғули роҳёбист. Вале ин иқдом ба осонӣ муяссараш намешавад.

- Эй мардак, ба ту мегум? Чи ҳодиса шидай? Гап зан охир, девонаам кардӣ! Охир, ту пеш вақт ин хел набудӣ Ё дар коргоҳат ягон гап шидай. Чашмҳоятро боз кун, медонам, хоб нестӣ. Гап зан охир!

Моҳрӯ медид, ки зорию таваллои модар боз ҳам ба падар коргар наафтод, ҳатто хурдтарин асари хеш нагузошт. Ӯ ҳамоно бо панҷаҳои гиреҳзадаи пушти гардан ва чашмҳои пӯшида ба болиш такя зада буд ва касе, ки ӯро медид, гумон мебурд ба хоби амиқу сангин фурӯ рафтааст.

Моҳрӯ рӯйи ҷойгаҳаш бо оринҷҳои дасташ такя зад ва оҳиста худро ба ақиб кашид, то аз гаҳвора болотар қарор гирад ва имкон ёбад гуфтугӯи падару модарро ба хубӣ бубинад. Хонаи хоби онҳо бо нури заифи чароғи нафтӣ сояравшан буд. Бӯйи хокандуди чароғ фазои хонаро пур намуда буд. Моҳрӯ ин бӯйро ниҳоят дӯст медошт. Ин бӯй дар ниҳодаш як навъ эҳсоси шодию хурсандӣ эҷод менамуд. Борҳо дар фазои нафтолуди хона махсусан дар шабҳои сарди зимистонӣ ҳамдӯш бо нури камранги чароғи болои тоқча афсонаҳои ширину тамомношудании падарро шунида буд.

Имшаб дар радифи чароғ моҳтоби нимашабӣ низ аз чашмҳои кӯчаки панҷара вориди хона шуда буд ва дар гӯшае

аз манзили онҳо мисли як меҳмони нохонда нишаста буд. Ин меҳмони беқарор ба андозае пуртаҳаррук буд, ки бо ҷунбиши гаҳвора ҷойи нишаст иваз мекард, нопайдову пайдо мешуд. Мисли обшор сар баланд мекарду фурӯ мерехт.

Дар ин миён ба гумони Моҳрӯ вазъияти хона шадидтару сардаргум мегашт. Модар нигарону андуҳнок мунтазири посухи падар, бозкушойи кургиреҳи хонавода буд. Вале падар …

Зеҳни ӯ мисли сайди дардомафтодае буд, ки гирифтор, даступобаста дар гӯшае фаромӯшаш намудаанд. Ӯ бо иттико бо нерӯи хеш талош меварзид барои раҳойӣ иқдоме кунад, бандҳоро бигсалад, вале муяссараш намешуд. Хун гӯё дар рагаҳои зеҳнаш сарду хушк шудааст. Вуҷуди ин ҳол натиҷаи чархиши бардавоми ҳастии инсонист, ки метавонад дар зиндагии ҳар касе шоҳид дошта бошад. Дар чунин вазъияте дар ниҳоди бархе аз одамон ҳисси дилшикастагию ноумедӣ, пучу беарзиш будани ҳаёт дар домани замин тавлид мешавад. Дастҳо берӯҳ мегарданд, пой пеш намеравад, зеҳн аз кор меафтад. Бандаи гирифтори ин вазъ худро таку танҳо, ғарибу бахтбаргашта мебинад… Дар ҳоле ки ба иллати курзеҳнию кӯрдилӣ, сангинии гӯши ҷон аз дидани дармонгару оромбахши дарду ранҷаш, гушояндаи мушкилоти ҳазорхонааш оҷиз аст…

Замон ба кундӣ мегузашт, равшании моҳ, ки дар девори хона мисли мавҷ хамухез дошт, хастадил тарки манзил намуд. Чароғ ҳам шуруъ кард ба сар додани дуди сиёҳи ғализ. Равғандонаш гӯё, ки холӣ мешуд ва пилтааш аз камбуди равған ба сӯхтан тан дардода буд. Шишаи шаффофи чароғро дудаи сиёҳ парда мекашид…

Нобаҳангом падар бар асари дуди хафакунандаи чароғ аз умқи сина сурфа кард. Ба гунае, ки тамоми вуҷудаш ларзид, дастҳои гиреҳзадааш аз ҳам ҷудо гаштанд, чашмҳои нимпӯшаш боз шуданд. Миёнашро рост намуда, муддате рӯйи бистараш зонувонашро оғӯш гирифта нишаст. Модар бо чеҳраи гирифтаву чашмони хоболуд бархост, то чароғро бо равған пур кунад. Ӯ замоне ки дар оғӯши торикӣ аз дар

берун мешуд, Анӯша боз ба гиря даромад. Падар ба чаҳор тараф назар андохт ва дастаи гаҳвораро такон дод, вале бар хилофи интизор тифлак ором намешуд, балки фиғонаш сахттар мегашт. Гӯё эҳсос менамуд, ки гаҳвораaш бо сару панҷаи бегонае ба ҷунбиш афтода аст. Зеро модар бо як шеваи хос, ба оҳистагию дилгармӣ, меҳромез гаҳвораро меҷунбонид. Ҷунбише, ки бо дасти модар падид меомад, то банд-банди тану ҷонаш навозишгарӣ менамуд, хастагиро аз дасту пойи бастааш рафъ мекард, вале таконҳои берабти ин ноошно гувоҳӣ медод, ки бо норизоятӣ, иҷборӣ ин амалро анҷом медиҳад. Такони ӯ ранҷовар буд, зеро шиддати он гаҳвораро қариб аз як паҳлӯ ба паҳлӯи дигар мехобонид ва бо ин чархиш гардани кӯдак низ хеле тез аз як сӯ ба сӯйи дигар тоб мехурд ва ба дард медаромад. Дили Моҳрӯ ба ҳоли хоҳарчааш месӯхт, як гӯшаи дилаш мегуфт, дастаи гаҳвораро худ бигирад ва хоҳару падарро аз ин азоб раҳо намояд, вале ҷуръат намекард, бим дошт, ки бедор буданашро пай баранд. Дар ҳамин асно модар бо чароғи фурӯзон ва шишаи шире, ки барои хоҳараш пухта буд, ба хона ворид шуд. Торикӣ бо дидани нури равшани чароғ ҷон бохт. Дар як лаҳза ҷӯшиду бухорваш рахт барбаст. Натавонист ба чашми чароғ мустақим назар дӯзад. Гӯё аслан дар ин хона набуд, мисли ин ки «омад магасе падиду нопайдо шуд».

Ҷойи торикиро бӯйи шир пахш намуд. Анӯша низ оҳиста-оҳиста таскин ёфт. Ба димоғаш бӯйи модар, атри ғизои дасти модар расид. Ӯ ин ройиҳаро хуб мешуниду ламс менамуд. Падар низ бо вуруди модар даст аз гаҳвора бардошт, гӯё ин ки боре камаршиканро аз шонаҳояш холӣ намуда буданд. Дар ҳамин лаҳза чашмаш кунҷи девори бари хона, онҷо ки китоби Қуръони карим печида дар рӯймоле овезон буд, бархурд.

Моҳрӯ саропо чашму ҳуш ва ягона нозири ин саҳна медид, ки чи гуна ҳолу ҳавои равонии падар бо дидани Китоби осмонӣ дигаргун мешавад. Гунаҳояш дар як они воҳид аз фарти шааф хунгуна дурахшиданд, чашмҳои кабуди фурурафтааш

ба бозӣ даромаданд. Падар дар ҳоле, ки аз шӯру ҳаяҷони бархоста аз ботин ба панҷаҳо сару суробашро молиш медод, саросемавор аз ҷо парид, худро ба кунҷи девор расонид ва китоби печида ба рӯймолро аз сари мех гирифт. Ӯ китобро мебӯйиду мебӯсид, ба дидагонаш мемолид ва ҷӯшиши лабонаш гувоҳӣ медод, ки дар дил чизе мехонад. Ин саҳнаи нодир дар он шаби баҳорӣ дар дили хонаи онҳо дар интиҳои як шаби хастадил гардон шуд ва барои муддате давом кард. Ва баъд…Падар мисли ин ки сабуку роҳат шуд, роҳи масдуду дарбастааш гӯё боз шуда буд. Бе он, ки он китоби қадимиро, ки ёдгори чанд насле буд, бикушояд, ба ҳамон рӯймоли фарсудааш ба мех овезон кард ва бо хушҳолӣ канори модар нишаст. Дигар барои шарҳи афсурдагӣ ва нороҳатиҳои анбошта аз хирмани рӯз омода буд. Ӯ меҳромез дасташро ба шонаҳои наҳифи модар гузошта, нигоҳе сӯйи Моҳрӯ андохт. Чун итминон пайдо кард, ки хоб аст, гуфт:-

-Паригул! Ту медонӣ, ки духтарат қадрас шудааст. Дигар ӯ набояд бараҳнасар миёни мардум зоҳир шавад. Ба рӯймол бастан водораш кун. Бигузор одат кунад.

Эй Худо, тавба кардам. Чӣ мегӯйӣ? Чӣ гап шидай? Охӣ, духтари ман ҳоли кӯдакай. Кӯдака ба ин маҷбур кардан Худора ҳам хуш намеёя.

-Гапро кам кун. Чизе ман гуфтам, ҳамон мешавад. Чизе, ки имрӯз дидам …

Ин дастур барои Паригул ногаҳонӣ буд. Медонист, ки дар чаҳордевори хонаводаи онҳо рӯзе суҳбат кардан сари ин мавзӯъ иттифоқ меафтад. Вале вуқӯи онро ба ин зудӣ интизор надошт. Суханони охири шавҳараш ба дилаш оташ андохт. Дигар ёрои муқобиларо атрофи гуфтаи ӯ надошт. Танҳо бесаброна мунтазир буд, то шавҳар ба сухан биёяд ва суҳбаташро ба поён расонад.

Ҷумлаи охири нотамоми шавҳар ба андозае дар ниҳодаш тарсу бим афканда буд, ки ҷуръат надошт, чӣ диданашро бипурсад. Танҳо бо чашмҳои моломоли хоҳишу интизори

посух ба вай нигоҳ мекард.

Падар шояд ҳозир набуд саҳнаи дидаашро нарезондаву начаконда ба ҳамсараш баён дорад, вале бекарорию бероҳатии ӯ водораш сохт, ки манзараи дирӯзро ҳикоят кунад:

-Дирӯз ҳангоми бозӣ дидам, ки чи гуна бачаи Ораш даст ба гесувонаш мебурд.

-Эй Худо, тавба кардам. Дидагит ҳаминай. Талхама кафундӣ…

Моҳрӯ медид, ки модар нахуст гиребонаш ба даст гирифта бо лабханд тавба намуд ва баъд кунд-кунд, хомӯшона ба гиря уфтод. Пушти гаҳвора шонаҳояш аз зӯри гиряи хомӯшвор, ки майдону фазои боз барои садову фиғон мехост, меларзид…

*Дар муҳити хонаводагӣ зуҳури саҳнаҳое инчунин ногузир аст. Саҳнаҳое, ки фарзандон дар гардишу чархиши онҳо ба ҷуз тамошогари гунгу забонбаста нақше надоранд, ҳарчанд сабабгору рукни аслии он саҳнаҳо зиндагию сарнавишти онҳост.*

*Гоҳе ба кунҳу решаи аслии моҷаро пай намебаранд ва гоҳо расму одатҳои дерин, ки дар зеҳни мардум нақш баставу дар хуну пӯсти онҳо ҷорист, имкони ҳар гуна эътирозу изҳори назарро аз онҳо салб мекунад. Ин расму русум бояд дар ҳамон шаклу сурате, ки ҳастанд, пазируфта шаванд, бидуни қайду шарт риоят гарданд. Дар ин марзу бум хилоф гом бардоштан, пушти по задани фарҳангу адаби гузаштагон, дур шудан аз масири аслии ҳастӣ маҳсуб мешавад.*

*Миёни сатҳу мазҳари имрӯзи зиндагӣ бархе аз ин одатҳову боварҳо хеле содаву маъмулӣ, хандадор ба назар мерасанд, вале мункири он шудан ва ҳатто аз содагию қидмати онҳо лаб гушодан гуноҳи кабир ва ҳатто хиёнат талаққӣ мешавад, зеро дарахти зеҳну шуури мо мардум дар имтидоди қарнҳо аз сарчашмаи он об мехурад, ғизо мегирад, сабзу мевадор мешавад…*

Моҳрӯ дар он шаби пурмоҷаро аз асли воқеа ҳеҷ чизе

нафаҳмида буд. Ҳатто нафаҳмид, ки чи иттифоқе модарашро ғамгину ба гиря кардан барангехт. Бо ҳамон ҳоли мубҳаму норавшан машғули назораи гиряҳои андуҳбори модар хобаш бурд. Замоне, ки чашм боз намуд, падараш дар кунҷи хона машғули намоз гузордан буд. Модараш бошад канори сандуқи бузургашон, ки дар паҳлӯи ҷевон қарор дошт, сарипо нишаставу пинак мерафт. Сари зонуяш рӯймоли сурхи гулдор гузошта буд…



Саргарми ёдвораҳо Моҳрӯ ба назди Ҷаҳонгир расид ва ором-ором даст дароз намуда, рӯймолашро аз ӯ гирифт. Ҳатто ҷуръат накард, қиссаи ба дасти ӯ афтодани рӯмолро бипурсад. Вале ҳангоме ки бо сари хам аз ӯ изҳори сипос намуд, Ҷаҳонгир гуфт:

-Пушти мизи кориам афтода дидамаш. Шинохтамаш.

-Моҳрӯ ба ӯ нимнигоҳе намуда, дубора ба ӯ ташаккур гуфт ва ба қафо баргашт. Вале бо эҳсоси ғарибу ноошно, ки дар ниҳодаш чира мешуд, аз нав ба ҷониби сартабиб чашм дӯхту музтарибу илтиҷоомез гуфт:

-Ман бояд хона биравам, зуд бозхоҳам гашт…

-Мефаҳмам-мефаҳмам,- сухани ӯро бурида, гуфт Ҷаҳонгир.

Моҳрӯ рӯймоли сафеди заргаронии хӯшадорашро аз нав ба сар андохт, давр то даври гардану ғабғаби симинашро печонид ва аз дарвозаи бемористон берун шуда, худро ба оғӯши гирдбод зад…

* * *

Ҷаҳонгир то дер замоне пушти панҷара истодаву ба дарвоза нигоҳ мекард ва бар Моҳрӯву зиндагии ӯ меандешид… Сарнавишти ин зани рустойии иҷоранишин барояш ҳайратангез буд. Моҳрӯ аз моли куҳнаву нави ҷаҳон ҳеҷ чизе надошт. Солҳо пеш шавҳараш бо иллати он ки фарзанд намеёфт, талоқашро дода буд. Пас аз ҷудоӣ хонаи бародараш зиндагӣ мекард, то ин ки писари бародараш барои идомаи таҳсил ба шаҳр омад ва Моҳрӯ низ тасмим гирифт бо ӯ ба шаҳр биёяд ва бо ин баҳона дар шаҳр шуғле пайдо кунад. Ҳамзамон бо вориди шаҳр шудан дар Гилкорон хонаеро иҷора гирифт ва бо писари бародар иҷоранишин шуд. Дар бемористон кор пайдо кард ва инак соли дувум буд, ки шаҳрӣ шуда буд. Худи Ҷаҳонгир ӯро ба кор қабул намуда буд. Хуб ёдаш ҳаст, вақте ки аз хонаводаву фарзандон пурсидаш чи ҳолате ба ӯ даст дод. Пурсиши Ҷаҳонгир ғамбодаи солҳо анбоштаву хуфтаи Моҳрӯро ба ҷунбишу талотум овард. Чеҳраи гулгуну хандонаш дар як лаҳза ранг бохт ва дар утоқи кор фазое андӯҳбору ғамангез эҷод шуд. Моҳрӯ зор-зор гиря мекард ва Ҷаҳонгир, ки аз ин вазъ ғофилгир шуда буд, намедонист чи гуна ин зани тозаворидро орому таскин бахшад, сухане коргар барои гуфтан намеёфт.

Аз сӯйи дигар аз зеҳнаш гузашт, ки дар чунин мавридҳо таскинбахше беҳтар аз гиря чизе нест. *Гиря як неъмати худовандист, ки дар вуҷуди инсонҳо маскан ёфта. Агар гиря набуд, инсонҳо чи гуна қодир буданд, аз ғаму ранҷи хеш бикоҳанд, нохушиҳоро аз тан бирезанд, уқдаҳои дилҳои ғамин бозгушоянд…*

Ҷаҳонгир ҳарчанд ба асли воқеа ошно набуд, вале дидани ин ҳолат дилтангаш намудаву таҳти таъсири вазъи ногувори ин зани ноошно қарор гирифта буд. Аз ин рӯ оҳиста аз ҷой бархест ва назди панҷара рафт то меҳмон бо ашкҳои боронӣ ғами дил бишӯяд.

Вай ҳарчанд ба берун менигарист, вале эҳсос менамуд, ки ғами ин зан то чӣ андозае бузургу амиқ аст. Лаҳни гиряи ӯ забони ҳолу вазъияти тараҳҳумангези вай буд. Аз қазо дар берун ҳам борон меборид, борони шаффофу ширгуна. Қатраҳои борон ба шишаи панҷара мезад. Аз рӯйи шиша гарду хок бармедошт ва ҷӯяҳои хоколуди боронӣ дар синаи шиша сарозер мешуданд. Абрҳои осмон он рӯз сиёҳи сиёҳ буданд, ба андозае, ки сиёҳии онҳо бар фазои рӯйи замин соя афканда буд. Ҷаҳонгир чунин ҳавоеро дӯст намедошт. Рӯҳи торикӣ ӯро ғамину афсурдахотир месохт. Гӯё дарҳои шодию хушвақтиро дар ниҳодаш қуфл мезад.

Он рӯз нороҳатии ӯ ду баробар шуда буд.

Муддате гузашт, то ин ки Моҳрӯ ором гирифт. Ашкҳояшро бо лаби остинаш пок намуд ва оҳиста ба сухан омад.

-Додар, маро бибахш, кори хуб нашуд. Вале натавонистам пеши ин эҳсосоти дарунсӯзро бигирам…

Моҳрӯ инро гуфт ва сар ба сукут рафт. Ба фарши фарсудаи тахтагин, вале тоза рангмолишудаи утоқ менигарист ва зистроҳи паймудаашро аз нав барандоз менамуд.

Ҷаҳонгир низ побанди андешаҳои печдарпеч аз назди панҷара пушти миз омад. Ғаризаи инсонӣ аз як сӯ ва табиб будан аз сӯи дигар дар вуҷудаш шӯре бапо намуда буд… *Ҳастиро зистан дар ин сарзамин, ки дунёяш хондаанд, кори саҳле нест. Будан барои тамоми махлуқоту мавҷудот қонуни ягона дорад. Масъулияти риояти ин қонун аз оғози зуҳур дар ниҳоди аҷрому аҷсом ниҳода шудааст.*

*Олами наботот, паррандагону хазандагон, даду дом бе он ки нерӯи шинохти аҳкоми ин қонунро дошта бошанд, та-*

*лаботи онро иҷро месозанд, зеро вуҷуду идомати зисти онҳо вобастаи ҳамин қонун аст.*

*Вале бархурди инсон, ки хулосаи ҳастист, бо иқтизову амалкарди ин қонуни ногузир дигаргуна аст. Инсон мардум бо доштани зеҳну забон ва шинохте, ки аз ҷаҳони ҳастӣ дорад, ҳозир нест бипазирад, ки риояти низоми ин қонун барои ҳама яксон аст. Ӯ мехоҳад зиндагии шоиставу болотар аз дигарон, саршори нишоту рафоҳ дошта бошад. Рӯҳу равонашро аглаб дилбастагиҳои инҷаҳонӣ машғул медорад, асиру побанди домҳои назарфиреб мегардонад. Ғофил аз он, ки ҳаёти одамӣ наметавонад танҳо иборат аз шодиву фараҳ бошад. Дар канори ҳар лаҳзае аз нишоту хурсандӣ фавҷе аз ғаму андӯҳ дар камин нишастааст.* Ғаму шодӣ пояҳои аслию ногузири ҳастии оламанд. Аз дунёбино набарде ҷовидон миёни ин ду қутб даргирифтааст. Барои ин набард майдони хосеро намешавад ҷудо намуд. *Паҳнаи он ҳама ҷост. Дар шохсори сабзу анбӯҳи гесувони як дарахт, дар синаи пурфарёди мурғон, дар хезишу бозии мавҷҳои рӯдхонаҳо, дар гиряву хандаи гоҳ-гоҳии як тифлак, дар қомати хамидаву асои дасти пирмардон, дар зуҳури як ишқ, ки миёни ду навҷавони дилниҳода, зери як дарахт ё дар чаҳордевори мадраса, дуздакӣ пинҳон аз чашми дигарон по мегирад, бузург мешавад, ҷилваҳои он набарди азалиро метавон диду шунид.* Гарду хоки ин пайкор умрҳост ба осмонҳо расидааст. Дар ҳасрати сӯзону ҳамешагии хуршед, ки қарнҳост бо қалбе саршори орзуи дидор, дунболи моҳтоб мегардад, бо умеди дарёфти нишоне аз маъшуқ вуҷуди хешро зарра-зарра нисор мекунад ва замоне ки ба подомани орзу мерасад, торикӣ фурӯ мебарадаш, дидагонашро мебандад, хостаҳояшро ба бод медиҳад, вале дар вожгунии дарахти умеди хуршед оҷизу нотавон мемонад ва боз ин пирмарди дилсӯхта бо азму нерӯе зиндатар роҳ аз сар мегирад…

Рӯзгори одамӣ низ арсагоҳи набарди ин ду нерӯи мутазод аст ва замоне ки яке вусъату баландагӣ пайдо мекунад ва ба марзи зафару пирӯзӣ мерасад, инсон ба як ҳамдилу ҳамроз

ниёзманд мегардад, то дил холию доштаҳои хешро қисмат кунад, ҳастии худро бизияд. Чораи дигаре ҳам нест, зеро ин муқтазои қонуну низоми абадияту ҷовидонагии зист аст…

Ҷаҳонгир чун меҳмонашро комилан оромёфта дид, зерчашмӣ нигоҳе ба сару сураташ андохт. Чашмҳои сиёҳранги фурӯрафтааш аз шиддати гиря сурхфом гардида буданд. Паракҳои димоғи нозуку кашидааш низ бар асари ҳаяҷону изтироби ботинӣ меларзид. Дар пешонии баландаш бо иллати сурати гирифта ҷӯяҳои пурчин эҷод шуда буд.

Дар чеҳрааш аз шодобию хандоние, ки дар ибтидои ошноӣ дошт, нишоне намонда буд. Ҷаҳонгир аз рӯзгори пешини ин зани корафтода ҳеҷ иттилое надошт, вале тахмин мезад, ки шояд дар остонаи чаҳорумин даҳаи умраш буда бошад.

Аз таҷрибаи андӯхтаи муҳити бемористон ҳувайдо буд, ки мусоҳиб барои ҳикоят намудани саргузашту мушкилоте, ки гиребонгири он аст, омода мегардад.

Хосияти коргоҳе мисли бемористон аст, ки зимни пазиришу гуфтугӯ бо беморону корафтодагон хоставу нохоста сухан аз хонаводаву пайвандҳои хонаводагиашон пеш меояд. Ҷустуҷӯи ҳолу аҳволи фарзандон, вазъи хонавода табиб мардумро ба сарчашмаи дарду нороҳатиҳои бемор наздик месозад. Арзиши ин шеваи бархӯрдро ҳеҷ касе наметавонад мункир шавад.

Ҷаҳонгир ин шеваи маъмулиро дар хилоли рӯзгори табибиаш борҳо таҷриба карда буд. Арзиши пайванди оромиши хонаводаро бо руҳу равони бемор хуб озмуда буд. Вале бархурдаш бо Моҳрӯ, ки ҳадафаш корёбӣ буд, аз саҳнаҳои пешини идорӣ фарқ дошт. Моҳрӯ бемор набуд, вале пурсиши маъмулии табиб ба ҳассостарин торҳои дарди бузургу дар мағз-мағзи ҷон нуҳуфтаи ӯ нохун зад.

Ҷаҳонгир аз ин, ки нобаҷо аз фарзандону хонаводаи ин зани гармрӯи рустоӣ ҷӯё шуд, пушаймон буд. Агар пурсиши ӯ сабаб намешуд, дунёи даруни пурсӯзаш, ба сӯзиш намеда-

ромад ва шояд ба ёди рӯзҳои пешин, бахту толеи сиёҳаш намеафтод. Акнун об аз сар гузашта буд. Болои ин дидани гиряҳои ҷонхарошу ҳолу ҳавои меҳмон чунин вазъиятеро эҷод намуда буд, ки на метавонист узр биёварад, ё сухане барои оромишу тасалло бигӯяд.

Шабеҳи як марди лолу забонгирифтаи саропо хоҳиши сухан гуфтан, ба зани ношинохт нигоҳ мекард. Замон мегузашт ва хомӯшию сукути мусаллат бар фазои утоқи кории Ҷаҳонгир таҳаммулнопазир мегашт. Пушти дар гурӯҳе аз табибони бемористон мунтазири озод шудани сартабиб буданд. Бархе дари утоқро боз менамуданд ва чун аз дидани он саҳна чизе сар дар намеоварданд, бо ҳисси норизоят пушти кори хеш мешитобиданд. Танҳо ҳангоме ки низоми идорӣ комилан ба ҳам мерехт, меҳмони ғаминдил бо лаҳне орому тамкинбор ба бозгӯии сарнавишти нохушоянди хеш оғоз намуд…

*Дар ин паҳндашти бесару бун ҳар хонаеро дару равзанаест ва ҳар даре хоставу нохоста замоне бозшуданист, то мусофири хастапою умедворе ба даруни он сар бизанад. Ҳеҷ касе тавони инро надорад, ки аз пеш шахсияти раҳравону замони дақиқи расидани эшонро ба дарвозаҳои мунтазир бидонаду бишносад.*

*Аз сӯйи дигар раҳравони обилапой худ низ ҳаргиз пиромуни ин нукта наандешидаанд, ки дар ин ҷодаи пурхатар бо кӣ рӯ ба рӯ хоҳанд шуд. Дар кадомин марзубуме бо дару дили боз, мардони худо бо чашмҳои чор эшонро интизорӣ мекашанд. Вале ҳамагӣ аз оғоз имони комил доранд, ки дар домани ин меҳнатсаро, дар дашту даман, дар ҷангалистону бешазорон, дар куҳу дара, дар биёбону регистон онҳо бо инсон дучор хоҳанд шуд. Инсоне, ки дӯстдоштатарин мавҷуди Худо ва ҳақдори каломи ӯст. Инсон будан ҳадяи бузурги илоҳист, ки барои бандагон арзонӣ шудааст. Ва нахустин шарти инсон будан меҳрубонист.*

-Рӯзе ки аз канори деҳи дурафтода аз миёни мардум

роҳии шаҳри шумо мешудам, имон доштам, ки эҳсоси ғурбат нохоҳам кард, зеро поёни роҳам иҷтимои инсонҳост, мардуме, ки нодида мешиносамашон, дӯсташон медорам.

Вале аз ҷониби дигар сарнавишти инсон дар оғӯши ин сарой озмоишу имтиҳони мустамир аст. Мардум дар иттифоқу ҳамбастагӣ бо ҳам қодиранд аз ин озмунҳо сарбаланд, дастболо шаванд…

Меҳмон чун ба ин ҷо расид, аз нав барои муддате лаб фурӯ баст. Ба девори мухолифаш, ки бо заркоғазҳои гулдор пӯшида буд, хира шуд… Нақшҳои ҳазоргиреҳу печ дар печи девори коғазпӯш дар ҳаракати зеҳнаш таваққуфи кӯтоҳе эҷод намуд ва ба назар чунин мерасад, ки барои идомаи суҳбат сарриштаи дигареро дар дасташ ниҳод. Дидору мусоҳибат бо Ҷаҳонгир, ки бо тақозои низому масъулияти идорӣ ӯро ба ҳузур пазируфта буд, дар зиндагии фардиаш рухдоди нодир буд. Ҳаргиз аз пайи шуғлу корёбӣ ҷойе нарафта буд. Аслан ба ҷуз мактаби миёна маълумоти дигаре надошт. Вале бархӯрди Ҷаҳонгир ба гунае буд, ки тамоми расмиятҳои кориро ба ҳам рехта буд. Моҳрӯ фаромӯш намуда буд, ки дар ҳузури як марди ноошно қарор дорад. Хаёл мекард рӯ ба рӯи касе нишастааст, ки муддатҳост бо вай пайванду дӯстӣ дорад. Аз ин рӯ зимни мусоҳибат ҳангоме, ки сухан аз хонаводаву фарзандон дар миён омад, дарду аламаш тоза шуд. Дилаш мегуфт саҳнаҳои зистаи рӯзгорашро таъриф кунад. Шотине аз бори ғамаш коста гардад. Гумон мекард мусоҳибаш касест, ки ӯро мефаҳмад. Ба ӯ мешавад атрофи ҳама чиз суҳбат кард. Моҳрӯ нахустин бор натиҷа гирифт, ки ҳузури баъзе аз мардум то чи ҳадде монеазову деворсоз аст. Гоҳе одам бо доштани сад сина сухани гуфтанӣ бо дидани сару сурати эшон гунгу лол мегардад... Сари калоба гум мекунад. Хоҳиши дарди дил кардан дар ниҳоди ӯ фурӯ менишинад. Аммо Ҷаҳонгир бо он тоифа қобили қиёс набуд. Суҳбати вай мисли як дастархони боз буд, кӣ ҳар ки метавонист чизи хоставу дилкашашро аз он

бардорад.

Маъмулан бештари мардуме, ки мақому мартабаи хоси идорӣ доранд, дар бархӯрду муоширот бо дигарон саъй мекунанд бо ҳар гуна шева ба ин гӯшаи зиндагии хеш ишора кунанд, ба мусоҳиби хеш бифаҳмонанд, ки онҳо болотару бартар аз эшонанд. Ин андеша дар мағзи онҳо мисли як воқеияти мутлақ нақш баста, ки дигарон мутеъу фармонбари иродаи онҳоянд. Ба онҳо бояд эҳтиром бигузоранд.

Андешаи бартар будан, имтиёз доштан гоҳо дар тасаввури онҳо чунон бузургу густарда мешавад, ки хокӣ буданро аз ёд мебаранд, малакутӣ мешаванд.Дигар аз он баландиҳо ақли тираву чашми камсӯйи эшон ҳама мавҷудотро хурду реза, наҳифу нотавон мебинад…



Моҳрӯ қабл аз он, ки аз нав дунболи саргузашташро бигирад, боз ба мусоҳибаш, ки қарор буд ба кор бигирадаш, назар андохт. Чашмҳояш ғарқи андешаи амиқ гашта буданд.

Достони оғозношудаи рӯзгори меҳмон ӯро комилан побанди фазои хеш намуда буд. Дар лабонаш табассуми хафи-

фе мечархид. Медонист, ки ҳикояти меҳмон афсона нест, вале мисли як афсона кашандагию ҷаззобияти хосе дошт, ки дар ниҳоди ӯ ҳисси кунҷкобӣ бедор менамуд. Мехост поёни ин ҳикоятро ҳар чӣ тезтар бубинад. Вале шигифт ин буд, ки меҳмон аз ҳамон оғоз фазои суҳбатро дар ихтиёри худ гирифта буд ва Ҷаҳонгир ҷуръат намекард чизе бипурсад. Бим дошт пурсиши ӯ дар занҷираи достони вай гусастагие эҷод намояд, аз ин рӯ хомӯширо авло донист ва саропо гӯшу ҳуш интизори замона буд, ки меҳмон аз нав ба сухан дарояд…

- Маро бубахш додар. Дар ин сари субҳ мояи ранҷу озурдагии Шумо гаштам. Шояд намехостӣ домани рӯзат чунин саҳнаҳо дошта бошад. Инсонҳо ҳар рӯз, ҳамин ки аз хоб бармехезанд аз Худованди мутаол орзу мекунанд, ки рӯзи саршор аз шодию сурур, некию хубӣ дошта бошанд. Кору амалашон пурфайзу борвар бошад, бо одамони хубрӯ ва хушқадам дидор кунанд. Бомдоди имрӯз сари ҷойнамоз дуо мекардам, ки Худованд дар ин шаҳри ноошно танҳоям нагузорад, мушкиламро осон кунад, корамро рӯ ба роҳ созад. Бубин, ман чи хушбахтам, ки имрӯз бо шумо рӯ ба рӯ шудам. Ҷустуҷӯйи ҷойи кор баҳонае буд дар анбони рӯзгор, вале ин фурсати муносиби сарнавишти ман буд, ки бо хости Худо маро бо пойи суҳбати як инсони хушқалбу покниҳод, аҳли дард, шарафёб намуд. Сарнавишт бо ман бозиҳое анҷом додаву ман ҳамеша саранҷом бозанда будам. Ҳосили ин номеҳрубониҳои рӯзгор маҷмӯи ғаму дардест, ки дар синаи ман анбошта шудааст. Рӯз ба рӯз бори ин ғам сангинтару таҳаммулнопазир мегардад. Ман бояд парда аз рухи он бардорам, ба касе қиссаи вуҷудашро бихонам. Имрӯз, ки Шуморо дидам, дил мегуфт, ки бо Шумо уқдааш боз кунам. Дар тасаввурам касе, ки даркам мекунад, Шумо ҳастед.

- Зиндагии фардии ман чизи шоиставу шунидание надорад. Соли охири мактабхониам буд. Як рӯзи баҳорӣ, субҳ ки роҳии мактаб шудам, модарам монеам шуда хабар дод, ки ба хонаи мо меҳмон меояд ва ман бояд дар хона бошам.

Ин амри ғайриинтизори модар то ҳадде мутаҳаийрам сохт, зеро маъмулан хонаи мо меҳмони зиёд меомад. Вале боре иттифоқ наафтода буд, ки ба хотири меҳмонӣ маро аз мактаб рафтан боздоранд. Ба модар назар духтам. Бад-ин василa умед доштам модар аз нигоҳи тааҷҷубомезам рамуз бигирад ва асли мақсадро шарҳ диҳад. Вале ӯ нигоҳашро ба тезӣ аз ман гурезонд ва шитобзада вориди ошхона шуд.

Ин рафтори модар нигарониамро дучандон кард. Вале, чорае ҷуз итоату мунтазирӣ надоштам. Дар хонаводаҳое мисли хонаводаи мо марсум набуд, ки перомуни ҷузъиёти амру дастури бузургсолон кунҷковӣ шавад. Сухане, ки аз забони падару модар ҷорӣ мешуд, бояд ба ҳеҷ қайду шарт иҷро мешуд.

Дар ҳамин асно касе дарвозаро кӯбид. Дар хонаи мо маъмул набуд, ки баъд аз кафидани чашми рӯз дарвозаро баста нигоҳ доранд. Торик-торики рӯз нахустин коре, ки модар анҷом медод, боз кардани дарвозаи хона буд. Тираки чӯбинро аз ҳалқаи оҳанин берун мекашид, занҷирро канор мезад ва дарвозаро ба тахтапушт боз мекард. Баъд бо умеду орзуҳои нек ба ду ҷониби роҳе, ки аз паси хона мегузашт чашм медӯхт. Дар тасаввури модарам Худованд маҳз дар оғози субҳ барои бандагонаш ризқу рӯзӣ, баракату нусрат мефиристад. Аз ин рӯ одам бояд аз субҳ ризқи хешро пешпо назанад. Бо дарвозаи бозу дили кушода рӯзи сафедпойю сафедарези Худоро истиқбол кунад…

Вале, имрӯз хилофи расми дерин дарвозаи чӯбини қадимии онҳо баста буд. Моҳрӯ чун медонист, ки дастони модараш гиранд, ба сӯйи дар рафта бозаш намуд.

Пушти дар падараш бо қассоби деҳа Раҳнавард бо як гӯсфанди фарбеҳ, ки бо ресмони борику кӯтоҳе, ки сиришта аз наххои сиёҳу сафед буд, истода буданд. Маълум буд, ки аз молбозор омадаанд ва ин ҷонвари безабонро ба хотири меҳмонҳо қурбонӣ хоҳанд кард. Раҳнавард нӯги ресмонро ба панҷаи дасти чапаш маҳкам печонида буд ва ба пеш мека-

шид. Вале гӯсфанд бори танашро ба пойҳои қафо андохта бо тамоми қувват худро пас мекашид. Ҳозир набуд вориди хона шавад. Борикии ресмон ба макаш сахт фишор меёвард ва аз зӯри дард маоси ҷонкоҳе мебаровард. Пайи ресмон дар ангуштони Раҳнавард низ хатти сияҳфом эҷод намуда буд. Тавсансарии чорпо ӯро ғазаболуд менамуд. Аз ин рӯ ба дасти дигараш аз дунбаи он чанг зада ба даруни дарвоза телааш медод. Моҳрӯ қассобро дӯст надошт. Борҳо миёни ҳотаашон шоҳиди қассобии ӯ шуда буд. Чи бераҳмона корд ба маки ҷонварон мегузошт ва сар аз танашон ҷудо менамуд. Пас аз он ки ҷонвари забҳшуда аз ҷунбишу ҳаракат меафтод, тани онро ба шохи буридаи дарахти чаҳормағз меовехт ва пӯст аз он дармеовард. Ба назар чунин мерасид, ки вай аз ин кораш лаззат мебурд…

Маоси ҷонсӯзи гӯсфанд он лаҳза Моҳрӯро ба худ овард. Раҳнавард бо як шопаи ғафси бедӣ ба пойҳои ақиби гӯсфанд зарба мезад ва зуракӣ ба кушторгоҳи доимӣ мебурдаш… Дидани ин саҳна ӯро комилан мутаассир намуд. Барои муддате мавзӯи омад-омади меҳмон аз ёдаш фаромӯш гардид. Зиндагии он гӯсфанди ғофил аз қасду нияти одамӣ сахт афтода руҳу ғамгинаш намуда буд.

Дар он лаҳза мехост бидонад, ки он чаҳорпойи бечора сарбазер ҳангоме, ки ба истиқболи марг меравад, чи эҳсосе дорад? Дар он лаҳзаи ногузир бо зеҳни ноогоҳу чашмҳои берӯҳ нисбати ин инсонҳои сангиндили бераҳму шафқат чи андешае дорад…

Моҳрӯ ҳангоме ки кӯдак буд, бо шавқу шӯр бо дугонаҳояш зери дарахти чормағз атрофи қассоб чарх мезаданд, то саҳнаи куштани ҳайвони асири панҷаи маргро тамошо кунанд. Вале, баъдҳо дидани ин манзара барояш нафратангез гардид. Охирин бор дида буд, ки чаҳорпойи даступобастаи омодаи марг чӣ гуна гардан баланд кардаву бо чашмони тараҳҳумҷӯ сӯи қассоб нигоҳ мекунад. Ҷонвар бо ҷон бозӣ мекунад, вале қассоби бераҳм лабаҳои корди хун-

талабашро бо теғаи санги сиёҳ сойш медиҳад…

Қисса кӯтоҳ, то қарибиҳои чошт машғули ҳазор фикру хаёл мунтазир мондам, то ин ки меҳмонҳо расиданд ва чи меҳмоне. Ҳама худӣ буданд. Холаам бо шавҳараш ва мӯйсафеди Дилшод, ки дӯсти хонаводаи мо буд ва тамоми ҷашну маъракаҳои хонаводагӣ бо маслиҳату роҳнамоии вай сурат мегирифт…

-Рафтуомад миёни хонаводаи мову холаам як кори маъмулӣ буд. Ҳаргиз барои омадани онҳо омодагӣ намегирифтем. Бо расидани холаам, хушку таре, ки доштем, болои дастархон мегузоштем… Вале, ташрифи онрӯзии онҳо ғайриодӣ буд. Гузашта аз ин ҳамроҳии бобои Дилшод аз меҳмонон гувоҳи он буд, ки хонавода дар остонаи ҷашне қарор дорад, ки бояд тартибу низомаш бо маслиҳати бобои Дилшод тарҳрезӣ гардад…

Қисса кӯтоҳ, бе он ки аз ҷузъиёти ин меҳмондории бошукуҳ чизе фаҳмида бошам, маросими он ба поён расид. Танҳо бегоҳӣ пас аз гусели меҳмонон «омад ба сарам, аз он чи метарсидам».

Аҳли хонавода сари дастархон гирд омада буданд. Ҳеҷ кас намехост сукути ҳоким бар фазои хонаро бишканад. Танҳо баъд аз гузашти замоне чанд падар ба гуфтор даромад:

- Моҳрӯ, духтари ҷон! Имрӯз холаат хонаи мо барои хостгории ту омаданд. Мо ҳам бо модарат розӣ шудем. Фотиҳаи бобои Дилшодро ҳам дар ин кори хайр гирифтем. Худо хоҳад, мактабат, ки тамом шуд, тӯй мекунем.

- Ин хабари падар ба дараҷае ногаҳонӣ буд, ки даступохӯрдаам намуд. Гармие ноошно вуҷудамро фаро гирифта буд ва чизе гулӯямро сахт фишор меоварад. Аз шарму хиҷолат наметавонистам сар баланд кунам. Медонистам, ки ин қарори ниҳойист.

Аз ғазаб меларзидам, лабонамро мегазидам, гиря дар гулӯям меҷӯшид, вале чорае ҷуз ризояти мутеона надоштам, зеро дар домани дарёи хурӯшоне қарор доштам, ки

муқобили маҷрои он шиновари муҳол буд.

Писархолаам се-чаҳор сол бузургтар аз ман буд. Хуб мешинохтамаш. Ҳангоми меҳмониҳо мисли хоҳару бародар бо ҳам бозӣ мекардем. Якҷо бузург шуда будем. Акнун ин калонтарҳо буданд, ки бе пурсишу ризояти мо гӯйӣ хоҳару бародарро бо ҳам хонадор мекарданд. Ба ин восита ба гумонашон пайвандҳои хешовандиро истеҳком мебахшиданд, тақозои расму ойинро иҷро менамуданд. Он шаб ман вазъи худро шабеҳи он гӯсфанди забонбаста дидам, ки иҷборан, сар ба зеру кашон-кашон ба қатлгоҳи ногузир мебурдандаш…

Оқибат тирамоҳи ҳамон сол дар дили як рӯзи гирифтаи боронӣ пироҳани арӯсӣ ба танам пӯшониданд ва ба сарзамине фиристодандам, ки хабаре аз сирру асрораш, розҳои нуҳуфтааш надоштам. Мазоҳири ин сарзамин, ки қарор буд, зиндагии ман дар обу хоки он бичархад, ҳам ошнову ҳам бегона буд. Саъй мекардам ба низому тартибаш хӯ бигирам, чашмамро ба дидани саҳнаҳое, ки дар хонаи мо назир надошт, одат диҳам. Гӯшамро ба шунидану дарки садоҳои аҷибу ғарибе, ки бо вожагону ибороти ноошное бурун меомаду дар фазои хонаводаи нави ман мепечид, омода созам, вале муяссарам намешуд. Дилам ба ҳеҷ чизе ҷӯш намезад. *Дилбастагӣ, дилгармию пойбандӣ, ки бояд аз кунҳу синаи ҳар хонаводае бархезад ва бошандагонашро бо атру бӯ, риштаҳои ҳазоррангаш асиру ҷазби худ созад, дар хоку ҳавои ин сарзамин, ки маскунаш гашта будам, шоху барге надошт. Дар ин чаҳордевор ҳама чиз сохтаву маснӯӣ буд. Нигоҳҳо, хандаҳо, салому паёмҳо, рафтору кирдорҳо онҷо аз зоти худ набуданд. Аслан инсонияти як инсон дар ҷилваи як нигоҳи гарм, резиши як хандаи софу равшан, як паёми саршори меҳр рӯ мезанад, аз вуҷуди худ дарак медиҳад. Вале ин ҷо замони бархурд бо ҳам нигоҳҳо сард буданд, бо дидани якдигар лабон маҷбуран барои ханда боз мешуданд. Аммо чунин ба назар мерасид, ки дар чорчӯби лабон нақши мурда-*

*ву беруҳе аз хандаро гузоштаанд.*

*Вуҷуди ман бо эҳсосу авотифе, ки барои зиндагии як инсон ногузир аст, пур буд. Ҳар чӣ доштам, дидаву чидаи чашму зеҳнам аз мазрааи хонаводаам буд. Ин эҳсосот майдону фазои бозу шоистае мехост, то мисли обшор сарозер шавад, ба дилҳо бирасад, дар умқи торикӣ нур бирезад, хушкиҳоро мартуб созад, зиштиҳоро барчинад ва муҳим аз ҳама зебоӣ офаринад.*

Дареғ, ки дару равзанаҳо барои зисту таҷаллии ин нерӯи ҳастисозу бунёдгар баставу пӯшида буд…

Будубош дар маҳдудаи ин хонавода оҳиста-оҳиста маро ба олами释 мармузи гунгию овозгирифтагӣ мекашонид. Тақозои нахустини муҳити нави иқомат хомӯш будану лаббастагӣ дар қиболи ҳама чиз буд. Қарор буд бо тамоми амру фармони ин хонадон бандавор гӯш бидиҳам ва гуфтаи эшонро хомӯшу бесадо бо дидагони дӯхта ба замин иҷро кунам. «Бикун» дар фазову марзҳои забонии ин муҳит ҳокими мутлақ, зиндатарин лафзе буд, ки ҳар рӯз аз гулӯи аъзои ин хонадон бо лаҳне омирона берун меҷаст ва омоҷгаҳи аслиаш гӯшу ҳуши ман буд. Бо шунидани чунин калимаҳое, ки муқтазои табиаташон амру дастур буд, бояд ногузир занҷираи пайдарҳами амалҳое ба зуҳур мерасад, ки вобастаи якдигар буданд. Иҷрову камоли як амал вуҷуду ҳузури дигареро тақозо менамуд.

«Говҳоро бидӯш!» Ин дастури субҳгоҳӣ, ки бо абрувони кашидаву чеҳраи гирифтаи барфрез адо мешуд, танҳо аз дӯшидан иборат набуд.

Ман як духтари деҳотӣ будам ва говдӯшӣ коре набуд, ки бароям ноошно бошад. Говҳо дӯшида мешуданд. Шири гарму хафхези ҷӯшидаро ба деги сиёҳи чаҳоргӯша, ки дар дегдончаи зери чапкандӣ ҷойгир буд, мерехтам. Аз гӯшаҳои ҳота барои таҳгирон чӯбу чахс мечидам. Ҳезуму тапак вофир буд, вале ҷамъоварии пешаловӣ кори ҳатмӣ буд. Ба зери дег оташи кунд мегузоштам ва онро ба ҳадди ҷӯшиш мера-

сонидам. То ширгарм шудани ҳарорати шир мунтазир мемондам. Сипас онро ба чағдеги сафолини қадимӣ рехта, ҷурғот мехобондам. Расидани ҷурғот замони зиёдеро фаро мегирифт. Оқибат кори аз ҳама душвор, дӯғкашӣ оғоз мешуд. Чахчӯбро ба даруни чағдег фурӯ мезадам ва бо тамоми нерӯ ба чапу рост мечархонидам. Бар асари ин чархиши мустамир зарраҳои заррини маска аз ҷурғот ҷудо мешуданд ва мисли ҳубоб болои дуғоб бозӣ мекарданд. Ин ибтидои кор буд, вале манро ниҳоят хаставу бефара менамуд. Дӯғкаширо дар хонаи мо маъмулан модарам анҷом медод. Он рӯзҳо ман эҳсос намекардам, ки модарам чи сахтиву ранҷеро аз сар мегузаронад. Вақте ки тасмаи чағчӯбро бетаваққуф пасу пеш мекашӣ, дастҳо сусту бемадор мегарданд. Ба назар чунин мерасад, ки дастҳоят шикаставу аз тан ҷудо шудаанд.

Ҳар боре, ки ба ин ҳол меафтодам, беихтиёр чеҳраи модарам пеши чашмонам зоҳир мегардиданд. Дар ганҷурхона, ки дар васаташ сутуни чаҳоркунҷаи чӯбин дошт, пеши чағдег нишаставу ресмони чағчӯбро мечархондам.

Ҳубобҳои сафеди хафи гардони рӯйи ҷурғот бар асари гардиши тезу тунди чағчӯб ба деворaҳои чағдег мезананд, болову пойин, ба атроф мепаранд, рӯйи абрувони сиёҳи пайвандӣ, рухсораҳои сурхфоми модар менишинанд ва замоне, ки пайкари пуфакҳои ҳубобӣ метаркад ва бо ҳам омезиш меёбанд, ҷӯяҳои сафеди дуғоб дар гунаҳояш сарозер мегарданд.

Гоҳе ҳини дӯғкашӣ мо вориди ганҷурхона мешудем. Модар медонист, ки чашми ниёзи мо мунтазири чист. Бо чеҳраи бозу хандаи ширин, бо кафлези чӯбин зарраҳои шиновари маскаи заргунаро канор мезад, ба чинӣ хафкашак мегирифт ва ба мо медод.

Аз тановули хафкашаки гарм эҳсосе ширин дар вуҷуди мо ҷавона мезад. Вале дареғ, ки аз он рӯзҳо чи беҳиссу кӯрдил будем, ки ларзиши китфони нозуку наҳифи модарро, ки бар

асари ранҷу азоби чағчӯбчархонӣ рух медод, намедидем. Акнун, ки худ дар пушти чағдег будам, ёди он рӯзҳо қалбамро ба сӯзиш меовард…

Ба ҷуз ин тамоми корҳои хурду резаи хона ба дӯши ман буд ва аз кор кардан тарсу биме надоштам. Вале наметавонистам дарк созам, чаро дар ин хона, ки дигар ман узву фарзандаш будам, бо ман ба мисли як инсоне, ки саропо гуноҳ аст, бархурд мекунанд.

Аҳли хона гӯё завқи шоирӣ ҳам доштанд. Дар оғоз қофиябозиҳои ғарибе бо номам шурӯъ карданд. Яке Моҳҷӯ, дигаре Моҳбӯ, севумӣ Бадрӯ садоям мекард. Бо гузашти замон бахше аз номамро канор гузоштанд. Аз Моҳрӯ «рӯ» рафту «Моҳ» монд. Вале ин ҳам муваққатӣ буд, зеро баъдҳо «Эй» гуфта садоям мезаданд. Шояд ҷойи ман каси дигаре буд, меранҷид ва мояи ранҷашро ба гунае намоиш медод, вале дар хуни ман гӯё эҳсосе бо номи ранҷиш вуҷуд надошт. Танҳо тафовути беш аз ҳадди ду хонаводаи хешованд ба андеша водорам месохт.

Калимаи «Эй», ки бар маснади номи ман нишаста буд, чунон дар пардаи зеҳнам ҷилвагарӣ менамуд, ки ба шунидани он ҷониби соҳиби садо бармегаштам ва мунтазири фармон мешудам. «Эй» ҳеҷ вақте имкони иваз кардани номи манро надошт. Вале бар ҳушу равони ман ҳоким гардида буд. Ва боз замоне ки мисли як девонаавзоъ, ҳаросон ба суроғам мерасид ва по ба марзи огаҳиву ҳушам мегузошт, номам бо чеҳраи гирифта ғамину ҳузнангез ба сӯям менигарист. Дилам гувоҳӣ медод, ки гуфтание дорад, вале дидани вазъи мутеъонаву худсупурдагии ман аз лаб гушодан бозаш медорад.

*Одамӣ аз дунёбино, аз лаҳзае, ки дар домони ҳастӣ хешро шинохт, дар маърифати моҳияти вуҷудаш хира шуд. Замоне ки лаззати зебоию арзиши зиндагӣ таконаш дод, хоҳише бузургу нопайдоканор дар зеҳнаш қад баланд намуд. Хоҳиши идомату ҷовидонагӣ. Вале чигунагии шеваи амалисозии ин орзуи наҷиб барояш оламе мармузу сарбаста буд.*

*Пойкӯбиҳо дар ҷодаи пурпечи тааммулу андеша дасташро ба домони ном расонид. Гоми нахустинро дар марзҳои ҷовидонагӣ бардошт. Ба насли хеш ном ниҳод. Ном доштан. Калимае, ки аз пайванду ҳамдӯшии чанд ҳарфаке зода мешавад, вале бо вусъату зарфияти ҷаҳоне. Номи инсон мисоли зарфест, ки гунҷоиши ҳама чизро дорад. Дар нақшҳои рангину чашмрабойи ин зарф мо ба орзуву омол, хостаҳои падарон рӯ ба рӯ мешавем, ба ҷаҳони фарҳангу андешаашон ошно мегардам, дар кучаҳои қадимии таърихшаҳру замони зиндагии онҳо қадам бармедорем.*

*Ин зарф як навъ амонатдори доштаҳои инсон аст. Одамӣ ҳар чӣ аз хубию некӣ, аз гӯшаи меҳру ишқ, дустдорӣ, сидқу вафо дорад, ба ин зарф мерезад. Ин зарфро сарпӯшу қуфлу калиде нест. Дару дарвозаи ин ганҷина бар рӯйи ҳама боз аст, ба шарте, ки бархурд ба он инсонвор бошад...*

*Гоҳе дар дили шабони зулмонӣ ин гумон таскинам мебахшид, ки агар дар ин сарзамин бо ман чунин муносибат намешуд, шояд ҳаргиз ба қадри ин дурри ноёфтанӣ, ном доштан намерасидам. Маҳз он ҷо пай бурдам, ки одамизодагон чаро дар талошанд, домони номи хешро бо зебойӣ, некӣ, хайру саховат, фазилату наҷобат, гулдӯзӣ кунанд, ба ин зарф ишқу меҳр бирезанд, то дар иваз дил бигиранд.*

Бо мурури замон номам, ки ниҳодаву ҳадяи падару модарам буд, водорам кард, то аснои зуҳури «Эй»,-садои хушку берӯҳ бар рӯйи соҳибонаш бихандам. Зеро, ҳар номро рисолату паёмест ва рисолати номи ман миёни мардум нур афкандан, дар чашмҳо лонаи равшаниву зиё гузоштан аст…

Шигифтангез ин аст, ки ҳангоме ки бандаи хокӣ аз як макони буду бош ба ҷойи дигаре нақли макон мекунад ва иқомат мегузинад, бо тақозои ғаризаи зотӣ ё таъсири шароити зист зеҳнан саҳнаҳои зиставу дидаҳову шунидаашро дар зодбум ба ёд меорад. Ин бозгашти зеҳнӣ, ки ҳамроҳ бо ёдвораҳои ширину талх аст, ба одамӣ имкон медиҳад роҳи тайшудаи зиндагониашро барандоз намояд, то битавонад

барои идомати ҳастӣ садҳои мавҷудро бишносаду тасмим бигирад…

- «Хонаи шӯ арра дорад, арраи шашпарра дорад». Ҳамин матал, ки замоне миёни суҳбатҳои гарму тафсирҳои ғайбатгунаи занҳои ҳамсоя ба гӯшам расида буд, нохост шабеҳи меҳмони нохонда, бо дасти холӣ вориди хонаи зеҳнам мешуд ва маҷбурам менамуд, ки ба ӯ таваҷҷуҳ кунам, дар перомунаш бияндешам, аз офарандааш ҷӯё шавам. Бидонам, ки чаро онро дар чунин банду басте халқ кардаанд.

Ҳеҷ моил набудам атрофи ин матал андеша кунам. Саъй менамудам фикрашро аз сар дур созам, вале ҳар ҳарфу калимааш мисли кана ба торҳои мағзам часпида буд. Як замон ба худ меомадам ва медидам, ки хаёли гусехталаҷом дар сарзаминҳои дурдасте миёни анбӯҳи мавҷуди ношинохт сайр дорад. Вале ин ҷӯяндагии нохудогоҳ рӯзе ду параи он арраи шашпараро бароям ошно сохт. Яқин ҳосил кардам, танҳойӣ ва хомӯшӣ он пораҳои дугонаанд, ки зеҳну ҳуши маро бо дандонаҳои кунду қадимии худ мехарошанду пӯст медаранд…

Сахт аст миёни ҷамъе зиндагӣ кардану эҳсоси танҳоӣ доштан, ҳамрозу ҳамдаме барои шунидани уқдаҳои дил надоштан. Ман асиру гирифтори чунин вазъияте будам. Дар хонаводаи бегона, ки набудам, хонаи холаам буд, вале байни аъзои ин хонавода ҳеҷ касе вуҷуди маро эҳсос намекард. Гӯё маро танҳо барои хидматгузории аҳли ин хонавода оварда буданд.

Шавҳарам, ки мебоист наздиктарин каси ман бошад, одатан шабҳо дер ба хона мерасид ва чӣ расидане. Ағлаб масту махмур, бехуд аз худ вориди хона мешуд ва бесару садо ба ҷойгаҳ дароз мекашид.

Субҳгоҳон ҳам, ки аз хоб мехест, бо ҳамон лаҳни омиронаи марсум садо мезад:

-Эй, оби сард биёр!

Обро дароз менамудам ва коре, ки иҷрояш дар тавонам буд, дуздакӣ ба ӯ назар дӯхтан буд. Ҷавоне, ки тоза зиндаги-

яш по мегирад, бо чашмҳои сурхи варамида, рӯҳи хаста, даруни пуроташ, дар муқобилам нишастааст.

Дар ниҳодаш чӣ мегузарад, чаро бо гузашти ҳар рӯз дар гирдоби шароб фурӯтар меравад, маълумам нест. Ҳаққи пурсидану решаковиро аз ман гирифтаанд. Хомӯшу бесадо, бо чашмҳои танҳову пурниёз нигоҳ кардан насиби ман аст…

Вале асорату побандии ман дар панҷаи танҳойиву чеҳраи бимафкани хомушӣ зиёд тӯл накашид. Дар он чаҳордевор мусоҳибоне пайдо намудам, ки шишаи танҳоии маро шикастанд, хомӯшиамро садохез намуданд.

Як субҳи наврӯзӣ, ҳангоме сатл дар даст говдӯшӣ мерафтам, дарахтони гелоси ҳотаро сарсабзу ғарқи гулҳои сафед дидам. Пеш омадам ва аз шавқу шӯри нишотзое, ки дар қалбам ба ҷӯш омада буд, дасти меҳр ба рухсори гулҳои сафедпироҳани дарахт гузоштам. Садое, ки аз миёни шохсори сарсабзу ғарқи гули дарахт бархост, боварнакарданӣ буд:

-Субҳ ба хайр, Моҳрӯ!

Чанд лаҳза моту буҳтзада ба шохагули хандони муқобилам хира шудам. Дар ҳоле, ки ғиҷоба гулӯямро гирифта буд, пурсидам:

-Муддатҳо ин ҷо номамро нашнида будам. Кам монда, ки фаромӯшаш кунам. Чӣ гуна номи ман дар забони Шумо ҷорӣ шуд?

Аз дили сабзи дарахти гелос хандае сафедгуна ба лабонаш давиду посух гуфт:

- *Мо дарахтон намудоре аз зоти Шумо инсонҳо ҳастем. Аз як таборем, хокзодем. Синаи ин хок, ки решаву буни моро дар умқи хеш ниҳон карда, гарми зиндагист, дар гулӯи ин садҳо садо дар ҷӯшу хурӯш аст. Бояд садо бизанӣ,то посух бишнавӣ. Хомӯшӣ дар ин хок гуноҳ аст…*

Посухи ин шохагули сафедрӯ зиндагии маро саропо дигаргун кард. Болидарӯҳ ба оғил рафтам. Ду гови дӯшо мунтазири ман буданд.

Таги пояшонро тоза кардам, рӯбидам ва ҳамзамон аз фар-

ти шодӣ аз дидор бо он дарахти сабзрӯ ба онҳо нақл кардам. Ба назарам чунин менамуд, ки ин ҷонварони забонбаста маро мефаҳмиданд, даркам мекарданд.

Модагови сурхусафедранги дами дари оғил, ки сершир буд, ҳатто замоне ки пушташро мола мекардам, оҳиста сарашро ба сӯям чархонид ва меҳромез пушти дастамро лесид. *Дар он лаҳза нахустин бор пай бурдам, ки меҳрубон будан чи осон аст, эҳсосе, ки ҳама даркаш мекунанд, меҳмоне, ки дар манзилу макони зисти ҳама мавҷудот бо чеҳраи гарму чашми бози дил мепазирандаш…*

Занҷираи саргузашти хонаводагӣ чун ба ин нуқта расид, Моҳрӯро ба сукути амиқи дарунсӯз водор сохт. Ҷаҳонгир медид, ки чигуна аз чашмҳои маҳзуну ғамгирифтааш ҷӯяҳои ашк берун меоянд. Ӯ ҳолу ҳавоеро, ки мусоҳибаш гирифтори он буд, хуб дарк менамуд. Медид, ки дар паҳнаи вуҷуди ӯ чӣ туфоне бархоста…

*Ҳастии одамӣ аз чунин саҳнаҳои буҳронӣ зиёд дорад. Инсони гирифтору асири чунин авзое, дар ҷонаш ногаҳон эҳсос мекунад, ки то чи андоза ниёзманди инсон аст. Муҳтоҷи ҳамдамест, ки ҳозир бошад, қиссаи дардолуди сарнавиштаашро бишнавад, бори сангини ғаму ранҷашро қисмат кунад. Аз сӯйи дигар ҳангоме ки ин ниёз пайдо мегардад, гардиши сарнавишт онро орому ношинохта намегузорад. Дар имтидоди ин гардиши ҳамешагӣ ногузир инсоне барои шунидану бишнохтани он зуҳур мекунад. Ин иқтизои табиати одамӣ ва шарти ҳатмии идомати ҳастист. Ҳеҷ касе қодир нест, масири ин гардиши ҷовидониро тағйир диҳад ё замонашро ба таъхир андозад. Дар ин доира ҳама чиз аз қабл ҳисобшуда аст. Ин дидори ногузир рӯзе, бе он, ки ҷонибҳо хабаре аз вуқӯи он дошта бошанд, дар макону сарзамини муайяне баргузор мегардад.*

Инсоне, ки дар ин мусоҳибати ногузир қарор аст тарафи розшунав бошад, аз оғоз ба гунае мафтуну маҷзуби мусоҳиби ғайриинтизор мегардад, ки масъулияту машғулиятҳои идориро аз ёд мебарад, мавзӯъу фазои суҳбат

комилан мунқалибу побандаш месозад. Ҳаргиз аз тӯлонӣ гаштани дидор изҳори надомату пушаймонӣ намекунад. Баръакс, дар лаҳазоти поёнии дидор андешае аз гӯшаи қаноату ризоят аз ин, ки дар костани дарду ранҷи як касе ёрӣ расонда, дар мағзаш равшан мегардад…

Ҷаҳонгир низ дар ботин шоду масрур буд, ки бо шунидани достони пурпечу андӯҳгини рӯзгори Моҳрӯ метавонад, аз боре, ки дар ғамбодаи ӯ анбошта шуда, ҷуръае кам кунад, ба ӯ умеду дилгармӣ бахшад. Медонист, ки ин дидор дар коргоҳи ӯ иттифоқ афтода ва дар он замон тибқи маъмул бояд корҳои дигареро ба анҷом расонад, беморонашро муоина намояд, ба тобеин дастурҳои корӣ диҳад. Вале аз ба ҳам рехтани тартибу низоми мавҷуди коргоҳ нигарону парешон набуд. Дар он соат вазъу ҳолати равонии Моҳрӯро беҳтар аз як бемор намедид. Дар тасаввураш ӯ беш аз дигарон ба доруву даво, илоҷи дард, ниёзманд буд. Андешае ғарибу нерӯофарин мисли гирдоб фурӯ мекашидаш. Гумон мекард омадани Моҳрӯ ба бемористон тасодуф нест. Корёбӣ дар анбони рӯзгор баҳонаест, ки мӯҷиби ин дидор шудааст. То бадин васила парда аз рӯйи ғамҳои пинҳоннишин баргирад ва ба умқи ин воқеият бирасад, ки зиндагӣ поён наёфта, бо тааммулу андеша бояд ба ҳастӣ нигарист, ҳанӯз домани ин баҳор саршори гулҳои диданист…

Ҷаҳонгир зери лаб Худоро шокир буд, ки бо хосту ҳидояти ӯ ин дидори дардрез падид омад… *Одамӣ ҳамеша дар талош аст, то барои рафъу илоҷи дардҳои хеш доруву дармоне ба даст биёрад, ғофил аз он ки Худованд ин нӯшдоруро дар ниҳоди инсонҳо ҷо намудааст, то дар лаҳазоти лозим онро нисори якдигар созанд.*

-Бар ман бибахшой, додар, дарди сар шудам,- гуфт Моҳрӯ. Шояд муносиб набуд ин қиссаи дарозро ҳикоят кунам. Аслан розу асрори хонаро аз марзҳои хонаводагӣ берун ниҳодан хубӣ надорад. Аммо чи илоҷ, ки ин зиндагии ман аст. Зиндагие, ки мисли захми носур сар боз намуда ва бояд

барои таскину оромиш аз олудагиҳо тоза шавад...

-Хоҳар! *Ҳар чӣ дар дил гуфтанӣ дорӣ, беибо, бепарво, бигӯ-гуфт Чаҳонгир. Аз нуҳуфти деворҳои дарду ранҷи сангинни-шаста бар тану ҷон берун омадан, ба ҷодаи хуршед гом ниҳодан аст, як навъ равонтаконист. Агар мақсудат раҳойиву ворастагӣ аз андӯҳвораҳои ҷигарсӯз аст, хомӯширо раҳо кун, хомӯшӣ худ нолаву шеваи зисти шикастарӯҳу шикастаҷон аст.* Бигӯ, аз ҳама чиз бигӯ! Ман саропо гӯшу ҳушам, Худо-ванд замони зиёдеро дар ихтиёри мо гузоштааст...

Ҷаҳонгир инро гуфт ва ҳамзамон андешаи дигаре дасти зеҳнашро гирифт. Саҳнае, ки ғайриинтизор тамошогари он гашта буд, воқеан мубҳаму пурсишбарангез буд. Сахт аст ҳолате, ки бо қалбе ранҷуру рӯҳе ҷабркашида рӯ ба рӯ мегардӣ, шоҳиди дардистоне мешавӣ, ки тухмаш ба дасти инсон дар си-наи як инсон пошида шуда. Мушкил ин аст, ки дар таъйини муҷрими аслӣ нотавону бечорайӣ. Гузашта аз ин онҳое, ки дар рушду нумуи ин тухма саҳим будаанд, ҳаргиз фикр накарда-анд, ки ин амали эшон чи пайомаде хоҳад дошт.

-Худо гузаштагонатро биёмурзад, додари хуби ман,-ба сухан даромад, Моҳрӯ.-Илоҳӣ хонаат ободу пур-пури ханда бошад. Хокро бигирӣ, дар дастат зар бандад. Ба Худо, дидо-рат бори гаронеро, ки мисли як куҳсанг дар дӯши ҷонам ни-шаста буд, канор зад. Солҳо буд чунин фазову майдонеро барои раҳоиву озодии розҳои асиру ниёзҳои дар мурдоби ноумедиҳо фурӯнишаста надида будам. Вале суҳбати имрӯзӣ бо Шумо дасту пойи маро боз кард. Борҳо кӯшида будам, ба касе аз ин ғамномаи гӯшагузида дар мағзи ҷон по-рае бихонам. Шигифт ин буд, ки ҳар дафъа нерӯе ношинохт ҳар садоеро дар гулӯям мешикаст, гунгу лол мешудам, забо-нам дар даҳони боз баста мешуд, хушку мунҷамид мегашт. Ҳатто тавони инро надоштам, то ба чеҳраи мусоҳибам мустақим бингарам. Дидагонам беихтиёр ба сӯйи замин ка-шида мешуданд. Ҳолу ҳавоям шабеҳи касе мегашт, ки афсу-наш кардаву зеҳну огаҳӣ аз ӯ гирифтаанд…

Аммо хилофи он саҳнаҳои пешин имрӯз дил худ талқинам мекунад, ки ҳама даричаву равзанаҳояшонро боз кунам, доштаҳояшро рӯйи суфра бигзорам. Он пилтаи дудагирифтаи чароғи меҳру иштиёқашро ба мардум тозаву равшан созам, ба ин мурғи озурдаҷони паршикаста имкони нави парвоз диҳам…

Моҳрӯ аз нав сокит шуд. Ҷаҳонгир низ намехост сукути саррасидаро бишканад. Гумон дошт,ки мусоҳибаш қасд дорад бо фароҳам овардани оромиш ва як тамаркузи зеҳнӣ охирин пораи саргузашти ғамангези хешро ҳикоят кунад. Вай дар тахминаш иштибоҳ накарда буд. Ҳангоме, ки ба Моҳрӯ як пиёла чойи гарм дароз намуд, ӯ бо лаҳне тараҳҳумангез ба бозгӯ намудани саҳнаҳои дигари рӯзгори пурмоҷарояш оғоз кард…

-Бо ҳамон минвол берангу якнавохт рӯзгорам дар он хонадон сипарӣ мешуд. Ман ҳамон «Эй»-и гӯшбафармон будам. Марзи равуоям дар чаҳордевори ҳавлии шавҳар хатм мешуд. Гузашти рӯзҳо бо гирифториҳое, ки доштам, эҳсос намешуд, вале аз шабони зулмониаш напурс. Кулбаеро дар қисмати шарқии ҳавлӣ барои ман ҷудо намуда буданд. Ҳар шаб танҳо барои хоб кардан вориди он хона мешудам. Нахустин рӯзе, ки по ба хонаи шавҳар гузоштам, тамоми ҷиҳози арӯсиямро дар ин хона чида буданд. Оҳиста-оҳиста ҳама тақсим шуд ва ба ҷуз ҷевону ойинаи якрӯ ва чанд кӯрпаву болишт чизе намонд. Аввалҳо ба чизе аз ин хона таваҷҷуҳ надоштам. Вале, баъдҳо шабҳое, ки таку танҳо будам, эҳсос мекардам, ки дару девори ин хона шабеҳи ман ранҷи танҳойӣ мекашанд. Мехоҳанд бо ман гуфтугӯ кунад. Зуҳури ин ҳисси ғариб дар оғоз бимзо буд, вуҷудамро мисли зилзила такон медод. Дилам гуп-гуп ба бозигарӣ медаромад. Аз тарс чашмҳоямро мебастам ва сарамро зери кӯрпа пинҳон мекардам. Ба гиря меафтодам. Гиряи хомӯшу пардагӣ. *Ман он рӯзҳо нахустин бор дарк кардам, ки гиряи пинҳону дуздакӣ, ба хотири он ки дигарон онро набинанду*

*сарзанишат накунанд, то чӣ ҳад ҷонгусилу ранҷовар аст. Зери курпа миёни ашкҳои гарми равон дар параҳои рухсор, ногоҳ бӯйи дастони модар, ки худ курпаҳоямро дӯхта буд, ба машомам мерасид ва дар ниҳояти ашкрезиҳо оромишу таскине меёфтам.* Вале дарди танҳойи хона ба гумонам бо гузашти замон бузургтар мешуд. Ҳеҷ наметавонистам вуҷудашро аз зеҳнам пок кунам. Ҳамин ки вориди хона мешудам, деворҳои гилинаш ба назарам аз чаҳор тараф ба ман чашм медӯхтанд. Мехостанд чизе бигӯянд, вале чӣ, намедонистам. Бо мурури вақт ба онҳо одат кардам. Дигар ҳеҷ тарсу ваҳме аз нигоҳҳои пурниёзи онҳо надоштам. Ман дигар ба кунҳи танҳоии онҳо пай бурда будам…

Оҳ аз ин инсон, ки чи носипос аст. Носипосӣ замоне шуруъ мегардад, ки инсон ба ҷуз ҳастии хеш вуҷуди дигаронро эҳсос намекунад. Зеҳни тираву тораш фурсати дидани сариштаи зиндагияшро аз ӯ салб мекунад.

*Бандаи хокӣ аз он лаҳазоте, ки хешро шинохт, дар синаи ин конуни пурхатар ба хотири ҳифзи ҷону тани хеш аз гармову сармо, аз барфу борон, раъду барқ, ҳамлаи вуҳуш, дар андешаи сохтмони хонаву иқоматгоҳ афтод. Даст ба обу гил, хишту санг, дарахту чӯб бурд. Ба хосту муроди дили хеш сарпаноҳу зистангоҳе бино кард, ғофил аз он ки миёни ин аҷзо пайванди азалист. Ҳамаро сарчашмаву хостангоҳи ягона аст. Обу гилро бо ҳам хелиду омезиш доду хишт рехт. Девори ҳисоргуна барандохт. Сангҳоро тарошид, дарахтҳоро буриду пора намуд ва дар бинои хона истифода кард. Аммо ҳаргиз бо дидаи ситоишу такрим ба сарчашмаи аслӣ, ба Замин ин зоёи ҷовидон нанигарист. Кӯрзеҳнӣ имконаш надод дарк кунад, ки масолеҳи сохтмони ҳисораш зодаву парвардаи ҳамин хоканд...*

Оқибат дар дили як шаби тобистонӣ, дар зери сояравшани моҳи шукуфтарухсор деворҳо, деворҳои гилини оҳакхурда, деворҳои муштоқи садову суҳбати одамӣ, хомӯшии дамкардаву хафакунандаи муҳити хонаро шикастанд, ба шӯр омаданд ва даст ба домани шикояту гилоя заданд…

Ба ҷуз ранги сафед болои деворҳо чизе набуд. Танҳо дар деворе, ки дар рӯ ба рӯи бистари хобам қарор дошт, сӯзании ҳазорнақшеро, ки ҳадяи дастони ҳунаррези модарам буд, овехта будам. Ағлаб шабҳо, ҳангоме ки фориғ аз гирифториҳои рӯзгор рӯйи бистар дароз мекашидам, манзараҳои рангини он дидагонамро фурӯ мекашид. Ин ҷаззобияту кашандагӣ гоҳе ба ҳадде мерасид, ки пилкҳоямро ба ҳам мебаст ва ба хоби амиқ фурӯ мерафтам.

Он шаб низ ғарқу шефтаи тамошо будам, ки ногаҳон аз пушти девори сӯзанипӯш садое шабеҳи овози пирмарди солдидаву ранҷур баланд шуд:

-Замони зиёдест, ки бо мойӣ. Дар сояи ҳузури мо ба сар мебарӣ, вале аҷиб аст, ки бо мову бо худ бегонаӣ. Ҳеҷ дар ёдам нест, ки боре сӯйи мо, ҳамдаму ҳамҷавори шабонгоҳиат назар андӯзӣ. Орому бесадо, сарафканда вориди ҷамъи мо мегардӣ, шабатро рӯз мекунӣ ва бо ҳамон минвол, бе он ки нуқ бикашӣ, аз ҳалқаи мо ҷудо мешавӣ.

Солҳо мунтазиру гӯш ба қимор мондем, шотине рӯзе фаро бирасад ва ба зиндагие, ки дар ниҳоди хокандуди мо ҷорист, пай барӣ ва ба он ҳаққи зист қоил шавӣ, ба дунёи пуррангу саропо такопӯйи даруни мо бингарӣ… Дареғ, ки дар анбони сарнавишт барои мо ҷуз интизорию назорагарӣ насибе дигаре набуд… Ту худро таслими яъсу ноумедӣ, дилшикастагӣ намудаӣ. Фармони зеҳну андешаатро ба дасти ин чокарони аҳриманӣ супурдаӣ ва гумон дорӣ тамоми ҳастият дар подомани онҳо хулоса мегардад.

*Гаронбаҳотарин дорои шумо инсонҳо андеша аст, ки бояд сарриштааш дар ихтиёри худатон бошад. Вуҷуди ҳамин гавҳар аст, ки инсонро инсон месозад, ӯро аз дигар мавҷудот бартару болотар мегузорад, гӯшаҳои торики ҳастиашро равшанӣ мебахшад, шеваи зистану зиндагӣ офариданро меомӯзад. Агар ин андеша набуд, инсон як махлуқи бедаступо мешуд, дар синаи дунё ҳеҷ такомулу пешрафт сурат намегирифт. Андешаи инсон муҳаррикест, ки рагу пайванди замину*

*замонро ба ҷунбиш меоварад. Неруи сӯхташ беинтиҳову тамомношуданист, зеро сарчашмаи он дар осмонҳост. Ин гавҳари ноёфтанӣ бар дӯши нозуку булурини хеш бори ишқро мекашад ва одамӣ ҳарчи месозаду бино мекунад, заррае аз он бор дар пайкари сохтаву офаридааш мегузорад, то тору пуди идомати вуҷуд гусаста нагардад. Ҳатто вуҷуди муҳаққари мо, ки дар гирди ту қомат афрохтаву гӯш ба фармон истодаем, зодаи андешаи инсон аст. Ҳамин сурату пайванду аҷзои мо агар амиқ бингарӣ, аз нақшу асари инсон мазоҳири зиёде дорад.*

Бо ин ҷӯшишу шӯре, ки дар лояҳои қалби гиландуди мост, дигар наметавонем беҳиссу каноранишини назорагар бошем. Туро танҳо намегузорем, духтари ҷон. Даст ба синаи мо бигзору бибин, ки чи тӯфоне дар талотум аст… Пардаи дилмурдагиву афсурдагӣ аз рух бардор, то гули умед пеши чашмат бишкуфаду лабханд занад. Сарриштаи ҳушу зеҳнатро ба даст бигир… бигир…. бигир….

Субҳ, ки бедор шудам, гӯё одами дигар будам. Гуфтаҳои деворро ҳарф ба ҳарфу сатр ба сатр дар пардаи зеҳнам бозхонӣ мекардам. Вуҷудам саршор аз шодиву нишот, меҳру мурувват гашта буд. Хурду бузург, ҳама ашё бароям азизу дустдоштанӣ буд. Ҳар рӯз ҳавлиро бо хорҷорӯб, ки дастаи дарозе дошт, рӯбучин мекардам. Вале он рӯз бори якум ба қадду басти ҷорӯб хира шудам. Бар асари пасу пеш кашидану сойиш хурдан шохаҳояш фарсудаву шикаста буданд. Дилам ба ҳолаш сӯхт. Аз камари баста ба симаш гирифтам ва гунаҳкорона пешонияшро ба синаи замини ҳавлӣ наздик бурдам ва ором-ором ба рӯфтан шӯруъ кардам. Бим доштам, ки нӯги шохаҳояш мабодо бишкананду озор ёбанд ё бо теғаҳо синаи бараҳнаи ҳавлиро бихарошанду хуншор созанд.

*Ҳангоми бархурду молиш хурдани сарпанҷаи ҷорӯб, ки шохаҳои дарозу кӯтоҳ дошт, медидам, ки чи гуна аз пушти онҳо хатҳои борику зарифи мувозӣ, мисли замине, ки баъд аз*

*побелу мола намудан ҷӯякаш мекашанд, пайдо мешавад.*

*Хатҳое, ки ҳамдӯшу ҳамрадифи якдигаранд, вале ҳаргиз ба хонаи якдигар сар намезананд, бо ҳам дидор намекунанд, ҳадафи онҳо дар як масир росту мустақим роҳ рафтан аст. Вале ин нақшҳои мувозии зебо баркашидаҳои лабони хунчакони ҷорӯб чи бераҳмона зери қадами як инсон помол мегарданд, ё бо вазиши шамолаке дайдуву сарсарӣ ин чеҳраи хиякашида бо гарду хок пӯшидаву нақши замин мегардад. Гӯё дар ин сарзаминҳо поксозу рӯфтгоре бо номи ҷорӯб набудаву меҳмон ҳам нашудааст.*

Дидани ин саҳнаҳои ногузир аз нав вазъи равонии маро дигаргун месохт. Дар як они воҳид аз он шӯру шаафи нерӯзо чизе боқӣ намемонд. Дилмондаву озурдахотир мегаштам. Сукуте куҳсон бар дӯшам менишаст ва тамоми вуҷудамро дар ихтиёр мегирифт. Ҳазорон фикру хаёли ранҷовар дар сарам ҷойгузин менамуд, ба марзҳое мекашондам, ки ҳатто тасаввураш такондиҳанда буд.

Вале бо хости Худои бузург дар сангинтарин лаҳзаҳо, дар ҳоле ки аз ҳама чиз дасту дил мешустаму худро мағлубу ноумед медидам, нерӯе имдодгару руҳнавоз аз ботинам бармехост, сари ҷо менишондам, маҷбурам месохт гиребони сукутро пора кунам, зиндагиро садо бизанам ва радди пояшро гум накунам…

-Аз ту чӣ пинҳон кунам, додар?- пас аз таваққуфи кӯтоҳ, гуфт Моҳрӯ. -*Дар он сарзамин хуб ё бад зиндагии ман сипарӣ мешуд ва бо гузашти ҳар соле ба китоби сарнавиштам сафҳаи дигаре изофа мегардид.*

*Ҳеҷ касе аз доштани чунин китобе дар домани ҳастӣ бенасиб нест. Вале, қонуни ногузир ин аст, ки ҳар инсоне худ нависандаи китоби хеш аст. Одамӣ ҳар рӯз огоҳу нохудогоҳ дар саҳфаи ин китоби азалӣ аз орзуву омол, рафтору кирдор, аз бархурду муошироти хеш ҷумлае чанд менависад, лаҳзаҳои зисташро тарсим мекунад ва дар поёни ҳар саҳфае эҳсос мекунад, ки домани ин дашт то чи ҳадде шигифту*

*беинтиҳост...*

*Тамошои ин паҳндашти фиребо рӯзе ҳар нависандаеро ба ин натиҷа мерасонад, ки бояд ба зебойиҳои ин дашт афзуд, нишоне гузошт, то раҳравони пасоянд бидонанд, ки зиндагӣ худро сохтану оростан аст. Аз пушти ин ҷаҳон ҷаҳони дигарест. Дар ин ойинаи фарохпайкар ҳама нақшу аксе доранд. Бояд бо тааммулу таҳаммул зангор аз рухи он бардорӣ, сурату ҷамоли гузаштагон бубинӣ, то рӯзе дигарон аз туву ҷаҳони ту ҷӯё шаванд...*

*Чӣ бигӯям, ки ҳар гоҳ ин мавзӯъ дар зеҳнам зуҳур мекард, хоҳише бузург, фарзанд доштан дар дилам ба ҷунбиш меомад. Оҳ, агар бидонӣ то чи андоза ин масдари нохушоянди надоштан рӯҳу ҷонамро мехарошиду қалбамро реш-реш менамуд...*

Дар хонаводае, ки ман ба сар мебурдам, ҳеҷ касе ба ин гӯшаи зиндагии ман таваҷҷуҳ надошт. Барои шавҳари ҳамешамастам гӯё вуҷуд надоштам. Аммо то ба имрӯз ҳеҷ сар дарнамеорам, ки чаро хусуру хушдоманам ҳаргиз дар ин бора дандон сафед намекарданд. Худи ман, ки аслан ҳаққи сар баланд кардану гуфтан надоштам. Ин дард пинҳон-пинҳон бузург мешуд, то ин ки зимистони он соли раҳойӣ аз он сарзамини ғариб фаро расид.

Зимистони сахте буд. Барфи зиёде борида, ҳама ҷо яхбандон буд. Корҳои хонаро сарришта кардан рӯзҳо осон, вале шабҳо азоби алим доштам. Дар шабони торик, ки барқ ҳам надоштем, маҷбур будам чанд маротиб бо аловдаста ба оғил равам ва аз говҳо, ки дами зо буданд, хабар бигирам.

Чиллаи хурдак буд ва дар аъмоқи як шаби ниҳоят сарди барфрез, ки нафас дар димоғи кас ях мезад, барои хабаргирии говҳо ба оғил рафтам.

Худоё! Гов гӯсола зойида буд. Аммо чи зоидане. Аслан ҳайвонот баъди зойимон тибқи ғаризаи зотӣ насли худро мелесанд, пардаи болои тани онро медаранд. Гӯсолаи худро барои бархостану макидан омода мекунанд. Вале, модагови

бадбахт бо сабаби печиши ресмоне, ки ба шоххояш баста буданд, натавониста буд, ки амалро анҷом диҳад. Ростӣ дар ҳоле, ки даступохурда шуда будам, тарсону ҳаросон аловдастаро канор гузошта, гӯсоларо бардоштам ва пеши модагов бурдам. Шохҳои бастаашро аз ресмон раҳо намудам. Вале эҳсос кардам, ки сармои қаҳратун кори худро кардааст. Гӯсоларо сармо бурдаву ях задааст. *Саҳнаи аҷиберо шоҳид шудам, ки то зиндаам фаромӯш намекунам. Дидам, ҳайвон, ки ҳайвон аст, ҳарисона бо чи ишқу меҳре чашму гӯшу тани гӯсолаи навзоро мелесаду мебӯяд. Назораи ин ҳолат боз ҳамон хоҳиши наҷиби фарзанд доштанро дар вуҷудам зинда кард. Аз дилам гузашт, ки агар ман фарзанд медоштам, дар оғӯш сахт мефишурдамаш, мебӯсидамаш, мебӯйидамаш...*

Замон мегузашт, модагов бо тамоми нерӯ саъй менамуд ба гӯсолаи сармозадаи карахту кабудаш асари зиндагиро эҳё кунад. Бо паёпай лес задан, мехост чашмҳояшро боз кунад. Ман аловдастаеро, ки дар даст доштам наздикаш мебурдам то ба ӯ равшанию гармӣ бахшам. Сармои шадид оҳиста-оҳиста пойҳоямро карахту беҳис менамуд. Дастҳоям ба сӯзиш медароманд, вале дар қиёс бо вазъе, ки ин ҳайвони забонбаста дошта, чизе набуд. Дар тӯли зиндагии хеш нахустин бор шоҳиди саҳнаи дардангезе мешудам. Бо чашмони худ дидам, ки чи гуна аз ду қиғаи чашмони модагов ашк фурӯ чакид. Мисли ин буд, ки модагов паёмади ногузирро эҳсос намуда буд. Вақте оташи аловдаста хомӯш шудан гирифт, ман гӯсоларо бағал карда ба хона бурдам, назди бухорӣ гузоштам. Умед доштам, бухорӣ ба бадани яхзадаи гӯсола гармӣ медавонад ва ҳарорати маъмулии зиндагиашро барқарор месозад. Ҳамзамон баданашро бо латта пок намуда, пойҳояшро молиш медодам. Вале кор аз кор гузашта буд. Гӯсола мурда буд.

Дар имтидоди ин солҳо ҳамеша дар фазои тарсолуду даҳшатангез зиндагӣ мекардам. Аммо бар асари сармозадагӣ мурдани гӯсола дар ҳаёти хонаводагии ман руҳдоди фавқулодае буд, ки дар зеҳну равонам ваҳму ҳарос меаф-

канд. Андешаи мубҳами ин ки фардо чӣ хоҳад шуд, қалбамро такон медод. Дастонам меларзид. Равшан буд, ки тибқи маъмул дар ин рухдод маро гунаҳкори аслӣ мешумуранд. Вале тасаввури аксуламали хусуру хушдоман нафасро дар сина банд менамуд. Гӯши ман ба шунидани носазову алфози қабеҳ одат карда буд. Ҳатто аз таҷрибаи андӯхта дар тули солҳо медонистам, ки моҷаро бо чи калимоту ибороти зишту нохушоянд оғоз мегардад.

Ҳоло ки аз он рӯзгор замони зиёде гузаштааст, ба ёд овардани саҳнаҳои зистаам андӯҳгинам месозад, вале аз сӯи дигар хандаам мегирад. Хандае берӯҳ, беҳис, печида ба афсусу дареғ, дар лабонам менишинад.

Тааҷҷуб аст, вақте бидуни хурдтарин гуноҳу хато борони ҳақорату сифоте, ки ҳеҷ пайванде бо ту надоранд бар сарат фурӯ меборад.

Галу, хунукрӯ, хаппаки таги тапак, ғундал, моростуник, каҷалагардан, намуна аз сифоте буданд, ки бар пешонии ман мечаспониданд.

Ин ки онҳо аз ба забон бурдани ин алфози таҳқиромез чи лаззате мебурданд, барои ман он рӯзҳо мисли як сарзамини ногушуда буд. Шунидани ин калимаҳо, ки чанд сония беш тӯл намекашид, ҳаққи рӯзонаи ман буд. Бо расидани ин насиба кору бори хона шурӯъ мешуд. Андармони гирифториҳои хона мегаштам, вале дар мағзам калимаи шунидаам бо ман бозӣ мекард. Саъй менамудам фаромӯшаш кунам, имконам намедод. Аз ин дару он дар чеҳраашро нишон медод. Овози нохуши соҳибаш дар гӯшам занг мезад, ҷонсаракам менамуд, вале оқибат пушти деворҳои зеҳнам гум мешуд. *Дар ин гирудор тадриҷан дарк мекардам, ки дар панҷаи пардагии кор чи нерӯи шигифту бепоён нуҳуфта аст. Кор кардан, машғул будан аст, ки одамиро муназзам месозад, оромишу хотирҷамъӣ фароҳам меоварад, ба домани аъмоли нек ҳидоят мекунад, афкори баду руҳозоро зойилу пароканда месозад. Дар вуҷуди инсон ҳазору як ниёзу хоҳиши неку бад нуҳуфтаву гиребондари якдигаранд.*

*Мунтазири фурсати муносибанд, то чеҳра боз кунанд, вориди майдон гарданд. Бекорӣ барои олудагию зиштиҳои даруни инсон замони мувофиқ аст. Танҳо кор кардан аст, ки ин лашкари сиёҳтинати фурсатҷӯро мағлубу аз майдон берун менамояд. Инсонро аз шарри он поку зиндагиашро ороставу пироста мегардонад. Агар ин кор набуд, одамӣ даст ба тахрибкорӣ, теша бар решаву буни ҳамнавъони хеш мезад. Мавҷудоти ҳамдӯшу ҳамҷаворашро бечора мекард, хушку тарро месӯзонид….*

Шомгоҳон, замоне, ки ахтарони зарполойи Худо дидаҳо фурӯ баставу ба хоб мерафтанд ва деҳа дар домани торикиву зулмат рух пинҳон менамуд, фориғ аз машғулаҳои рӯзона рӯйи бистар меафтодам.

Лаҳзае пас он калимаҳои гумшудаву пинҳоннишаста дар ғорҳои зеҳн аз нав зуҳур мекарданд. Маҷбурам месохтанд, то канори онҳо бинишинам, аз решаву табор, ҳувияту моҳияташон ҷӯё шавам. Ибтидо ин амали дилгиркунандаву тоқатфарсое буд, вале андак-андак такрори чунин вазъе дар ниҳоди ман ишқу алоқаи хосеро дар шинохти ҷаҳони калимаҳо эҷод намуд. Пештар ҳаргиз ба решаву маънии вожагони забон дақиқ нашуда будам. *Зеҳнам ба идроки ин нукта нарасида буд, ки вожагон ҳам мисли инсонҳо шиносномаву таърихи зуҳур, фазои хоси буду бош доранд. Тору пуди вуҷуди онҳо бо мазоҳири зиндагии инсон бо ҳазор ришта пайванд мехӯрад.*

*Одамизод дар хилоли рӯзгор ҳамвора талош намудааст то барои баёну тавсифи эҳсосу авотифи худ, тарсими ҷилваҳои ҳазорранги зиндагияш нахуст ҳарфҳоро канори ҳам ҷойгузин созад, калимаҳои хуштарош биёфарад. Сипас бо садои хеш дар колбади онҳо ҷон дамад, то битавонад аз онҳо кор бигирад.*

*Тамошои ин занҷираи эҷоду офариниши вожагон аъҷобангез аст, зеро ҳамдӯшию таҷаммуи ҳарфҳо кори соддае нест. Зеҳни ковишгару мушоҳидакор, ҳосили дидаҳову шунидаҳо, таҷрубаву андӯхтаҳо, рӯзе инсонро ба марзи эҷоду офариниш мерасонанд, калима дар мағзаш шакл мегирад. За-*

*мони зиёде сипарӣ мегардад, то як калима зода шавад.* Бори маъноие, ки як калима ба дӯш дорад, воқеан шигифтангез аст. Ҳамин вожаи «галу», ки бо зикраш маро садо мезаданд, ҳосили пайванди чаҳор ҳарф аст, вале ҳангоме дар шинохти ҷаҳони он тааммул мекунӣ, муште аз хислату хусусиёти печ дар печи дунёи инсон пеши назарат чеҳра боз мекунад. Зеҳни зояндаи инсон барои намойиши нодиртарин гӯшаҳои зиндагияш, рафтору кирдораш, калима офарида, то ҳеҷ яке аз аъзову аҷзо, эҳсосу ниёз пинҳону сарбаста намонад.

Одамӣ қабл аз он, ки барои шарҳу баёни барсохтаҳои хеш фарҳангномаҳо эҷод кунад, онҳоро дар фарҳанги андешааш тафсир мекунад. Ҳамин «галу», ки гуфтам аз дидгоҳи эҷодгаронаш касест, ки ақлу хирадаш расо ва рафтору кирдораш маъмулӣ нест, мафтуну маҷзуби дунёи содаи худ аст, боандешаву беандеша, баҷову беҷо ҳарф мезанад, ҳаду марзе намешиносад, вале поксиришту софдил аст…

Шакке нест, ки вожагони носазогуна низ дар зиндагии мо инсонҳо ҳаққи зист доранд. Масири зиндагии пуртаззоди башариро бе вуҷуди онҳо пай намудан кори осоне нест. Ин вожагон ағлаб нақши як нерӯи боздорандаи аъмоли даҳшатзову хатардорро мебозанд. Дар гирудори зиндагӣ аснои моҷароҳои ногузир гоҳе қаҳру ғазаби бандаи хокӣ ба ҳаде ба шӯр меояд, ки фурӯ нишонданаш муҳол мегардад. Бояд зарфи саршори ин ҳисси ҳайвонӣ вожгун гардад, рехта шавад. Дар чунин вазъе тарафҳои даргир барои ҳалли мушкил аз ин вожагони талхи таскинбахш кор мегиранд. Агар ҳузури ин вожагон набуд, шояд одамӣ ба абзору васоили дигаре даст мебурд ва муртакиби чи ҷиноятҳои мудҳише мегардид.

Аз сӯи дигар ҳамин инсонҳо ҳастанд, ки чи номунсифона бо дасти ин калимаҳо мехоҳанд дигаронро таҳқир кунанд, ба масхара бикашонд ва мартабаву ҷойгоҳи баланди хешро ба намойиш бигузоранд…

-Додари ҷон, чӣ бигӯям, дар домани солҳои хонадорӣ аз

он ҳарфу калимаҳо он қадар шунидаву анбон кардаам, ки ба ҳафт пуштам кифоят мекунад. Ҳарчанд бахши зиёди онҳо барои хонаи гӯшу ҳушам меҳмони нохонда буданд, вале нооншно омаданду ошно рафтанд.

Шунидани ҳар яке маро ба тааммулу тааммуқ дар шинохти амиқи онҳо бармеангехт.

Дарёфти рози сохтмону шеваи офаришини он носазогӯяҳо ҳисси кунҷкобии маро бештар менамуд. *Дилам мехост ба асрори ин созандагӣ пай барам. Пеши худ ҳар кадомеро шарҳу маънӣ мекардам. Дунёи дарунашонро мегушудам. Вале ҳеҷ наметавонистам ба сарриштаи ин амр пай барам. Касе, ки аз иттиҳоди ҳарфҳо вожаи дил сохт ва онро ҳамчун расонандаи маънии пайванду идораи тамоми аъзо, конуни меҳру моҳ шинохт, чӣ гуна дилаш шуд, канори ин гулвожа калимаи сияҳро бигзораду сияҳдилро бино намояд. Зеҳни ман ёрои пазируфтани ин воқеияти ногузирро надошт. Дар гумони ман дили инсон сарчашмаи тамоми назофату покию зулолиҳост.*

*Аз хокаш ба ҷуз меҳру дӯстдорӣ дарахти дигаре намерӯяд. Осмони он сафедарезу шоху барги ин покдарахт нурхез аст…*

Ҳаргиз иттифоқ наафтода буд, ки аз шунидани нозасогӯяҳо боре ҳам қаҳролуду хашмгин бишавам. Пештар, ки гуфтам, буйидани атри ин гӯшаи зеҳни одамӣ маро бештар ҷазб мекард. Ба дидани шигифтиҳои нуҳуфта дар ботини инсон роғибтар мегаштам. Аҷиб аст, ки ҳар гоҳ ба марзе даст меёфтам ва масирро паймудаву гӯё хешро дар подомани мақсуд эҳсос менамудам, қаламрави дигаре аз пушти он сар баланд мекард, қаламраве, ки дар гиребонаш садҳо дунёи номакшуфу розолуд, саршори манзараҳои диданию донистанӣ пинҳон буд. Рағбати тамошои ин қаламрав дар ниҳоди ман тухми эътимоду боварро мепарваронид, дар шинохту сипарданаш ҳидоятам мекард. Ҳарчанд дар беканоpагии ин ҷодаи пурнишебу фароз тардиде набуд, танҳо анде-

шаи гом ниҳодан дар синаи он маро шоду масрур мекард…

Вале, оқибат бори яке аз он вожагони таҳқиромез ба дӯшам сангинӣ намуд, қоматамро хам кард. Дар имтидоди солҳо хешро барои зарбаҳои ногаҳонии рӯзгор омода мекардам. Аз гарду хоки моҷарову саҳнаҳои зистаи зиндагӣ сипар месохтам, вале дареғо, ки тағофул кардам. Зарба ба андозае камаршикану ғайриинтизорӣ буд, ки фурсати фикр карданро аз ман рабуда буд… Натавонистам хурдтарин муқовимате нишон диҳам…

Ҳамон шаби қаҳратуни зимистонӣ болои сари гӯсолаи мурда музтарибу саргарон интизори дамидани субҳу бархостани хушдоманам будам. Чашмҳоям гарми хоб буданд, саъй менамудам бедор бимонам, то пеш аз он ки аз воқеа хабардор шаванд, аз забони худам ҷузъиёти моҷароро бишнаванд. Аслан шабҳои зимистон хеле дарозу тӯлонианд, вале он шаб гӯё поёне надошт. Болои сӯхта намакоб, қабл аз кафидани чашми рӯз ғанабам бурда буд. Нобаҳангом аз фарёди ваҳшатноки хушдоманам бо тарсу ҳарос бедор шудам. Аз ғазаб тамоми вуҷудаш дир-дир меларзид. Доман-доман ҳақорату носазоро бар сари ман мерехт. Ман тамошогари саҳнаи ошно будам, танҳо бо лаҳну ҳавои тундтару шадидтар, вале дар миёни гуфтораш тире заҳролуду руҳшикан аз туфанги забонаш барҷаст:

-Безурёти бепадар! Чи кор буд, ки бо гӯсола кардӣ. Қадами шумат дар гӯр. Хез, ҳозир хез аз хонаи ман гум шав!

Бо ҳамон сару садо рафт сари болини писари гандамасташ. Ин тараф он тараф тултондаш, ба сахтӣ бедораш намуда фармон дод, то маро талоқ диҳад. Ӯ ҳам бо чашмҳои варамидаи нимпӯш, бе он ки ба моҷаро пай бурда бошад, бо садои хиррию гирифта гуфт:

-Талоқаш кардам!

Бо зикри ин ду калима гӯё охирин бор вазифаи хонадориашро иҷро намуд ва боз худро ба рахти хобаш ҳаво дод.

Гуфтам-ку, зимистон буд, замоне, ки сагро аз хона берун намекунанд. Вале маро бадтар аз як саг дар дили як субҳи барфолуд аз хонаам бадар карданд.

Бидуни ҳеҷ дудилагӣ, бо либосҳои тунук, аз хона берун шудам.

Аз миёни ҷодаи барфпӯш, бо дили сарду ашкҳои яхзада роҳии хона шудам. Ҳеҷ ҷонзоде аз роҳ убур накарда буд. Раҳгушо ман будам. Паймудани роҳи норӯбида таги калӯш душвору азиятовар буд. Дар бахшҳое аз роҳ бод барфро анбоштаву душворгузар намуда буд. Пойҳоям ба барф фурӯ мерафт, яхи болои ҷода зери қадамҳоям ғарч-ғарч ба садо дармеомад, сардӣ мисли сӯзан ба пойҳоям фурӯ мехалид. Вале ман бе ҳеҷ дилбастагӣ ба сарзамине, ки пушти сарам қарор дошт, ба пеш гом бармедоштам.

Аз чор тараф ак-аки сагон баланд буд. *Ин посбонони ҳамеша бедору ҳушёри деҳистон ғарқ дар дунёи сагонаи хеш маро бо садои хеш гусел мекарданд. Гумон мекардам дар ак-аке, ки аз гулӯйи онҳо берун меҷаст, як навъ ҳамдардиву дилсӯзӣ, раҳму шафқат нисбат ба ман, ба зани баргаштабахти талоқгирифта дар сари субҳ, нуҳуфта буд. Атру бӯйи ин эҳсосоти сагона дар фазо мепароканиду ях мезад. Ҳеҷ кассе дар ҳисори он деҳистон, ки сардистон ҳам буд, ба ҷуз мани ғариб даркашон намекард. Он вафопешагони остоннишин аз куҷо медонистанд, ки аз вуҷуди ин мардуми бедард дерест наҷобату меҳрубонӣ рахт бастааст. Синаи тиҳии эшон сардтар аз зимистон аст...*

Аз ин моҷаро ҳеҷ баҳонае ёдам намонда буд, ба ҷуз ҳамон вожаи безурёт, ки жолаосо дар пардаи гӯшам мерехту мерехт. Оқибат бо ранҷу азоби зиёд ба хона расидам, пушти ҳамон дарвозаи қадимии ошно истодам. Саропо яхзада будам. Баробари ин ки дарвозаро боз мекардам, модарам бозаш намуд. Бағалам намуду ба гиря уфтода гуфт:

- Дилам гувоҳӣ медод, ки меёйӣ. Қарибиҳои рӯз хов дидам. Бачам, дига ҳичи нагӯ. Фақат агар бутунӣ, маву отата бубахш…

То зиндаам, ҳаргиз оғӯшу гиряҳои зор-зори он рӯзи модарамро фаромӯш намекунам.

Тӯли умрам ҳаргиз ӯро чунин забуну дилшикаста, пушаймону ғамгирифта надида будам. Бечора гумон мекард, ки ӯро дар гирифтории хонаводагиям гунаҳкору муҷрим медонам. Мисли як кӯдак нигоҳе маъсум сӯям медӯхт ва маъзарату бахшиш талаб менамуд, коре, ки ҳеҷ қобили пазириш набуд. Дар зеҳнам намегунҷид. Кӣ гуфта, ки модар аз фарзанди хеш узрхоҳӣ кунад?!

*Дар хонаводае, ки ман бузург шуда будам, дар пешонии низоми ахлоқияш эҳтироми падару модар бо зароб ҳаккокӣ шуда буд, вале эҳсос менамудам, ки худро дар ин издивоҷи бадфарҷом гунаҳкор медонад, ҳарчанд ӯ гуноҳе надошт. Ин саҳифае аз сарнавишти ман буд, ки бояд бозхонӣ мешуд. Эҳсоси гуноҳу иштибоҳ ҳамеша сахту фишоровар аст, хосса замоне ки дар ислоҳу ҷуброн ба ҷуз надомату пушаймонӣ чорае надорӣ...*

Он моҷарои зимистонӣ ба марҳалае аз зиндагии душвору пургиреҳи ман поён бахшид. Марҳалае, ки ҳар рӯзаш озмойишу санҷиш буд. Паҳндаште барои давандагию роҳёбӣ, сабзишу камол буд. *Пас аз пушти сар ниҳодани замони зиёд ба ин натиҷа мерасам, ки дар домани хонадории мо ҳама чиз фароҳам буд, ба ҷуз ишқи сӯзандаву созонда, ишқе, ки сарсарӣ нест, ҳамнишини забону даҳон, лабу дандон нест, балки дар хонаи дил мақому макон дорад...*

* * *

Дар панҷаи хокрези гирдбод, миёни фавҷи пуртаҳарруки хасу хошок, Моҳрӯ, рӯфтгори бемористон таку танҳо раҳсипори манзилаш буд. Роҳе, ки ҳар рӯз аз бағали он меомаду бозмегашт ва боре ҳам иттифоқ наяфтода буд, мутаваҷҷеҳи дурии масофати он гардад. Аслан фосилаи бемористону манзили ӯ зиёд набуд. Бинои дуошёнаи қадимӣ, бо завқу салиқаи бинокорони пешин сохташуда, ҳамҷавори бемористон ва шояд ҳамсиннусоли он буд. Вале деворе, ки гирдогирди бемористон кашида буданд, тамоми биноҳо ва хонаҳои маскунии атро-

фашро аз он ҷудо мекард. Ба ҷуз як дарвозаи даромаду баромад дигар ҳеҷ гузаргоҳе надошт. Моҳрӯ барои расидан ба кулбаи хеш нахуст то шоҳроҳи ягонаи миёни шаҳр роҳ мепаймуд, аз тангкӯчаҳо давродавр то манзил мерасид.

Вале имрӯз асиру побанди бозиҳои гирдбоди девхӯ эҳсоси пушаймонӣ намуд. Пушаймон аз он ки пушти бемористон иқомат гузид. Агар кулбааш ҷойи дигаре буд, шояд дар чунин авзои ғайриодӣ пештар ба манзил мерасид.

Аз умқи ҷонаш аз Худо мехост мисли парандагон пару бол дошта бошад, то парвозӣ хешро ба пеши Насринаш бирасонад.

Хеле тунд қадам бармедошт, аммо ба гумонаш вақт ба оҳистагӣ мегузашт ва дар иҷрои амре ниҳоят муҳимму тақдирсоз таъхир мекард, вале худи амр мубҳаму зери соя буд, чеҳра боз намекард. Дар миёни афкори муталотиму парешонаш сарриштаи он амри изтиробсозро ҷустуҷӯ менамуд, вале дарёфти пайи пойи он муяссараш намешуд. Бориши ногаҳонии борон ҷараёни андешаҳои хурду бузургашро қатъ намуд, ба худ овардаш. Резиши борон қалби музтарибашро ба андозае оромиш бахшид. Хаёл мекард ҳамин борон қодир аст, чунин гирдбодеро маҳву вожгун кунад, гардани ғуруру виқорашро бишканад, гарду хокашро аз чеҳраи мавҷудоти муҳит бишӯяд ва оқибат нақши касифашро аз рӯи замин пок созад.

Моҳрӯро на чатр буд, на либоси муносибе, ки бо он бишавад зери борони пойизии гирдбодафкан гардиш кард. Борон бо гузашти ҳар дақиқае шиддат пайдо менамуд, суръат мегирифт, гирдбод самташро тағйир медод, вале ӯро парвое набуд. Ёд надошт, ки боре ҳам зери чатр аз борону барф худро паноҳ карда бошад.

Ва ҳамин мусиқии ғамини пойизборон буд, ки ба оҳистагӣ пойи зеҳнашро гирифт ва ба домани баҳору боронҳои баҳорӣ кашонид…

Оҳ, агар дарк кунед, ки борони баҳору зери борон рафтанро то чӣ ҳад дӯст медошт. Баҳор ҳамеша барояш сарзаминест

саршори хотираву ёдҳои ширину дареғзо. Ёдаш ҳаст, духтарбачае беш набуд ва замоне ки аз синаи осмони Худо ширборон мерехт, ӯ худро зери борон мегирифт ва гӯё бо борон обтанӣ менамуд. Борон оҳиста-оҳиста аз пироҳанаш мегузашт ва онро ба баданаш мечаспонид. Аз ин расиши намин эҳсоси ҳаловатбахшу гуворо дар вуҷудаш сар мекашид.

Ӯ гӯё дар хонаи зулолдевору симини борон меҳмон буд. Дар он лаҳзаҳо орзу мекард меҳмонӣ поён надошта бошад. Зеро медонист, ки ба зудӣ модараш аз хона берун меояд ва маҷбураш месозад, ки аз зери борон бадар ояд. Бечора модар. Бим дошт, ки бо либосҳои боронхурда, бар асари рутубат бемор мешавад, аз ин рӯ таги долони хона ба сутуни кандакоришуда такя намуда бо тамоми вуҷуд исрор мекард:

- Моҳрӯҷон, духтарам, ай тай борун хуна биё, касал мешай. Эй Худо, тоба кадам. И духтара чӣ шидай? Ҳич зарарша ай фойдаш намефаҳма.

Аз барой Худо шип-шита шидай. Басай дига, хунукит мезана, биё хуна-хуна…..

Акнун, ки аз канори шоҳроҳ дар пиёдарав, таги хокбориши пойиз мегузашт, муҷаддадан он айёми зарфишонро бо ҳасрати пайкарсӯз таманно менамуд. Хоҳише наҷибу нишотангез, вале имконнопазир.

*Конуни ногузири ҳастист. Ҳеҷ оби рафтаро бозгаште ба ҷӯйе нест. Умри одамӣ ҳам тобеи ҳамин қонун аст. Зиндагии сипаришударо наметавон пас гардонид, вале лаззати ёдвораҳо гоҳе лаҷомгусехта мегардад, қалби инсонро моломоли эҳсосоти мутазод месозад.*

Моҳрӯ мағлубу тансупурда ба ин раванди ногузири сарнавишти инсонӣ, лаҳзае пилкҳояшро сахт ба ҳам баст, то ақаллан битавонад он саҳнаи зебои дар марзҳои дури дур афтодаро дар пардаи зеҳнаш бо тамоми ҷузъиёташ зинда бисозад, бори дигар хешро болои он саҳна, зери борони гарми баҳор бубинад. Дар ҳоле ки зеҳнаш тоза ба бозсозии он рӯзҳо оғоз намуда буд, садои даҳшатноки афтодану ба замин

хӯрдани чизе як қад паррондаш. Аз тарс ба баданаш мурғак давид. Чашм, ки боз намуд, дарахти пири чинорро хобида дар миёни шохроҳ дид. Гирдбод дарахти солхӯрдаи қадимии канори пиёдаравро аз бех вожгун сохта буд. Зарба ба замин чунон сангин буд, ки шоху навдаҳои дарахти бечораро пора-пора намуда буд. Гӯё бо табар шикаставу резааш намуда буданд. Ҳазору як решаву резарешаҳои дарахт печида ба хоку гили сиёҳ дар ҳаво муаллақ буданд.

Нигоҳе ба атроф андохт. Ҳеҷ касе ба назар намерасид. Гуё ки солҳо буд мардум шаҳрро тарк карда буданд.

Оҳе кашид ва ба қомати заминхӯрдаи чинори пир хира шуд. Некниҳоде, ки дар паҳнаи солиёни дур ин чанори решагардони пайкаршикастаро дар ҳошияи ин шоҳроҳи бузург корида буд, наметавонист бидонад, ки даҳсолаҳо баъд дастниҳолаш бар асари гирдбоде бунёдсӯз вожгун мегардад ва ёди ӯ низ дар хотираи касе намемонад...

*Навниҳоле буд, канори пиёдарав дар замин реша густаронид, шираву ғизо аз синаи модарзамин ҷабиду ба сӯи нур, осмон қад баланд кард. Солҳо тамошогари хуршеду моҳ, ахтарону аҷроми осмонӣ буд. Гесувони сабзаш саройи бодҳои мусофир ва шохистонаш лонаву манзилгаҳи мурғони ҳазорнавъи Худо буд. Пас аз ғуруб, ҳангоме ки сиёҳпардаи шаб равзанаҳои нуру зиёро мебаст, ҳама меҳмонони хурду бузургаш аз ҷумлаи мурғон ба лонаҳо бозмегаштанд, гирди ҳам меҳумбиданд ва базме фалакӣ миёни шохсор барпо мешуд.* Аз синаи ҳар мурғе мусиқие дилангезу гӯшнавоз берун меомад ва ҳумбиши мусиқии зебову размолуд оғоз мегардид. Ин пирдарахти заминхурда солҳо аз баландиҳо нозири зиндагии хокиён буд. Аз лабони пуршикану морпечи баргҳояш бар сари мардуми роҳгузар сояшабнам фурӯ мечакид.

Медид, чӣ гуна мардум дар рӯйи замин аз сари субҳ аз хонаву дари хеш берун меоянд. Тақозои зистан эшонро ба ҷунбишу таҳаррук бармеангезад, ба хиёбонҳо мерезанд, сари коргоҳу корхонаҳо ҳозир мегарданд, дастгоҳҳоро ба кор ме-

андозанд, то аз ниёзҳои рӯзафзуни ҳастии пурхамупечи хеш, муште кам кунанд. Дар ин гирудор саргарми гирифторҳои рӯзгор, бар ин боваранд, рӯзе ҳама мушкилоташон рафъ мегардад ва ба сарманзили мақсуд мерасанд. Ғофил аз он, ки ин бовар рӯзе ҳамгоми хеш зиндагии ононро ба поён мебарад…

Моҳрӯ ғамину сарбазер аз канори дарахти шикастабахт гузашт. Суръати тӯфандагии гирдбод коҳиш ёфтаву таслими хокбориш мегардид. Дубора чашмҳояшро пӯшид, то хаёлан даврони навҷавониҳояшро бо он фазои борони баҳорӣ бозгардонад. Ба он лаҳзаҳои биҳиштӣ аз манори даврони имрӯзи зисташ бингарад. Гӯё ин бор ба қасдаш даст ёфт…

*Саҳни ҳавлишон истодаву бар сараш борон мерехт, борони сафеду булургуна. Аз пешонию абрувонаш, ду рухсораш, аз тор-тори мӯйҳои дугоникаш риштаборон метаровид. Замоне ҷӯяҳои боронӣ фурӯрезу пушти лабаш мерасиданд, бо нӯги забонаш садд эҷод менамуд то онҳоро аз резиш ба рӯйи замин нигаҳ дорад. Сипас он ҷамъи қатраҳоро дар хами забон мегирифт ва мазмаза мекард, фурӯ мебурд ва гӯё вуҷудаш боронӣ мешуд ва боз ҳам зуҳури модар буд, ки бошаст дари хонаро боз менамуд, худро канори он ягона сутуни наққошишудаи долон мегирифт, ба нақшҳои буридаи он такя мезаду бо садои ҳаяҷонзада исрор мекард:-Бачам, басай, биё хуна…хуна…на.*

Дар ҳоле ки зориҳои музтариби модар дар домани дилаш тарона мерехт, ӯ ба нимчархише ба сӯйи вай мегашт ва медид, чӣ қадар бо модар мисли ду қатраборон шабеҳи ҳаманд.

*Хандабороне дар лабонаш меҷӯшид ва хоҳише бузургтар дар ниҳодаш зода мешуд. Мехост парвозӣ шавад, ба осмонҳо бирасад, ба коргоҳи боронзо сар бизанад, имон биёраду борон шавад, духтарборон шавад, гулборон шавад ва баъд ба пойин ба сӯйи замин бирезад, бар сари дору дарахт, дашту даман, бар бешаву ҷангал, кӯҳу дара бибораду биборад, гарду хок аз рухи гулҳо, ғаму андуҳ аз чеҳраи инсонҳо бишӯяд, ба шишаи панҷараи хонаҳои мардум панҷа занад, кудурату зангор аз ой-*

*инаи чашми онҳо бизудояд, то инсонҳо битавонанд ба дунёи перомуни хеш, ба мавҷудоти ҳақиру азназарафтодае, ки ҳамрадифи онҳо дил мезананд ва лаззати зистан дар ниҳодашон шӯр бармедорад, нигоҳи поку зулолин, нигоҳе меҳрогину инсонвор дошта бошанд. Чи рисолати наҷибест борандагӣ... Аз авҷи осмон, азхудгузашта, бо вуҷуде саршори назофату равшанӣ, бе сару садо бе тиру туфанг, фуруд омадан, лашкари олудагиҳову касифиҳоро барчидан, бо нисори ҷони хеш ба назокату покизагӣ дар домани замин давом бахшидан. Магар сарнавишти ибратангези борон ҳамин нест?...*

Бӯйи занандаи хоки боронхӯрда бармехост ва фазоро бо вуҷуди ноаёни хеш пур мекард. Бӯе сиришта аз саҳнаҳои зиндагии мавҷудоти атроф. Аз ин сиришт метавонистӣ атри лонаи як гунҷишк, арақрезони рухсори мӯрчагони гарми ҳаёт, анбуҳи баргҳои хазонхурдаи зери дарахтон, нафаси зиндагии аҷроми канори хокро эҳсос кунӣ.

Ройҳаи ин омеза ба машоми Моҳрӯ расид. Ин атри ошно лаҳзае ба худ овардаш. Дар тангкӯчаи охирини самти хонааш қарор дошт. Дар дил Худоро сипосгузор буд, ки ба инсон неъмати бузург, ҳофизаву дар ҳифз доштанро арзонӣ доштааст. Ҳастии башар рангу маъние надошт, агар ёднигоре дар зеҳн набудаш.

*Ин ҳамон ёднигор, ҳадяи илоҳист, ки аз ҳамон оғоз, аз нахустин рӯзҳои гом бардоштан дар марзи шинохти хеш, бе он ки мо огоҳ бошем ё набошем, ба кор меафтад, мисли як аксбардор, ба сони як таърихнавис ҳар ҷунбишу талош, дидору гуфтугӯ, ҳар амалу кирди моро дар саҳнаҳои рангоранги рӯзгор менигорад, сатр ба сатр, саҳифа ба саҳифа, ҷилд-ҷилд мураттабу муназзам месозад ва дар хазинаи хеш анбон мекунад, то ҳеҷ гӯшае аз раванди будани мо зери гарди фаромӯшӣ намонад. Нерӯву зарфияти ин ёднигор ба андозаест, ки ҳеҷ дастгоҳе қодир нест бо ӯ паҳлӯ бизанад. Ба баракати вуҷуди ин гавҳар одамӣ дар мавқеиятҳои ногузир пораҳое аз зистаҳову кардаҳояшро рӯ ба рӯ бо худ менишонад, бо онҳо*

*дар гуфтугӯ мешавад. Хубу бади аъмолашро дар сурати онҳо барандоз мекунад, бо тақдиди ҷузъиёти замони зуҳури гуруҳе, хотири хешро шод месозад. Бо қалами ин ёднигор саҳифаҳои навиштаро таҳрир мекунад, зиёдаҳоро аз матни комили корномаи ҳастии хеш пок месозад, ба хотири идомати баъдӣ тасмим мегирад.*

*Чӣ қудрате дар сиришти ин додаи Худо ниҳон аст? Дар як мижа ба ҳам задан инсон метавонад бо пару боли зарифи он фалакҳоро паймудаву пушти сар бигзорад, бо рафтагону пайвандони худ иртибот барқарор созад, бо мардуми дили хеш анҷуман барпо кунад, ба домани сарзамине бозгардад, ки замоне дур, хеле дур дар саҳнаи он бозигари аслӣ буд...*

Оқибат Моҳрӯ худро дар назди хонааш дид. Нигоҳе ба табақаи дувум, ба он panҷараи ошно, ки дар тоқчаи пешаш як дастагул, даруни гулдон дошт, нигарист. Субҳ, ки аз хона берун мешуд, дари панҷараро нимбоз гузошта буд. Аммо панҷара баставу аз гулдон нишоне набуд. Дилаш таҳ кашид. Гирдбод комилан фурӯ нишаста буд, вале борон тундтару тундтар мегашт. Ӯ дар ҳоле ки саропо мартуб шуда буд, ба хона даромад. Гулдони шишаӣ дар рӯйи қолӣ шикаставу дастагули сурхи дарунаш паррӯ мехобид. Равшан буд, ки гирдбод корашро кардааст. Дидани ин манзара нигарониашро бештар намуд. Эҳсоси нохушоянду дилшикан дар синааш неш зад. Болои болини тифлаки ранҷураш- Насрин писари бародараш Ромиз нишаста буд. Моҳрӯ метарсид, ки аз Ромиз чизе аз аҳволи тифлак бипурсад. Сахт бим дошт, ки дар посух чизе бишнавад, ки зарфи бо ҳазор умеду орзу хелидаву сохтаи ӯро бишканаду рез-рез созад.

Шишаи пури шири тифлак болои сараш меистод. Моҳрӯ бо ҳамон эҳсоси тарсолуд пурсид:

-Чизе хӯрд?

Ромиз зеричашмӣ ба шишаи шир ишорат карду чизе нагуфт. Маълум буд, ки тифлак қатрае ҳам аз шир ба даҳон нагирифтааст.

-Амма! Ман ба дарс биравам ё наравам? Дер мешавад?

Моҳрӯ парешону саргарон гӯё ин садои Ромизро нашнида буд. Бо дастҳои ларзон тифлакро бардошту аз пешонияш гарм бӯсид. Дидани ин саҳна Ромизро мутаасир намуд. Хост хомӯшу бесадо аз хона берун шавад. То оғози дарси аввал ним соат вақт монда буд. Вале ин андешаро аз гӯшаи адаб надид. Аз ин рӯ дубора хитоб кард:

-Амма, ба дарс дер мешавад, иҷозат ҳаст, ки биравам?

Моҳрӯ дар ҳоле, ки буғз гулӯгираш менамуд, гуфт:

-Бале, писарам, бирав, таъхир накун, бирав, паноҳат ба Худо...

Ромиз ба гӯшаҳое аз рӯзгори пешини аммааш ошноӣ дошт, аммо воқеияти аслии зиндагиашро дар домани шаҳр дар як моҳи охир намедонист. Аз ин рӯ Моҳрӯ талош меварзид, вай ба дардҳои тӯфандаи ниҳонияш пай набарад. Фикр мекард, донистани шикастҳои хонаводагӣ ва зарбаҳое, ки сарнавишт барояш ба бор оварда буд, барои Ромиз таъсири нохушоянди равонӣ хоҳад дошт. Андешаи ин ки Ромиз як донишҷӯе беш нест ва ба ҷуз донишандӯзӣ муҳимтар коре набояд дошта бошад, маҷбураш менамуд эҳсосоту авотифи равонсӯзашро пинҳон кунад. Ҳатто замоне ки дарёи дарунаш тӯфонӣ мегашт ва дар чим задани маҷрои он илоҷе намедид, боз ҳам мекӯшид, саризамон нигоҳашро ба ҷониби дигар бидуздонад. Кореро баҳона кунад, то Ромиз мутаваҷҷеҳи ҳолу ҳавои рӯҳии вай нагардад…

Акнун, ки тифлак дар канораш буд, бо нигоҳи ҳасратолуд ба чеҳраи беҳиссу рангбохтааш менигарист ва бесаброна интизор дошт, то Ромиз ҳар чӣ зудтар ба донишгоҳ биравад.

Ромиз бо чеҳраи гирифта, сархаму малул қабл аз он ки аз хона берун равад, хост бо аммааш худоҳофизӣ кунад, вале вай рӯяшро ба ҷониби гулдони шикаста гардонда буд. Чун дид аммааш ғарқ дар дунёи худ аст, оҳиста аз дар хориҷ шуд. Моҳрӯ ҳамин ки садои пояшро зимни аз зинапоя пойин омадан шунид, косаи сабраш лабрез гардид. Бо ҳамон

оҳистагию оромиш тифлакро дар бистараш гузошт ва гиряи пobанду асир дар гулӯро раҳо сохт, гиряи талху зор. Гиряе, ки дар ниҳояти ноумедию дилшикастагӣ, бечорагию нотавонии мо инсонҳо, нобаҳангом ба имдод мерасад…

*Ниҳоди одамӣ шабеҳи ҳар шайъу ҳар мавҷуди атрофаш ниёзманди як нерӯи поксозу шӯянда аст. Замоне муҳити перомуни мо зери бори хоку чанг, олудагию касифиҳо побанду нафасгир мешавад, борон бороні имдодгар мисли як фариштаи булурпайкар аз авҷи осмонҳо фуруд меояд ва бо дастони нозуку зарифаш табиатро сару тан мешӯяд, оббозӣ медоронад. Пас аз ин шустушӯгарию гардитантаконӣ як гул, як дарахт, як гиёҳи руста канори бешазорон, эҳсоси раҳоӣӣ мекунад, хуни зиндагӣ бар рагу пайвандаш медавад, ҷони тоза мегирад, бо чашмҳои саршори сипосу вуҷуди гарми зиндагӣ ба боло дида медузад, то нишоне аз он Ягона ҳофизу пуштибони хеш пайдо кунад…*

Тани бандаи хокӣ дар гашти рӯзгорон бо гарди ранҷу дардҳои ҳазорпечи ҳастӣ олуда мегардад. Замоне, ки ин полудагиҳо аз ҳадду канори лозим гузар месозад ва гом бар синаи руҳу равон мегузорад, инсон хешро дар илоҷи мушкили хеш бечораву нотавон эҳсос мекунад, ниёзманди як дастгиру раҳогар, як нерӯи наҷотбахш мегардад. *Ғофил аз он ки Худованди бузург аз ҳамон оғоз, барои чунин рӯзҳои мабодо дар вуҷуди наҳифи ӯ дарёи хурӯшонеро барои шустану канор задани ин полудагиҳо ҷойгузин сохтааст. Амвоҷи ин дарёи шӯстагар шабеҳи фавҷи сарбозонест, ки дар камин нишаставу гӯшбафармонанд. Сарбози ин фавҷи азхудгузаштаро бозгаште нест. Дар он лаҳзаи нисор, ин сарбози ҷонбакаф барои ҳамеша аз камини хеш, ба хотири раҳоӣӣ ва шустагарии руҳи ранҷуру дардолуди мо берун меҷаҳад ва ба фидои ҷон замири гирифтори моро раҳо месозад. Ин фавҷи хомӯшу нуҳуфта дар камини вуҷуди одамиро, гиря ном аст. Мусофире, ки мисли як барқи равшан аз осмони чашми мо рахшону рақсон мегузарад. Танҳо пас аз гузари ин мусофир*

*дар лабонамон ханда медамад, эҳсоси оромиш мекунем…*

Моҳрӯро гиря меҳмон гашта буд. Даруни хонааш ба ҷуз тифлаку гиряи саррасида мисли зилзила, ҳеҷ касе набуд. Тамоми шароит барои гиряи онрӯзӣ фароҳам буд. Ҳавои абрию боронии баъди гирдбод хонаи содаву маъмулии иҷора, гулдони шикаставу дастагули сурхи парруафтодаи назди панҷара…

Ӯ боз ба бистари тифлакаш Насрин чашм дӯхт. Аз пушти пардаи тираи чашмҳои ғарқи ашкаш, чеҳраашро мисли пешин беҳаракат, рангпарида дид. Чашмҳои нимпӯш, лабони кабуд… Рӯзи сиюми зиндагии ӯ дар домани замин буд. Маҳз ҳамин гузашти замон беш аз ҳар чизи дигаре барои Моҳрӯ тарсовару ваҳмафкан буд. Тарсу ваҳмаш бо гузашти ҳар рӯзе решадору бузургтар мешуд…

-Парвардгоро! Ин бандаи камлутфу пурхатоятро бубахш. Маро аз сарчашмаи меҳру шафқату бахшоишат бенасиб масоз. Бар ман нерӯе деҳ, то лаҳзае аз ёдат ғофил набошам. Ба ҷуз ту эй Фариди ман, касе надорам. Танҳо дар сояи ёди вуҷуди бениҳояти туст, ки оромиши хотир пайдо мекунам, дарунам чароғонӣ мешавад ва яъсу ноумедиро мағлубу пайкаршикаста мебинам…

Бомдоди он рӯз садои пуч-пучи занҳои рӯфтгор Моҳрӯро, ки дар сандалии айвони бемористон аз хастагӣ пинак рафта буд, бедор сохт. Тибқи низоми мавҷуд моҳе ду бор дар зойишгоҳи бемористон навбатдорӣ менамуд. Он шаб навбаташ буд. Аслан ин бахши бемористонро хеле дӯст медошт. Рӯфтгор буд ва масъулияте ҷуз рӯбидану тозакорӣ, поксозии фаршу дару панҷараи утоқҳои беморон надошт. Вале ҳар гоҳ ба зойишгоҳ меомад, ба доятабибон ҳасудӣ мекард.

*Танҳо андешаи доя будан қалбашро саршори шодию сурур менамуд. Чӣ бахти бузургест, шоҳид шудан, шоҳиди зода шудани як навзод, нахустин танини садои гӯшнавозашро дар синаи ин дунё шунидан, вуҷуди зарифу наҷибашро парпеч намудану, дар бағал фишурдан ба чеҳраи модари*

*хушрӯзиаш нигаристану орамидан…*

Ғарқи ин афкори ширин дастаи ҷорӯбро ба дасташ медиду он дунёи зебову гулпӯш аз назараш ғайб мезад. Субҳгоҳон, вақте ки навзодонро барои макондан назди модарашон меоварданд, бо баҳонае вориди утоқи онҳо мешуд ва зерчашмӣ ба чашмони кучаку равшани онҳо менигарист.

*Гумон мекард, дунё дар доираи софу зулоли чашми як навзод хулоса мешавад. Дар жарфои дидагони як тифл идомати ҳастӣ, бо мазоҳири ҳазорнавъаш нуҳуфта аст. Тамошои даруни ин чашмон ба инсон имону эътиқод, шӯру шавқи ҳаёт мебахшад, дили инсонро ба зебоӣ, шафқату меҳрубонӣ пур месозад, матни зиндагиро дилчаспу маънидор менамояд…*

Моҳрӯ аз ин ки дар сандалӣ ғанабаш бурда, хиҷолатзада буд. Вале гӯшакиҳову пуч-пучи занҳои ҳамкораш чунон ғарибу ҳайратангез буд, ки ҳисси кунҷковиашро бедортар менамуд. Оқибат ба худ ҷуръат дода аз ҷо бархоста, назди онҳо рафт.

Гесӯ ва Дилнавоз вазъи ошуфтаву табъи гирифтае доштанд. Ҳеҷ вақте эшонро дар чунин ҳолу ҳавое надида буд.

-Чӣ шуда, чаро парешону алахонед?-бо тааҷҷуб пурсид, Моҳрӯ. Гесӯ, ҷавонзани баландқомати хушсимо, ки ханда ҳаргиз аз даҳонаш дур намешуд, бо табъи гирифта дасте афшонду посух гуфт:

-Эҳ, дугона, хубтар ин ки ту напурсию ман чизе нагӯям.

Чунин посух Моҳрӯро бештар роғибтари донистани моҷаро намуд. Беқарору музтариб ба Гесӯ нигоҳ мекард. Гесӯ баъд аз лаҳзае ночор буғзи дилашро боз намуд.

-Рухдоде, ки дар чаҳордевори ин бемористон ба вуқӯъ пайваст, дар миёни мо назиру монанд надорад. Кошки чашмам кӯру гӯшам кар мебуд, то намедидаму намешунидам. Ҳатто шунидани чунин хабаре, ба фикрам, гуноҳ аст. Ҳеҷ зеҳнам намегирад, ки чӣ гуна як зан, як модар аз фарзанди худ мегузарад.

-Чӣ гуфтӣ? Кӣ аз фарзандаш гузаштааст?-ботааҷҷубу

ҳаяҷонзада, пурсид Моҳрӯ.

-Ҳамон зане, ки шоми дирӯз кӯдак зоида буд, бо шавҳараш аз фарзандашон рӯ гардонданд. Ба гуфтаи табибон дили тифлак мубталои нақси модарзод аст ва гумон аст, ки аз як моҳ бештар зинда бимонад,-посух дод Гесӯ…

Ин хабар ба андозае такондиҳанда буд, ки дар пайкари Моҳрӯ раъша эҷод кард. Вазъи руҳиашро ба ҳам рехт. Чӣ гуфтану чӣ карданашро намедонист. Аслан намедонист он зане, ки ба гуфтаи Гесӯ шоми дирӯз ба зойишгоҳ оварда буданд, кист. Аз сӯйи дигар ҳеҷ мойил ҳам набуд, чизе бештар аз шахсияту куҷойӣ будани он зану шавҳараш ҷӯё шавад.

Танҳо падид омадани чунин воқеае то мағзи ҷон мутассираш сохта буд. Хоби ширине, ки чанд лаҳза пеш бо меҳрубонӣ пилкҳои хастаашро фурӯ баста буд, бо шунидани ин хабар таркаш кард. Сарнавишти тифлаки навзод ва бархурди ғайриинтизори модараш бо тааммул водораш сохт, вале андешаааш масиру хатти муайяну равшане надошт.

Равшан буд, ки иттифоқе дар чаҳордевори бемористони Гилкорон рух додааст. Шояд чунин ҳодисае дар гӯшаҳои дигари олам назиру шоҳид дорад. Аз ин гузашта мумкин аст дар бархе аз сарзаминҳо чунин иттифоқе як падидаи маъмулӣ бошад ва эҷоди тааҷҷубу ҳайратзадагӣ накунад. Аммо шакке нест, ин рухдодест, ки дар миёни ҷомеаи инсонӣ, дар марзу буми хонаводаи як инсон ба зуҳур расидааст.

*Худованд аз миёни ҳама офаридаҳояш танҳо ба инсон хираду огоҳӣ дод, сурати ӯро ҳамчун санаде гӯё бар дигар офаридагонаш арза дошт, дар ниҳоди муҳаққари ӯ ҷаҳонеро ҷойгузин сохт.*

*Дар анбони ин ҷаҳони бузург имконоти бепоёне нуҳуфтааст, ки идроку эҳсосу тамошои он дигар вобастаи худи инсон аст.*

*Маърифати манзараҳои он, дидани зебоиҳову ҳуснаш, пай бурдан ба моҳияти вуҷудаш, тадриҷан инсонро ҳодию роҳбар, инсонро инсон мекунад. Мисли як чароғи худсӯз*

*торикиҳои хонаи рӯзгорашро равшан месозад, чашми хобидаи зеҳну ҳушашро боз мекунад, то моҳияти вуҷудии хешро нодида нагирад. Ба зоҳиру ботини хеш бингарад.*

*Саррииштаи он рисолатеро, ки танҳо бар ӯ вогузор шудааст, дарёбад ва он рисолати андаке нест. Дар конуни ҳастӣ миёни тамоми мавҷудот мазҳару ҷонишини Худо будан, худогуна зистану андеша кардан ва дар масири мустақими он бе ҳеҷ гуна инҳирофу бадандешагӣ бо номи Ӯ некӯ гом бардоштан, ҳаққу манзилати махлуқоти перомунро шинохтан. Муҳим аз ҳама дар ин саҳнаи пуртакопӯ ғафлат накардан дар дарку шинохти замони будан, замоне, ки ҳама оғозҳоро бетаваққуф, ноаён пинҳон-пинҳон ба поён мебарад...*

*Вале амон аз ин ҷаҳони пинҳону бастадари розолуд. Мусофират дар шинохту дарки пасту баланди паҳндашти ин дунёи буғранҷу печида чи сахту дареғзост...*

-Моҳрӯ! Пасту пуни чӣ фикре ҳастӣ?-садо зад, Дилнавоз. Навбатдори нав омадааст. Ё вазифаатро супориданӣ нестӣ?

Сухани охири Дилнавоз ҳавоси инонгусехтаи ӯро сарҷамъ сохт. Такяи ӯ рӯйи калимаи «вазифа» хандадор буд. Медонист, ки бо каш додани ин калима ҳамкораш чӣ манзуре дорад. Дилнавоз низ мисли Моҳрӯ рӯфтгор буд, вале ба ин пешаи бедарсу мадраса рӯйи хуш надошт.

Аз ин ки ҷойе нахондаву дипломе ҳам надошт, сахт пушаймон буд. Аввалҳо Моҳрӯ гуфтаҳояшро ҷиддӣ намегирифт, як шӯхии саридастӣ мепиндошт. Вале баъдҳо эҳсос намуд, ки рӯфтгориро барои хеш коре таҳқиромез мешуморад.

Чанд дафъа замоне ки шӯхиҳои ӯ аз як суҳбати коргоҳӣ по фаротар мениҳод ва дари моҷароҳои бесуд мекӯбид, Моҳрӯ ният мекард ба ӯ бифаҳмонад, ки ҳеҷ касе маҷбураш накарда, ки рӯфтгорӣ ихтиёр кунад. Дуруст аст, ки рӯфтгорӣ пешаи хосе нест. Вале як рукни аслии зиндагии мо занон аст. Ҳамон коре, ки ҳар рӯз дар хона иҷро мекунем.

Вале ҳаргиз ҷуръат накард ин матлабро дар миён бигзо-

раду мояи кудурату ранҷишаш гардад. Худ ҳозир буд ҳама гуна ранҷу озорро таҳаммул кунад, вале касе аз ӯ малолу ранҷур набошад…

*Дар гумони ӯ ҳамин ранҷиш аст, ки зояндаи бадию зиштиҳо, бадхоҳию нафрат миёни мардум мегардад.*

*Камтар касоне ҳастанд, ки ранҷишҳои ғайричашмдошту ногузири рӯзгорро нодида мегиранд. Тири ин ранҷҳо ба пайкари онҳо исобат намекунад. Зеро эшон дунёву таҷаммулоти онро ба чашми дигар мебинанд. Одамонро барои эмин мондан аз ҳамлаҳои ногаҳонии ин дарду ранҷҳо сипаре қавию нерӯманд лозим аст. Сипаре, ки ҳар тору пудаш бо дасти худи инсон, бо обу гили ақлу хирадаш сиришта гардад…*

Моҳрӯ аз ин ки рӯфтгор буд, ҳаргиз эҳсоси ору касри шаън наменамуд. Рӯфтгорӣ, ки аз гӯшаи назофату тозакорист, барояш ҳар рӯз дар чаҳордевори хона оғоз мешуд. Латта, сатлу обу ҷорӯб абзори кори ӯ буданд. Замоне, ки сари кор ҳозир мегардиду ин абзори гӯшаафтодаро ба кор мегирифт, гӯё онҳо ҳамдӯшу ҳамсадояш мешуданд, ҷорӯб дасташ гул мекард.

*Ӯ рӯфтгориро шабеҳи ҷустуҷӯгарӣ мепиндошт. Дар синаи як роҳрав, як фарш, дар чеҳраи як миз миёни чангу хоку олудагиҳо, покиву софиро ҷӯстан, аз шишаҳои дару панҷара, аз рӯйи ойинаҳо чангу ғубору зангор барчидану зудудан ва аз пушти шиша рухсори нуронии хуршедро бӯсидан, ин аст саҳифае аз сарнавишти як рӯфтгор.*

*Поёни ҳар гуна гирифторию побандӣ ризояту кайфиятеро ҳамроҳ дорад, ки қадрашро озмудагон медонанд.*

*Зери боми ин чархи нилуфарӣ ҳар гӯшае домгаҳест, ки одамӣ бояд огоҳу ноогоҳ дари он бикӯбад, аз остонаи он гом ба дарун бигузорад, худро гирифтор созад, лаззати қайду банд, побастагиро бичашад ва он гаҳ бо зӯри хираду бозуи хеш банду занҷирҳоро бигсалад, домгаҳро харобу вожгун созад ва раҳо гардад. Ӯ миёни тамоми мавҷудоти олам қавитарин махлуқ аст ва дар раванди мустамарри ҳастӣ аз ҳамон оғоз чунин саҳнаҳоеро таҷриба карда, дарк сохта, ки*

*маҷзубу дилбастаи донаҳои назарфиребу иштиёқбарангези ин домгаҳ шудан, амрест ногузиру маъмулӣ. Ин иқтизои зиндагӣ кардану зиндагиро сохтан аст...*

*Он гунҷишки хокистариранги ҳамҷавори мо вақте ки рӯйи шохае ё сари бому порисае ё пушти чаҳорпое нишиман гирифтаву гӯё хастагии роҳ аз пару боли зарифу ғуборгирифта метаконад, дар асл домафтаву асир аст. Асири қарору сукун, оромишу фаромӯшӣ.*

*Танҳо дар бол гушодану пар кашидан аст, ки вуҷудашро ба синаи фазоҳои бозу беинтиҳо мебарад, озодаш мекунад. Ҷик-ҷике, ки аз умқи синаи пурнишоташ бармехезад, нишони ризояту қаноати ӯст...*

Зиндагии инсониро бо ин саҳна шабоҳатест. Танҳо гардонандаи саҳнаи ҳастии ин мавҷуди шигифт ғаризаи зотист. Вуҷуди ҳамин ғариза аст, ки эҳсоси талоши будану зистанро дар тору пудаш ба ҷунбиш меорад, пару боли ҳақирашро ба нерӯе домшикану талабур мубаддал месозад. *Вале аз дунёбино инону ихтиёроти инсон дасти андешаву тахаюлоти ӯст. Андеша аст, ки дар қаламрави ҳар макону замоне, бо хосту майли хеш нобаҳангом сар мерасад ва инсонро асиру ҳамраҳи фавҷи равони хеш мегардонад. Тан ба андеша додану ҳампойи он печутоби марзҳои ношинохташро сипаридан асирист. Як навъ асорати сайёр, ноисто, ки дар қиболаш истодагию муқобилат бод дар каф гирифтан аст, зеро дар ин бозии рӯзгор зеҳну ҳофизаи инсон асиру побанд аст.*

Дар имтидоди ин асорат, ки шабеҳи конуне омӯзандаву ҳидоятгар аст, инсон дар тӯли замоне хобгуна, масири тайшудаи рӯзгорашро бознигарӣ мекунад, даст ба домани мушкилоти пургиреҳаш мебарад, гиреҳгушойӣ менамояд, барои расидан ба он сарзамини хостанӣ роҳу шеваи муносиб меҷӯяд ва аксар дар гашти барқосои ин асорат аст, ки андешаи хастапо раҳояш месозад. Бо вазиши боди гармрези раҳойӣ ба худ меояд. Пардаҳои торикӣ фаромӯшӣ дар фазои зеҳнаш зойилу пароканда мегарданд ва манзараҳое, ки зимни фаромушӣ

нохудогоҳ тамошогари онҳо буд, пеши назараш зоҳир мешаванд, ҳаловату ризояте дар ниҳодаш медамад...

Моҳрӯ ҳангоме аз панҷаи хаёлоти сардаргумаш озод гашт, ки замони таҳвили навбатдорӣ расидаву навбатдори нав мунтазираш буд. Маъмулан баъди навбатдорӣ дар зойишгоҳ якрост ба хона мерафт. Медонист, ки писари бародараш Ромиз мунтазири ӯст. Шояд гурусна бошад? Дирӯз пеш аз ба кор омадан барояш хурок пухта буд, вале нигаронаш буд.

Ромиз дар басти дуюм дарс мехонд ва тӯли зиндагии муштарак дар хонаи иҷора ба ӯ чунон одат карда буд, як шаби навбатдорӣ дар гумонаш байни онҳо солҳо фосила мегузошт...

Вале он рӯз сари хона баргаштан надошт. Асбобу абзори рӯфтгориро таҳвил дода буд. Аммо ҳушу ёдаш ба он тифлаки маъсум банд буд. Садҳо пурсиши бепосух дар замини зеҳнаш ҷавона мезад, пеши худ бо орзуву ният дунёе мехост занонаву модарона. Дунёе моломоли садову гиряву навозишу меҳрубонӣ.

Дунёе, ки бозигарони саҳнаҳои он як зан, як модар, як тифлу як гаҳвора аст. Дар тӯли ин солҳо Моҳрӯ ҳеҷ соате аз доштану ёфтани чунин дунёе ғофил набуд. Ҳозир буд дар ин роҳ тамоми сахтиҳову ранҷҳоро ба ҷон бипазирад, вале аз расидан ба гарди домани ин дунё бенасиб намонад. Гоҳе хаёли расидан ба он рӯзи мубораки дидор, ба андозае ғаминаш месохт, ки чароғи умедашро ба об мекашонид, вале ёди андарзи модар «бачам, дунё ба умедай» нерӯе рӯҳпарвару болandae дар мағзаш тавлид менамуд ва дунболи кори хеш аз сар мегирифт.

Поёни навбатдории он рӯз фикр мекард лаҳзаи дастрасӣ ба ормони хостаниаш фаро расидааст. Танҳо гоме бояд дониставу фаҳмида бардошт...

Моҳрӯ ба худ ҷуръат дод ва ба сӯйи утоқе, ки тифлаки навзод хобида буд, роҳӣ шуд. Хеле тарсу бим дошт. Сахт нигарон буд, ки накунад, дасте бо хурдтарин ҷунбиш он эҳсоси заррини бедоргашта дар қалби андӯҳгинашро дубора

ба хобидану орамидан во дорад.

Роҳрави торикравшан, ки хатти фосиле миёни утоқҳои чапу рости зойишгоҳ буд, бо иллати солдидагӣ вазъи ноҷуре дошт. Фарши тахтайиаш ба андозае куҳнаву фарсуда гашта буд, ки ҳангоми гом бардоштан садоҳои аҷибе дармеовард.

Гузашта аз ин хеле тангу тӯлонӣ буд. Тангии он ба ҳадде буд, ки арзаш гунҷойиши ду нафарро надошт. Агар дари утоқҳо пӯшида буданд, роҳравро равшанӣ намерасид ва комилан торик мегашт. Се чароғи барқии овезон дар сақфаш бо нури заифи хеш танҳо соявравшане эҷод менамуданд. Аз ин рӯ ағлаб дарҳоро боз мегузоштанд, то нуру рӯшнойӣ аз дару панҷара ба фазои роҳрав нуфуз намояд.

Моҳрӯ бо қалбе ноорому музтариб дар синаи роҳрав бо сари ангуштонаш бо эҳтиёт роҳ мерафт, то фарши зери пояш ба оҳу шеван дарнаояд. Роҳрав хилвату ором буд. Танҳо занҳои кунҷков аз дари утоқҳо сару калла берун мезаданд ва зуд чеҳраашон пас мекашиданд. Ҳушу ёди ҳама гӯйӣ ҷониби утоқи охири роҳрав ба навзоде банд буд, ки модараш пас аз зодан раҳояш намуда буд.

Моҳрӯ мустақим қадам бармедошт, ба давру бараш ҳеҷ таваҷҷуҳе надошт, вале гумон менамуд пойи бараҳна дар сӯзанзоре ҳаракат дорад. Дар имтидоди солҳо ба ин натиҷа расида буд, ки барои инсон мушкиле бузургтар аз низоъу ҷидоли андешаҳо нест. Инсон гоҳе бо вазъе гирифтор мешавад, ки оғозу анҷомаш равшан нест. Бадтар аз он сарнавишти ҳадафест, ки дар зеҳнаш мепарваронад. Гирдоби ин вазъи печида, бо ҳар хезише ҳадафи аслиро ба коми хеш фурӯ мекашаду аз назар дур меафканад. Ин рухдод ҷараёни осудаву якнавохти хаёли инсониро дигаргун месозад, дар пардаи зеҳн фазое торику пурсишбарангез эҷод мегардад. Дар як мижа бо ҳам задан анбӯҳе аз андешаҳои мутазод, ки бархоста аз жарфои воқеияти зиндагианд, аз чаҳор гӯша вориди майдон мегарданд. Андешаҳое, ки ҳар яке дар ҳақиқати кулл будани ҳастии худ сина мезананд ва ба ҳеҷ рӯй ҳузури дигареро қабул надоранд.

Оташи ин даргирӣ чунон гарму доғ аст, ки фурсати доварию натиҷагирӣ барои тамошогарро боқӣ намегузорад. Чи сахту ранҷовар аст фурӯ надоштани ин оташи саркаш. Ҷилваҳои рахшони он чашмро хираву зеҳнро хаста месозад, инсон даступохӯрда мешавад, сарриштаи кору амал гум мекунад. Гоҳе мафтуну маҷзуби гиребонгирию пироҳандарии андешаҳои исёнгари ҳақиқатҷӯ инсон дар чи макону замон будани хешро аз ёд мебарад. Замон мехоҳад, то ҳавоси парешон ба ҳам биёянд ва инсон инони зеҳну ҳушро дар ихтиёр бигирад…

Моҳрӯ дар ҳоле ки япал-япал дар роҳрав ба сӯйи утоқи охирин роҳ мепаймуд, чунин ҳоле дошт. Ҳар лаҳза хаёли гурезпо раҳояш менамуд, дар марзҳои ноошное парса мезад. Ҳамин ки аз ӯ дур мегардид, хаёлхонааш торику дудӣ, ғуборолуд мегашт. Эҳсоси дидану шунидан, ҳис намудан аз ниҳодаш рахт бармебаст, аммо баробари ин бозмегашт мақсадаш ба ёд мерасиду таконаш медод. Хоҳиши бепоёни дидори тифлак дар ниҳодаш доман мегустард, вале паёмади ин дидор барояш номаълум буд. Аз сӯйи дигар андешаи модари тифлак оромаш намегузошт. Шигифт ин буд, ки модари навзодро ҳаргиз надидаву намешинохташ, вале эҳсосе ноошнотар нисбат ба ӯ дар синааш сар кашида буд. Мехост бидонад, замони сарпечӣ аз парасторию тарбияти навзодаш чи эҳсосе дошт? Чӣ нерӯе мағзашро барангехт, забонашро ба гуфтор овард, то тасмими раҳо сохтану дар зойишгоҳ гузоштанашро баён дорад…

Ё ҳангоме ки матни қарорашро рӯйи коғаз менавишт дастонаш намеларзиданд, пушаймон набуд?… Моҳрӯ ҳозир набуд он зани ношинохтро барои кирдоре номодарона накӯҳиш кунад, ё дар ҳаққаш носазо гӯяд. Яқин дошт, ки қазовату доварии чунин падидае вазифаи ӯ нест. Мағзашро фишор меоварад, то мавзуъро ба домани фаромӯшӣ супорад, вале саъю талошаш суде намебахшид. *Зеҳни хаставу андешакӯфтааш ин воқеияти бараҳнаи ҳастии инсониро наметавонист бипазирад, ки чӣ гуна мавҷуде аз табори инсон, ширхӯрда аз ширгоҳи*

*инсон, бузургшуда дар муҳити инсон, бо ҳарфу калимаи гуфтори инсонӣ насли парварида дар доманро раҳо месозад, аз ҳаққи модарии хеш сарфи назар мекунад...*

Нобаҳангом сарангушти ёд порае аз китоби хотироташро пас гардонид. Пеши назараш он шаби сарди зимистонӣ гови пешонисафед, ки гӯсола зойида буд, муҷассам шуд.

Он чаҳорпойи забонбаста чӣ ҳарисона гӯсолаи нимҷонашро мелесиду мебӯйид. Барои зиндагию идомати насли худ талош менамуд.

*Дар нуҳуфти шаби барфрез зимни тамошои мазҳари зиндагии он ду чаҳорпойи хонагӣ аввалин бор ба зеҳнаш расида буд, ки вуҷуди ҳеҷ мавҷуду махлуқе холӣ аз ҳисси меҳру дӯстдорӣ нест, вале бешак сарчашмаи ҳама меҳрубонию муҳаббатҳо фарзанд аст. Ҳузури поки ӯст, ки инсонро саршори лутфу наҷобат месозад, ба оянда, ба зистану будан дилгармаш менамояд, инсонро инсон мекунад...*

Норасида ба утоқи навзод Моҳрӯ садои тунд-тунд қадам задани касеро аз пушташ ҳис намуд. Садои пой бо ғиҷироси фарши тахтаии роҳрав омезиш пайдо менамуд ва ба назар чунин мерасид, ки фавҷе аз сарбозон дар ҳоли роҳпаймоиянд. Ором пас гашт. Ҷаҳонгирро дид, ки бо ду нафар марди ноошно пушти ҳам ба сӯйи ӯ меоянд. Равшан буд, сарнавишти навзод аст, ки сартабибро ба зойишгоҳ кашондааст.

*Дидани Ҷаҳонгир орзуи пинҳони дилашро ба ҷунбиш овард. Аз таҳи дил мехост тифлакро писархонд кунад. Фазои холии зиндагиашро бо ҳузури ӯ пур созад, зарфи саршори меҳру навозиши модаронаашро нисораш созад. Шабҳо ба гӯшаш таронаи ширини алларо бихонад ва бо ҳарфу ҳиҷои ин таронаи қадимӣ дар хуну равонаш бузургтарин доройии инсон, ишқро бирезад. Сармояе, ки дар синаи ҳар зане амонат аст ва рӯзе тухми он бояд дар ниҳоди фарзандон корида шавад.*

*Одамӣ бо ин ишқ вориди ҷаҳони беинтиҳо мегардад, бо нуру равшании он дар марзҳои идомату ҷовидонагӣ роҳ пай-*

*до менамояд, зиндагии хешро месозад...*

Моҳрӯ тифлакро мехост, вале бо чӣ роҳе, намедонист. Фақат бовар дошт дар дунё кори ношуданӣ нест. Калиди қуфли ин мушкил дасти касе ҳаст, аммо пеши чӣ касе...? Ба ҳар ҳол масти ҳавои ин орзу вориди утоқи навзод шуд. Ҷавонзане дар утоқ пеши тиреза рост истодаву бо телефон гарми суҳбат буд. Тифлаке печида дар парпечи сафед рӯйи кат хобида. Ӯ ҳамон зане буд, ки тифлаки маризашро мехост раҳо созад. Воруди сартабибу ҳамроҳонаш ҳеҷ аксуламале дар ӯ эҷод нанамуд. Гӯё ҳеҷ чизе нашудааст. Камтарин шарму ҳаёи занона дар рафтору кирдораш эҳсос намешуд. Дидани ин саҳнаи нозебо, Моҳрӯро ба ҷойи зан хиҷолатзада намуд. Даҳон пур кард то аз кистию чистияш, аз зоту замандаш бипурсад, бидонад, ки аз нутфаи кист?

Аммо ҳамин ки нигоҳаш ба чеҳраи ӯ бархӯрд, гуфтаниҳо дар синааш ях зад. Дар чашмони зан чизеро дид, ки Моҳрӯро буҳтзада намуд. Ба зудӣ натавонист дарк созад, чи буд, ки дар як они воҳид мисли барқ саропояшро сӯзонид...

Гӯё сари ҷо мехкӯбаш намуда буданд. Аз чашмони зан дида наметавонист биканад. Манзарае, ки пеши назараш падид меомад, мисли оҳанрабо ба худ мекашидаш. *Медид, чӣ гуна дар осмони чашмони зан хуршеде аз нишастангоҳаш ҷудо шудаву дар ҳоли фуруд омадан аст. Хуршед сарозер меомад ва дар масири тайнамудаи ӯ горе бетагу бун, дудолуду зулмонӣ имтидод меёфт... Пилкҳояшро басту аз утоқ берун шуд. Эҳсоси баде, ки нисбат ба он зан дар қалбаш по мегирифт якбора гум шуд. Дилаш ба он зани торикбахт сӯхт...*

*Худованд дари бахту саодатро бар рӯяш боз намуда буд, вале чашми камсӯяш онро надид. Чи осон аз бараш гузашту бо пушти по лабони пурхандаашро бар рӯйи хеш барбаст...*

Пас аз дидани тифлак ӯ мустақим ба хона баргашт, вале орзуи гирифтани навзод оромишро аз ӯ гирифта буд. Тамоми шабро бо фикру андешаи дастёбӣ ба дидани навзод сипарӣ намуд. Гоҳе хаёли саркаш навзодро канораш мегу-

зошт ва ба сарзаминҳое мерасондаш, ки ҳаргиз дар гӯшае аз зеҳнаш набуданд. Вале ҳамин ки ба худ меомаду зеҳни парешонаш ҷамъ мешуд, хешро танҳо медид ва оҳи сӯзон аз шамъи ҷонаш забона мекашид.

Бо ранҷу дард он шаби тӯлониро ба рӯз бурд. Аз пушти панҷара бо моҳу ахтарони осмоннишин қисса гуфту дарди дил кард. Чи ашкҳои талхе, ки аз дида фуру чаконд. Моҳу ахтарон бо лаби хомӯшу қалби саршори тараҳҳуму шафқат, бо нигоҳе маъсумона ӯро ҳамдардӣ мекарданд, вале дар илоҷи дарди ӯ чорае надоштанд. Оқибат наздикиҳои субҳ ба ин натиҷа расид, ки ҳар чӣ бодо, бод, мақсадашро ба Ҷаҳонгир изҳор бидорад. Гумон дошт, аз ин ки Ҷаҳонгир ба шебу фарози рӯзгори вай ошност, даркаш мекунад ва дар рафъи ниёзи ӯ аз ҳеҷ шеваву тариқе дареғ намекунад.

Ҳамзамон бо тулӯи хуршед Моҳрӯ аз хона берун рафт. Зиндагӣ дар пайкари шаҳр аз нав ба ҷунбиш меомад. Дар тангкӯчаҳо, ки гом бармедошт, ба мардуми роҳгузар, ба чеҳраву қиёфаҳои ошнову нимошно бармехӯрд. Дасти муъҷизаосои шаб хастагию коркӯфтагии бағали рӯзро аз рӯҳу тани эшон пок намуда буд…

*Дар имтидоди замон дар як масир роҳ паймудан ба чашму зеҳни инсон хеле чизҳоро одат медиҳад. Қиёфаҳо такрор мешаванд, одатҳо, кирдорҳо, ки хоси афроди алоҳидаанд, аз пушти парда чеҳра боз мекунанд. Моҳрӯ имрӯз, ки аз ҳамин масири доимӣ мегузашт, нохудогоҳ эҳсос намуд, ки перомуни бисёре аз ин роҳравон донистаҳое дорад. Медонад, ки кадоме аз онҳо ба ӯ салом медиҳад ва кадоме бо нигоҳе маънидору хомӯш аз наздаш рад мешавад.*

Кирдори марди маъюбе, ки дар охири тангкӯча ҳар саҳар пушти дарвозаи кабуд рӯйи харак менишинад, барояш ҳайратангез буд. Ӯ ҳамеша чанд барге уфтода аз дарахтонро зери даст дорад. Баргҳоро канораш мегузорад ва баъд ҳар баргеро рӯ ба офтоб мегардонад ва пушту рӯяшро дар рушноӣ муоина мекунад.

Сипас ҳамаро дар панҷааш мефишорад, ғиҷим мекунад ва ба замин мерезад. Моҳрӯ аз умқи ҷон мехост бидонад, ки мақсуди ин маъюбмарди канори кӯча аз ин бозии шигифт бо баргҳои уфтода аз шохи дарахт чист?

*Барг мева нест, ҳосил нест, вале нишони ҳастию рустани як дарахт аст. Дар лабханди як барг дарахт аз ҷунбишу шӯри даруни хеш пайғом мефиристад, бо хуршед дидор мекунад ва бо шираи ҷон саломҳои гарми хуршедиро ба синаи замин мебарад. Аммо замоне, ки он марди ношинохт ин шиносномаи дарахт, ин пули иртибот миёни замину осмонро рӯ ба хуршед мегузораду назора мекунад, дидагонаш дар мӯяҳои нозуки густарда дар пайкараш чи меҷӯянд? Ё замоне он мавҷудоти ҳастибуридаро миёни ангуштони шахшӯлаш хурду реза мекунад, худ чӣ эҳсосе дорад. Моҳрӯ ба ин пурсишҳои сардаргум посух мехост, посухи ташнашикан, зеҳнишин, равшангар…*

-Лухтак-да биё, лухтакда биё, лухтаки чинида биё. Шир ба ширдон дора, пистон ба даҳон дора. Лухтак-да биё, лухтакда биё. Дар сараш кулоҳ дора, мӯйҳойи сиёҳ дора. Лухтак-да биё, лухтакда биё, лухтаки чинида биё. Чашмони булут дора, як халта суруд дора… Лухтакда биё-лухтакда биё. Лухтаки чинида биё…

Ин садои ошно, афкори парешони Моҳрӯро ҷамъ кард. Марди миёнсоле, ки гоҳ-гоҳе дар масири ҳаракати онҳо пайдо мешуд ва дар як аробаи куҳнаи кӯдак бозичаҳои кӯдакона мефурӯхт. Барои хушхарид шудани молаш ва ҷазби муштариён суханони дилкашу гӯшнавозе мебофт. Марди бозавқу хушсалиқае буд, вале пойи росташ мелангид. Ӯ ҳаргиз ба моли фурӯшии ин мард таваҷҷуҳ накардаву чизе ҳам нахарида буд. Вале он рӯз натавонист мисли пешин осемасар, аз канори он марди ланг бигзарад.

Садои мард нерӯе дошт кашандаву фараҳзо. Садое, ки аз банд-банди ниёзу эҳтиёҷи як марди нимтана бо сурате зебову хушоянд берун меомад ва зеҳни ҳар роҳраверо тасхиру асир менамуд.

-Ҳой бародар, оҳой хоҳар, рутуна Худо бина. Лухтак дорам, лухтаки чинӣ дорам. Лухтаки чашмкабуд, синааш пури суруд, ҳар кӣ лухтак бихара, баҳри кӯдак бихара, шодии кӯдака бин, бозии кӯдака бин…

Пойҳои Моҳрӯ худ ба худ суст гашту аз ҳаракат афтод. Қалбаш моломоли хушии ногаҳонӣ шуд. Ҳаргиз вуҷудашро ба ин андоза ништрезу тарабзада надида буд. Мехост хостангоҳи ин фараҳу хурсандии саршорро биёбад, вале ба ҷуз дидори ин марди ланги лухтакфурӯш заминаи дигаре ба зеҳнаш намерасид. Марди бозичафурӯш чун Моҳрӯро дар баробари худ мунтазир дид, якрост ба сӯи вай ҳаракат кард. Аробаашро пеши Моҳрӯ боздошту арзи салом намуд.

Сипас як лухтакро бардошту ба васфи хубиҳояш шуруъ кард:

-Харидори лухтак бошен, дӯстдори кӯдак бошен, моли ман моли Чинай, ай навъи беҳтаринай, бихарен ин лухтакора, хурсанд кунен кӯдакора, шодии кӯдака бин, бозии кӯдака бин.

-Хоҳар, агар харидор бошӣ, ин моли навай. Пушташ ду калид дора. Яктоша тов битӣ, чашмоша ҳуй када гиря мекуна, дуюмша тов битӣ, хов мекуна. Кудако бинан, хурсанд мешаван…

Ба марди фурӯшанда хира шуд. Марде бо мӯйҳои мошубиринҷ, пешонии паҳни ожангзада, чашмҳои сиёҳи зинда, чеҳраи хандон ва нигоҳи сартопо хоҳиш. Дар зеҳнаш як суол мечархид. Оё ин зан моли ӯро мехарад ё намехарад? Худо кунад, ки бихарад...

Моҳрӯ нигоҳи пурниёзи фурушандаро зиёд мунтазир нагузошт. Аз миёни лухтакҳое, ки ҳама монанди якдигар буданд, якеро бардошт. *Ба чашмони нилии шишагиаш нигарист. Дар мардумаки чашмҳои шишаӣ аксашро дид, чашмҳои пурниёзи худро диду хандид. Дар миёни ханда қатраашке аз сари мижгонаш бар чашми шишаийӣ фурӯ чакиду давр то даври чашм чархид. Ҳангоме ки мехост бо сари ангушт ашкашро аз чашми лухтак пок созад, дасташ ба*

*калид расиду пушти лухтак садо баровард. Моҳрӯ ғайриихтиёр он мавҷуди сару беҳисро бағал карду тан ба гиря супурд.*

Лухтакфурӯши хушгӯ дар сурати харидораш чи дид, маълум набуд, аммо вазъи равониаш зуд тағйир намуд. Бо дастҳои ларзон пулеро, ки бар ивази лухтак ба сӯяш дароз шуда буд, гирифт ва лангон-лангон дур шуд. Вале пас аз лаҳзае ба қафо баргашт. Хост бубинад, ки муштарияш чӣ мекунад Моҳрӯро сариҷо бо лухтаки дар бағал кашида дид, ки аз пушт ба ӯву аробаи лухтакбораш нигоҳ мекард. Дили мард таҳ кашид. Зеҳнаш барои муддате аз гирифториҳои рӯзгораш пок шуд. Фаромӯш кард, ки субҳи он рӯз, сарнавишт дар чи шоҳроҳе ва бо чӣ анбоне қарор дода будаш, то чархи зиндагиашро бичархонад ва рафъи эҳтиёҷ кунад.

Нигоҳи ин зани харидор нигоҳи маъмулӣ набуд. *Дарде дошт, ки инсон мардум дар ҳар гӯшае аз дунё эҳсосаш мекунад. Барои илоҷи он доруву давои хосе, забону ҳарфи ҳиҷои махсусе лозим нест. Танҳо ҳамдӯшу ҳамҷавор будан, эҳсоси ҳамдардӣ доштан, умед додан кофист, то он дарди бузург хурду реза шавад, маҳву нобуд гардад. Худованд дар ниҳоди башар эҳсосеро ҷой намуда, ки зимни зуҳури пешомаде чунин, мушкилоти фардӣ, дарду ранҷи хешро канор мегузорад ва дарди дигаронро бузургтару илоҷашро муҳимтар медонад...*

Мард аробаи лухтакборашро канори роҳ гузошт ва лангида-лангида ба ҷониби Моҳрӯ омад. Намедонист, ки сабаби таваққуфу нигоҳи хаёлпечидаи ӯ ба ҷонибаш чист, вале ҳис мекард, ки сарчашмаи он дардест, ки дар решаву буни ҳастии башар нуҳуфта аст.

Ғарқи ин афкори печида мард ба Моҳрӯ наздик шуд. Намедонист чи бигӯяд. Моҳрӯ бо лухтаки дар оғӯш кашидааш ашк мерехт. Дидани ин ҳолат мардро мутаассир намуд. Дар ҳоле ки аз асли моҷаро чизе намефаҳмид, бо нимханде дардолуд гуфт:

-Хоҳар! Мабодо аз ин хариди субҳгоҳӣ пушаймон шуда

бошӣ. Ин ашкҳо барои чӣ? Хоҳар! Ин лухтаки бағалатро нодида нагир. *Одамӣ барои саргармии насли хеш, зебоию шодобии ҷаҳони тифлии он чӣ корҳое мекунад? Дар гунаҳои сурхфому чашмҳои шишаӣ, дар панҷаҳои маснӯъии ин лухтак хирмане аз меҳру алоқаи инсонҳо нуҳуфта аст. Пойи андешаи одамӣ чӣ қаламравҳои фарохеро дарнавардида, то чунин қолабе барои ҷойгузин намудани эҳсосу авотифи худ бисозад...*

*Намедонам, хариди ту ҳадяи кист? Вале яқин медонам, ки вуҷуди ин лухтак дунёи кӯдакатро дигаргун месозад. Онҳо анису муниси якдигар мешаванд. Бо ҳам одат мекунанд. Дар хилват мусоҳиб мегарданд. Тифлак омӯхтаву андӯхтаҳояшро нисори ӯ месозад. Бо вай меҳрубонӣ мекунад, мехобонадаш, бағал мегирадаш, мебӯсадаш ва ҳатто дар гӯшаш алла мехонад... Тифлак нохудогоҳ бо ин гомҳои сода вориди муҳити инсонӣ мегардад. Муҳите, ки сайру гашт дар дашту дамани он ба содагӣ муяссар намешавад. Муқаддамоти мусофират ба ин сарзамин аз айёми кӯдакӣ оғоз мегардад. Кӯдак дар марзҳои тифлии хеш бо дидани шайъе бо номи лухтак бо рукни бунёдии ҳастӣ, шодӣ, суруду хурсандӣ ошно мегардад, бо лаззати пайванду иртиботи он бо инсон пай мебарад. Шабоҳату ҳамсоние, ки миёни сурати хешу лухтак мебинад, зеҳни кӯчаки ӯро вомедорад, то дар перомуни дигарон биандешад. Саргармӣ бо бозичаҳо шабеҳи озмоишгоҳест, ки кӯдак дар чаҳордевори он рафтору кирдашро, бархурду муносибаташро меозмояд. Ин озмоишгоҳро мактабу омӯзгори муайяне нест. Дар ин майдон кӯдак дарсҳоеро, ки дар хонавода ноаёну ноогоҳ аз бузургсолон, аз падару модар гирифтаву шунидааст, дар амал меозмояд. Гоҳе мисли солхурдагон забони панду андарз мегушояд, гоҳи дигар дар нақши модар тифлакашро барои кирди нохушоянд сарзаниш мекунад ва дар ҳамин раванди ҷовидонӣ мазҳари зиндагии инсон такрор мешавад, муҳити инсонӣ идомат пайдо мекунад...*

Ҳарфу ҳиҷои он роҳгузари ношинохт барои муддате мис-

ли гирдоб фурӯ кашидаш, бо мавҷҳои зулолинаш дунёи пуртазоди даруни Моҳруро давродавр печониду тамоми иртиботу пайвандашро бо хориҷ бурида сохт. Зимоми зеҳну ҳушашро дар ихтиёри хеш гирифт. Ӯ дигар асиру маҷзуби суҳбати пурбори мард шуда буд. Дар оинаи ин дунёи бераҳм, иттифоқи аҷибе, рухдоди нодире дар зиндагии ӯ рух медод. Гуфтори мусоҳиби ранҷуру нимтана гоҳе ба марзҳои афсӯсу дареғ мекашонидаш ва замоне ба домани орзуҳои малакутӣ мерасонидаш. Вуҷуди пурниёзи хешро дар қалби дунёе тасаввур менамуд, ки сурату шеваи будубош дар конунашро он мард тавсиф намуда буд… *Дидагонашро фурӯ баставу шодмону болидарӯҳ дар қаламрави он дунёи тамошоӣ қадам мезад. Гӯё навзод канораш буд. Бӯйи хуше ба димоғаш расид, бӯе, ки дилро беқарор месохт, дар рагу пайвандаш неруву таҳарруки шодиовар медавонид, пеши назараш ҳама мазоҳири ҳастиро меҳрубону дӯстдоштанӣ менамуд, ба рақсу пойкубӣ водораш мекард. Ӯ ин бӯйро то мағзи ҷон мешинохт. Бӯйи кӯдак буд, кӯдаки навзоди печида дар парпеч. Оғӯшаш пуру муаттар аз бӯйи кӯдак шуда буд…*

Масту махмур аз суҳбати лаззатбори мусоҳиби сарироҳӣ ногаҳон эҳсос намуд, садои ӯ мисли як афсонаи ширине, ки ба поёни шӯрангези худ мерасад ва шунавандагонашро асиру дилбанд мекунад, қатъ шудааст… Моҳру пилкҳои бастаашро боз намуд то ба он маъюбмарди бозичафурӯш сипосгузорӣ кунад, вале худро танҳо дид. Мард ҳамон гуна ки беихтиёр наздаш омада буд, бо ҳамон шева орому хомӯш танҳояш гузошта буд…

Дар интиҳои тангкӯча марди лухтакфурӯш бо аробаи хеш дар ҳоли ҳаракат буд ва овози хушаш дар фазои субҳгоҳӣ миёни мардуми раҳгузар танин меандохт:

-Ҳой бародар, оҳой хоҳар! Лухтак-да биё, лухтаки чинӣ дорум. Лухтаки чашмкабуд, синааш пури суруд. Лухтак-да биё, лухтак-да биё…

Моҳрӯ пушаймон буд, ки дар ин суҳбати саҳаргоҳӣ ната-

вонист ҳарфе аз худ ба забон биёрад. Марди лангу аробаи бозичабораш дигар аз назар ғойиб шуда буданд, вале ҷозибаи дидор бо ӯ ҳайратзадааш намуда буд. *Кӣ мегуфт, марде ғарибу гирифтори садҳо ниёзу эҳтиёҷи рӯзгор дар ниҳодаш ҷаҳоне чунин шигифту рашкангез, ибратомӯз, пинҳон дорад... Ин вуҷуди наҳифу ҳақир, аз назарҳо дурафтода, пажмурда бо вуҷуди сангинии бори зиндагӣ ҳаргиз лаб аз шикоят боз намекунад, изҳори заъфу нотавонӣ наменамояд, оҳиста, ботавозуъ аз бағали мо мегузарад. Вале дар лаҳазоти лозим, рӯзи бозхосту нисор, замоне ки бозмегардаду соя мегустаронад, синаи замин барояш тангӣ мекунад. Дидани ин манзара раҳрави раҳгумро муътақид месозад, ки дар паймоиши ин бекаронасарои пурхатар таку танҳо нест, дар чаҳорсӯяш, дар канораш садҳо ҷаҳонест, зебову диданӣ, пардагӣ. Бояд чароғе дар дили зеҳни хеш дошта бошӣ, то бо нуру сӯйи он вориди он сарзаминҳо гардӣ...*

Моҳрӯ дар масири маъмулӣ, дар ҳамон замону макони ҳаррӯза бо қалбе саршори хушнудию рӯҳе болида, бо қиёфаи барозанда, бо арзишмантарин харидаш лухтаки зарринмӯйи чашмшишайӣ ба ҷониби бемористон гом бардошт.

Аз хастагию афсурдагӣ, изтиробу нигарониҳои пешин дигар чизе дар бисот надошт.

Гӯё ин дидори муъҷизаосо ӯро аз ду гӯш такондаву ҳама дарду ранҷашро канор рехта буд. Ҳолати ғарибе дар ниҳодаш меҳмон шуда буд. Мисли меҳмоне, ки нохост, нобаҳангом, бе хабару бе дар задан дар боз намудаву вориди хонаат мешавад. *Меҳмони ноошнову ношинохт аст, вале хостанист, дар чеҳрааш, нигоҳаш, чизе дорад, ки дилатро мегушояд. Панҷараи нишоту шодии дарунатро боз мекунад, лабонатро хандазор месозад. Ҳар сӯ, ки назар медӯзӣ, чеҳраҳоро гарму моҳтобӣ мебинӣ. Дар он ҳангом ба зеҳнат мерасад, ки зиндагиро танҳо барои чунин лаҳазоти нодири эъҷозофаринаш метавон дӯст дошт. Лаҳазоте, ки зуҳуру идоматашон вобастаи*

*иттиҳоду ҳамдӯшӣ, муносибату пайванди худи инсонҳост. Аз умқи ҳастии башар, аз синаи эҳтиёҷи мардум ин ҳисси пайванду иттиҳод бармехезад, то чархи гардони зистанро бигардонад. Хушиқболу хандидабахт касе, ки дами фароз омадани он фурсати хуршедполо сарриштаи хирад раҳо насозад, ҳузури он ягона пардагии ҳарҷойиро фаромӯш накунад.*

*Дар ҳақиқати масири тайшудаву сарзаминҳои шинохташуда, дар шинохти воқеияти андӯхтаҳои хиради башарӣ бо чашми шакку тардид нанигарад.* бо тааммулу андеша, ҳушёру бедор, аз канори домҳои назарфиребо тасодуф бигузарад. Одамӣ дар имтидоди қарнҳо бисёр иттифоқ афтода, ки барои гурез аз масъулияту посухгарӣ аз зарфи синабози тасодуф баҳраҳо ҷӯстааст.

*Ё дар лаҳзаҳои ҳассоси сарнавишт ҷурму гуноҳони кардаи хешро ба домани тасодуф рехтаву вуҷудашро аз ҷавобгарӣ канор кашидааст. Чи басо заъфу нотавониҳои рӯзгорашро ба дӯши ҳамакаши тасодуф бор кардаву аз дур ба содадилии ин сайёди дардомафтода нешханд задааст...*

Дарёи хотироташ ба шӯр омада буд. Дар хезиши амвоҷи ёдвораҳо, миёни андарзҳои шиновар масали «заҳри одамро одам мебарорад»-ро дид, ки гӯйӣ даст сӯяш менамуд ва таҷдиди ошнойӣ мехост. Зиёд талош намуд, ҳавосашро гирдиҳам овард, то бидонад, ки нахустин бор он масалро аз забони кӣ шунида буд. Аммо саъю кӯшишаш ба ҳадар рафт. Натавонист замону макон ва мавриди истифодаи ин андарзи омӯзандаро муайян созад. Вале аз сӯи дигар ин нокомӣ нороҳату ноумедаш нанамуд,зеро маҳз ҳамин рӯз пас аз дидори сарироҳӣ бо он роҳгузари дардманд дасти зеҳнаш ба умқу жарфои маънову моҳияти он расида буд…

Моҳрӯи паступун дар қаламрави беинтиҳову бекаронаи хаёл сар боло намуд. Бинои қаҳваиранги дуошёнаи бемористон дар фосилаи садметрӣ пешорӯяш намудор буд. Дидагонаш ба қаду басти офтоб бархурд. Риштаборони нурҳои сӯзанда чашмҳояшро рабуд, дигар тоқати нигоҳашро надошт. Маҷбур

самти нигоҳашро иваз, сарашро пойин намуд. Дид, чашмҳои лухтаки зарринмӯяш бозанд ва мисли ин ки мусофири танҳои равон дар роҳи пуроташи осмонро тамошо мекунанд…

Хуршед мисли пешин дар он ҷодаи ҳамешагии ниландуд, бо ҷомаву пероҳани сурхфоми оташин ва гунаҳои шуъларез оҳиста-оҳиста боло мерафт, авҷ мегирифт, то ҳастиро рӯйи замин зери бол бигирад. Сояи назараш ба Моҳрӯ афтод, мешинохташ, ҳар рӯз дар остонаи дарвозаи бемористон пешвозаш мегирифт. Зане бо рӯмоли заргаронии хушадор, вале танҳои танҳо. Хомӯшу сарбазер, печида бо андешаҳои бесарубун аз дари хокистарранг по ба ҳавлии бемористон мегузорад. Вале имрӯз нигоҳи ҳамабинаш зани дигар, Моҳрӯи лухтак ба бағалро дид. Ҳатто эҳсос намуд, ки ин ошнои заминиаш чеҳраи хариди дасташро аз ӯву дигарон пинҳон карданист. Вале хуршед пешдастӣ намуда буд. Моҳрӯ, ки ба чашмҳои шишаии лухтак назар намуд, акси хуршедро дид, ки дар мардумаки чашмҳои лухтак нишаставу ба сӯйи ӯ механдид…

Моҳрӯ бо лабханде хафиф, вориди бемористон гардид ва якрост аз зинапоя ба ошёнаи дуюм баромад. Роҳрав хилвату ором буд. Ба ҷуз парастор, ки миёни роҳрав назди утоқи дорурезӣ, пушти миз нишаставу пинак мерафт, касе набуд. Дуртар аз ӯ утоқи кории Ҷаҳонгир қарор дошт, ки дараш боз буд.

Моҳрӯ ният кард хомӯш аз назди парастор бигзарад ва худро ба пеши Ҷаҳонгир бирасонад. Вале, ҳамин ки аз пушти навбатдор мегузашт, парастор ба тарафи ӯ баргашту гуфт:

-Моҳрӯ, салом. Мисли ин ки шабеҳи ман хоболудӣ?

-Салом, Гулрӯз! Рости гап, дилам нахост аз хоб нофорат кунам. Худам медонам пинаки саримизӣ чӣ қадар ширин аст.

-Оҳой, лухтак дорӣ, хайрият аст?-пурсид Гулрӯз.

Ин суоле буд, ки беш аз ҳар чизи дигаре Моҳрӯро метарсонид. Моил набуд аз касе чунин суолеро бишнавад, вале хилофи масали «омад ба сарам, аз он чӣ метарсидам», чунин

иттифоқе афтода буд ва бояд посух мегуфт. Вале посух ёфтану гуфтан кори осоне набуд. Ҷавобе, ки тарафи муқобилро қонеъ созад, ба зеҳнаш намерасид. Сабаби лухтак харидаашро намедонист чи гуна тавзеҳ диҳад.

- Ба ёди бачагиям афтодаму аз як роҳгузар харидамаш, - гуфт Моҳрӯ.

Гулрӯз таҳайюромез нигоҳе ба Моҳрӯ намуду дигар чизе нагуфт. Вале Моҳрӯ даст ба домани хотироти наврасиаш зад…

Даврони кӯдакӣ мисли як кӯҳдомане пургул пеши назараш зоҳир мегашт. Зери долони гилин, рӯйи гилеми сабзранги дурушт, бо дугонаҳо, ки ҷамъ меомаданд, соатҳо машғули лухтаксозию арӯсакбофӣ мешуданд. Бо риштаҳои ранга, мулинаҳои садранг, чӯбаҳои хушк, арӯсак мебофтанд. Аксар арӯсакҳои сохтаи онҳо шакли салиб доштанд. Латта ё пахтаро тоб дода, ҳалқаҳо мебофтанд, шабеҳи чеҳраи офтоб. Рӯйи ҳалқаҳоро бо риштаҳои ранга мепечониданд ва сурати арӯсакро омода месохтанд. Сипас чӯбаи борикро ба синаи ҳалқа фурӯ мехалониданд, то ин ки сару сурати арӯсак зоҳир мегардид. Чӯбчаи дигарро, ки борику кӯтоҳтар аз бадани чубини арӯсак буд, мегирифтанду поинтар аз сару гардан дар ҳолати мувозӣ қарор медоданд ва бо риштаҳои мулинаи дастҳои арӯсакро пайванд мезаданд.

Суроб ки омода мешуд, аз тикаи матоъҳои қаламрезгӣ мувофиқ ба қаду басташ пироҳанаш медӯхтанд, пироҳани ҳафтрангро ба танаш менамуданд… Рӯзгоре ширину моҳтобӣ пушти хотироташ ба фиғон омада буд….

Моҳрӯ шабеҳи касе, ки бо бори сангине бар дӯш, масири тӯлониеро тай намудаву охирин нерӯву тавонашро ба кор меандозад, то ба сарманзил бирасад, ба сӯйи утоқи Ҷаҳонгир қадам бардошт. Сустию заъфи аҷибе дар зонувонаш эҳсос менамуд. Дигар ҷойи тааммулу андеша набуд…

Саҳнаҳое чунин шигифту изтиробзой ҳамеша ҳастии башариро дар доман аст. Бисоту асбобу анҷомаш аз ҳолоти як-

навохти рӯзҳои пешин тафовут дорад. Такрору якрангии низому роҳе, ки ҳар рӯз паймуда мешавад, чеҳраҳое, ки дар масири ҳамешагияш бо онҳо бархурд мекунад, аъмоле, ки пайваста дар коргаҳи худ иҷро мекунад, оқибат инсонро ба дунёе мекашонад, ки номаш одат аст, *ҷаҳоне, ки ҳар гӯшааш дому гирифторгоҳест. Ошноӣ бо мазоҳири ин дунё инсонро пойбанду гирифтор месозад. Чи душвор аст, ҳамдӯшу ҳамканор будан зистан бо одат…*

*Одамӣ бе он ки ба банду басти ҷавҳари одат пай барад, чи осон асиру бандаи он мегардад. Зимомдорию фармонравоӣ нуҳуфта дар ниҳоду сиришти одат аст ва нахустин гоме, ки одат дар қаламрави дидор бо инсон бармедорад, асорати андешаву зеҳни инсон аст.*

*Ин нерӯи зиштхӯ, ҳамин ки андешаи моро ба даст гирифт, мисли зарпечак печ мезанад. Роҳу равзанаҳои бурунрафти зарфиятҳои нишаста дар ниҳодамонро бидуни он ки бӯ бибарем, мебандад. Ҳисси панҷгонаи мо аз кор меафтад. Эҳсоси ҳамсоягиву ҳамҷавориро пардапӯш месозад. Забонаи шуълаи ҳар гуна истеъдоду нубуғ, ҳаракату пуёиро дар конуни зиндагиамон хомӯш месозад…*

Занҷирпечу зиндонии одат фаромӯш мекунем, ки мӯрчагон дар як гӯшаи хонаи мо ҷашни арусӣ доранд. Ҷуфти қумриёни хокистарӣ, ки дар сақфи долон лона гузошта буданд, чӯҷа баровардаанд… Ҳамсояи девор ба деворамон бобо шудааст…

* * *

Моҳрӯ қабл аз он ки худро ба утоқи Ҷаҳонгир бирасонад, лаҳзае таваққуф намуд, пас гашт ва нигоҳе ба парастор андохт. Мехост бидонад, ки оё нигоҳи кунҷковаш ӯро таъқиб мекунад, ё даргири кору бори худ аст.

Гулрӯз қалам дар даст машғули навиштан буд. Ин ҳолат ӯро хотирҷамъ кард. Қадами дигаре бардошт ва дар остонаи дари Ҷаҳонгир қарор гирифт.

Ҷаҳонгир пушти миз нишаставу машғули рӯзномахонӣ буд. Матлаби рӯзнома ба андозае ҷазбаш намуда буд, ки расидани ҳеҷ аҳадеро ҳис наменамуд. Моҳрӯ ҳамоно пеши дар рост истодаву аз фарти ҳаяҷон ҷуръати салом гуфтан надошт. Қалбаш дар қафаси сина бозӣ мекард. Беихтиёр сари лухтакро бар рӯйи сина гузошту сахт бағал намуд. Гумон дошт бо ин роҳ метавонад пеши тӯфони бархоста дар хонаи дилро бигирад. Чашмаш ба дарахти пирсоли сафедор афтод, ки аз пушти панҷараи утоқ намудор буд. Хазонрезон қариб тамоми баргҳояшро дона-дона барчида буд. Танҳо баргҳои зарду сурхфом бар рӯйи баъзе аз шохаҳо боқӣ мондаву рӯзҳои вопасини умри хешро мешумурданд.

Анвори хуршед аз тани хазонхураву пажмурдаи баргҳо мегузашт ва мустақим вориди утоқи Ҷаҳонгир мешуд. Дар аснои гузар вуҷуди баргҳо шабеҳи оташпора мегашт. Гӯё дар бағали шохаҳо оташ гиронда буданд. Тамошои ин саҳнаи тирамоҳӣ нигоҳи Моҳрӯро ба доми худ фурӯ кашид. Танҳо садои нобаҳангоми сартабиб ба худ овардаш.

-Субҳ ба хайр, Моҳрӯ! Чаро рост истодаӣ? Дарун бидаро,- гуфт Ҷаҳонгир.

-Субҳи Шумо ҳам ба хайр-посух гуфт Моҳрӯ ва дар ҳоле ки вориди утоқ мешуд, эҳсос намуд, ки ҳушу гӯши сартабиб сӯйи лухтаки бағалаш муваҷҷеҳ аст.

Рӯйи курсӣ нишаст. Лаҳзае чанд фазои утоқро хомӯшӣ фаро гирифт. Зеричашмӣ ба ҳам нигоҳ мекарданд. Оқибат Моҳрӯ сукутро шикаст:

-Ҷаҳонгир! Ман як рӯфтгори одиям. Ба ҷойи он ки утоқи Шуморо бирӯбаму поккорӣ кунам, рӯ ба рӯятон мисли меҳмон нишастаам. Хеле дилам мехоҳад, ки аз ман бипурсӣ, чӣ дарде дорам,чӣ ниёзе маро ба пеши Шумо кашондааст?

-Чӣ бигӯям? Лухтак ба бағал ба кор ҳозир шуданат мутааҷҷибам намуд. Аз ин ки ворид шудаву рӯ ба рӯ нишастӣ, нигарон шудам. Эҳсос кардам, ки чизе барои гуфтан дорӣ. Худо кунад, ки хайрият бошад. Бигӯ, ман саропо

гӯшу ҳушам,- изҳор дошт Ҷаҳонгир.

-Агар бигӯям сарзанишам намекунед?

Лаҳни пурсиши Моҳрӯ ба гунае буд, ки мусоҳибашро ба ханда водошт.

-Сарзаниши Шумо ҳаққи ман нест- бо нимханда гуфт, сартабиб.

-Ман…, ман…, ман мехоҳам он тифлаки модарзод бемор-ро ба фарзандӣ қабул кунам. Шунидам модараш аз ӯ рӯ гар-донидааст. Атрофи ин масъала шаб зиёд фикр кардам. Бова-рат меояд ё не, ҳатто хоб дидам, ки тарбияти тифлакро ба ман супурдаанд…

Моҳрӯ инро гуфту лаб фурӯ баст ва ба мусоҳибаш назар андохт. Дархости ғайриинтизораш Ҷаҳонгирро комилан ғофилгир намуда буд. Фазои утоқро аз нав сукути ғамангезе фаро гирифт. Чунин сукути сангину азиятборро Моҳрӯ ҳаргиз таҷриба накарда буд. Саропояшро сӯзише омехта ба ларзиш доман зада буд. Дастҳоро ба ҳам месойид. Эҳсос на-муд, ки пешонию гунаҳояш арақшор шуданд. Хеле бим дошт, ки якбора посухи рад мешунавад ва ҳама орзуҳояш ба бод меравaнд, аммо Ҷаҳонгир ҳамоно сокит ба нуқтае чашм духтаву бо қалам бар рӯйи миз тақ-тақ мезад. Аз зеҳнаш чӣ мегузашт, маълум набуд.

-Фарзандхонӣ амали содае нест. Расмиёти зиёде дорад. Аз сӯйи дигар хуб кардӣ, ки ин мавзӯъро дар миён гузоштӣ. Қарор буд тифлакро ба ятимхона бисупорем.

Чораи дигаре ҳам надорем. Тифлак то рӯзе, ки ҳаст, бояд он ҷо бошад…

-Магар бемории тифлак хеле вазнин аст?-музтарибу му-шаввашхотир пурсид, Моҳрӯ.

-Чӣ бигӯям? Бар асоси дидаҳову будаҳо, кӯдаконе, ки мубталои чунин бемории модарзоданд, беш аз як моҳ зинда намемонанд…

Посухи сартабиб Моҳрӯро мутаассир намуд. Хаёл мекард қалбаш даруни сина фурӯ мерезад. Метарсид, ки аз ҷузъиёти

беморӣ чизи дигаре бишнавад ва дилшикаста гардад. Аз тарсу таҳлука ҳатто ба сартабиб нигоҳ намекард, то Ҷаҳонгир ба суҳбаташ идомат набахшад.

Моҳрӯ ошуфтагию изтироби дарунашро то он вҷо, ки тавонист фурӯ нишонд ва пас аз муддате сукут ба худ ҷуръат доду гуфт:

-Маро бубахш, Ҷаҳонгир! Дигар намехоҳам аз табиати он беморӣ чизе бишнавам. Хоҳиш мекунам. Бояд маро бифаҳмӣ. Ман ба ин тифлак ниёз дорам, мисли ин ки инсон ба ҳавои танаффус, ба оби ошомиданӣ ниёзу эҳтиёҷ дорад. Худоро ҳам хуш намеояд, вақте ман зинда бошаму он тифлаки маъсумро роҳии ятимхона кунанд.

-Хештандор бош, Моҳрӯ! Шояд ҳеҷ касе мисли ман ба эҳсосу авотифи ту ошно набошад. Хеле амиқ даркат мекунам. *Вале бидон, ниёзе, ки аз он сухан дар миён мегузорӣ содаву маъмулӣ нест. Бартару бузургтар аз як ниёз аст. Нишони инсонияти туст. Вақте ки ниҳоду сиришти як бандаи хокӣ аз сарчашмаи ин сармояи гаронбаҳо сероб мешавад, аз нерӯи некӣ, некандешию хайрхоҳӣ пур мегардад, ӯ дунёро ба ҷуз ба чашми муҳаббату дӯстдорӣ, сидқу вафо, тараҳҳуму шафқат, дигаргуна наметавонад бубинад.*

*Агар чунин хислат дар ҷавҳари башар набуд, ҳастӣ камолу равнақе намедошт ва боғистони инсонро низ маъниву атру бӯе набуд...*

*Аглаб инсон пай намебарад, ки ниҳоли умраш бо вазиши чӣ боде ба ҷунбиш меояд. Самту хостангоҳи ин боди вайронгару нохушоянд куҷост? Вале ғаризаи зотиаш ишора месозадаш, ки танҳо ӯ нест, ки бод ба ҷонаш чанг мезанаду таконаш медиҳад, балки дар сарзамине номаълум, инсоне аз табору хонадони ӯ, аз хуни ӯ дар панҷаи он бод ранҷ мекашад ва ин ранҷро бояд ҳама аъзои хонавода қисмат кунанд, то аз сиришти тахрибгару санги шикананадаи домани он чизе боқӣ намонад. То хурду рез-рез шавад, хок шавад, гард шавад, миёни хасу хошок, хокрӯбаҳо нобуд шавад....*

Ба Худо аз он даме ки аз он рухдод огаҳ шудам, низоми рӯзгорам баҳам рехтааст. Бе хобу хур шудаам. Ёдаш аз зеҳнам дур намешавад…

Ҷаҳонгир афсурдаву парешонруҳ сар ба сукут рафт. Замон ба кундӣ мегузашт ва бо дастони ноаёнаш гулӯи орзуҳои Моҳрӯро хафа мекард. Моҳрӯ гумон менамуд мусоҳибаш аз мавзуи аслӣ тадриҷан канор меравад ва шояд ба марзи фаромӯшӣ бикашонадаш…

-Шабҳо хобам намебарад, ба торикӣ, сояҳои бозигари пардаҳои овезони рӯйи панҷара хира мешавам. *Дар гумонам умри мо хокиён мисли калобаест, ки бо риштаҳои ҳазорранги лаҳзаҳо печ мехурад.*

*Дар хилоли ин чархишу гардандагист, ки пораҳои умри мо атрофи калоба, рӯйи якдигар қарор мегиранд, ноаёну пардагӣ мегарданд, фаромӯш мешаванд.*

*Миёни сояҳои беқарору пуртакопӯйи хонаи хоб гоҳе саъй мекунам, давронеро ба хотир биёрам, ки кай бори нахуст дар канори мардум паҳлӯи як дарахти сарсабз, гӯшаи як соқагули тозарӯи хушбӯ, дар обшори анвори моҳу хуршед, дар тамошои талотуми оби зулоли рӯдхонаҳо, дар шуниди мусиқии ҳазорнавъи синаи мурғону паррандагони парвозӣ, зери сояи чатри ҳазортори як тортанак, дар донаҳои шодоби сурхфоми як хӯша ангур, дар резиши ашкдонаҳои як кӯдаки ятими ятим, нобаҳангом бар вуҷуди хеш, ба моҳияти будан, ин ки ман ҳам ҳастам, пай бурдам. Дар гузашти чӣ замону кадомин маконе бори аввал аз ҷаҳони ноогаҳӣ берун омадам. Бо дасти муъҷизаофарини чӣ нерӯе пардаҳои тори чашму зеҳнам пора-пора шуд. Чӣ гуна вориди ин набардгоҳи ҷовидонӣ шудам, ки номаш зиндагист... Талошу саъйи хешро дар таъйини марзҳои шинохти фасли оғоз бесуду бесамар, расида ба манзили афсӯсу дареғ мебинам. Аз сӯйи дигар ин амр водорам месозад, то ба сарзаминҳое баргардам, ки то зиндаам, ёдҳояш аз хотирам зудуда намегардад, атру бӯяш аз димоғам дур намешавад.*

-Моҳрӯ! Ман низ намакхӯрдаи ятимхона ҳастам. Дар ин хокдон агар биҷӯям, аз қавму хеш касе надорам. Намедонам, ки падару модарам кист. Дар ятимхона бузург шудам. Ёд надорам касе, боре барои дидани ман омада бошад. Як замоне дар ҷустуҷӯи падару модарам афтодам. Вале аз масъулини ятимхона ҳеҷ касе натавонист, посухе равшан бигӯяд. Хеле зуд тан ба сарнавишт супурдам…

Ҷаҳонгир аз нав сокит шуд. Моҳрӯи ноошно ба ин гӯшаи зиндагии сартабиб мунтазири ин фурсат буд, то аз мусоҳибаш атрофи мавзуоте бишнавад, ки аснои суҳбат даргири зеҳнаш шуда буданд. Вориди вазъе сангину пурпеч гардида буд. Медонист, ки дар чунин авзое танҳо ягона чораи раҳойӣ сухан гуфтан аст. Хомӯшӣ чорагар нест, балки равған ба оташ афкандан аст. Вале оғози гуфтугӯ, мушкилу ранҷзо буд. Моҳрӯ нахустин бор нигоҳе аз сари тараҳҳуму дилсӯзӣ ба ҷониби мусоҳибаш афканд.

Марде миёнсин, бо чеҳраи зебо, чашмҳои дурушти сияҳфом, гунаҳои паҳни зардранг, абрувони ғафси ба ҳам пайвандхӯрда дар муқобилаш нишаста буд. Вале ҳар бинанда дар умқи чашмонаш метавонист ба осонӣ ғами ниҳонеро эҳсос намояд.

-Ҷаҳонгир! Маро бубахш, ки аз рӯзгори пешини Шумо бехабар будам. Рост гуфтаанд, ки одамӣ шири хом хурдааст. Аксар вақт иттифоқ меафтад, ки дар фазои як коргоҳ кор мекунем, гӯё ҳамдаму ҳамнафаси якдигарем, вале амиқтар ки нигоҳ мекунӣ, мебинӣ, ки фарсахҳо аз ҳам фосила дорем. Ҳаргиз мутаваҷҷеҳи дунёи даруни якдигар набудаем. Намунааш ҳам худи манам. Замони зиёдест, ки бо Шумо ҳамкорам, вале аз хонаводаатон ҳеҷ чизе намедонам. Шояд гурӯҳе аз мардум ин амрро муносиб надонанд, онро як гоми ғайримуҷоз дар зиндагии хусусии мардум бидонанд. *Аммо ба гумони ман ҳамин шинохту маърифати китоби зиндагии якдигар аст, ки инсонҳоро бо ҳам наздик месозад. Пайванду наздикӣ боиси афзунии муҳаббату ишқ мегардад. Даст ба*

*ҳам додан, ҳамдилу муниси якдигар будан, канори ҳам нишастан барои мардум иттиҳод эҷод мекунад, боли парвоз мебахшад, эҳсоси муштарак меофаринад. Зимни зуҳури мушкилот бо ин эҳсоси бедор ба суроғи якдигар меравад, аз рӯйи меҳру садоқат байни худ рафту омад мекунанд…*

*Зистан дар як конуни муштарак гушодадилӣ, забони боз мехоҳад. Агар сиришти обҳои рӯдхонаҳо бо гузаштан аз синаи хоку рег, сангрезаҳо поку мусаффо гарданд, тиннати одамиро иҷтимои инсонӣ софу зулол месозад. Як инсон бо боз намудани уқдаҳои дил, розҳои фишорангез, дарду ранҷи хешро саркӯбу пароканда месозад, аз хоки зоёву ҳаётбахши ин конун ғизо мегирад, рӯҳу равонашро сероб менамояд ва дар ин масири бекарони идомат гом мебардорад...*

Шояд Ҷаҳонгир қасд надошт дар бораи рӯзгори худ бештар суҳбат кунад, вале андешаҳои Моҳрӯ барангехташ. Фикр кард, ки мусоҳибаш рост мегӯяд.

Маҳзи хотири ин оҳе аз умқи сина кашид ва пораи дигаре аз достони зиндагияшро боз гуфт:

-Гуфтам-ку, ҳангоме ҳеҷ нишону хабаре аз падару модарам пайдо нашуд, ба тақдир тан додам… *Барои ҳастии дунёи як кӯдак хеле чизҳо лозим аст. Вале замоне, ки дар осмони ин дунё моҳу хуршед, падару модар нест, ин дунё ҳамеша торику зулмонӣ боқӣ мемонад. Ба Худо сахт аст, модару падар надоштан, моҳи равшану хуршеди гармрӯ бар сар надоштан. Баъдҳо, ба ин муҳити дардзо хӯ гирифтам. Медидам, ки ман танҳо нестам. Кӯдакони зиёде буданд, ки сарнавишташон шабеҳи тақдири ман буд. Онҳо низ мисли ман аз лаззати доштан маҳрум буданд.*

*Худо ҳеҷ тифлакеро аз доштани ин неъмат бенасиб накунад. Ятим будан шабеҳи мусофират дар биёбонест, ки онро на роҳу на нишонест. Хуршедаш ба ҷуз сӯзандагии маргрез чизи дигаре надорад. Хокаш сӯхтаву обаш хушкида аст. Фазояш, ҳавояш руҳшикану равонсӯз аст. Мусофири хурдсолро чӣ нерӯе лозим аст, то дар ин сарзамини сардаргум роҳ боз ку-*

*над, нашканад, қад кашад ва худро ба манзил бирасонад...*

Аз дигар сӯ, пас аз гузашти солҳо, ки масири зиндагиямро арзёбӣ мекунам, ба ин натиҷа мерасам, ки агар рӯзгорам чунин шаклу сурате намедошт шояд бархурдам ба мазоҳири ҳастӣ- ба инсон дигаргуна мебуд.

*Ҳамин эҳсоси надоштан буд, ки ман ба домани инсон паноҳ бурдам. Вуҷуди инсон ҷазбам намуд, ба сӯйи худ, ба доми хеш кашидам. Замоне, ки ба ӯ хира шудам, дар ин вуҷуди ба зоҳир наҳиф оламеро дидам, ки васфношуданист. Шабоҳате миёни инсону замин эҳсос намудам. Хоки ин вуҷуд мисли замин зоёи ҷовидон аст. Дар хоки ин вуҷуд ниҳоли тараҳҳуму шафқат, дарахти меҳру ишқ ҳамеша сабзу шукуфонаст. Сириштти зотии ин хок аст, ки дар домани он ба ҷуз тухми некӣ, хайр, саховату карам донаи дигаре намерӯяд.*

*Ман аз ин мавҷуди зебо хубиҳо зиёд чашидаам, ки қобили шумор нест.* Вале ҳеҷ ёдам намеравад, замоне, ки марди солдидае ба ятимхонаи мо омад. Ширинӣ оварду ба ҳама дона-дона тақсим кард. Вақте шириниро аз дасташ мегирифтам ба чашмҳояш нигоҳ кардам. Ногоҳ акси хешро дар чашмҳояш дидам. Ба дидан-ку дидам, вале аз тарс такон хурда бо ҳамон содагии кӯдакона пурсидам:

- Амакҷон, сурати ман дар чашмҳои Шумо чи кор мекуна?

Мард бо лабханде зариф маро ба оғӯш гирифту сахт ба синааш зер намуд.

Моҳрӯ! Он лаҳза ҳолати аҷибе ба ман даст дода буд. Ҳисси гарму ширин дар вуҷудам, дар хунам меҷӯшид, аз нишот, аз фараҳ пур мешудам, баъдан бӯи хушу муаттар аз синаи он мард ба димоғам расиду маст шудам. Чашмҳоямро пӯшидам. Аз Худо мехостам, ки он ҳолати лаззатбор поён надошта бошад.

Мард низ мисли ин ки аз орзуи пинҳони ман огаҳӣ ёфта бошад, сахттар фишорам медод. Ногоҳ эҳсос кардам, ки пайкари он мард меларзад. Вақте раҳоям намуд, дидам, рӯ ҷониби дигар гардониду бо дастмол чашмҳояшро пок намуд.

*Он замон аз сиришту банду басти он ҳолати биҳиштӣ, он бӯю атр, чизе пайхас нанамуда будам. Аммо солҳо пас яқин ҳосил намудам, ки танҳо ҳузури падар, атру бӯю меҳраш метавонад чунин ҳолу ҳавоеро фароҳам кунад...*

Саргарму маҷзуби шунидани ин достони тараҳҳумангез Моҳрӯ ногаҳон ҳис кард, ки лухтаки харидашро сахт дар канор гирифтаву дар сина фишор медиҳад. Ӯ аз ин амали худ шарм кашид. Ҷаҳонгир низ гӯё ки аз хиҷолати ӯ пай бурда бошад, барои берун омадан аз ин вазъ аз ҷой бархост ва панҷараи утоқашро боз намуд. Ҳавои тозаи мунтазири вуруд дар пушти панҷара ҳамроҳ бо насими сардсиришти тирамоҳӣ дохили утоқ шуд. Дар вуҷуди ноаёни ин меҳмонони беқарору бозигар ройиҳае аз тани парешхӯрдаи тобистони пир эҳсос мегардид...

Насими саропо такопӯву ҷунбиш дар фазои утоқ мечархиду мерақсид, сару танашро ба дару шишаи ҷевон молиш медод, пас мегашту хешро зери миз мегирифт, лаҳзае пас болои миз мепарид, мисли муш зери авроқи рӯйи миз меҷаҳид ва лабони нозуки варақҳоро ба садо дармеовард, аз сими чароғи овезон дар сақф мегирифт ва худро мисли дорбоз алвонҷ медод, чароғро ба бозӣ бармеангехт ва бо ин бозигарӣ гӯё мехост ҳузури худро ба мардум собит созад. Ғарқи тамошои ин бозигарӣ Моҳрӯву Ҷаҳонгир рӯ ба рӯйи ҳам нишаста буданд. Бо синае пур аз сухан барои гуфтан дар муқобили ҳам қарор доштанд. Вале кашандагии мавзуи суҳбату ҷиддияти нигоҳҳои мутақобил ба ҳадде буд, ки оғози тоза сахту мушкил буд.

Моҳрӯ аз як сӯ мехост давоми ривояти Ҷаҳонгирро бишнавад, аз дигар ҷониб масъалаи тифлаки бемор дар зеҳнаш мавҷ мезаду озораш менамуд.

Дар ҳамон ҳолу ҳавои сокиту ғамин ба ҳамдигар хира мешуданд ва барои давоми суҳбате, ки торафт мисли як хоби ширин пас аз хастагию куфтагии азпофикан бар вуҷуди инсон чира мегардад, сухану матлаби раҳогар ҷустуҷӯ менамуданд. Моҳрӯ худ зиндонии вазъе буд, ки ҳам хостанӣ буд,

ҳам азиятбор. Бо гузашти ҳар лаҳзае дар пардаи афкораш манзараҳое норавшану мубҳам эҷод менамуд. Ба доройии утоқ ҳаросон чашм медухт, ба акси бузурге, ки даруни чорчӯби зарҳалӣ бар девори чапи утоқ насб шуда буд, нигоҳ андохт. Як ҷуфти аспи кабудлиши дар ҳоли дав аз домани марғзоре сарсабзу назаррабо дохили чорчӯб рӯйи матоъ наққошӣ шуда буд.

Дастҳои пеши аспони бидав дар ҳаво муаллақ буданд ва самти давашон ба ҷониби машриқ буд. Марғзор то подомани бешаи сарсабз тӯл кашидаву аз паси беша қаторкӯҳҳо қарор доштанд. Аз пушти теғаҳои кӯҳ лаҳзаи саркашидани нахустин нурҳои хуршед ҳувайдо буд. Тасвири дави аспон чунон ҳунармандона наққошӣ шуда буд, ки бинанда гумон менамуд ду ҷонвари зебосурати Худоро зӯран асири чаҳорчӯб кардаанд...

*Аслан тамоми мавҷудоту махлуқоти олам бо як доман ниёзу эҳтиёҷ арзи вуҷуд мекунанд. Печида бо ниёзҳои хеш ҳастиро ба сар мебаранд ва дар интиҳои умр боз ҳам асиру гирифтори ниёзҳои бепоён ба сӯйи адам гом мениҳанд. Моҳрӯ ба наққошӣ, ки хира шуда буд, медид, ки чи гуна дар як тасвири беҳис хосту ниёздонаи он ҷонварони берӯҳ тазоҳур мекунад. Чашмҳои дурушти муваҷҷеҳ ба сӯйи кӯҳдоман, гардани баланду ёлҳои парешхурда, паракҳои димоғи дамида, ҳама дар як таҷаммуъ нигарон ба ҷониби хонаи хуршеданд…*

Моҳрӯ мултафит шуд, ки мусоҳибаш низ аз паси ӯ роғиби наққошии рӯйи девор гардида ва нақши дасти як ҳунарманди боҳуш чашмашро рабудааст, вале дар зеҳнаш хотираҳои пешин ба шӯр омадаву майдони зуҳур мехостанд.

Ҷаҳонгир аз сари миз бархост, як пора докаи сафедро бардошта ба тасвир наздик шуд ва болои онро бо дока пок кард ва оҳиста ба сухан даромад:

-Ин наққошӣ ҳадяи як дӯсти даврони кӯдакиям аст. Наққоши гулдасту шоири хубест. Дар ятимхона бо ҳам бузург шудем. Аз ҳамон авони кӯдакӣ расмкаширо дӯст ме-

дошт. Мисли ман ҳеҷ қавму хеше надошт. Кати хоби ман канори кати ӯ буд. Аксар субҳ, ки аз хоб бедор мешудам зери сараш варақҳои наққошишударо медидам.

Вале сарнавишти ӯ дар қиёс бо ман дардангезтар аст. Намедонам, синфи чандум будем. Дақиқ маълумам нест. Шояд синфи ҳафтум мехондем. Як рӯз пас аз дарс, ки вориди хобгоҳ шудам, дидам рӯйи бистараш пару хобидаву хомӯш гиря мекунад.

Ҳарчанд иллатҷӯйӣ кардам, чизе намегуфт. Танҳо шомгоҳон, ки сабук шудаву оромиш пайдо намуд буд, парда аз рӯйи мояи ранҷи руҳозараш боз намуд.

-Ҷаҳонгир, як гап мегӯям, ба шарте, ки ба касе намегӯйӣ.

Ман бо нишони ризоят сар ҷунбондам. Медидам, ки ба ман нигоҳ мекунад, вале боз ҳам аз гуфтан худдорӣ мекунад. Тоқатам тоқ шуду гуфтам:

-Бигӯ, ба Худо қасам, ба гиребони куртаам намегӯям.

Ӯ дар ҳоле ки ғиҷоба гулӯяшро гирифта буд, изҳор дошт:

-Имрӯз ман аз саргузашти ба ятимхона афтоданам воқиф шудам.

-Ин хабари ӯ ба ҳадде ғайриинтизору зананда буд, ки ҳама чизро аз зеҳнам канор зад. Гӯё масте будам, ки ҳушёр шудам. Мутааҷҷибу ҳайратзада пушти ҳам аз вай суол менамудам. Мехостам ба ҷузъиёти саргузashtаш ошно шавам:

-Ду-се рӯз пеш раиси ятимхона амаки Дастёр дастур дод, ки рӯйи коғаз акси оҳуро наққошӣ кунам. Субҳи имрӯз тасвири оҳуро наздаш бурдам. Бо як марди ношинохт дар утоқи кориаш нишаста буд. Амаки Дастёр чун наққоширо дид, бо хушнудӣ аз ман офарин кард:

-Боракаллоҳ, писар. Дасти кама набинӣ. Иншоаллоҳ, рассоми овозадор мешай. Аку тез рафта наздм нигаҳбуни хобгоҳа фарёд кун!

Замоне ки аз утоқ берун шудам, аз хурсандӣ саросема банди кушодаи попӯши пойи ростамро зер кардам. Каладав хурдам. Кам монда буд, ки замин хурам. Замоне бо мақсади бастани

банди бози попӯш хам шудам, болои сӯхта намакоб гандумбирёни ҷайби пеши пироҳанам рӯйи фарши роҳрав пош хурд. Худро сарзаниш мекардам, ки чаро хам шудам… Гандумбирёни бомаза буд. Бо ҳасрату пушаймонӣ аз иттифоқи рухдода ҳангоме ба чидани донаҳои хоколуди гандумбирён сар кардам, ногоҳ овози меҳмони амаки Дастёрро шунидам, ки мегуфт:

-Чӣ қадар зебо кашидааст. Аз оҳуи зинда фарқаш намекунӣ.

-Сағера худододай, дасташ гулай. Худо умраш бита, чашмаш нахура, сураткаши машҳур мешава.

-Ягон соҳиб дорад?-пурсид меҳмон.

-Неъ,- гуфт Дастёр ва баъд аз як дақиқа сукут боз ба меҳмонаш посух дод:

-И сағераи бадбахта солҳои пеш як саҳарӣ дар лулак таги ҳо анаму дарахти сафедори пушти девол ёфтану ба ятимхона овардан. Органо хеле кофтан, вале ҳичира наёфтан…

Бори сангини ин хотираи дардолуд Ҷаҳонгирро тахти фишор қарор дод, садояш ором-ором, зери пардаҳои сукут нопадид шуд…

*Ҳофизаи башарӣ дар анбони худ аз чунин ёдвораҳое барсохтаву шаклгирифта бо обу гили ғам, биношуда бо хишту санги афсусу дареғ намунаҳо зиёд дорад. Ин ёдвораҳо, ки ҳосили дасту кирдори бераҳмонаи инсонанд, рӯзе ногузир, аз ин анбони ҷовидонӣ ба дӯши зеҳни соҳибашон ҷо мегиранд ва чи сангин ба тамошо менишинанд. Бори ин хотирот ба андозае сангин аст, ки ҳатто шоххҳои кӯҳро хам мекунанд. Инсонро ба зону дармеоваранд. Маҷбураш месозанд ба сукут паноҳ бибарад, шона холӣ кунад, нафас рост кунад… Вале аз сӯйи дигар баъд аз шона холӣ намудан аз зери ин бор инсон дигаргун мешавад, ҳолу ҳавои тоза пайдо мекунад, нерӯ мегирад, нигоҳаш ба зиндагӣ тағйир мекунад. Дар шинохту дарки воқеияти бараҳнаи ҳастӣ, -ин ки зистанро дар ҳар нақшу нигоре, ки зуҳур мекунад, бояд зист, гоми дигаре устувору борвар умедвор бар медорад…*

Баъдҳо ин ятимписар коре кард, ки барои насли мо як

гӯшаи таърих аст. Рӯйи матои сафед дарахти сафедор бо тамоми ҷузъиёташ наққошӣ намуда буд. Зери сафедор болои баргҳои сабз кӯдаке дар парпеч тасвир шуда буд. Кӯдаке дар ҳини гиряву фарёди ниёзолуд. Чашмҳо пӯшида, даҳони кучакаш боз буд ва аз қираи чашмаш қатраашке дар ҳоли фурӯ рехтан аст. Аз пушти сафедор аз дур суроби зани намудор аст, ки дар ҳоли фирор аст. Дар ҳоли фирор аз хештани хеш, аз хуни хеш, аз નоздонаи дили хеш… Дар поёни тасвир шеъре ҳам навишта буд:

*Шаҳодат, шаҳодат бидеҳ, эй дарахт!*
*Аз он зан, зани хуби нодидабахт,*
*Ҳамоне, ки омад канорат саҳар,*
*Ки пойи вуҷудат гузорад гуҳар.*
*Бигӯ, эй сафедори қоматбаланд,*
*Зи дидори он зан чи дорӣ ба ёд?*
*Чиҳо гуфт бо шоху бо барги ту?*
*Замоне ки тифлаш амонат ниҳод.*
*Бигӯ, эй сафедори сабзинаҷон!*
*Бигӯ қиссаҳо з-он зани хастаҷон.*
*Чаро кӯдаки хешро ҷо гузошт?*
*Вуҷудаш, умедаш ба саҳро гузошт.*
*Бигӯ, эй сафедор, чашмаш ҳанӯз*
*Аз обу зи ғам пур, вале бар дар аст,*
*Ки шояд замоне шавад боз дар*
*Дарояд ҳамон зан, киам модар аст…*

Пас аз қироати шеър Ҷаҳонгир дар сояи сукути сангин ҳамоно бо ҳамон порадокаи дасташ рӯйи ёлу гардани поку ялаққосии ҷуфти аспи наққошишударо молиш медоду тоза менамуд ва ғарқи андешаҳои пешин, гӯё худро барои бозгуфтани қиссае муҳиму боарзиштаре омода месозад.

Моҳрӯ дар гумонаш хато накарда буд. Ҷаҳонгир докаи гардбардоштаи дасташро ба хокрӯбаҷо партофт, дастҳояшро шусту сари ҷояш нишаст ва боз нигоҳе ба тасвири аспони

бидав афканд:

-*Зиндагии мо инсонҳо маҷмӯае аз даву тоз, такопӯйи ҳамешагист. Бедорбахт касе, ки дар ин ҷодаи саропо ҷунбишу ҷӯшиш танҳо набошад, канори ҷуфти хеш гул кунад, бишкуфад, доман бигустаронад…*

Солҳо пеш, вақте ки донишҷӯи соли севум будам, дар интиҳои як роҳрави пурсарусадои донишгоҳ, аз миёни ҳазорон нигоҳи умедрез, дар як фазои шодибарангези атролуд, нобаҳангом ба суроғам омад.

*Бо ҳам ки рӯ ба рӯ омадем, беихтиёр чашмҳоямон ба ҳам уфтод. Ин бархурд бунёдамро такон дод. Такони лабрез аз нишоту фараҳ, боландагӣ. Ба гумонам як они воҳид садоҳо аз фазои роҳрав фурӯ рехтанд, пора-пора, хурду реза шуданд.*

*Ҷунбишҳо ҷон бохтанд, беҳиссу берӯҳ шуданд. Эҳсос мекардам, ки роҳрави донишгоҳ бароям тангӣ мекунад. Ӯ ки суроғам гирифтаву ба домам намуда буд, ишқ буд.* Ошиқ шудам… Духтаре, ки дӯсташ доштам, бо ӯ хонадор шудам, фарзанди ятимхона буд. Дар марзҳои он конуни сағирапарвар бо ҳам бузургу қадрас шудем, бе он ки бидонем, рӯзе рӯзгор риштаи умрамонро бо ҳам пайванд мезанад. Хеле зуд ҷашни арусӣ баргузор намудем ва фарзанддор шудем. Бо зуҳури нахустфарзанд зиндагиям рангу маънии тоза ёфта буд аммо… Он даврони малакутӣ хеле зуд ба поёни нохушоянди худ расид. Дар оғози соли панҷуми зиндагии муштарак гули сурхамро бод бурд.

*Мани ятими модарнадида бори дувум ятим шудам. Ятиме, ки оҳиста-оҳиста, бо дастони модар, бо забону лаҳнаш, бӯйи ширу бӯйи пистонаш ошно мешуду хӯ мегирифт, дубора ятим шуд. Ин даврони ятимӣ бараҳнатар аз пеш буд. Он зане ки бо ҷаҳони шигифтзойи ишқ шиносондам, лаззати фарзанд доштанро чашонидам дар домани якк субҳи наврасида сари зо рафт… Ва боз ман мондаму якаписари ятимаму ятимие, ки гӯё моро раҳо карданӣ нест.*

Гоҳе шабҳо, ки бедор мешавам, писарамро мебинам, ки канорам хобида ва сарашро зери бағалам гузоштааст. Дилам шӯр мехурад, таҳ мекашад. Бо худ мегӯям оё соатеро фаро мерасонида бошад то дасти навозишгару пурначобате бар сари хонаи мо хам шавад ва муҳити ғуборолуду гирифтаи онро парешон кунад, осмонашро софу хуршедӣ созад…

Поёни ин сарнавишти дардрез дар қалби ранчури Моҳрӯ исёне бапо намуда буд. Осмони ғамгирифтаи чашмонаш дами борон буд, вале талош менамуд худро нигаҳ дорад. Бим дошт гиряро сар диҳад ва мусоҳиби ғамини ба марзи гиря расидаро водор ба ашкрезӣ намояд.

Намехост гиряи ин марди равшанзамирро, ки дар ин шаҳри бегона дар нахустин дидор инсонвор шуниду даркаш намуд, бубинад. Гиря дар андешаи Моҳрӯ барои мард нишони шикасти рӯҳ аст…

-Ҳамин тавр, Моҳрӯ,- садо баровард Чаҳонгир. Ба хотири чунин саргузаштест, ки тақдири тифли бемор қарору сукутро аз ман рабудааст. То рӯзе, ки ҳаст, худам тарбияташ мекардам, вале дар хона касе надорам. Барои ҳамин тифлакро бо камоли чону дил ба ту месупорам. Аз ҳамин рӯз метавонӣ ӯро бо худ бибарӣ. Вале боз ҳам фаромӯш накунӣ, ки тачрибаи талхи рӯзгори дохили бемористон аст, бо чунин беморие кӯдакони гирифтор беш аз як моҳ назистаанд…

* * *

Наздикиҳои офтобпаропар буд. Як рӯзи дигар аз рӯзҳои доманкутоҳи тирамоҳ поён меёфт. Моҳрӯ сари болини тифлакаш Насрин ҳамоно нишаставу дарун-дарун гиря мекард. Насрин дар сиюмин рӯзи ҳастияш аз сари субҳ пистон ба даҳон нагирифта буд. Чашмҳояшро ба ҳам баста буд. Мисли як мавчуди беҳиссу карахт ба назар мерасид. Моҳрӯ афсус мехӯрд, ки чаро моҳҳои Худо чиҳил-пачоҳ рӯз нестанд. Таъкиди Чаҳонгир дар хусуси тӯли зиндагии тифлони мубталои ин беморӣ дар гӯшаш садо мезад ва изтиробу нигаро-

ниашро афзун месохт.

Торикӣ маҳаллаи Гилкоронро бо пардаҳои сияҳфомаш мепечонид ва сояи рангҳои тораш ба хонаи Моҳрӯ низ нуфуз менамуд. Фазое дилгиру афсурдазо, бимнок дар хона лангар мезад. Шуълаҳои умеди хонаро ба кундӣ ба фурӯ нишастан водор месохт. Садои занги дар баланд шуд.

-Ромиз аст, ки аз дарс баргашта,- худ ба худ гуфт,- Моҳрӯ ва рафт то дарро боз кунад. Ҳамин, ки назди дар омад, қуфлаки меҳварии дар чархид.

-Ромиз, ту ҳастӣ? -пурсид Моҳрӯ. Вале хилофи одат касе посух нагуфт.

-Ромиз, писарам, омадӣ?-такроран садо кард Моҳрӯ. Боз касе посух нагуфт. Дар ҳоле ки ташвишаш по мегирифт, калид дувумбора чархише хурду дар аз берун боз шуд. Пушти дар Ромизу Ҷаҳонгир истода буданд.

Омадани Ҷаҳонгир ӯро батамом ғофилгир намуда буд. Мисли як духтарбача даступо гум карда буд. Чӣ гуфтану чи карданашро намедонист.

Гоҳ ба Ромиз, гоҳ ба Ҷаҳонгири истода дар остонаи дар назар медӯхт. Ақлу зеҳнаш, забонаш гӯё аз кор афтода буд.

Ҷаҳонгири ошно бо ҳолу ҳавои ботинии Моҳрӯ гиреҳи мушкилро боз намуд:

-Меомадам, ки Насринро бубинам, дар роҳ Ромизро дучор омадам. Иҷозати даромадан ҳаст ё не?

-Марҳамат, қадамотон болои дида, дароед, вале рости гап ҳеҷ интизор надоштам,- хиҷолатзада гуфт Моҳрӯ.

-Гуфта будӣ, зуд бармегардам, чун featuresбознагаштӣ, хавотир шудам. Хостам тифлакро аз пеш, бо чашмони худ бубинам. Чӣ ҳол дорад?

Моҳрӯ медонист, ки омадани сартабиб бесабаб нест. Пур шудани якмоҳагӣ аз умри тифлак ӯро ба ин ҷо овардааст. Дар ҳоле, ки ноумедӣ ба рӯҳу ҷонаш ҳамлавар шуда буд, ба пурсиши сартабиб посух гуфт:

-Имрӯз аз каллаи саҳар то ҳол чизе нахурдааст. Ҳатто ла-

бонашро боз намекунад.

Ҷаҳонгир сари болини Насрин нишаст, дуру дароз ба ин мавҷуди печида дар сукуту оромиш, гирифтори дарде илоҷнопазир хира шуд. Бо ангуштонаш пилкҳои бастаашро боз намуд. Моҳрӯ сур-сур ба ӯ менигарист, мунтазири шунидани сухане умедворкунанда буд. Вале ҳеҷ матлабе барои гуфтан надошт. Аз хондаҳову андӯхтаҳои пешин, аз манзараҳои дидааш дар иртибот бо мубталоёни ин бемории модарзод пораҳое ба зеҳнаш мерасид ва мисли ин ки нишонаву осоре шабеҳи аз онҳо дар тани заъифу карахти Насрин медид. Ӯ як табиб буд, вале он лаҳза пушаймон буд, ки бо тору пуди беморӣ ошност. Фикр мекард, чи хушбахт буд, агар чизе намедонист.

Гоҳе инсони ноогоҳ, бехабар аз хатару ноамниҳои ҷоддае, ки роҳии он аст, бемамониат ба сарманзили мақсуд мерасад, вале бар хилофи ӯ касе ошнову ворид дар гили мушкил дармемонад. Ҷаҳонгир барои нахустин бор ба хонаи ин зани иҷоранишин омада буд ва он ҳам дар сиюмин рӯзи гузашт аз умри тифлаки зиндаятим.

Омада буд, то дар ин рӯзи ногузири дарднок бо Моҳрӯ-модархонди тифлак соате биншинад, то дар лаҳазоти поёнии зиндагии тифлаки интизори марги ногузир ӯро ҳамроҳӣ кунад…

-Моҳрӯ дар як гӯшаи он хонаи фақирона дастархон паҳн намуд, чой дам кард. Замоне ба Ҷаҳонгир пиёлаи чойро дароз менамуд, оҳиста пурсид?

-Ба Худо, хеле нигаронам. Рӯзҳои пешин дар як рӯз то се шиша шир мехӯрд. Вале имрӯз чочакро ба даҳон нагирифт. Чашмҳояшро ҳатто як маротиб нагушод…

Шунидани ин матлаби тарсолуд аз забони модаре, ки қалбаш саршори орзуву омоли сиҳатию тандурустии ҷигарбандаш аст, барои Ҷаҳонгир сахт буд. Вале сахттар аз он посух гуфтан бозгӯ намудани натиҷаи таҳқиқе буд, ки донишмандони дардшинос дар имтидоди замон ба домони

он даст ёфтаанд. Ӯ қодир набуд бори дигар бигӯяд, ки он лаҳзаи ногузир наздик аст, бархе нишонаҳои онро дар пайкари наҳифи тифлак мебинад.

Ҷаҳонгир ҳатто натавонист ба чашмони пурниёзу интизори посухи дилдиҳанда мустақим нигоҳ дӯзад.

*Ӯ борҳо дида буд, мазаи ин вазъи ошноро чашида буд. Рӯзгори инсонӣ аз доштани чунин вазъияте бенасиб нест. Вазъияте, ки аз шӯри дарду ранҷ, аз мусибат, аз бунбасти масири зеҳни ковишгар вуҷуди як инсон ба марзҳои шевану фарёд мерасад. Дар чунин ҳолате нигоҳи мустақими атрофиён ба дидагони инсони гирифтор метавонад оқибати нохушоянд дошта бошад, дарди ӯро даҳчанд созад, битарконадаш. Ин аст, ки наздикон маъмулан талош мекунанд, нигоҳашонро бидуздонанд ва танҳо бо даст бурдан ба шонаҳову оғӯш кашиданҳо, баёни ҳарфҳои сангини таскинбахш, аз ҳадду андозаи ғаму мусибат, дарду ранҷи якдигар бикоҳанд.*

Ҷаҳонгир сарафканда дар ҳоле, ки чашм сӯйи тифлак дошт, гуфт:

-Мехоҳам вузӯ бигирам. Имкон ҳаст?

-Бале, бале, Ромизҷон, акаатро ҳамроҳӣ кун,- ҳаросон посух гуфт Моҳрӯ.

Замон дар ҷодаҳои пуршебу фарози он шаби тирамоҳ ба кундӣ роҳ мепаймуд. Кул мехӯрд, пешпо мехӯрд, замин мезад, садоҳои ғариб мебаровард. Зеҳнҳоро асири худ, арсаи пурсишу суолҳои беҷавоби ошуфтагию ташвиш намуда буд.

Ҷаҳонгир аз дастшӯйӣ берун омад, аз ҷайбаш ҷойнамози чаҳорқади ҳамёнмонандро берун кашид, паҳн карду намоз гузорд. Қибланамои ҷойнамоз, ки ақрабаки сурхфом дошт, таваҷҷуҳи Моҳрӯро ба худ кашид. Ҳар рӯз ба ҳамон самте, ки ақрабаки сурхранг ишора дошт, ҷонамозашро меандохту бо Худо розу ниёз менамуд, вале имрӯз дидани қибланамо ӯро ба ёди хонадони падарӣ, падару модар, ёру бародар андохт, аз пушти ин эҳсоси дурии пайвандон, хонаву дарашон, дар вуҷудаш по гирифт ва шохоби ин маҷмӯа ба сарчашмаи

ғами бузургаш фурӯ рехт… Маҷзуби ин андешаҳо дид, ки Ҷаҳонгир фотиҳа гирифт, ҷонамозашро ҷамъ кард, ба ғилофаш гузошту хомӯш сари болини Насрин омад.

Банди дасти нозукашро гирифту ангушт болои шоҳрагаш гузошт. Сипас ангушти ибҳом бар параи гардани зарифаш ниҳод ва бо ламси гӯшаи дигаре аз тани он тифлаки навпо хост донистаҳои худро биёзмояд, бубинад, нишонаҳое, ки дар пайкари тифлак дида, бо ончи зеҳни донишмандон шинохта, чи шабоҳату ҳамсоние доранд…

Моҳрӯи муроқиби ин амал, бо қалби тӯфонӣ мунтазири шунидани гуфтори сартабиб буд. Ҷаҳонгир медид, ки ҳавсалаи зани бечора сар меравад, бояд чизе бигӯяд, то таскинбахшу корсоз бошад. Вале чӣ? Намедонист. Вазъи кӯдак тағйир накарда буд. Ҷаҳонгир ба тарафи Моҳрӯи музтарибу ғамин нигаристу гуфт:

-Хештандор бош, Моҳрӯ. Ҳама чиз дасти Худост.

Сипас, гӯё паёмади бадеро эҳсос намуда бошад, сари болини кӯдак ба хондани сураи «Ёсин» оғоз намуд:

-Бисмил-лоҳи-р-раҳмони-р-раҳим.

Ёсин. Ва-л-Қуръони-л-ҳаким. Иннака ламин-ал-мурсалийн. Ъало сироти-м-мустақим. Танзила-л-ъазизи-р-раҳим. Литунзира қавма-м-мо унзира обоуҳум фаҳум ғофилун. Лақад ҳаққа-л-қавлу ъало аксариҳим фаҳум ло юъминун…

Садои Ҷаҳонгир дар фазои хона мепечид. Ромизу Моҳрӯ низ паҳлӯи дигари кӯдак нишаставу ба қироати ӯ гӯш фаро дода буданд. Чунин сурат гирифтани ҳол Моҳрӯро бесаранҷому носабур сохт. Ба худ мепечид, лаб мегазид ва дар ниҳояти ноумедӣ ба он замони ногузир, ки Ҷаҳонгир ишора намуда буд, ба тақдир тан медод. Гумон менамуд модоме, ки Ҷаҳонгир сураи Ёсин мехонад, дигар ҳама умедҳо аз даст рафтааст ва Насринаш рафтанист, таркаш карданист...

Ҷаҳонгир қироаташро ба поён расонид. Порае аз шаби тирамоҳӣ гузашта буд. Мехост худоҳофизӣ кунаду ба хона-

аш баргардад. Писараш танҳо буд. Андеша мекард, ки чи гуна аз ин тасмимаш Моҳрӯро огоҳ кунад.

Дар ҳамин асно садои гиряи тифлак баланд шуд ва хомӯшии маргбори хонаро фурӯ рехт. Садои ӯ одию маъмулӣ набуд. Ҷаҳонгир дар тӯли зиндагии коргоҳӣ ҳеҷ вақте чунин фарёди ҷонсӯзро нашнида буд. Садое, ки дар оғоз бар пардаҳои гӯш мисли сӯзан мехалид, лаҳзае баъд ба гиряи ором мубаддал шуд. Ҷаҳонгир мутаҳаййир даст ба пойҳои тифлак бурд ва ба молиш додани онҳо шуруъ намуд. Баногоҳ, ғайриинтизор тифлак пилкҳои бастаашро боз намуд. Моҳрӯ хам шуд ва аз рухсораҳояш гарм-гарм бӯсид. Ҳамин дам буд, ки Насрин хандид, хандае, ки одатан баъди хоби амиқ, замони бедор гаштан дар лабони тифлак пайдо мешавад. Ҷаҳонгир хам шуд ва гӯш ба қафаси синаи Насрин гузошт.

Пас аз муддате сар баланд кард, гӯшашро кафи дасташ сахт шакид ва боз бар рӯйи қалби кӯчаки Насрин фурӯ ниҳод. Замоне, ки ӯ машғули ин кор буд, барои Моҳрӯ тӯлонитарин рӯзи зиндагияш буд. Фикр мекард замон аз ҳаракат бозмондааст, аз кор афтодааст. Сели дамоне аз суолу пурсишҳои бепосух, равонсӯзу рӯҳшикан, вожгунгари таҳдевори умед аз домани зеҳнаш девонавор, бепарчу порч мегузашту мегузашт. Наметавонист оромиш бигирад. Ромиз, ки ин ҳолати ногувори аммаашро назорагар буд, бархост ва ба ӯ як пиёла чойи ширгарм дароз кард, шотине нӯшидани чой мавҷи ноорომии асабашро фурӯ бирезад. Моҳрӯ бо дастҳои ларзон пиёлаи чойро гирифт, вале тамоми ҳушу равонаш ба Насрину Ҷаҳонгир буд, ки ҳамоно бо чашми гӯш дар қалби хурдакаки тифлак дунболи чизе мегашт.

Оқибат аз ҷой бархост. Ӯ шабеҳи як намозгузоре буд, ки пас аз анҷоми намоз, ҷойнамоз бармечинад ва бо эҳсоси ризояту қаноат Худовандро шокир мешавад. Ҳолати равонияш комилан дигаргун шуда буд. Бо табъи болидаву чеҳраи шукуфон гуфт:

-Моҳрӯ! Осуда бош. Дигар ҷойи ҳеҷ нигаронӣ нест. Ончи ба гӯши ман расид, муждарасони рӯзи хушоянд аст. Хатарҳо бартараф шуданд. Ҳамон пистонаки девори қалбаш, ки модарзод баста буд, боз шуда. Тифлак… тифлаки мо Худо хоҳад умри дароз мебинад. Дигар ғам нахӯр, гиря накун!

Бо ин хабари хуши деринтизор Моҳрӯ магар метавонист орому сокит бошад. Ӯ ҳаргиз қодир набуд зимоми эҳсосу авотифи таҳрикшудаашро ба даст бигирад. Тифлакро ба оғӯш гирифту даст ба домани гиря зад.

Дар шӯри гиряе, ки пас аз зойилу пароканда гаштани анбӯҳе аз абрҳои изтиробу нигарониҳо, ошуфтагию бесаранҷомиҳо бо домане аз шодию нишот сар мерасад ва вуҷуди инсонро чароғонӣ месозад, Моҳрӯ ба чеҳраи Насрин нигоҳ андохт. Дар лабони нозуку зарифаш сабзхандае дамида буд. Сабзхандаи латифу зебо, дилкашу чашмгир, вале розолуд. Ҷозибаи хандаи тифлаки дардкашида Моҳрӯро ба худ кашид. Ӯ ҳаргиз дар шинохти моҳияти хандаи як тифлак таваҷҷуҳ накарда буд. *Бароят таажҷубовар буд, ки дар олами ноогоҳӣ хандаи кӯдакони навзод аз куҷо сарчашма мегирад? Аммо медид , ки чи гуна дасти оромишбахши он сабзханда ба рухсори ӯ медавад, ашкҳои бари рухсорашро пок месозад, эҳсосоти гирязоро дар ниҳодаш фурӯ менишонад ва дилашро боз мекунад. Бо гузашти ҳар лаҳзае кашандагии хандаи Насрин бештар мешуд.* Шиддати ханда ба ҳадде буд, ки комҳои бедандонаш падидор буданд. Ин ҳолат зеҳну андешаи Моҳрӯро бепову сар менамуд. Мерафт суроғи ҳар макону ҳар касе, ки хурдтарин пайванде бо Насрин дошт. Модари тифлак пеши назараш ҳувайдо шуд. Зане истода назди тиреза ва бо телефони ҳамроҳ пурҳарфӣ мекунад. Ба ҳеҷ ваҷҳ розӣ нест навзоди беморашро бигирад. Аз баҳраш гузаштааст…

*Оҳ-,амон аз ин гӯшаи но по осудаи инсон. Чи буғранҷию печидагие, чи торикроҳи беинтиҳое. Замоне мебинад, ки хонаи ҳамсоя дар коми оташ фурӯ меравад, аз он шод мешавад, ки хайрият хонаи ӯ нест, ки месӯзад. Ё бореро, ки ҳамлаш бо*

*уҳдаи ӯст ба дӯши дигарон мегузорад ва баъд озод, бо шонаҳои холӣ дар хатти ризояту қаноат қадам бар медорад. Инсонҳо ағлаб аз баландиҳои огоҳӣ хеле огоҳона кирде содир мекунанд, зеҳнан тасмимҳое ба суди худ мегиранд, нақшаҳое тарҳ менамоянд. Ва оқибат пардаи худбинӣ, худхоҳӣ, худманишӣ рӯзе ононро ба сарзамине мерасонад, ки хокаш, обаш, ҳавояш, сӯзандагӣ дорад, дарун-дарун сӯхтан дорад.*

*Оташи сӯзандаи онро ҳеҷ касе нахоҳад диду фурӯ нишонд, зеро дуд надорад. Дӯшборҳо дар ин водӣ сангинтару азпофикантар ва номи он водӣ пушаймонист.* Пушаймоние, ки суде надорад. Расидагони ин манзил дар як чашм ба ҳам задан хурду ҳақир, нотавону залил, бечора мегарданд, вале ночоранд барои посух гуфтан, ҳисобӣ намудан омода бошанд…

Насринро рӯйи бистараш гузошт ва вориди ошхона шуд ,то барояш шир бипазад. Лаҳзае пас аз нав ба гиря афтод. Ин мусиқии ошно Ҷаҳонгирро ба худ кашид. Аз сари дастархоне, ки пеши панҷара густорда шуда буд, бо Ромиз бархостанд ва пеши тифлак омаданд. Садое аз хилвати вуҷуди як мавҷуди маъсум берун меомад, бо ҷамъи беруниён мепайваст, ҳузури хешро дар мазҳари инсонӣ устувор месохт.

Ҷаҳонгир хам шуд ва Насринро канор гирифт. Ҳамин ки ба ӯ чашм дӯхт, Насрин ором гирифт ва лабонаш моили ханда шуданд. Бо тамошои ин манзара ҳолати осмонӣ дар худ эҳсос намуд. Дар як чашм ба ҳам задан хастагиҳои рӯз аз вуҷудаш гум шуданд.

Тифлак бо чашмҳои рахшонаш ба Ҷаҳонгир менигарист ва побанди дунёи ноогоҳи худ механдид. *Хандаи софу зулол, мисли оби чашма меҷӯшид ва Ҷаҳонгирро хиҷолатзада менамуд. Фикр мекард тифлак ба аҷзу нотавонии хираду ақли инсон механдид. Гоҳе бандаи хокӣ мағруру ҳавогирифта бо болу пари донистаҳои хеш фаромӯш мекард, дар марзи қаламрави дигаре қарор дорад, ки таҷовуз аз хатти он барои ақли ӯ муҷоз нест.*

*Дасти одамӣ дар масири дуру дарози шинохти мазоҳири*

*олам парда аз рухи ганҷҳое номакшуф боз мегирад, ба иқлимҳое шигифт по мегузорад, ҳама буду набуд, дороии он марзу бумро дар ихтиёр мегирад ва дар ниҳояти амр нобаҳангом хиради лаҷомгусехтааш ба маснади ғурур мешинонадаш, худро яккатози майдон, донои кулл, пешгӯю пешбин, таъйинкунандаи сарнавишти дигарон эҳсос мекунад, бехабар аз он ки хиради ӯ барои иҷрои ин амр қодир нест. Ба нақши аз пеш тасвиршудаи сарнавишти инсонҳо нақши дигаре изофа кардан дар қудрати ӯ нест. Гом бардоштан дар домани қудрати он ягона Наққош марги хирад аст…*

Моҳрӯ шишаи шир дар даст баргашт, чун Ҷаҳонгирро бо кӯдак дид, эҳсоси мубҳаму пардагӣ, вале ширин дар вуҷудаш ҳисс кард. Насринро оҳиста аз дасти Ҷаҳонгир гирифт ва ба лабони хандони ӯ пистонакро гузошт. Дар ҳоле ки кӯдак ҳарисона шир мехӯрд, Моҳрӯ беихтиёр пурсид:

-Ин қадар зиёд механдад? Барои чӣ?

Ҷаҳонгир худро нашнида ангорид. Пас аз муддате чун дид Насрин ширашро хӯрдаву оромиш пайдо намуд, изҳор дошт:

-Акнун ба ман иҷозат. Бояд баргардам.

-Ба Худо намедонам, чӣ гуна аз Шумо ташаккур кунам. Ман ҳаргиз хубиҳои Шуморо фаромӯш намекунам. Худо ёру мададгоратон бошад!

-Ман коре накардам. Ин вазифаи ман буд-,гуфт Ҷаҳонгир ва қабл аз он ки аз дар берун шавад, аз ҷайбаш лифофаеро берун оварда ба Моҳрӯ дароз намуда гуфт:

-Дар ин лифофа асноди лозими тифлак гирд омадааст. Хуб ҳифзашон кунӣ.

-Ба ҷону дил, албатта-изҳор дошт Моҳрӯ.

Ҷаҳонгир гоми дигаре бардошт ва бозпас гашту гуфт:

-Гуфтӣ, ки тифлак барои чӣ механдад? Шояд ба содаангорию содаандешии мо ва шояд ба рангбозиҳои инсонияти инсон…

* * *

Асной рафтани Ҷаҳонгир посе аз шаби сардсери тирамоҳ гузашта буд. Моҳрӯ хаставу лакот ба рафтани меҳмон фаврӣ бистари хоби Ромизро омода намуд. Пас аз ҳафтаҳои бехобию саргаронӣ рӯйи бистар дароз кашид, лифофаро боз намуд, то ба асноди Насрин назар кунад.

Дар саҳифаи аввали варақҳои берункашида аз дохили лифофа маълумотномаи кӯтоҳе дар бораи таваллуди Насрин дарҷ шуда буд. Вале гузар ба саҳифаи дувум ниҳодашро такон дод. Бо чашмонаш бовар намекард. Аз ҷо баланд шуд. Ҷаҳонгир унвони ӯ нома навишта буд. Аз бими он ки Ромиз аз бесаранҷомияш пай барад, бархост, чароғро хомӯш карду вориди ошхона шуд. Номаро рӯйи миз гузошт. Ҳаяҷони ғариб ба суроғаш омада буд ва лаҳза ба лаҳза дар замини вуҷудаш реша медавонид. Аз якбора хондани нома бим дошт. Вале сарчашмаи он тарсу бим, дилвопасӣ барояш ноошно буд. Ба шӯстушӯи зарфҳо шуруъ кард. Зарфҳо шуставу покиза буданд, аммо дар шӯри ҳаяҷону изтироби ногаҳонӣ, дубора ба пок кардани онҳо даст бурд.

Ба нома назар медӯхт, лабханде дар лабонаш ҳувайдо мешуд ва боз дар гурези андешаҳо нопадид мегардид. Оқибат зарфҳо шӯставу мураттаб чида шуд. Худро ҷамъу ҷур намуда номаро ба даст гирифт. Ҷаҳонгир навишта буд:

«Моҳрӯ! Ин сатрҳо раҳоварди зеҳну андешаи хастапойи мананд. Рӯзгор аксар бо ман номеҳрубон будааст. Вале бе он ки аз касе озурда бошаму эҳсоси ранҷиш кунам бо таваккул ба Худо ҳама шикасту рехтҳоро, бори сангини рухдодҳои нохушояндро ба ҷон кашидаву таҳаммул намудаам. Дар қиболи ҳеҷ мушкиле шона хам накардаам, аҷзу нотавонӣ ба рух накашидаам. Агар гуноҳе содир кардам, ҷурмам ин аст, ки ба аҳримансириштоне мисли ноумедию дилмурдагӣ, яъсу ғам иҷоза надодаам, то меҳмони саройи ман бошанд. Имондор будан, бо эътиқод зистан инсонро муназзам месозад, қавӣ мегардонад, ба талошу такопӯйи созанда ҳидоят меку-

над… Ман дар марҳилаи ҳассосе аз зиндагии хеш қарор дорам. Марҳалае, ки тақозо мекунад, ба шоҳроҳи бузурги рӯзгор ворид гардам ва гоме ҳаётофарин бардорам. Ин мусофирати пешорӯ ба ҳузури ҳамсафари муносиб ниёз дорад. Ҳар андоза, ки меандешам, чашми зеҳнам ба сӯи ту мечархад, зеро, зиндагии ману ту муштаракоту шабоҳатҳои зиёде доранд. Худ ту медонӣ мо якдигарро хуб дарк мекунем. Аз ин рӯ умедворам дар ин сафари сарнавиштсоз маро ҳамроҳӣ кунӣ, ҷуфти ман бошӣ. То битавонем танҳойии хешро қисмат кунем. Зиндагии хеш, дунёи хешро аз нав бисозем. Бовар кунем, ки пайванди мо баҳорзо мешавад…»

* * *

Дар ҳисори хиштсохти як ошхонаи маъмулии хонаи канории маҳалли Гилкорон, дар торикистони дили як шаби тирамоҳӣ миёни зарфҳои барчидаи рафҳо, дегу кафлез, бо дарёфти як номаи сода дар зиндагии Моҳрӯ иттифоқи аҷибе меафтод. Сояе аз ишқ дар рӯ ба рӯяш падидор шудаву ишораташ менамуд ,то бо ӯ канор биёяд, азми ӯ кунад.

Зане, ки дар хилоли умраш ҳаргиз чунин номаи меҳромезу қалбӣ надидаву нахонда буд, аз фарти ҳаяҷон аз бистари дунёи худ берун мерафту, боз мегашт. Дарёи зеҳну афкораш гирифтори мадду ҷазри ғайриинтизор шуда буд.

Номаро гаштаву баргашта, пушти ҳам мехонд ва бо ҳар гашту баргашт эҳсос мекард, бештар роғибтараш месозад, мекашадаш, ҷазбаш мекунад. Гумон мекард вожагон дар ин нома аз ҷинсу табори дигаранд. Заминашонро осмони дигарест. Вожагон дар ин нома мисли одамҳо танаффус мекунанд, гармрӯву хуршедианд, бо меҳр ханда мекунанд, нишот, шодӣ, умед дар ойинаи чашмашон мерақсад, мечархад…

Дар ниҳонгоҳи синааш эҳсоси хуфтае бедор шуда буд ва шигифтзада ба чаҳорсӯ нигоҳ мекард. Ҳар дидае дар назари ин ҳисси ғариби бархоста пас хоби гарони тӯлонӣ, хубрӯву дӯстдоштанӣ буд. Моҳрӯ дилхур аз он буд, ки чаро пешҳо аз

ҳузури ин эҳсоси ширин, шӯри ботин, ғофил буд. Сояе аз ваҳму ҳарос дар фазои зеҳнаш камрангу заъифсурат сурат падид меомад. Накунад, ки ин ҳисси навпову навзуҳур шабнамгуна аз бораи сабзи барги зиндагияш фурӯ резаду ӯро аз он ҳолати лаззатофар маҳрум созад. Аз ин гузашта суоле азиятовар зеҳнашро мехарошид. агар ин ҳисси нақиб ишқ аст, магар деррас нест?

Туғёни он ҳисси ғариб ба гунае буд, ки имкони посухёбиро ба пурсишҳои паёпаю зудхези зеҳнаш салб менамуд. Вале бо гузашти замон гумон мекард, тадриҷан оромишу таскине фараҳбор синаашро пур мекунад.

-Не, набояд чунин бошад-, ба дил мегуфт, Моҳрӯ. Магар мешавад ишқ, ки гаронбаҳотарин неъмати Офаридгор аст, деррас бошад? Замон мехоҳад, то ин эҳсоси наҷибу нуҳуфта дар умқи ҷони ҷон, бо фаро расидани лаҳзаи зуҳур аз пинҳонгоҳи хеш бадар ояд ва ҳастии моро ба ҷунбишу такопӯ барангезад. *Дар паҳнаи ин кавну макон, миёни мавҷудоту махлуқот, аҷрому аҷсом ҳамаро оғозу анҷомест. Вале ишқ аз ин доира мустаност, зеро худ сабабгору муҳаррики ҳастию раванди идомат аст, дар масири ҷовидонагӣ роҳпаймоии ҳамешагист.*

Моҳрӯ дар ҳоле ки номаро чаҳорқад менамуд, дар бораи Ҷаҳонгир меандешид. Сабру таҳаммул, хештандории нотасвири вай дар қиболи шикастурехтҳои рӯзгор мутааҷҷибаш менамуд. Ӯ ба хурдтарин ҷузъиёти сарнавишти дардангезу сахти Ҷаҳонгир ошно буд. Гумон мекард, шояд сарпанҷаи ҳамин ишқ буд, ки дасташ гирифту умедаш дошт, нагузошташ зери сояҳои ғами шикасту мусибат фурӯ резаду нопадидор шавад. Сари по гузошташу дар идомати мусофирати ин паҳндашти ҳазорманзару ҳазорхона ҳидояташ намуд, то дӯшбори қисматашро шоиставу муносиб ба манзил бирасонад…

*Домони ҳар мусофирате анбошта аз рухдодҳои аҷибу ғарибест. Ҳар мусофире ниёз ба ҳамсафаре дорад, то ранҷу азоби роҳро бо ӯ қисмат кунад, садоҳои хилвати синаашро*

*дар гӯши вай бирезад, пироҳани хомӯширо пора-пора созад, вуҷуди андӯҳзояшро гард-гард, рез-рез кунад*... Ин ки дар ин мусофират Ҷаҳонгир ӯро ҷуфти худ интихоб намуда, чи хуб! Аммо мушкил ин аст, ки бо чи шевае ишорати ризоят бидиҳад. Чӣ гуна бигӯяд, ки ӯ ризост. Омодааст, ранҷу сахтиҳои ин сафари зиндагисозро ба ҷону дил бипазирад…

Нобаҳангом садои гиряи Насрин бархост, бӯйи ин садои биҳиштӣ ба гӯши ҷонаш расиду маст шуд.

-«Ҳатман гурусна мондааст»,- андешид, Моҳрӯ.

Шишаи ширро, ки болои дегдони барқӣ даруни оби ҷӯшида гузошта буд, бардошту сари болини тифлак рафт.

Насрин бо хӯрдани шир ором гирифту дубора ба хоб рафт. Моҳрӯ ғарқи шодӣ лухтаки зарринмӯйи чашмшишай-иро паҳлӯи ӯ гузошт.

Субҳдамон буд…

Дари хонаро боз намуд, сипас сатли хокрӯбаҳоро бардошту ба берун баромад. Ҳеҷ касе дар атроф набуд. Танҳо дар канори хиёбони ягонаи Гилкорон чанд тан аз рӯфтгорон пиёдаравҳои канори хиёбонро мерӯбиданд. Хиёбони шаҳр бо расидан ба канораи маҳалли Гилкорон хатм мешуд ва баъд шоҳроҳ ба сӯйи дигар сарзаминҳо ибтидо мегирифт.

Моҳрӯ ба партобгоҳ расид, хокрӯбаҳоро рехту пас гашт. Ҳамин лаҳза дар гумонаш дар интиҳойи хиёбон, дуруст он ҷо, ки хиёбон бо гардише куллӣ поён меёфт, суроби пирмр-деро дид, ки саропо нуру зиё, ба сӯйи шаҳр гом бармедошт ва бо ҳар қадамаш, гирду бараш равшанӣ медурахшиду мерақсид.

Моҳрӯ нигоҳе ба пеши по намуд ва дубора, ки барои ди-дани суроби он пир қафо баргашт, касе падидор набуд.

Субҳ дамида буд… Субҳи сафедрӯю сафедандом, сафеда-рез…

## БӮЙИ ШАБ

*(Қисса)*



Худовандо, ҳазорон сол аст, ки рӯзро чун ойинаи тамомнамо дар ихтиёри офаридагонат мегузорӣ ва шомгоҳон онро боз меситонӣ. Оё дар ин доду ситад аз нуру зиёи ӯ коста шуда, ё чеҳрааш хира шудааст?...

Ман дар синаи торикӣ қарор дорам. Чашмам, ки бо рӯшноӣ танаффус мекунад, гӯё ки дамгир мешавад. Тааҷҷуб аст. Дар кӯдакӣ ба мо мегуфтанд, ки рӯшноии рӯз беҳаду охир аст. Ҳар қадар ки аз он истифода шавад, аз миқдораш заррае кам намешавад. Чи дурӯғи шохдоре! Агар дурӯғ набуд, чаро дар дили рӯз хонаи мо торик аст, пеши поро házametавон дид?

Дирӯз модарамро дидам, ки дар даст асо гирифт ва ба хонаи ҳамсоя рафт, то қадре равшании рӯз биёрад. Худовандо! Рафту барнагашт, метарсам, ки дар миёни бешаи зулматзада гум шуда бошад…

Писарак нахуст шабро дид, болои ҳама чиз парда мекашид. Осемасару музтариб мехост дунё бо тамоми мазоҳираш зери сояи болҳои зулмонии ӯ бошанд. Дар як они воҳид мавҷудоти рӯи замин ранг бохт. Бешаву ҷангалҳои сабзпӯш сияҳфом шуданд. Аз рухсори биноҳо, хонаҳои маскунӣ гӯё дуда мерехт. Ғайриинтизор аз наздаш ду кабӯтарак, ки болои боми онҳо лона доштанд, парвозкунон гузаштанд. Худоё! Гӯё онҳоро бо сиёҳӣ ранг карда буданд . Ба зеҳнаш расид, ки замоне модараш калобаҳои сафедро дар сатли ҷӯшон, ки обаш бо хокаи сиёҳ омезиш дода шуда буд меандохт ва чанд дақиқа нигоҳ медошт. Ҳангоме ки калобаҳояшро аз сатл берун мекашид, қад-қади тори калобаҳо рангоб мечакид. Сиёҳӣ сафедиро фурӯ мебурд, хурд мекард, вожгун месохт.

Зулмати шаб нерӯи дидро аз писарак салб намуда буд. Чашмонаш тавони дур диданро надошт. Пардаи сиёҳӣ ғафстару печидатар, мегашт. Эҳсос намуд, ки манзили зисташ низ аз торикӣ пур шудааст. Ҳайратзада шуд.



Охир, дари хона бо панҷараҳояш баста буд. Ҳатто хурдтарин роғе ҳам мавҷуд набуд. Пас, ин шаби торикдил чӣ гуна вориди хона шуд?

Хона саршори шаб шуда буд. Бӯйи занандаи шаб ба машомаш расиду сараш гиҷ шуд. Хоҳише ногаҳонӣ, вале кашандаву ҷаззоб дар умқи синааш ба ҷунбиш омад. Зеҳнашро ба ин андеша водор сохт, то шабоҳате миёни бӯйи шаб ва дигар бӯйҳои ошно пайдо кунад. Замон мегузашт, вале ҳеҷ атреро шабеҳу монанди бӯйи шаб намеёфт. Танҳо яқин карда буд, ки бӯйи шаб нофорам аст. Дар вуҷуди инсон тарсу бим эҷод мекунад. Касро дилгиру пажмурдаву дилшикаста

месозад. Вале бар хилофи дигар бӯйҳои ҳамтои хеш ранг дорад, ранги тираву тор, зояндаи ғаму андӯҳ.

Писарак ғарқ дар миёни амвоҷи зулмонии шаб мисли нобиноён панҷаҳои нозукашро ба сӯи панҷара дароз намуд, то мабодо ба чизе аз ашёи мавҷуди хона бархӯрад, пешпойӣ хӯрда ба фарши хона афтад. Шунида буд, ки инсон дар муқобили чунин фазои тираву бимнок бояд шона хам накунад, ба фишори андӯҳбори шаби сиёҳдил тан дарнадиҳад. Зеро шабҳо мардуми заифу буздилро хеле зуд мешиносанд, мисли об дам мекашанд, асиру побанди хеш месозанд.

Буздил мардум бо дидани шаби зиштсурат ранг мебозанд, мепурканд, ларза дар ҷонашон меафтад, ғуломи бандаи шаб мешаванд.

Вай ба ҳеҷ ваҷҳ ҳозир набуд иродаву ихтиёр дар панҷаи шаб бисупорад.

Хуб шуд, ки ин машварати пешин ба зеҳнаш расиду шердилу хурсандаш намуд. Соп-соп намуда худро ба панҷараи хона наздик намуд. Ҳамин ки сарангушти дасташ ба панҷара расид, онро қабза карду панҷараро боз намуд. Ҳавои ғализу сангине омехта бо бӯйи шаб ба димоғаш расид. Сӯзише дардноку зудгузар дар умқи димоғаш эҳсос намуд. Гӯё ба димоғаш оби сард рехта бошанд. Ғайриихтиёр чашмҳояшро пӯшид. Пилкҳояшро ба андозае ба ҳам фишурд, ки аз кунҷи дидаҳояш об заҳид. Сипас бо нӯги ангуштон пилкҳоро молиш дод.

Мисли ин ки ин амалаш коргар уфтод. Дидаҳо ба торикӣ одат карданд.

Пушти панҷара дар ҳавлӣ шаб кохи бузурге бино карда буд. Писарак дар хилоли умри хеш кохҳои муҳташаме аз наздик, дар тасвири китобу маҷаллаҳо ва дар филмҳои гуногун дида буд. Дар бунёди кохҳои дидаи вай рангҳои мухталиф ба кор гирифта шуда буданд. Рангҳои дурахшону дилкаш, чашмрабо, зояндаи нишоту хушояндӣ, умеду орзу. Писарак ҳаргиз перомуни дунёи даруни кохҳои шинохтаи хеш ва

одамоне, ки дар дохили он буду бош доранд андеша накарда буд. Танҳо дар тӯли чанд моҳи охир зимни бархӯрди дубора бо коххҳои бишнохта натиҷаи мубҳаме дар зеҳнаш дар бораи онҳо шакл мегирифт, ки шояд бошандагону коргарони коххҳо мардуми боҳушу баргузидае бошанд. Тангдастӣ, дастнигарӣ, фақру нодорӣ, ниёз барои онҳо бегона бошад. Ва шояд суфраи онҳо саршори шодкомӣ, хандаву хушбахтӣ бошад…

Нолаи гӯшхароши як махлуқи шабгард, риштаи афкори писаракро қатъ кард. Шинохти ин нолаи ногаҳонӣ дар умқи шаб ҳушу ёдашро ҷалб намуд. Дилаш мехост бидонад, ки соҳиби ин нола чист? Чӣ дарду ниёзе ӯро маҷбур намуда, то садо баланд кунад. Ё бар хилофи ин изҳори ризояту хушнудӣ мекунад?!



Садои махлуқи ноошно мисли барқ дар осмони шаб ду-

рахшиду хомӯш шуд. Дигар зеҳну ҳуши писаракро тавону ташхиси худованди садо набуд. Ба назар чунин мерасид, ки кохи шаб махлуқро бо нолаву фиғонаш фурӯ бурда буд. Ҳулҳулае даруни кох бархост. Бинои кох бо тамоми ҳашмату шукӯҳ ба ҷунбиш афтод. Гӯё бошандагони кох мерақсиданду пойкӯбӣ мекарданд.

Хира-хира қиссаҳои модаркалонаш ба ёдаш омад. Модаркалон мегуфт, девону ҷинҳо, парию аждаҳо маъмулан дар домони зулмати шаб ба роҳ меафтанд, то корҳои сиёҳи худро анҷом диҳанд. Ин тоифа аз рӯшноӣ ҳарос доранд. Ободиро чашми дидан надоранд. Аз ин рӯ сари роҳи худ ҳар ҷӣ аз ободӣ, нақши дасти инсон диданд, харобу вожгун месозанд. Замоне, ки аз натиҷаи аъмоли нопоки хеш ба шавқу шӯр меоянд, даст ба дасти ҳам медиҳанду рақсу пойкӯбӣ мекунанд. Таҷаммуи онҳо сабабгори хезиши боду гирдобҳои ваҳшатнок, садоҳои бимнок, ҷунбиши замин мегардад…Писарак аз зуҳури ин гӯшаи нохушоянди қиссаҳои модаркалон дар пардаи зеҳнаш сахт пушаймону нороҳат шуд. Аз ҷониби дигар дар ҳайрат афтод, ки чаро маҳз ҳамин бахш аз шунидаҳо пеши назараш ҷилвагар мешаванд. Мехост масири ҳаракати андешаашро тағйир диҳад, суратҳои абусу мудҳиши аҷинаву деву парироаз саҳифаи хотироташ дур созад. Зеро ҳузури онҳо дар вуҷудаш як ҳолати тазъиқовару тарснокеро эҷод мекард. Эҳсосе муқовиму решадор дар синааш сар баланд карда буд, то писаракро аз чангу банди ин ҳолати зачрнок раҳо созад. Синаи кохи шаб ҳамоно муталотим буд. Овозҳои аҷибу ғарибе дару деворашро меларзонд.

Писарак бо қалби пурниёзу имдодҷӯёна дар муҳити дамгиру рангбохтаи ҳавлӣ дида сӯи осмон афканд. Вале афсӯс, осмон низ бо абрҳои сиёҳу мушкӣ чеҳра пинҳон карда буд. Гӯё абрҳо ҳамдилу ҳамзабон шуда буданд, зери фармони лашкари шаб қарор доштанд. Хешро бо пероҳани шабрангу атру бӯи шабгуна ороста буданд.



Таконе дар пайкари онҳо эҳсос намешуд. Дидани ин манзара андешаеро аз домани яъсу навмедӣ дар мағзаш бедор кард, мисли хун ба рагу пайвандаш давонид.

Ин авзоъ рӯҳу равонашро барои парокании оҳи дудолуде омода карда буд, вале таъкидҳои модаркалон писаракро аз вартаи таслиму асорат канор зад. Яқин медонист, ки пушти абрҳо ахтарону маҳ машғули дурахшишанд. Онҳо пардаҳои

абрҳои тирарӯро хоҳанд шикофид. Беҳуда нагуфтаанд: «Поёни шаби сияҳ сапед аст»…

Рӯдхонаи замон ҷорӣ буд. Орому хомӯш аз миёни ҳавлие, ки писарак қарор дошт, мегузашт. Сабади пургул аз андешаҳои писарак дар синаи ин рӯдхона шино мекард. Писарак дар чаҳордевори ин ҳавлӣ, дар сабзтарин гӯшаи замини бузург рӯзе зода шуд. Ин ҳавлӣ барояш вусъати дунёро дошт. Гумон мекард, ҳавлии онҳо маркази дунёст. Аз синаи ин ҳавлӣ нахустин бор хуршедро дид, бо ӯ бинои дӯстӣ гузошт, аз ӯ муҳаббату дӯстдорӣ, гармию ишқ омӯхт. Дар гаҳвораи ин қитъазамин дар оғӯши шабони сияҳзамир аз пистони нурафшони маҳтоб шир нӯшид ва фонусе саршори нур дар синааш шукуфид…

Ҳамин дирӯз буд, ки волидайни писарак пас аз машварату тараддуд диданҳои чандрӯзӣ қарор доданд, барои дидану аҳволпурсӣ аз Нозбӯ-хоҳарбузурги ягонаи писарак раҳсипори шаҳр шаванд. Як рӯз пеш аз мусофират модараш субҳи барвақт ӯро аз хоб бедор намуда, амр кард, то аз ҳезумхона барояш ҳезум биёрад. Ният дошт барои Нозбӯ нони танӯрӣ, кулчаҳои ширмол пазад. Шояд духтараш нони танӯру бӯи гандуми дар осиёби обии деҳ ордшударо пазмон шуда бошад. Бе ин ҳам расму рукни қарнҳо шаклгирифтаи меҳмонист, ки инсон бояд ҳангоми воруд ба хонаи дӯст дастхолӣ набошад. Ҳатман дастовезе ҳамроҳ дошта бошад. Ба гумони модар барои мардуми шаҳрнишин аз нони танӯрӣ савғову дастовези пурбаҳотаре нест.

Одатан барои писарак субҳгоҳӣ аз бистари гарми хоб ҷудо шудану бархостан хеле сахту ранҷовар буд. Махсусан субҳи он рӯз, ки шабона то дер замон машғули номахонию посухнависӣ буд, вуҷудаш хаставу афгор шуда буд. Ҳангоме ки модар даст ба китфаш гузошту тултондаш, базӯр чашм боз намуд. Мисли рӯзҳои пешин мехост бо пеш овардани баҳонаҳои рангин, ки аз муҳиту рӯҳу равони кӯдакӣ маншаъ мегирифт, аз амри модар сарпечӣ кунад. Медонист, ки модар аксар зери бор мерафт, бо

лабханди меҳромез баҳонаи дурӯғини ӯро мепазируфт, аз пешониаш гарм мебӯсид, бо кӯрпа мепӯшондаш ва дунболи кораш мерафт. Ва боз писарак мемонду хоби ширини субҳгоҳӣ. Вале ин бор писарак бо вуҷуди хастаҳолию саргароние, ки бар асари дерхестии шабонгоҳӣ танашро чира шуда буд, аз ҷо парид, то дар иҷрои амри модар таъхир насозад, зеро модараш гуфта буд, ки барои хоҳарбузургаш Нозбӯ кулча мепазад. Нозбӯ пас аз волидайн сеюмин шахсе буд, ки то ҷони ҷон дӯсташ медошт. Рӯзе набуд дилаш дар ёди ӯ гум назанад ва эҳсоси фироқу дурӣ накунад. Нахустфарзанди хона буд, ки солҳо пеш барои хондану табибӣ омӯхтан худро ба оғӯши шаҳр зада буд. Соли аввали мусофирати вай барои писарак ниҳоят гарону дардангез буд.

Ёдаш ҳаст, мисли имрӯз торик- торики рӯз модар бедораш кард. Бо чашмҳои нимабоз ба модар менигарист, вале намефаҳмид, ки дар дили саҳар чи иттифоқе афтода, бо чи иллате аз хоб нофораш карданд. Панҷаҳои шахшули модар дар замини мӯйҳои сиёҳаш ҷӯя мекашид. Чеҳраи мушаввашу музтариби вай ҳеҷ таъсире барояш эҷод наменамуд, зеро дасти навозишгару меҳромези модар маҷзубаш намуда буд. Ӯ даст аз бистар бардошт ва бағали модар гузошт. Дар ҳоле, ки мехост чашмонашро бипӯшад, модар гуфт: Шоҳинҷон! Хез, бачам бо ҳам таҳтул кунем. Хоҳаракат имрӯз сафар дорад.

Домони модар бӯи шири навдӯшида мекард. Равшан буд, ки ӯ то ин дам модагови пешонисафедашонро ҷӯшидааст.

Хабари модар ба андозае ногаҳонӣ буд, ки писаракро гиҷу сардаргум сохт. Фаврӣ аз ҷои хобаш бархост. Ба назди панҷара давид. Панҷарае, ки ба сӯи ҳавлӣ боз мешуд ва фазову масоҳати ҳавлӣ аз пушти он чун кафи даст намоён буд. Рӯи ҳавлӣ болои суфраи гилин, ки нишастгоҳи тобистонаи онҳо буд, падару Нозбӯ нишаста буданд. Дуртар аз сари дастархон гӯшае ҷомадон ва як бастаи китоб қарор дошт. Эҳсосе ғамбор қалбашро фишурд. Яқин ҳосил намуд, ки хоҳараш меравад. Хонданӣ меравад, табиб мешавад. Табиб, ки шуд, ба деҳа бар-

мегардад. Он гоҳ пойҳои дардманди бобои Мансур, ҳамсояи девордармиёни онҳоро табобат мекунад. Кӯдакони беморро даво мекунад. Дар деҳаи онҳо бемористон месозад. Намегузорад, ки аз ҳаку ҳамсояҳо касе касалу бемор шаванд.

Ҳа ин гапҳоро ба ӯ хоҳараш гуфта буд. Вале писарак ба суханони вай бовар намекард. Аммо дигар ҷои шакку тардид набуд.

Хоҳараш меравад. Ӯро танҳо мегузорад. Вай бори нахустин эҳсоси танҳоӣ кард. Сафҳаи зеҳнаш моломоли андешаҳои сардаргум шуда буд. Чӣ кор карданашро намедонист. Садҳо суолу пурсиши бепосух зеҳнашро асир намуда буд. Афсӯсу дареғ аз он дошт, ки чаро дунё бо чунин сурате бино шуда? Чаро дар деҳаи онҳо бемористон нест? Чаро кӯдакони деҳи онҳо ранҷуру мубталои дарданд? Аз чӣ чашмони холаи Моҳрӯ сурху дардманданд?

Писарак ғарқ дар гирдоби ин пурсишҳои нохушоянд гумон дошт, агар ин дардвораҳои мардум намешуд, агар деҳаи онҳо соҳиби табибони худ мебуд, бемористон медошт, он гоҳ хоҳараш даст ба домани тиббу табобат намезад ва ӯро дар чаҳордевори ин деҳкадаи ғарибу аз ёдҳо рафта таку танҳо намегузошт. Ғаму андӯҳи ғайри- мунтазирае ба бозувони наҳифи Шоҳин нишаста буд. Ҳайрону ноилоҷ дар банди ин мушкил буд, ки аз ин ба баъд, бо ки рози дил мегушояд, бозӣ мекунад, шабҳо барояш кӣ афсона мегӯяд. Муҳим аз ин бо ки ба мактаб меравад…

Писарак назди панҷараи бози хона, пойбанди андешаву хаёлоти ғамангези хеш боз ба ҳавлӣ назар андохт. Дар интиҳои ҳавлӣ назди оғилхона модагови пешонисафед дар тавила буд ва нухшор мекард.

Гӯсолачаи думоҳаи ширмасташ машғули макидани пистонҳои камшираш буд. Ҳар гоҳ ба андозаи кофӣ дар пистонҳои модагов шир пайдо намешуд, гӯсолаи сармаст бо фукаш ба пистони модар бо тамоми нерӯ фишор меовард. Модагов аз зарбу фишори дардноки гӯсолааш ранҷ мебурд,

худро аз ӯ канор мекашид, вале боз мутеъона ором мегирифт ва барои зарбаҳои баъдӣ омода мешуд.

Тамошои ин манзара Шоҳинро мутаассир намуд. Дилаш мехост гӯсола ҳар чӣ зудтар алафхору аз домони модар ҷудо шавад, вагарна азоби модаговро поёне нест.

Чашми писарак ба ҷуфти мурғобиёне афтод, ки дар васати рӯдхонае, ки аз миёни ҳавлии онҳо мегузашт шино мекарданд. Садои ғарибе аз синаи онҳо берун меҷаст. Писаракро муддате буд ин суол мутааҷҷиб месохт, ки чаро ин махлуқони хушсурати Худо бо вуҷуди он ки соҳиби болу паранд, пою панҷаҳои пурнақш доранд, бо рангу оби гуногун ороста шуданд, рӯи замин камтар қадам мезананд. Ҳама қисмати умдаи умри хешро рӯи об мегузаронанд. Бастагии мурғобиён бо об шигифтангез буд. Ин парандагони маҳрум аз парвоз табиати обро хуб мефаҳманд. Зимни шино дар синаи рӯдхона минқорҳои зардранги худро ба об фурӯ мезананд, ё минқор болои минқор мегузоштанд, пар мекашиданд, бо ҳам ба таври ғарибе меҳрубонона бозию гуфтугузор менамуданд.

Писарак афсӯс мехурд, ки забони мурғобиёнро намедонад. Хеле дилаш мехост бидонад, ки онҳо роҷеъ ба чӣ сӯҳбат мекунанд, ба гӯши рӯдхона чӣ мегӯянд…

-Оҳой кампир, куҷоӣ, зуд бош, ки шират сар рафт.

Ин садои падар буд, ки Шоҳинро аз доми хаёлу андешаҳои ширину ҳасратолуд раҳо намуд.

Чашмашро деги чаҳоргӯшаи пуршир, ки зери айвон болои дегдон меҷӯшид, ба худ ҷалб намуд. Нерӯи оташ ба андозае тез буд, ки ширро аз дег берун мезад. Шоҳин ин дегро дӯст медошт. Зеро ҳар гоҳ ки шир мепухт, модар қаймоқи болои онро ба ӯ медод. Сипас шири дегро ба зарфҳои дигар мерехт. Он гоҳ лазизтарин бахши шир, хурошуки таги дегро бо кафгир ҷамъ менамуд, ба пиёла меандохту Шоҳинро садо мезад.

Модар ин амалро хеле оҳиста, бо як назокату шеваи хосе анҷом медод…

Дар тӯли ин андешаҳо писарак боз малулу сарафканда ба

сӯи суфраи гилини рӯи ҳавлӣ дида дӯхт. Нозбӯ дар муқобили хатти сайри нигоҳи вай нишаста буд. Хомӯшу сар ба сукут. Оғози мусофирати тӯлонӣ, дурӣ аз конуни хонаводагӣ ва махсусан ҷудоӣ аз Шоҳин барояш осон набуд. Писарак ҳолати ӯро дарк мекард. Медид, ки Нозбӯ мисли як гунаҳкор наметавонад сар баланд карда, ба чашмони вай нигоҳ кунад. Вуҷудашро изтиробу нигаронии бесобиқае фаро гирифта буд. Орзу дошт ҳар чӣ зудтар бо Шоҳину модар худоҳофизӣ кунаду ба роҳ афтад, вагарна гиря амонаш нахоҳад дод.

Писарак лаби рӯдхона рафт, то дасту рӯй шӯяд. Дар ин миён модар барои аҳли хонавода ширчойи гарм кашид.

Сари дастархон касе ҷуръат надошт лаб ба сухан боз кунад. Ҳар кас побанду масруфи дунёи хаёлӣ буд.

Вуҷуди инсон дар паҳнои ҳастӣ аз дунёбино ҳамроҳ бо ҳаракату ҷунбуҷӯш, тағйири макону конуни будубош будааст. Беҳуда нест, ки бақои ҳаёт, идомати вуҷуд вобастаи ҳамин ҳаракату ҷойивазкунии мустамар аст. Агар чунин набуд, ҳеҷ гуна таҳаввулу дигаргунӣ пешрафту такомул сурат намегирифт. Ҷаҳон бо тамоми зуҳуроташ дар ҳамон шаклу сурати аввалӣ боқӣ мемонд. Ин амрро рабту пайванде ба хоҳишу иродаи мавҷудоту махлуқот нест. Ҳеҷ чизе аз ин доира беруну истисно нест. Қарнҳо ин ҷавҳари такомулу зиндагисоз бо ҳазорон роҳу равиш, тазоҳур мекунад, атру бӯ мепароканад. Ҳама дастнигару вобастаи муқтазои табиати онанд, ҳарчанд вуҷуду зарурати он маҳсус нест.

Ин андешаҳо дар зеҳни Нозбӯ русух менамуд. Ӯ ба умқи ин воқеият пай бурда буд. Медонист, сарчашмаи гардиши бесобиқае, ки дар рӯзгори ӯ оғоз гардида ва ба сарнавишти вай шаклу сурати нави кайфӣ хоҳад бахшид, ҳамин ҳаракати зиндагиофарин аст. Огоҳию шинохти ин рукни ҳастӣ як навъ камол аст, вале муҳиту зеҳнияти мардуми деҳот ба пазириши фаврии он омода нест. Зеро мавқеияти замонӣ боис мегардад, ки дарки воқеияти айнӣ ба кундӣ сурат бигирад. Саҳнаҳои ғамангез аз

зиндагии деҳотиён пеши назараш ҷилвагар мешуд ва мутаассираш менамуд, дилаш барои ҳамдеҳагон месӯхт. Мефаҳмид, ки деҳот аз шоҳроҳи рушду тараққии ҷаҳон даҳсолаҳо ақиб мондааст, вале ноумед набуд. Гумон дошт мусофирати ӯ ба хотири таҳсил дар ислоҳи вазъ қадами муассир хоҳад буд.

Ӯ зерчашмӣ ба падар менигарист. Падар мисли ин ки мунтазири ишорат буд, амри бархостану раҳсипор шудан намуд. Онҳо, волидайну Шоҳин ба хотири гусели Нозбӯ аз хона берун заданд. То истгоҳи марказӣ, ки қароргоҳи мошинҳои шаҳргард он ҷо буд, як километр фосила буд, ки бояд пиёда тай мешуд.

Нимаи аввали тобистон буд ва ҳаво рӯ ба гармӣ мениҳод. Аз насими форами субҳгоҳӣ, ки соате пеш аз домани кӯҳ бархоставу меҳмони ин марзу бум буд, нишоне намонда буд, гӯё ин, ки лабу рухсори дарахтони гармозада вуҷуди онро фурӯ бурда буданд. Насими субҳрасида чи беибо мерақсиду пой мекӯбид. Лабрези ишқу муҳаббат худро ба оғӯши марду зан, хурду бузург меандохт, гарди хастагӣ аз сару рухсораҳо бармедошт. Бо фурсате андак талош меварзид асаре дар зиндагии мардум бигзорад. Дар рӯзгори якнавохти онҳо таҳаввуле эҷод кунад.

Акнун аз бод на пай монда буду на Ҳайдар. Ҳеҷ бандаи Худо намедонист, ки ин меҳмони осемасари субҳгоҳӣ куҷо шуд. Ё шояд рафта буд зери буттаҳову себаргаҳои сабз, то аз нурҳои сӯзони хуршед худро паноҳ созад…

Шоҳин бо табъи хира паҳлӯи апааш Нозбӯ роҳ мерафт. Аз дасти ӯ дошта буд ва роҳравон кафи дасти хоҳарашро ба рухсорааш молиш медод. Ҳозир набуд ҳатто лаҳзае panҷаи ӯро аз дастонаш раҳо намояд. Падару модараш пешопеши онҳо роҳ мепаймуданд. Ҳамсоягон низ ягон-ягон пушти гирифториҳои хеш аз хона берун мешуданд. Занҳо гову моли хешро ба сари пода меронданд. Тааҷҷуб аст, ки ин ҳайвоноти забонбаста бо дидани ҳамнавъони худ ба садо дармеомаданд. «Баос»-у «маос»-и онҳо дар як лаҳза фазои деҳкадаро пур мекард. Гову гӯсолаҳо ба муҷарраде, ки ба ҳам наздик мешуданд, якдигарро мебӯйиданд ва ба ин воси-

та изҳори меҳрварзиву ҳамдӯшӣ менамуданд.

Аз тарафи чапи роҳ симчӯбҳои хатти барқ шинонда шуда буданд. Зимни гузар аксар вақт ҳайвоноте, ки мубталои бемории хориш буданд, гардану тани бемори худро дар баданаи симчӯбҳо мехоронданд. Баъзе аз онҳо ин амалро то хуншор шудани маҳалли осебрасида давом медод. Бад-ин сабаб аксар вақтҳо атрофи симчӯбҳо тӯдаи мӯйҳои рехтаи ҳайвонот сиёҳӣ мезад. Ин ҳайвонҳои безабон бо ин амали худ дар пояи симчӯбҳо коргоҳи аҷиберо барои мӯрчаҳо эҷод менамуданд. Пас аз зери симчӯбҳо дур шудан лашкари азими мӯрчагон ба кашидани мӯйҳои рехта, ки решаашон ғизои хубе барои онҳо буд, оғоз менамуданд. Ё шояд аз пашми говон дар лонаҳои худ барои зимистон бистари гарм муҳайё месохтанд.

Писараку хонаводааш ғарқ дар дунёи даруни хеш, ба саргаҳи деҳа, подагоҳ расиданд. Подаи деҳ ҳар рӯз дар ҳамон маҳал ҷамъ мешуд ва баъдан подабонҳо онро ба чаро мебурданд.

Хилофи интизорӣ Шоҳин дар подагаҳ ҳамсинфаш Шаҳрёрро дид, ки савори хар атрофи пода мегашт. Кадуи обу таёқи дарози чӯпонӣ ба даст дошт. Равшан буд, ки навбати пода аз онҳост. Дидани ин манзара ӯро хашмгинтар сохт. Зеро баъд аз ду-се рӯзи дигар навбати подабонӣ ба онҳо мерасид, шуғле, ки аз он бадаш меомад. Нигаҳбонии пода кори мушкиле набуд, вале барои Шоҳин чунин ба назар мерасид, ки кӯҳи гароне ба дӯшаш гузоштаанд. Ҳангоме, ки навбати пода ба рӯзҳои дарсӣ рост меомад, модараш як рӯз пештар ба мактаб мерафт, то аз роҳбари синф рухсат бипурсад. Рӯзи подабонӣ субҳи зуд барои подабонҳо тухми мурғро обҷӯш мекард дар як рӯймол нону қанди сафед ва чойи хушк мегирифт. Подаро рӯзҳои навбати онҳо аз бозе, ки худро мешиносад, се нафар бонӣ мекарданд. Шоҳин писархолааш-Рашид ва ҳамдеҳаашон амаки Шаҳоб, ки марди бузургҷуссаи сурхрӯ буд. Мӯйҳо, абрувону ришаш низ сурх буд. Аз ин рӯ миёни ҳамдеҳагон гоҳ-гоҳ ӯро Шаҳоби сурхина ном мебурданд. Лабонаш аз зиёда ғафсӣ ба пас гашта буданд.

Ба қавле ин бечорамард аз овони ҷавонӣ мубталои бемории рӯҳӣ шуда буд. Бо мардум сӯҳбат менамуд вале ҳавосаш парту парешон буд. Гоҳе миёни андешаҳояш ҳеҷ рабту алоқае дида намешуд. Вале ҳангоме ки хаёлаш ҷамъу ҷур буд, ниҳоят оқилона сухан мегуфт.

Замоне худ ба худ аз таҳти дил механдид. Одатан замоне, ки хандааш мегирифт, нигоҳаш ба нуқтаи дуре дӯхта мешуд. Мӯсафедон мегуфтанд ӯро парӣ ёр шудааст ва ин париёнанд, ки бо рақсу пойкӯбӣ ӯро ба хандаву нишот водор месозанд.

Шаҳоб дар поини деҳа дар хонаи бародараш дар боғ зиндагӣ мекард. Худи Шаҳоб дар кунҷи боғи бародар зери дарахти чаҳормағзи пир хоначае барои худ сохта буд. Хонаи хурди гилин бому девораш, фаршу пешайвонаш гилин буд. Як чароғи нафтӣ, ки дар тоқча гузошта шуда буд, як гилеми хурд, ду-се кӯрпачаву як болишт тамоми дороии хонаро ташкил медод. Хона ба андозаи худ тирезаи хурде дошт, ки чаҳор чашмаки хурди шишагӣ дошт ва дар миёни девори ақибии хона ҷойгир буд.

Бо хонаи Шаҳоб домани деҳаи Парниён ба поён мерасид. Пас аз он то масофаҳои чашмнорас аз хонаҳои маскунӣ ва макони буду боши мардум нишоне набуд. Ин кулбаи Шаҳоб гӯё нуқтаи марзбоние буд, ки Шаҳоб аз он боғи бародарро нигаҳбонӣ мекард. Гирдогирди боғ шиғи дарози фарсудае кашида буданд, ки як қисматаш аз кӯча то хона низ мегузашт. Деворaҳои ин шиғ ба гузашти замон ба андозае фарсудаву пӯсида буданд, ки дар ҳар гӯшааш даҳҳо сүроху роғ пайдо буд. Бахши зиёди вақти Шаҳоб ҳар рӯз ба таъмиру пайванди шиғ мегузашт. Бечора ҳар рӯз бо хору хас, чӯбу навдаҳои хушкида ва хулоса ҳар чӣ ба дасташ меафтад, шиғро пахтапайванд мезад, то бузу гӯсфанди ҳамсоягон вориди боғ нашаванд. Аз паси шиғ дар фосилаи 5-6 метр онсӯтар дараи дарозу амиқе ҷойгир буд, ки саргаҳаш ба доманкӯҳҳо мерасид. Аз миёни ин дара рӯдхонаи Поянда ҷорӣ буд.

Дафъаи охири подабонӣ як рӯз пеш аз навбати пода

Шоҳин ба фармони падараш саҳарӣ барвақт барои хабар кардани Шаҳоб рафта буд. Шоҳин замоне, ки вориди хонаи ӯ гашт, Шаҳоб болои рахти хобаш нишаста буд. Аз панҷара ба самти дара нигоҳ мекард ва худ ба худ чизе мегуфт. Вай ба вуруди Шоҳин ҳеҷ таваҷҷуҳ надошт.

Аз тарафи чапи дара болои алафу майсаҳои навхези баҳорӣ чанд сар аспу ду се тойчаи навзод бо ҳамдигар бозӣ мекарданд. Маълум набуд, ки онҳо аз кадомин галлае ҷудо шудаанд. Дур аз чашми галлабон раҳову озод зери осмони Худо, рӯи майсазор аз ҳузури якдигар ба гунаи худ лаззат мебурданд. Гардану ёлҳои мушкини ҳамдигарро бӯ мекашиданд, нозукона гоз мегирифтанд ва гоҳо аз фарти шӯру шавқи зотӣ пойҳои пеш ба ҳаво бармедоштанд ва шиҳа мекашиданд.

Миёни се куррае, ки бо аспон буданд яке сафедранг буд. Сартопо сафед. Ба андозае сафед буд, ки гӯё аз барф сохта буданд.

Ин куррачаи сафед зуд-зуд пистони модари хокистариашро ба даҳон мегирифт ва ҳаросон мемакид.

Дар ин миён хуршед низ қомат баланд намуда буд ва аз дур бар ин махлуқони безабони Худо саломҳои доғи хуршедӣ мефиристод.

Ин манзара ба андозае дилчаспу кашанда буд, ки зеҳни Шоҳинро аз зикри ҳадафи аслӣ дур кард. Ӯ фаромӯш кард, ки ба куҷо ва барои чӣ омадааст. Эҳсосе латифу хушоянд дар пайкараш ҷон мегирифт. Хоҳише аз умқи синааш ҷавона мезад. Мехост мисли як гунҷишк бол дошта бошад ва дар як бол ба ҳам задан аз фарози дара бигзарад ва худро ба ҷамъи аспон бирасонад ва рӯи ёлҳои курраи сафед фурӯд ояд. Дар лаҳазоте ки ин хоҳиши шодизо вуҷудашро комилан дар ихтиёри худ мегирифт, ғайриинтизор ба зеҳнаш навбати пода расид ва дар як они воҳид дар чеҳрааш порае аз абри андӯҳ соя афканд. Хост Шаҳобро барои подабонӣ хабардор кунаду ба хона баргардад, вале Шаҳоб дар олами дигаре сайр мекард. Чашмҳояш ба он сӯи дара ба таҷаммӯи аспон хира монда буд ва дар лабо-

наш табассуми заифу мармуз дар чараён буд.

-Ассалому алайкум, акаи Шаҳоб. Пагоҳ навбати пода аз мост. Падарам хоҳиш кард, Шуморо хабардор кунам, арзи матлаб кард Шоҳин. Вале ин бор низ саломи Шоҳин бепосух монд. Шаҳоб ҳамоно мафтуну маҳви тамошои маҳфили субҳгоҳии аспони гурезпо буд. Ҳисси шакку дудилаги зеҳни Шоҳинро мағшуш карда буд.

Наход матлаби ӯро Шаҳоб нашунида бошад ? – аз худ мепурсид Шоҳин.

Замон ба кундӣ мегузашт Шаҳобро ба вуруду салому алайк ва арзи матлаби Шоҳин таваҷҷӯҳу эътиное набуд. Ин вазъияти рӯҳии Шоҳинро парешон мекарду музтариб месохт. Ҳисси ваҳмангезу бимолуди ҳар лаҳза физоянда бар вуҷудаш ғалаба мекард. Дар масири зеҳнаш андешаҳои мубҳаму зишт зуҳур мекарданд. Ба ҳам бармехӯрданд ва торҳои рӯҳу равонашро ба ларзиш меандохтанд. Дасту пояш оҳиста- оҳиста сардии нохушояндеро ҳис мекард.

Дар мағзаш издиҳоми андешаҳои сардаргум, мубҳаму зиштрӯ нохушоянд падид меомад. Бар асари равуои номураттабу парешон миёни онҳо бархӯрдҳои онӣ сурат мегирифт ва аз зарбаҳои ногаҳонӣ торҳои ҷонаш ба ларзишу сӯзиш меомад. Дасту пояш худ ба худ сахту карахт мешуд. Гӯё ӯро муддати дароз маҷбурӣ рӯи барфу ях побараҳна нигаҳ дошта буданд. Шоҳин тӯли умри худ ҳаргиз дучори ин ҳолат нашуда буд.

Дар осмони торику зулмонии зеҳнаш дар як лаҳза садҳо суол мисли раъду барқ шуъла мекашид ва бе он ки посухе биёбад ноумеду хастадил дар умқи зулмат фурӯ мерехт. Вазъи саррасида ба гунае Шоҳинро асиру мубталову бечора сохта буд, ки фурсати фикр кардану тасмим гирифтанро низ аз ӯ гирифта буд.

Шоҳинро дар ин хонаи гиландуди лаби ҷар на дили мондан буду на пойи рафтан.

Шоҳин бо заҳмати зиёд гарданашро хам кард ва хост ба чеҳраи Шаҳоб нигоҳ кунад, шотине, ки вай ӯро бубинад ва арзашро шунавад. Вале болои сӯхта намакоб чашмаш нахуст

ба хандаи хомӯшвори Шаҳоб афтод. Шаҳоб нохудогоҳ лабханд ва дар зимн худ ба худ ҳарф мезад.

Дидани ин манзара Шоҳинро бештар дар таҳлука андохт. Гуфтаҳои мӯсафедон дар бораи паривара будани Шаҳоб ба мағзаш расид. Ӯ парӣ надида буд, вале дар тасаввураш париҳои Шаҳоб ҷилвагар шуданд. Аз тарси ғайримунтазира банди дилаш ларзид. Пайкараш такон хӯрд. Андак монда буд, ки парӯ афтад. Лаб зери дандон кард, то мавҷи биму ваҳшати тӯфандаро канор бизанад.

Лаҳзае баъд ба худ ҷуръат дод ва даст ба китфи Шоҳини масти тамошо бурд то нигоҳи хираашро аз самти муқобил мунҳариф созаду мақсади омаданашро иброз дорад. Вале ба сарҳади забон боз кардан Шаҳоб бо ишорати панҷаи даст ба оромӣ водораш сохт. Сипас имо кард, то канори ӯ биншинад.

Шоҳин бо дили нохоҳам паҳлӯи Шаҳоб чаҳорзону зад, вале ҳушу ёдашро панҷаи дурушту зумухти Шаҳоб ба худ кашида буд. Панҷаи Шаҳоб ободӣ надошт. Ангуштони шахшули харошидаву обилазада,ҷо-ҷо захм дида.

Вай медонист, ки панҷаҳои ӯ бар асари меҳнати сангине ба инҳол афтодаанд, ки ҳар рӯз дар боғи бародараш ва хонаҳои ҳамдеҳагон анҷом медиҳад ва бар ивази ин ранҷу азоби тоқатфарсо ба ҷуз чою нон ва аҳёнан хӯроки гарм ҳеҷ таваққуъе надорад. Панҷаи коркуштаи Шаҳоб андешаи бе ин ҳам ноороми Шоҳинро дар масире ғамандуду андӯҳгин маҷбур ба ҳаракат кард.

Аз Худо шукргузор буд, ки ба инсонҳо дасту панҷа додааст, то бо ёрии онҳо ниёзҳои зиндагии хешро рафъ созанд. Чи неъмати бузургест дасту панҷа доштан. Одамӣ аз замоне ки хешро мешиносад ва ба умқи моҳияти вуҷуди хештан пай мебарад аз баракати ин ҳадяи худовандӣ фаровон баҳра мебарад.

Бо ёрии ин дастон сару тан мешӯяд, вузӯ мегирад. Бо такя ба онҳо сар ба саҷда мениҳад. Бо иттиҳодашон даст ба дуо мебардорад. Бо он ягона дӯст розу ниёз мекунад.

Дастон дар пайкари инсон дарвозаи меҳру муҳаббату

дӯсторианд, ки ба пешвози ҳам боз мегарданд, ҳамдигарро канор мекашанд, мебӯянду мебӯсанд, изҳори вуҷуди инсоният менамоянд.

Барои Шаҳоб тааҷҷубангез ин буд, ки оё инсонҳо дарк мекунанд, ки чи хуршеде дар бағал доранд?

Тасаввури бедаступанҷа будан Шоҳинро ваҳшатзада мекард. Вай боз ба ҷӯяҳои пуршумори кафидаву гурмдори панҷаи Шаҳоб назар андохт. Ангуштони захмиву варамида бо нармӣ хам намешуданд.

-Шояд ҷамъуҷуру мушт кардани ангуштон барояш хеле душвор аст, аз дил гузаронд, Шаҳоб ва тараҳҳуми сӯзнок дар умқи синааш нисбат ба ин бечорамард забона кашид.

Вале Шаҳоб мисли пешин мафтуну дилбохтаи манзараи муқобили хонаи худ буд. Хомӯшие сангину дилшикан фазои хонаро печида буд.

Нобаҳангом Шаҳоб дасти росташро ба гардани Шоҳин гузошт.

Баробари расидани ангуштони шахшули ӯ ларзиши сарупойи Шоҳин мисли аспи бодпо суръат гирифт. Таконе тӯфонӣ дар дилаш падид омад. Таконе, ки ҳосилу зоидаи дидори ногаҳонияш бо тарс буд. Рангу рӯяш пуркид, мушакҳои тахтапушташ турук - турук бозӣ мекард, мила мешапид ва қалбаш мисли парандаи дар чанг афтода аз ҳаяҷони зиёд гуп- гуп мезад. Асир дар иқлими тарс пеши худ меандешид ва ҳайратзада мешуд, ки сарчашмаи ин ҳама нерӯи зудраси аҳримании тарс куҷост? Тарс чӣ гуна тавонист вориди хуну пӯсташ шуд? Меҳмоне, ки дар вуҷудаш сангин нишаста ва ҳузураш лаҳза ба лаҳза ба қалбаш фишор медиҳад ва саропояшро бесаранҷому музтариб месозад.

Хосияти азалии тарс аст, ки ҳамеша дар камин мунтазири фурсати муносиб аст. Ҳаргиз рух наменамоёнад, ноаёну пардагист, вале ҳамин ки дар тани одамӣ ҷойгузин шуд, дар як мижа ба ҳам задан тамоми ихтиёротро ба даст мегирад, маҷрои рӯҳу равонро дигар мекунад, дарвозаҳои нуру зиёро

мебандад, чашми умедро кӯр месозад.

Дасти чапи Шаҳоб рӯи шонаи Шоҳин беҳаракат нишаста буд ва мисли пуле буд, ки шонаи он дуро ба ҳам пайванд мезад. Дидагони Шаҳоб ҳамоно побанду ғарқи тамошои манзараи муқобил буданд.

Шоҳин аз бозе, ки Шаҳобро мешинохт ҳаргиз надидаву нашунида буд, ки касеро малулу озурдахотир сохта бошад ё дар ҳоли бехудӣ ба касе ҳамлавар гашта бошад. Аммо вазъи он рӯзаш қобили пешбинӣ набуд. Садҳо гумону хаёли хатарзо эҷод мекард…

Зарабони қалбаш шиддат гирифт. Сели андешаҳои номавзуну парешон дар шоҳрӯди зеҳнаш тӯфонӣ шуда ба ҳам бармехӯрданд ва масиру бистари озод меҷустанд.

Дар тасаввури Шоҳин дасти Шаҳоб сангинтар мешуд ва мисли мехи кунд дар шонааш фурӯ мерафт. Дилаш мекашид, то ба поён бурдани шона баданашро аз зери бори гарони панҷаи Шаҳоб раҳо созад, вале шонааш гӯё ҷон надошт. Мисли санг сард мегашт. Ноилоҷ рӯ ба ҷониби шонаи гаронбораш чархонид. Чашмаш боз ба панҷаи сангпуштмонанди Шаҳоб афтид. Панҷа аз остини ҷомаи сурхгулаш берун ҷаҳида буд. Сари остин се раҳ таҳ карда шуда буд. Шоҳин Шаҳобро бе ин ҷомаи сатини сурхгул тасаввур карда наметавонист. Тамоми фаслҳои сол чи гармову чи сармо онро ба бар дошт. Камарашро бо локии шоҳӣ мебаст ва ду печ саллаи тунуки сафеду сиёҳ ба сар дошт…

Нимчархиши сурати Шоҳин ғайри интизор авзоъро тағйир дод. Сукути нотамомро шикаст. Шоҳин бидуни ин ки дида аз назораи аспону куррагони лухту масти ҳузури ҳам барканад, барои ҷалби таваҷҷуҳи Шоҳин даст аз шонааш бардошт ва ангушти ишорат ба буни гӯшаш зада пурсид:

- Аз куҷо омадӣ, писар? Аз ҳар ҷое, ки расида бошӣ, хуш омадӣ. Ту писари некниҳоду хушқадаме ҳастӣ. Дар ин тамошое, ки сари субҳ насиби ман гашт ба як ҳамраҳу ҳамдам эҳтиёҷ доштам.

Худованд туро расонд. Модом, ки ин ҷо омадӣ, дасту панҷаат ба зиштиҳои инҷаҳонӣ олуда нашуда. Сарнавишт туро аз бозиҳои шумаш ҳифз карда. Худо нигаҳдорат бошад.

Ҳарчанд Шоҳин пай намебурд, ки Шаҳоб бо ин муқаддима чи хаёлеро дар сар мепарваронаду аз ӯ чи мехоҳад, вале сабукиеро эҳсос намуд. Тарс хонахез вуҷудашро тарк намуд. Гӯё ҳеҷ вақте бо ин эҳсоси ранҷзову аҳриманӣ рӯ ба рӯ нагашта буд. Тағйири вазъият ба ӯ дилгармию ҷуръат бахшид то лаб ба сухан боз намояд.

- Акаи Шаҳоб! Ба номи Худо, маро тарсондӣ, қариб заҳраам кафида буд. Намедонам, бо ки суҳбат мекардӣ?

Шаҳобро ба вокуниши пурнишоти мусоҳиби субҳгоҳиаш эътиборе набуд. Мисли пешин бо тамоми вуҷудаш ба саҳнаи бозии аспони лухти хушандому хушрехт хира шуда буд. Гоҳ-гоҳе дидаҳои лаззатбораш ба ханда водораш месохтанд.

Шоҳин шоҳид буд, ки хандаи Шаҳоб амали оддӣ набуд. Нерӯе созандаву сӯзанда вуҷудашро ба ҷунбиш меовард, ҷӯшише дар рагу пайвандаш нерӯи ботиниро суръат мебахшид ва танҳо ба нудрат дар лабонаш бо гули як ханда мешукуфид.

Шаҳоб дар чӣ ҳолу ҳавое қарор дошт барои Шоҳин释 мармузу норавшан буд. Ин вазъият ӯро мутааҷҷиб менамуд. Медонист, ки миёни мардуми деҳ солҳост номаш ҳамчун париварву девонаавзоъ сари забонҳост. Ба қавле дар ҷавониаш шамоли аҷина дарёбаш кардааст.

Вале медид, ки кунҷи ин боғ дур аз ҷавори дигарон дар ин хонаи тангу ҳақири гилин танҳои танҳо ба сар мебарад. Ба касе кор надорад. Аз касе чизе умедвор нест. Аммо ниёзи даҳҳо нафарро бароварда месозад. Хишт мерезад, девор мезанад, андова мекунад, каҳ медаравад, замин шудгор мекунад, барои мардум подабонӣ меравад, ҳезум мекафонад…

Замоне, ки аз хона бадар меояд, асои шамшодиашро бо худ мегирад. Асоро ба чолбанди миёнаш рӯи миёнбанди шоҳӣ тарвоза мегузорад ва аз ду тараф бо банди дастонаш онро зер мекунад, то фурӯ наафтад. Сипас дар ягона роҳи хокии миёни

деҳкада ҳаракат мекунад. Ба касе ҳарф намезанад. Сарҳаму малул, ғарқи афкори розомезу парешон, дар синаи роҳаки хокӣ гом бармедорад. Ба саломи роҳгузарон бо ишорати сар алейк мегӯяд. Агар нафаре аз эшон таваҷҷуҳашро ҷалб намояд, то аз назар ғоиб гаштанаш аз пушташ нигоҳ мекунад. Гоҳи дигар аз таҳи дил механдад ва боз роҳи худро дунбол менамояд.



Зуҳури ӯ дар ин роҳи хокӣ бештар барои бачаҳои хурдсоли деҳа, ки майдоне барои бозию такудав надоштанд, рағбатангез буд. Ҳамин ки ӯро медиданд, беибо давру бараш тӯп мезаданд. Домани ҷомаашро мекашиданд. Гоҳе ба даруни мӯзаҳои сиёҳи фарсудааш сангреза меандохтанд. Ӯро ба ин рафтори бачаҳо эътиное набуд. Бидуни аксуламале ба қадамзаниаш идома медод. Танҳо вақте ки бачаҳо сенафарӣ ё чорнафарӣ аз домани ҷомаи сатини сурхгулаш мекашиданд ва монеи роҳгардиаш мегаштанд, асояшро болои сараш мебардошт ва чунин вонамуд мекард, ки онҳоро заданист. Бачаҳо дилпур буданд, ки

Шоҳин онҳоро намезанад, танҳо бо зӯри асо онҳоро тарсонданию аз худ дур карданист. Ҳеҷ гоҳе иттифоқ наафтода буд, ки касеро лату кӯб карда бошад. Вале доимо баробари ба ҳаво баланд шудани асои Шоҳин дар дили онҳо тарси зарба хурдан ҷой мегирифт ва ба чаҳорсӯ титу пареш мешуданд. Аммо Шаҳоб қоҳ – қоҳ механдид ва боз ба роҳ меафтод.

Он чи Шаҳобро ғазаболуду ошуфта менамуд сангрезаҳои дохили мӯза буд, ки оҳиста- оҳиста аз соқи по пойин мерафт ва замоне, ки ба кафи пояш мерасид, теғаҳои тези онҳоро ба пӯсти пояш мехалид. Бо вуҷуди ин ба роҳи худ идома медод, то ки дард тоқатфарсо ва роҳ гаштан номумкин мегашт.

Он гоҳ оҳи дардолуде аз таҳи дил мекашид ва дар ҳошияи роҳ болои санге ё сабзаҳои сӯхта менишаст, мӯза аз пой бадар менамуд, пойтобаи карбосиашро боз мекард. Сангрезаҳоро метаконд ва ангушташро бо луоби даҳан тар карда, нуқтаҳои озоррасидаи кафу таги пояшро ширин – ширин мехорид. Баъзан пойи лучи сангзадаашро озод бармедошт ва рӯи зонуяш мегузошт. Сар ба сукут мерафт ва серӣ дам гирифт. Баъзан аз рӯи роҳ кафи хок бармедошт ва хоки сафеди нармро ба ангуштон мефишурд. Таркиби хокро аз чӯбу хасу хошок ва сангрезаҳо пок месохт. Сипас кафи дасти пурхокашро ба димоғаш наздик намуда бӯ мекашид. Равшан набуд, чи кашандагиву ҷаззобияте дар пушти хоки кӯфтаву суда нуҳуфта буд, вале аз тағйири ҳолати равонии ӯ, дурахши чашмону табассуми хафифи лабонаш ҳувайдо буд, ки аз бӯю атри хок лаззат мебарад. Пас аз иҷрои ин амал Шаҳоб бо сари ангуштон аз он хоки суда кам-кам бармегирифт, мисли ин ки бар рӯи захм дору мепошида бошад, болои ҷойҳои озурдаи кафи пояш мерехт. Ин амалро то тамом шудани хокаи мавҷуди кафаш идома медод. Сипас кафи дастонашро ба ҳам соиш дода меафшонд. Шалвори тики рах-рахаш дастмоли доимии ӯ буд. Кафҳои хокандудашро сари зонувонаш пок менамуд ва боз ба ҳаракат дар масири ҳар рӯзи худ оғоз мекард.

Ин роҳаки хокӣ ягона макони табъи дили ӯ буд. Роҳаке, ки

даҳони пурхоку шоҳрагҳои каҷу маҷаш аз дили деҳ мегузашт ва онро ба ду қисмат ҷудо менамуд. Шаҳоб ин роҳаки сафеддомани хоколудро аз ибтидо то интиҳо хуб мешинохт. Медонист, ки аз ду канораш дарахтони маҷнунбеду сафедор, туту чинор қомат барафрохтаанд. Дар синаи ин роҳак ҳангоме, ки бод доман меафшонду мерақсид, аз шуру шааф мисли аспони масти даванда димоғаш мешукуфид. Замоне, ки лабони домани нозуки ҳарираш ба рухсори хокаи судаи роҳ мерасид, ҷисму ҷони хоки сумзадаву хурдшударо ба шӯру ҷунун меовард. Бо як чархиш аз ранги сафеди хок доман пур мекард ва худро бар фарози дарахтони ду канори роҳ мерасонд. Қомату андоми сабзфоми дарахтон таҳти таъсири мусиқии дилписанду гӯшнавози боди шӯридасар оҳиста- оҳиста ба ҷунбиш меомад. Ин ҷунбишу дастафшонии ҷоннавозу лаззатбор рагу пайванди дарахтонро маст менамуд, то ин ки ин ҳис ба решаҳо мерасид. Решаҳои хобида ва танида дар тору пуди жарфаи хоки сиёҳ пардаҳои хобандуд пора мекарданд ва бо эҳсоси ширини вуҷуд, ҷӯяҳои ба ҳам печони буну пояи хешро пур месохтанд.

Аз ин ки ҳастии дарахтон дар панҷаи пурпечу вуҷуди пинҳону нуҳуфтаи онҳо хулоса мешавад, эҳсоси ғуруру ризоят менамуданд. Дар ин миён боди хастадилу хастаҷон аз рақсу пойкӯбӣ доманафшон бар чеҳраву рухсори дарахтон гарду сафеда мерехт.

- Нигоҳ кун, Шоҳин! Ба он махлуқони хушгили Худо нигоҳ кун!

Ин садои Шаҳоб буд, ки аз вуҷуди моломоли шодиву нишоташ фаввора мезад. Тамошои аспону курагони тарафи мухолифи дара қарору сукунро аз ӯ рабуда буд. Аз ҷо баланд мешуд, сари по менишаст, даст меафшонд. Гӯё фазои хонаи ҳақири гилинаш бо панҷараҳои хурду камнураш барояш тангӣ мекард.

Шоҳин, ки аз садои нобаҳангоми Шаҳоб ба худ омада буд, дубора маҷзуби вазъу ҳолати вай гардид. Ӯ медид, ки ин ғарибмарди гӯшанишини боғ берун аз иҷтимои инсонӣ дар сарзаминҳои малакутӣ сайр дорад ва иллати ин ҳама

хурсандиву ҳаяҷони рӯҳиаш аспону куррагони лухти пушти теппа, аз он сӯи дара мебошад.

Аспон миёни майсаҳои навхоста ҳамоно машғули тамошои ҷамоли якдигар буданд. Гардан болои гардан мегузоштанд. Қафаси синаҳо ба ҳам молиш медоданд. Гоҳе дастҳои пеш боло мекарданд ва аз таҳти дил шиҳа мекашиданд. Курраҳо дар гирди онҳо ҷастухез менамуданд. Маълум набуд, моли кистанд, ҳеҷ касе аз онҳо дунбол намекард. Шояд шабона аз галлае ҷудо шудаву худро ба ин майсазор расонда буданд. Инак, раҳо, бе зину бе лаҷом, дур аз нигоҳи хашмгини галлабон дар дили майсазор зери дурахши нурҳои зарандуди хуршеди саҳаргоҳӣ аз лаҳазоти ширини ҳастӣ лаззат мебурданд.

Бигӯ, Шоҳин!- дубора ба садо даромад Шаҳоб. Оё ҳеҷ андешидаӣ, ки миёни он аспон чӣ мегузарад? Чаро бо ҳам ин қадар азизу меҳрубонанд. Шиҳаву фарёди мастонаи онҳоро чи розу асрорест?

Пурсишҳои пай дарҳами Шаҳобро гӯё поёне набуд.

Ба назар чунин мерасад, ки вай на аз Шоҳин ва на аз каси дигаре мунтазири посухе набуд, балки бо ҳар пурсише ба шӯру нишоти рӯҳиаш афзуда мешуд ва мисли ин буд, ки хешро барои тафсиру шарҳи пурсишҳояш омода месозад. Вазъи ӯ шабеҳи касе буд, ки пас аз гузашти замони тӯлонӣ ва саъю талоши фаровон рози сарбастаеро боз намуда ва ният дорад, ҳар чӣ зиёдтар ҳосили ранҷу заҳматашро ба дигарон тақсим кунад.

Шоҳин музтару сардаргум гоҳ ба Шаҳобу гоҳ ба аспон менигарист ва намедонист бо чи шевае аз ин вазъ берун ояд, то ин ки Шаҳоб ногаҳон ба гиря афтод.

Шоҳин дар умри худ ҳаргиз гиряи мардони бузургсолро надида буд. Андешаи ин ки чаро мардон мегирянд, чи нерӯе рӯҳу равони онҳоро ба ашк рехтан моил месозад, ҳеҷ гоҳе ба сараш наомада буд.

Ибораҳое мисли «ашки ғаму ашки шодӣ» барояш бегона буд.

Вале дидани ашкҳои фурӯрези Шаҳоб сурати комилеро аз

ашки шодӣ дар саҳораи андешаи ӯ мучассам намуд. Ӯ ба ин натиҷа расида буд, ки гиряи Шаҳоб аз хурсандиву шодкомии нуҳуфта дар қалби ӯ манша мегирад.

Хоҳише оташфишон дар ниҳоди ӯ пайи дарку шинохти бунёди шодиву фараҳи ногаҳонии Шаҳоб дарёи афкору тахайюлашро хезоб намуда буд. Бад- ин манзур нигоҳашро аз ҷониби гунаҳои ашколуди Шаҳоб ба сӯи дигар чархонид ва сипас ба хотири ба ҳам овардани риштаҳои пургиреҳу сардаргуми пурсишу ҳадафҳои номафҳумаш худро барои фурӯ бастани дидагонаш омода намуд. Борҳо таҷриба карда буд, ки чашмпӯши ҳангоми изтиробу нигарониҳои равонӣ дар тамаркузи эҳсосоту оромиши қалбӣ хеле муассиру судманд аст. Бо ба ҳам расидани пилкҳо тамоми иртиботу алоқаи инсон бо ҷаҳони перомун ва мавҷудоти он бурида мешавад.

Мағзи инсон аз таъсири мазоҳири онии зиндагӣ раҳо меёбад ва афкор мисли қатраҳои обе, ки болои шиша фурӯ чакидааст, сукуну қарор пайдо мекунанд ва оҳиста-оҳиста ба ҳам пайванд мезананд. Таҷаммуи андешаҳо дар як конуни зеҳнӣ ба инсон имкон медиҳад, то хубу сараро аз зиштиҳову палидиҳо ҷудо созад, миёни неку бад марз бигзорад ва муҳим аз ҳама масири қобили пазиришро таъин намояд. Гузашта аз ин инони тафаккури лаҷомгусехтаро ба ихтиёри хеш даровард…

Шоҳин дар ҳоле, ки чаҳорзону зада буд, мисли намозгузорон дастҳояшро болои зонувон гузошт, сарашро каме ба пеш хам кард ва пилкҳояшро фурӯ баст. Аммо бар хилофи озмоишхои пешин саҳнаҳои дигар пеши назараш рух намоён кард.

Худро дар оғӯши торикиву зулмат эҳсос намуд. Дар домони зеҳнаш оинаеро дид, ки дар синаи он осмони пурситораву моҳтоб мунъакис шуда буд. Аз миёни осмон нардбони сафеди ресмонӣ овезон буд. Бо ин нардбон моҳтоб ба сӯи замин пойин мефуромад. Дар тасаввури Шоҳин моҳ пиразанеро мемонист, ки рӯймоли зарандуд ба сар карда буд ва саропо нур буду равшанӣ. Моҳ ба як даст аз нардбон дошта буд ва рӯйи кафи дасти дигараш Шаҳоб нишаста буд. Сурхии мӯю сару сурати

сурхинааш зери обшори нури моҳ ду баробар шуда буд. Ҷӯяҳои обу арақ аз гунаҳояш якрез пойин мечакид. Вале ӯро бо ин ҳеҷ эътиное набуд. Ин манзара Шоҳинро бештар ҳайратзада кард. Тарсу бими сардзое фишораш медод. Охир Шаҳоб ки паҳлӯи ӯ нишаставу гиря мекард чи гуна ҳамсояи моҳ шуд? Мехост чашм боз кунад то ба дурӯғ ё ҳақиқати ин манзара яқин ҳосил намояд. Дар ҳамин асно садои Шаҳоб боз баланд шуд ва ҷамъи андешаҳои вайро парешон намуд.

-Бингар, писар, ба он ҷонварони хуштолеъу гулрӯзӣ нигар!

Худо меҳмони онҳо шудааст. Ҳузури Худост, ки онҳоро масту махмур сохтааст. Онҳо ин меҳмониро дар сарчашмаи ин рӯзи сафед ҷашн мегиранд. Шиҳаи гӯшнавози онҳоро мешунавӣ? Атри вуҷуди Худост, ки онҳоро ба ваҷду авҷи нишот овардааст…

Шояд ин лаҳзаҳо галлабони содаандеш аз хоб бархоставу аз гурези чаҳорпоёни галлааш бохабар шуда ва тозиёна дар дасту сина саршори ғазаб аз пайи онҳо афтода ва шояд пеши худ савганд хӯрда, ки дарёбашон кунад, ба бадтарин шева ҷазояшон хоҳад дод. Эътимол дорад, аз шӯри ғазаб замину замонро дашном медиҳад.

Ғаризаи одамист, ки ҳангоми бархӯрд бо рухдодҳои ғайриинтизор, ки зуҳурашон вобастаи касе нест, якбора оташ мегирад, гунаҳкору муҷрим меҷӯяд, то борони қаҳру ғазабашро дар домони ӯ биборонад. Бадбахтӣ ин аст, ки ғазаби аҳриманиии ӯ дар ҳоле, ки по мегираду ба ҳадди камол мерасад, тӯфон мекунад, селвор мехоҳад ҳама хубу бадро аз роҳ канор бизанад аз беху бун барканад. Танҳо замоне ҷоми ғазаб тиҳиву хешро озод мебинад, оҳиста-оҳиста ба худ меояд, вале обро аз саргузашта мебинад…

Шаҳоб чун ба ин нуқта расид, лаҳзае сукут кард. Бо лабаи ҷомаи сурхгул чашмони ашколудашро пок кард ва ба сӯи Шоҳин рӯ гардонида хост чизе бигӯяд, вале шӯри гиря ва ларзиши пайкари коркӯфтааш имкон надод. Гӯё боли овозаш дар гулӯ шикаста буд.

Шоҳин барои нахустин бор ба чашмони Шаҳоб нигарист. Чашмони кабуди гурбаваши зебову кашанда, фурӯрафта. Вале замини чашмонашро садҳо мӯяи нозуки хунгузари номурратаб пӯшида буданд. Мисли ин, ки пардаи болои гавҳаракро бо нӯги сӯзани тезу борик хияк - хияк хаткашӣ намуда буданд. Ин чашмҳои ғамини ранҷдида дар тасаввури Шоҳин ба сӯи ӯ бо меҳр механдиданд. Меҳре, ки аз даруни ӯ сарчашма мегирифт. Ба зеҳни Шоҳин гуфтаи модаркалон расид.

Мегуфт: - Чашм оинаи ботин аст. Каҷиву ростӣ, некиву зиштии инсониро дар саҳифаи чашмон метавон диду хонд. Одамӣ ҳар қадар ки дар пинҳон кардани гӯшаҳои зишту нохуби ботину рафтору кирдори пуштипардагии хеш бикӯшад, боз хам беҳуда мушт бар ҳован мекӯбад.

Шоҳинҷон! Оё медонӣ Худо чи гуна дар манзили мавсимии ин чаҳорпоёни хушнақшу хушрехт ҳузур пайдо намудаast? Худованд қад-қади ҷӯяҳои нур, ки аз саргаҳи чашмаи хуршед ба майсазор мерезад, пойин омада. Ва инак тору пуди он замини сабз аз вуҷуди атру раиҳаи он Ягона пур аст.

Ман чи хушбахтам, ки бӯи ҷонбахши Худоро истишмом мекунам ва ту ҳам бандаи поксиришту хушрӯзие, ҳастӣ, ки аз миёни мардуми хуфтаву ғафлатзадаи ин деҳкадаи худфаромӯш маро дар ин маҳфили тамошоӣ ҳамроҳӣ мекунӣ. Акнун биё, бо ҳам бирақсем, дар базми Худо бирақсем, би-рақ-сем!

Шоҳин ғарқ дар дунёи ботини Шаҳоб дар ҳоле, ки барои рақсидану чархидан аз ҷо бармехост, дигар паёми падару навбати подаву подабониро комилан фаромӯш намуда буд. Ва боз манзараи муқобил чашмашро рабуд. Мисли ин ки дар гуфтаҳои Шаҳоб дурӯғе набуд.

Зери таъсири шуоъҳои зарнисори хуршед тахтапушту ёлҳои аспон дурахшишу барқи чашмхиракунандае доштанд. Аспон бо оромишу нармише меҳромез даҳон ба алафҳои тару шакзада мебурданд ва замоне, ки алафҳои навхоставу шабнамолуд зери дандонҳои сафедашон хурд мешуд аз умқи сина шиҳа мекашиданд. Куррааспи сафедфом низ, ки лаҳзае

пеш машғули макидан буд, инак пистони модар раҳо наму-даву бо эҳсоси лаззати равонбахши ғизои расида аз синаи модар ҷастухез мекард.



# БОЗГАШТИ ПАДАР



Хуршед ин мусофири пирсоли танҳогард, бо тани хаставу қалби коркӯфта дар масири ягонаву абадии хеш осмони нилӣ оҳиста-оҳиста гом бармедошт. Кӯҳдоманҳои деҳи Сиёҳфарк дар самти мағриб бо тамоми мазоҳири хеш шурӯъ аз гиёҳу буттаву дарахт, харсангҳои пири боду боронхӯрда, ки дар синаи доманкӯҳҳо ҷо-ҷо то миён дар хок фурӯ рафта

буданд, ғарқа дар сояҳои сурхфоми шафақ ғуруби қарибулвуқӯи хуршедро интизор доштанд. Ҳеҷ садову овое шунида намешуд. Гармои ғайримаъмулии хуршед дар нимаи тобистон тӯли рӯз мағзу ҷисму ҷони ҳама мавҷудотро гиҷу парешон сохта буд. Ба назар чунин менамуд, ки гӯё ин мусофири фартут роҳ гум карда ва аз масири хеш чанд метр поинтар омадааст.

Нурҳои фурӯзону сурхранги он рост ба синаи харсангҳо мезад ва дар пайкари онҳо рагаҳои сурху сияҳфом ва ниливу ҷигарӣ медурахшиданд. Хушкиву ташнагӣ дар лабони тафсидаи харсангҳо фарёд мекашид. Вале аз обу нами нишоне набуд. Рутубату намнокие, ки замоне дар қисмати таҳтонии харсангҳо мавҷуд буд, кайҳо ҷабида шуда, бухор гашта буд. Табиати сангини онҳо чунин гармои тоқатфарсоро ёд надошт. Шиддати гармо ба дараҷае буд, ки дару дарвозаҳоро ба рӯи меҳмонҳои роҳгузар, ҷуфти парандаҳои кӯҳӣ, ки чанд лаҳзае рӯи онҳо фуруд меомаданду хастагии болҳо меафшонданд, баста буд. Пуртакопӯёни он марз мӯрчагон низ, ки дар паҳлӯву зери харсангҳо иқомат гузида буданд, гӯё аз бими гармо берун намешуданд, дар ҳоле ки пайкари офтобхӯрдаву пурсӯзи харсангҳои мунтазир ба гашту гузори зарифу наҳифи онҳо ниёз доштанд. Бозори мӯрчагон дар рухсораҳову пешонаи ожангзадаи онҳо эҳсоси ҳаловату хушояндӣ эҷод менамуд.

Чанд тан дарахти дӯлона низ, ки дар атрофу наздикиҳои харсангҳо мерӯиданд, мисли онҳо ҳолу ҳавои хубе надоштанд. Баргу меваҳои нораси онҳоро бузҳои подаи деҳ, ки чанд рӯз пеш ба марзу буми онҳо андохта будандаш поку покиза хӯрда буданд. Танҳо дар шохаҳои болоӣ бахше аз меваҳо боқӣ монда буд. Дар рӯи замин аз алаф нишоне набуд. Гову гӯсфанд гӯё аз замин пӯст канда буданд.

Панҷаҳои сӯзону оташин гулӯи дарахтонро мефишурд ва пайкари нозуку сабзи онҳоро мисли зарпечак бо нурҳои заррин мепечонд. Дили ин мавҷудоти безабони Худо борон ме-

хост ва баргу шохаҳояшон боду насими навозишгар. Вале муддати тӯлонӣ буд, ки боду борон манзилгаҳу нишонии онҳоро фаромӯш карда буданд. Фақат хуршед буд, ки ҳар рӯз аз фарози онҳо оҳиста – оҳиста мегузашт ва бар мағзу устухонашон кора мекард.

Лаҳазоти сангину ғуссадоре вуҷудашонро фаро гирифта буд. Дар он соат бо инсонҳо хоҳиши ҳамдӯшиву мусоҳибатро доштанд. Ёду хотироти ширини солҳои пешин дар зеҳнашон зинда мешуд. Чи дилнишин буд замоне ки ҳосили онҳо мерасид ва дӯлонаҳои сафедфому тиллоранг дар ин шохаҳо бо дасти боду насими гоҳ-гоҳӣ алвонҷ мехӯрд. Дар он ҳангом чанд рӯзе меҳмондор мешуданд. Аксари меҳмонон бачаҳову духтаракони сокинони деҳоти наздик буданд. Бо сатлу халтаҳои холӣ, бо шӯру шааф меомаданд ва меваҳои пухтаву расидаи онҳоро мечиданд. Дарахтони дӯлона дӯст доштанд, то бачаҳо болои онҳо бароянд ва ҳосилро торчину доначин кунанд. Барояшон гуворову лаззатбахш буд, ҳангоме ки панҷаҳои одамӣ шохаҳои пурбори онҳоро қабза мекард ва аз тани онҳо мева бармедошт. Маъмулан бачаҳои дӯлоначин замоне мехостанд болои дарахт бароянд, кафшҳои худро мекашиданд, пойлуч боло мерафтанд, дар навдае пой мегузоштанд ва ба навдаи дигар такя менамуданд. Вақте бовар ҳосил мекарданд, ки ҷойгоҳашон мустаҳкам аст, меваҳоро торчин менамуданд. Дар чунин вазъияте ҳолати лаззатбору масарратбахше барои дарахтон фаро мерасид. Пайванду иртиботи бархӯрди инсонӣ бо дарахту решаҳо барқарор мегашт. Бачаҳо меваҳои пухтарасидаро бармедоштанд ва дар иваз меҳру сипоси инсониро ба дасти шохаҳо ба решаҳо ба замин, ба ин чашмаи ҷӯшону зоё мефиристоданд. Аз ин бархӯрду муҳаббати инсонвор решаҳо нерӯ мегирифтанд, хок медамид, дарахтон меболиданд. Эҳсоси нишоту ризоят менамуданд, ки дар паҳнои ҳастӣ танҳо нестанд, Худованд ҳамдаму ҳамдӯшу ҳомие бо номи Инсон барои онҳо офаридааст.

Замоне ки дарахтони дӯлона, ҳамсоягони харсангҳои пи-

ри доманкӯҳ ғарқ дар хаёлоти дарахтонаи худ буданд, дар дараи муқобили онҳо. Дараи Ҳавз мардуми машғули кору афкори пуразоби хеш буданд…

Фаромурз аз зери сатриҳои хушкида як қабза дамбусро гирифта ба ду қисмати баробар ҷудо намуд. Сипас онҳоро ба ҳам гиреҳ зад, то барои бастани дарзаи каҳ кифоят кунад. Даҳ рӯз буд, ки дар ин дара, дар ин баргаҳ, он баргаҳ алаф медаравид. Боду ҳавои номусоиди имсол, набудани боронгарӣ, беалафӣ ва хушкидани сабзаҳоро боис шуда буд. Аз ин рӯ, Фаромурз маҷбур буд барои захираи алаф тамоми дараро такурӯ кунад. Алафу рустаниҳои сабз танҳо дар пастхамиҳо, он ҷо, ки нури офтоб камтар мерасид , боқӣ монда буд. Дар ҷойҳои дигар гармии гӯшношуниди имсол ҳама рустаниҳоро хушконида буд. Фаромурз дарзаи охиринро баст ва болои каҳдарзаҳои дигар гузошт. Як эҳсоси аҷиби нишотангезу хурсандибахше вуҷудашро фаро гирифт. Даҳ рӯзи каҳдаравӣ барояш ниҳоят ранҷовару сахт буд, вале Худоро шукр менамуд, ки оқибат хӯроки зимистонаи чорвоёнро ба андозаи кофӣ захира намуд. Акнун баъди як ду рӯз метавонад ба хотири ҷамъу дили пур дам бигираду истироҳат намояд.

Досро ба дарзаи болоӣ гузошт ва аз ҷайбаш рӯймолчаро берун кашида, араққи ҷабину гарданашро пок намуд. Ниҳоят хаставу кӯфта шуда буд, вале андешаи ин ки азоби дӯзахӣ ба поён хоҳад расид, талқинаш мекард, ки ба хастагӣ тан дарнадиҳад. Лабонаш бар асари гармо парсинг баставу хушкида буданд. Ташнагӣ вуҷудашро месӯзонд. Маъмулан ҳар рӯз субҳдам аз хайма берун мерафт, бо худ як кӯза об мегирифт, вале имрӯз кӯзаи обаш то нимрӯзӣ ҳам кифоят накард.

Вай ба чашмаи кӯчаке, ки дар умқи дара, зери санге ҷойгир буд, чашм андохт. Хоҳише дар дилаш мавҷ зад, то ҳар чӣ зудтар ба лаби чашма бирасад, мисли даврони кӯдакӣ фукашро ба чашма монад ва шикамсерӣ обашро дам бикашад. Ӯ оҳиста-

оҳиста ба сӯи чашма роҳ пеш гирифт ва ин дар ҳоле буд, ки мусофири танҳогарди осмони нилӣ гоми дигаре ба сӯи нишемангоҳи хеш бардошта буд ва дашту саҳрову кӯҳдоманҳои мағрибро бо пардаи соясони сурхфоми хеш печонида буд.

Фаромурз барои нахустин бор ба хуршед нигоҳи маънидоре намуд. Ғурубу мазоҳири он зеҳну ҳуши ӯро комилан ба худ ҷалб кард. Тамоми масоилу афкори дигарро аз мағзи вай берун сохт. Аз зеҳнаш гузашт, ки чи гуна инсонҳо ба хуршед одат кардаанд. Марзи ин одат ба андозаест, ки гоҳе вуҷуди онро фаромӯш мекунанд. Гӯё хуршед аз инсонҳо қарздор бошад. Бояд ҳар рӯз аз паси кӯҳ тулӯъ кунад, сар то сари гетиро нуру зиё бахшад, ба олами набототу мавҷудот тавону нерӯ диҳад.

Одат кардан, хӯ гирифтан ба чизе, ки суд дар пай дорад, кори хубест. Вале гоҳе одати аз ҳад беш касро ба марзи беэътиноӣ, нодидагирӣ мерасонад, ки пайомади нохушоянд дорад.

Одати одамӣ низ нисбат ба хуршед гоҳе ба ҳадди ифрот мерасад ва дигар инсон хуршедро намебинад, пиромуни ниёзу вобастагиҳои хеш аз хуршед андеша намекунад.

Гирифтории ин афкор вуҷуди Фаромурзро ногаҳон ваҳму ҳарос зер кард. Аз дил гузаронд, ки худое накарда хуршед аз тулӯъ бозмонад, фардо чӣ мешавад? Сарнавишти ҳастӣ ба куҷоҳо кашида мешавад? Ҳама мавҷудоти заминиву осмонӣ, падидаҳои табиӣ вобастаи хуршеданд. Хуршед аст, ки ин ҳастӣ идома дорад, сабзишу рӯиш аст. Агар хуршед набуд, кӣ ба ангуштони гарму нарму нурбори худ ба панҷараи хонаи мо сар мезад? Кӣ ба гесувони ҳазорранги табиат шона мезад ва пайкари ҳастиро ба ҷунбиш меоварду зиндагиро шурӯи тоза мебахшид?

Вай медонист, ки азамату шукӯҳ, шигифтиҳои ин ҳадяи худовандӣ аз ҷониби пешиниён ба касрат васфу тарсим шудааст. Дониши имрӯзиён низ роҷеъ ба таъриху дирӯзу оян-

даи хуршед рӯ ба фузунист, вале гоми нахустин дар шинохти хуршед хонавода аст. Аслан хонаводаҳое, ки бо фарҳанги пешиниён ошно ҳастанд, мекӯшанд бо қиссаву афсонаҳои марғуби хуршедӣ дидгоҳу шинохти аҷдодонро перомуни аркони вуҷуд, моҳу хуршед, замину осмон, ба насли пасоянд интиқол диҳанд ва дар пайкари онҳо тухми эҳтирому муҳаббати додаҳои Худоро бикоранд.

– Худо аз рӯзи бехуршеду зулмонӣ амон диҳад, – беихтиёр садо зад Фаромурз.

Фаромурз, ки сари чашма нишаста буд, бо панҷаҳояш чанд маротиба аз қаъри он оби сарду зулол бардошта нӯшид ва дар зимн нигоҳе ба ҷониби мағриб намуд. Чеҳраи лолагуни хуршед пушти қуллаҳо нопадид мешуд.

Аз дур суроби марде аспсавор намудор шуд. Ҳарчанд шахсияти ӯ равшан набуд, вале яқин буд, ки мард ҷониби ӯ меояд. Оҳиста- оҳиста болои дара баромад. Пардаи зулмот атрофро фаро мегирифт. Шаб фаро мерасид. Аз як кунҷи осмон моҳ чеҳра боз намуд. Ӯ ба хаймае наздик шуд, ки каҳдаравҳо муваққатан зада буданд ва шабро он ҷо мегузарониданд.

Ҳамроҳон низ яке паси дигар ба хайма бозмегаштанд. Фаромурз чароғи нафтиро даргиронд, вале ҳушу ёдаш ба марди аспсаворе банд буд, ки аз роҳ мерасид. Ҳарчанд чизе маълум набуд, вале қалбаш нигарон буд ва эҳсос мекард, ки мард ҳатман сароғи ӯ омадааст. Аз писараш Фаршед низ, ки нисфирӯзӣ барои хӯрок овардан ба деҳа рафта буд, дарак набуд. Ин амр ӯро бештар нигарону ошуфта менамуд. Вай тағйири либос намуда, вузӯ гирифт, то бо ҳамкорон намоз гузорад. Замоне ки каҳдаравҳо барои фотиҳа, даст ба дуо бардоштанд, марди аспсавор ҳам даррасид. Аспи худро ба гӯшае баст, лаҷом аз даҳонаш раҳо намуд ва ба гӯшае нишаста, ба дуои аҳли намоз ҳамроҳ шуд. Марде, ки комилан ношинос буд, арзи салом кард ва кӣ будани Фаромурзро пурсид.

– Ман ҳастам, – посух дод Фаромурз, – тинҷӣ ҳаст? Шуморо нашинохтам.

Марди ноошно нармак-нармак табассум намуд ва гуфт:

– Ҳоло ошно мешавем ва агар Худо хоста бошад, хеш ҳам мешавем.

Марди аз роҳ расида, то ин ки арзи матлаб кунад, муддате сар ба сукут рафт, аз ваҷаҳоташ равшан буд, ки матлаби муҳимме дорад, вале оғози калом барояш душвор аст. Дар ҳар сурат, тибқи маъмул аз мавзӯи рӯз, аз гармои беназири сол, мушкилоти мардуми кишоварз сухан дар миён гузошт ва сипас оҳи амиқе кашиду иброз дошт:

– Ман як марди бознишастаам. Исмам Меҳроб аст. Падару модарамро ҳам ёд надорам, бо нону оби дастархони мардум бузург шудаам. Сипос Худои бузургро, ки манро ҳаргиз танҳо нагузоштааст. Саробону мусоҳибони ман ҳамагӣ мардуми неку покдил будаанд. Охирин касе, ки ба ман ҳаққи падарӣ дорад, марди фозилу равшанзамире буд, ки чанд соле маро дар манзилаш ҷой кард, ба мактаб дод, тарбияти мазҳабӣ намуд ва оқибат ба фарзандӣ хонд. Бо духтараш издивоҷ кардам, ки ҳосили он се фарзанди солеҳу хубрӯй аст. Солҳои дароз ронандагӣ мекардам, фарзандон ҳамагӣ мактабхондаанд. Шукри Худо каму косте надорам, зиндагиам рӯ ба роҳ аст…

Меҳмон чун ба ин ҷо расид боз оҳ кашид. Фаромурз мушоҳида намуд, ки чӣ гуна чашмони мард пуроб мешаванд ва гиря гулӯгираш мекунад. Ҳолате фаро расида буд, ки касе аз ҳозирон барои оромишу дилбардории меҳмон ҳарфе гуфта наметавонист. Зеро сабабу иллати нигарониву асабонияти мард маълум набуд.

Дар чунин авзое маъмулан хомӯшӣ авлост. Оромишу сукут имкон медиҳад, то ровӣ афкору андешаи хешро тамаркуз бахшад ва ба изҳори мушкили худ идома диҳад.

Меҳмон эҳсосоти тазйиқовари худро фурӯ нишонд, нигоҳи маъсумонае ба осмони пурситора афканд. Хомӯшии маргборе фаро расида буд, касеро ёрои сухан гуфтан набуд. Танҳо садои чирчиракҳо ва дигар мавҷудоти шабгард буд, ки фазоро пур мекард. Зиндагии тозае дар домони шаб шурӯъ шуда буд. Садҳо овози аҷибу ғарибе, ки аз вуҷуди махлуқу мавҷуде дарак медод.

– Шояд ҳар якеро маъниву мақсадест, ки барои инсонҳо мафҳум нест, – аз дил гузаронд Фаромурз. Ин офаридаҳои Худо тӯли рӯз дар лонаҳои худ дар синаи хок, зери буттаву алафҳо, сангу кулӯхпораҳо, хомӯшона расидани шабро интизор буданд ва инак эҳсоси гуруснагӣ онҳоро ором намегузорад. Талош барои зистан онҳоро аз паноҳгоҳҳо аз иқоматгоҳҳои мавсимӣ берун мекунад, то дар паҳнои ин набардгоҳи ҷовидонӣ, ки маъниаш ҳастист, мубориза кунанд, ризқу рӯзии худро пайдо намоянд. Дар ин саҳнаи хатарнок Худо медонад, онҳоро чӣ сарнавиште интизор аст…

Фаромурз ба хотири ин ки сукутро бишканад ба пиёла чой рехта ба меҳмон дароз кард. Дар ин асно шаббодаи нарме ба вазидан шурӯъ намуд. Тафти рӯз фурӯ менишаст. Якҷо бо шаббода бӯи алафу гиёҳҳои саҳроӣ ба машом мерасид.

Меҳмон ба аломати эҳтирому сипос даст ба сина бурд ва дар ҳоле ки пиёлаи чойро аз дасти Фаромурз мегирифт, ба сухан оғоз намуд:

Ана ҳамин хел бародар. Кӣ медонист, ки ин шоми муборак, дар оғӯши ин дара боиси ташвишу азоби Шумо мешавам.

– На, бародар, ин андешаро аз сар дур кунед. Меҳмон ҳадяи илоҳист, Шумо бояд бубахшед, ки имшаб ба азоби мо шарик шудед, шароити саҳро имкон намедиҳад ба таври муносиб аз Шумо пазироӣ кунем.

– Ин суханҳо барои чи? Ин хел нагӯед. Вагарна ман

хиҷолат мекашам. Ман ҳангоме ки суроғи шуморо гирифта, ҷониби дара раҳсипор шудам, дар ҳеҷ гӯшаи хаёлам аз меҳмониву пазирои ҷой набуд, вале Шумо эҳсос мекунед, ки барои ман дидори мусоҳибони имшаб беҳтарин соати умри ман аст. Сарнавишт аст, ки моро бо амри илоҳӣ дар чунин як фазое рӯ ба рӯ намуда. Барои як инсони хокӣ аз ин бахти волотар нест, вақте бо инсони хубу покниҳод бархӯрд мекунад. Ҷое меравад ва ӯро бо хандаву чеҳраи боз истиқбол мекунанд. Магар аз ин дида меҳмондориву пазироии муносибтаре ҳаст? Бо баракати дидори Шумо ман чашмсерӣ моҳтобу ситорагонро тамошо кардам. Нигоҳ кардам, ки чи хуш медурахшанду барқ мезананд. Синаи ҳар яке моломоли нуру равшанӣ аст. Бо чашми пур аз муҳаббату дӯстдорӣ ба мо дида медӯзанд…

Маҷзубу шефтаи суҳбати меҳмон ногоҳ ба ёди Фаромурз писараш-Фаршед расид, ки бояд барои каҳдаравҳо хӯроки шом меовард. Музтарибу ошуфтатар шуд. Мехост аз меҳмон бипурсад, ки нишонии ӯро кӣ ба вай додаст, вале ҷуръат накард. Аз ҷониби дигар, чунин амалеро муносиб надид. Ба гумонаш агар лозим буд, худи меҳмон ҷузъиётро баён медошт.

Шиҳаи бимноку рамондаи аспи меҳмон дар дили саҳро хаёлоти Фаромурзро парешон сохт. Аспи сафедранг, ки ёлҳои сиёҳ дошт, аз чизе рамида буд ва дар ҷояш пой мекӯбид.

– Ҷонвари дарандае дар ин наздикиҳо ҳаст – гуфт Меҳроб ва аз ҷой бархоста ҷониби асп рафт. Ёлҳояшро молиш дода, оромаш намуд ва зину афзорашро аз болояш гирифта ба каноре гузошт. Пайдо буд, ки меҳмон монданист. Дар ҳамин асно дар фосилаи дусадметрӣ Фаромурз суроби писарашро дид, ки зарфи хӯрок дар даст ҳамроҳи сагашон-Ҳушёр ба сӯи онҳо меояд. Омадани Фаршед авзои равонии падарро комилан тағйир дод. Ҳавосаш ҷамъу ҷур шуд. Як навъ нишоту фараҳ бар вуҷудаш ғолиб шуд. Муҳимтар аз ин, раси-

дани хӯроки гарм ҳолу ҳавои хиҷолатомези табъи ӯро назди ҳамроҳону меҳмон дигаргун сохт.

Меҳмон ҳамзамон бо дидани Фаршед садо зад:

– Бо ин ҷавон мо имрӯз мулоқот доштем. Дар хонаи Шумо суроғатонро аз ӯ гирифтам.

Фаромурз ҳарчанд аз таъхири нобаҷои писар хуш набуд, вале дар ҳузури меҳмон иллатҷӯиву сарзанишро муносиб надид. Фаршед низ аз нигоҳи падар маънӣ бардошта буд. Аз ин рӯ, тибқи зарбулмасали «илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд кард», амал намуда, гуфт:

– Бубахш, падар, гуноҳи ман набуд. Боистӣ нерӯдори телефони ҳамроҳро тақвият мебахшидам. Чун соатҳои тӯлонӣ дар деҳа барқ набуд, мунтазир будам, то биёяд.

– Мегӯянд «ҳилаҷӯро баҳона бисёр аст»,- гуфт Фаромурз ба Фаршед. Тасаввур кун, ки ту имрӯз нақши як ҳиллаҷӯро бозидӣ. Хубтар аст, косаҳоро биёрӣ ва хӯрокро бикашем, то сард нашавад.

– Узри бисёр, падарҷон, воқеан ҳам ман Шуморо бисёр ноҳоҳат кардам, – хиҷолатомез гуфт Фаршед.

Меҳмон, ки шоҳиди ин гуфтугузори ноҷур буд, барои табдили фазо ба сухан даромад:

– Дидӣ, Фаромурз, Худованди мутаол дар ин дашту дараи зулмонӣ ризқу насибаи моро фаромӯш накардааст. Аммо ту аз шароити номусоиду асбоби пазироӣ ҳарф мезадӣ. Ҳар як амр замону вақти муайян дорад. Ҳақ дер ё зуд ба ҳақдор мерасад,бо ман мувофиқ ҳастӣ?

Фаромурз бо табассум, дар ҳоле ки косаҳои хӯрокро дароз мекард, бо аломати ризоят сар ҷунбонд.

Посе аз шаб гузашт. Таом хӯрда шуд. Фаршед дастархонро ҷамъ кард, вале мақсади омадани меҳмон норавшан буд. Дили Фаромурз оташ мегирифт, эҳсосоти нохушоянде зеҳнашро ноором месохт. Як гӯшаи дилаш мехост рӯирост сабаби ташрифи меҳмонро пурсон шавад. Вале боз ҳам урфу одати шарқӣ иҷозат намедод. Бим дошт, ки меҳмонаш шояд

аз пурсиши ӯ биранҷад. Пиндошт, ки ҳузури ҳамроҳон ва Фаршед мисли ин ки меҳмонро аз арзи матлаб кардан нигоҳ медорад. Маҳзи хотири ин ба писараш амр кард, то ҷойхобро барои ҳама зери хайма дуруст кунад. Каҳдаравҳо низ аз ин дархости вай рамуз гирифтанд ва аз ҳалқаи онҳову меҳмон дур шуданд.

Меҳроб гӯё пайт мепоида бошад, сари мавзӯъ баргашт.

– Фаромурз, бародари ширин, дилат мехоҳад ҳар чӣ зудтар бидонӣ, ки дар ин гармои тобистон ноошномарде чаро ба суроғи ту омадааст. Чи ниёзе ӯро шабнишини ин дараи дурафтода намудааст. Эҳ, бародар, гуфтам-ку, се фарзанди хубрӯ дорам, ки ҳамагӣ таҳсилкардаанд. Писари бузургам дар мактаби деҳаамон муаллими забони русӣ буд. Ҳамин порсол буд, бо модараш ният кардем, ки хонадораш намоем. Модараш бо шӯру шавқ миёни духтарони қадраси деҳ номзади муносиб, муъмину мусулмонро ҷустуҷӯ мекард. Вале амон аз ин тангдастиву нодорӣ. Вазъи молии мо деҳотиёнро, ки медонӣ, бо чи мушкилоте рӯ ба рӯ ҳастем.

Писарам дид чун азми мо қавист, пешниҳод кард, ки ба мардикорӣ равад, то пасандозе барои харҷи тӯй андӯзад. Ростӣ ман ҳаргиз розӣ набудам. Дилам намехост тарки муаллимӣ кунад. Зеро боварӣ доштам кори хайрро Худо худаш сомон мебахшад. Вале ӯ бо ҳазор далелу бурҳон ману модарашро барои мусофират моил сохт. Инак соле ҳам нагузашта аз Русия баргаштааст.

Меҳроб муддате таваққуф намуд. Фаромурз эҳсос намуд, ки боз ҳам вазъи равонии мусоҳибаш ба ҳам хурд. Мехост иллатпурсӣ кунад, вале Меҳроб имконаш надод. Худро ба даст гирифту гуфт:

– Медонӣ, бо чӣ дастовезе баргашт? Бо номзад, он ҷо барои худ арӯс пайдо кардааст. Бо як русдухтар ошно шуда ва инак пойро дар як мӯза ҷой карда, ки бо вай издивоҷ мекунад.

Ростӣ, ман мутаассиб нестам, муътақидам, ки муқобили хости дил, маҷрои дарё набояд рафт, вале аз сӯи дигар тамо-

ми орзуҳоямро барбодрафта мебинам. Сари калобаамро гум кардаам.

Фаромурз саропо гӯшу ҳуш буд, вале намедонист, ки ин ҳама ба ӯ чи иртиботе дорад. Ё ин марди сода барои дарди дил кардан ӯро мусоҳиби муносиб дарёфтааст. Барои ин андеша зерчашмӣ ба Меҳроб нигарист.

Меҳроб, дар ҳоле ки вуҷудаш дар ғазаб месӯхт ва меларзид, бидуни ихтиёр аз гиребони Фаромурз гирифту ба сӯи худ кашид ва дар як они воҳид ӯро раҳо намуд ба замин нишаст. Гиря, гиря дар шаҳодати моҳу ахтарон, гиёҳу буттаҳои ҳазорранги табиат пайкари танумандашро такон медод. Фаромурз комилан ҳайратзада шуда буд. Ин марди ноошно, ки аз деҳи ҳамсоя ба хонаи ӯ омадаву ҷустуҷӯкунон ба ҳузураш расидааст, аз ӯ чи мехоста бошад? Чаро ба хотири интихоби писараш аз гиребони ӯ мегирад. Магар зани рус гирифтан гуноҳи азим аст?

– Маро бубахш, бародар, ту гуноҳе надорӣ, вале ман назди ту омадаам, то ҳалли мушкил кунам. Зеро ин русдухтаре, ки сунҳори ман хоҳад шуд, духтари туст. Шаҳнозаро мешиносӣ, ё на?

Бо шунидани ибораи «духтари туст» ва исми Шаҳноза ҳушу зеҳни Фаромурз лаҳзае ба тирагӣ, бехудӣ гароид. Ҳеҷ шайъу ҳеҷ овоеро ҳис намекард. Пойҳояш гӯё аз зону шикаста буданд. Мехост садо бизанад, вале забонаш, калолат намекард. Лаҳзае пас зеҳну ҳавосаш ҷамъу ҷур шуд. Оҳиста дар баробари Меҳроб сари зону нишаст. Буғз гулӯяшро гирифта буд, маҷоли пурсишаш намедод. Дасти росташро бардошт ва риши кӯтоҳи Меҳробро сила кард. Шонаҳои ӯ низ аз шиддати гиряи ногаҳонии шабона ба ҷунбиш афтода буданд.

Ҳушёр саги гӯшбуридаи Фаршед, ки дар семетрии онҳо хобида буд ва зерчашмӣ ин ду марди мусоҳибро назора мекард, ғайриинтизор ба шаст аз ҷой бархост ва ба сӯи Меҳроб аккос зад. Қалби сагонаи ӯ пай бурда буд, ки ҳама изтиробу ташвиш,

гиряву норохатии сохибаш бо Мехроб бастагӣ дорад. Мехост дохили майдон шавад ва аз сохибаш пуштибонӣ кунад. Вале ин ҳайвони забонбаста аз куҷо медонист, ки сарчашмаи ин вазъи ногувори Фаромурз ба замону макони дури дигаре гиреҳ мехӯрад. Хишту санги надомату пушаймонии имрӯзаро Фаромурз маҳз аз ҳамон замон бунёд гузошта аст…

Аспи сафедрангу синафарохи Мехроб, ки дар равшании моҳ мисли шир ҷило медод, баробари шунидани аккоси саг шиҳаи мастонае кашид ва пойҳои пеши худро ба муқобили саг боло бардошт. Аҷиб буд, ки ин ҷонвари вафодор низ мисли ин ки таҳдиди хатарро ба сохибаш эҳсос мекард.

Лаҳзае пас саг ва асп фазои суҳбатро мусолиматомез диданд ва ором-ором машғули дунёи худ шуданд.

Маълум набуд, то чи замоне ин ду марди афтода дар гирдоби сарнавишт хомӯшвор давр хӯрданду боло ҷаҳиданд. Вале равшан буд, ки ҳеҷ яке аз эшон ғарқ шудан намехост. Ҳар яке роҳу тариқи раҳоӣ меҷуст. Поси дигаре аз шаби тобистонӣ гузашт. Шоху барги гармои рӯз комилан фурӯ рехта буд ва ҳавои сардсере ба тани одам ҳаловат мебахшид.

Фаромурз тамоми нерӯи худро ҷамъ кард, то забони шахшудаву мунҷамидашро ба гуфтан омода созад. Вале саъю талошаш коргар набуд. Гӯё забонашро баста буданд. Аз чӣ бошад, ба ёди модараш афтод. Мехост тифлак бошад ва модараш ӯро ба оғӯш бигирад, пистонашро ба даҳонаш бигзорад ва ӯ зиндагиро аз нав оғоз кунад.

Мардуми лолу гунг пеши назараш ҷилвагар шуданд. Дилаш ба ҳоли онҳо сӯхт. Чӣ кӯлаборе аз орзуву матлаб барои гуфтан дошта бошиву, гуфтан натавонӣ.

Фаромурз ҳукми гунгро дошт. Худованд ногаҳонӣ неъмати гуфтанро аз ӯ гирифта буд. Бо тамоми вуҷуд аз Худо мехост, ки забонаш боз шавад. Ашкҳои гарми пушаймонӣ аз ду бари рухсораш сарозер мешуд. Дар ҳеҷ як гӯшаи зеҳнаш набуд, ки ин қадар ашк барои гиряҳои хомӯшвор дорад.

*Зи ашке, ки ҷӯшад зи домони дил,*
*Чӣ гуна бишӯяд гуноҳони дил.*
*Гуноҳе, ки пинҳон зи гардун кунӣ,*
*Чӣ гуна паноҳаш зи эдун кунӣ?*

Меҳроб, ки орому таскини пешинаро даст ёфта буд, даст ба шонаи Фаромурз гузошт ва гуфт:

– Хештандор бош, бародар. Мехоҳӣ бипурсӣ, ки Шаҳноза духтари туст? Ин воқеият аст. Номашро худат гузоштаӣ. Писари ман аз модари Шаҳноза бароят нома овардааст. Имрӯз ман ҳам дар ҳукми хаткашонам ва ҳам дар нақши хостгор. Ман духтари туро барои писарам хостгорӣ мекунам. Зеро қиссаеро, ки аз забони писарам шунидаам, наҷибтарин эҳсосе ба номи ишқу муҳаббат аст, ки муқобилаш наметавон пофишорӣ намуд. Ин эҳсос пайвандгар, зоянда аст, идомабахши ҳастӣ аст.

Меҳроб инро гуфт ва лифофаи сабзрангеро аз бағал берун оварда, ба дасти Фаромурз супорида, иброз дошт:

– Номаро ба ту ва туро ба Худо месупорам. Хуб тааммул куну тасмим бигир. Ман рафта дароз мекашам.

Баробари дидани нома дарду алами Фаромурз зиёд гашт. Дар он лаҳзаҳо аз мағзаш гузашт, ки ӯ танҳотарин махлуқи Худост. Шоҳиди ҳолу ҳавои равонии ӯ ба ҷуз дашту саҳро, кӯҳу дара, алафу гиёҳ, моҳу ситораҳо чизи дигаре набуд. Мисли солҳои ҷавонӣ номаро ба рӯи сина гузошт. Қалбаш мисли дили кӯдакон дар қафаси сина метапиду бозӣ мекард. Муддате пешонӣ рӯи замин гузошту зор-зор гиря кард. Сипас номаро ба лабонаш наздик бурду бӯсид. Самимӣ, аз дилу ҷон бӯсид, тавре ки солҳои пеш бӯсида буд. Лифофаро ба машомаш наздик бурду бӯйид. Атри ошное ҳамроҳ бо сӯзу дареғ аз гӯшаҳои лифофа берун ҷаст. Ӯ бӯи ошноро то мағзи ҷон нӯшид ва вуҷудаш оташ гирифт. Аз сӯзиш ба худ мепечид. Ангуштонашро ба даҳон мегирифт, то садои гиряаш боло нагирад.

Вай шуълавар дар оташи дарун мехост садои азизу ошноро бишнавад, садое, ки замоне ба гӯшаш қиссаи ишқу зиндагӣ рехта буд. Гӯшае аз номаро ба гӯшаш наздик кард. Аз ҳаяҷону изтироб гӯё нома мисли сайди гирифтор нафас-нафас мезад. Симои андӯҳбори мавҷуде саропо меҳру дӯстдорӣ пеши чашмонаш падид омад. Аз чашмаи ҳамешаҷӯшони ишқи ӯ қатрае кам нашуда буд.

Номаро ба сина фишурд. Дар мағз-мағзи замини ҷонаш решаҳои хуфтае аз дард ба ҷӯш омада буданд. Донаҳои ин дарди ранҷоварро замоне худ пошида буд ва имрӯз вақти сабзишу рӯиши донаҳо фаро расида буд…

Шаб ба поён мерасид. Субҳ аз рухи дашту даман, кӯҳу пушта парда бармедошт. Шабе, ки дар домани худ вуҷудеро дигаргун сохт. Бас риштаҳои гусаставу хуфтаи ёду хотираҳоро ба ҳам пайванд зад. Бо чеҳраи шукуфта аз сиёҳӣ даррасид ва рангбохта нопадид шуд.

Вақти намози бомдод фаро мерасид. Фаромурз бархост ва ба дара пойин рафт, то лаби чашма вузӯ бигирад…

Хуршед, ин мусофири ҳамешагии осмони нилӣ аз нав тулӯъ намуд. Аз хастагиву коркӯфтагии дирӯз дар чеҳрааш осоре набуд. Равшан буд, ки аз хоб сер шуда, хуб дам гирифтааст. Бо чеҳраи шодобу лабони хандарез дар паҳнои осмон дар масири доимӣ қадам бармедошт. Ҷунбишу нурпарокании ӯ дар тану тавони аҷрому аҷсоми замину осмон ҷон медавонид. Ба равзанаву панҷараҳои хонаҳои маскунӣ ангушт мезад. Мардумро ба кору бор фаро мехонд.

Мавҷудоти табиат ҳар яке ба сабку шеваи хеш аз тулӯи хуршед истиқбол менамуданд. Дарахтон бо дасту оғӯши боз аз баргу шохаҳо макони нишасту пазирой омода мекарданд. Парандаҳо бо синаҳои пурфарёд аз шохае ба шохаи дигар, аз боме ба порисае парвоз мекарданд. Зуҳури хуршед ҷунбишу таконе дар ниҳоди онҳо ба вуҷуд оварда буд. Кӯчаву растаҳои деҳ аз садову ҳамҳама, шодиву нишот моломол мегашт.

Фаромурз дар лаби чашма нишаста буд ва ба акси хурдакаки хуршед, ки дар синаи чашма бо лапиши об бозӣ мекард, менигарист. Афкори ғамангезе зеҳнашро музтариб сохта буд. Ҳамин дам Фаршед ба ӯ хабар дод, ки меҳмон рафтанист.

Ӯ саросема бархост ва худро ба назди Меҳроб расонид. Меҳроб аспро зин зада буд ва мунтазири ӯ буд. Нигоҳҳои онҳо лаҳзае ба ҳам бархӯрд. Нигоҳҳои моломоли хоҳишу орзу, гуфтаниҳо.

Меҳроб дар ҳоле ки по ба рикоб ниҳод хитоб ба Фаромурз гуфт:

– Хайр, бародари ширин, паноҳат ба Худо. Мо мунтазири тасмими шумоем. Бо дили пур дари хонаи шуморо кӯфтем.

– Каму косте аз мо дида бошӣ, моро маъзур дор. Ман дар тӯли умрам камтар мусоҳибу меҳмони арҷманде мисли шумо доштам. Худо ёрат. Сафарат бехатар бодо! – гуфт Фаромурз.

Меҳроб бо ишораи тозиёна аспи сафедфоми ёлсиёҳашро ба роҳ андохт, вале лаҳзае пас аз роҳаш баргашт ва бо як чобукӣ аз болои зин ба замин ҷаҳид ва лаҷоми аспашро раҳо намуда Фаромурзро канор гирифту сахт фишурд. Сипас бидуни сару садо ба асп нишасту ба сӯи мағриб ҳаракат намуд.

Ҳамроҳони Фаромурз аз пушти кори худ шуданд. Фаршед низ бо амри падар ба ҷамъоварии каҳдарзаҳо шурӯъ намуд.

Фаромурз, ки аз қаъри шаб баъд аз дарёфти нома худро барои хондани он омода менамуд, инак фурсатро муносиб донист ва ба гӯшае нишаста номаро боз намуд. Дастонаш меларзиданд, дилаш гуп-гуп мезад:

«Салом, Фаромурзи азизу меҳрубони ман…».

Ҷумлаи оғозини нома хотироти пешин, дидори нахустинро дар пардаи зеҳни Фаромурз ҷилвагар сохт…

Нимаҳои баҳори соли 198… Фаромурз он солҳо афсари артиши Шӯравӣ буд ва дар шаҳри Қандаҳор ифои вазифа

менамуд, Ӯро барои иҷрои супорише ба Кобул фиристода буданд. Бояд пас аз супориш ба қисми низомии худ бармегашт. Бозгашт танҳо тавассути ҳавопаймоҳои боркаши низомӣ сурат мегирифт. Вале дар фурудгоҳи низомӣ тартибу низоми хосе набуд. Аслан ҳеҷ шабоҳате ба фурудгоҳ надошт. Як дашти пуррегу санги офтобиро барои ҳавопаймоҳо ихтисос дода буданд. Паноҳгоҳе аз офтоби сӯзон барои мусофирон мавҷуд набуд. Вале ҳама одат карда буданд. Зеро замон замони ҷанг буд.

Мусофирон, ки аглаб афсарону низомиён ва мутахассисони Шӯравӣ буданд, рӯзҳои дароз ва гоҳо ҳафтаҳо мунтазир мемонданд, то ҳавопаймое парвоз кунад. Солҳои пурошӯбу пурхатаре буд. Ҳар як мусофират, чи заминиву чи осмонӣ, бо хатар ҳамроҳ буд. Аглаб ҳавопаймоҳо зимни парвоз мавриди ҳамлаи муҷоҳидин қарор мегирифтанд.

Фаромурз рӯзи севум буд, ки интизори парвози ҳавопаймо буд. Қарибиҳои шом иттилоъ доданд, ки ҳавопаймои АН-12 ба Қандаҳор мепарад. Анбӯҳи зиёде назди ҳавопаймо ҷамъ омада ва нигарони боз кардани дар ва овардани зинапояи саворӣ буданд. Ворид шудан ба ҳавопаймо вобаста ба зӯру тавони ҳар як мусофир буд. Қисса кӯтоҳ то фаро расидани шом Фаромурз бо бештар аз чиҳил мусофир савори ҳавопаймо гашт.

Ҳавопаймо чун боркаш буд, ба ҷуз даҳ – понздаҳ ҷойи нишаст, нишастгоҳи бештаре надошт. Ҳавопаймо суръат гирифт ва ба самти Қандаҳор парвоз намуд. Қисми зиёди мусофирон мисли ин ки дохили автобус бошанд, рост истода буданд. Касе эҳсоси норизоятӣ намекард. Миёни худ бо шодиву фараҳ суҳбат мекарданд. Аслан ҳузур дар кишвари ҷангзадае чун Афғонистон миёни мардуми Шӯравӣ, чи низомиёну чи мутахассисони мулкӣ, фазои хосеро эҷод намуда буд. Мардум бо як дидан дӯст мешуданд, ба ҳам эътимод доштанд ва муҳимтар аз ҳама муътақид буданд, ки онҳо фиристодаи кишвари бузурге бо номи Шӯравианд ва вазифаи башардӯстонаи хешро иҷро мекунанд.

Фаромурз бори аввал буд, ки савори ҳавопаймои АН-12 мешуд. Ин ҳавопаймо ду толор дошт. Ӯ дар толори якум рӯи фарш сарипо нишаста буд. Зерчашмӣ ба мусофирон менигарист. Дар тарафи чап се ҷавонзани малламӯй нишаста буданд. Аслан мусофироне, ки ҷои нишаст доштанд, орому сар ба сукут буданд. Танҳо мусофирони ростистода пурҳарфӣ мекарданд.

Соли тавлиди ҳавопаймо маълум набуд, вале аз зоҳир ва ҳолати дарунаш, ҳавопаймое буд, ки аз умраш солҳои зиёде гузаштааст. Маъмулан Афғонистон барои Шӯравӣ як озмунгоҳе шуда буд, ки тамоми василаи нақлияи куҳнаву фарсудаи хешро, чи танку чи зиреҳпӯш ва чи чархболу ҳавопаймо, дар хоку фазои он мавриди истифодаву озмоиш қарор медод. Дастандаркорони низомиву сиёсии вақт борҳо хилофи қавонини мавҷуд барои баҳрагирӣ ҳавопаймоҳоеро эъзом менамуданд, ки истифодаашон вобаста ба фарсудагиву солхӯрдагӣ мамнӯъ буд.

Фаромурз чун афсари низомӣ худ шоҳид буд ва аз иттилооти маҳрами дастрасаш медонист, ки дар нукоти мухталифи Афғонистон чӣ гуна ҳавопаймоҳои куҳансохт худ ба худ дучори садама мегарданду сукут мекунанд ва бар асари он риштаи ҳаёти даҳҳо нафар сарнишин канда мешавад.

Бадбахтӣ ин буд, ки касе он замон масъулиятро ба дӯш намегирифт, авзоъро таҳлил намекард. Ҳама чизро аворизи техникӣ, ё ҳамлаи муҷоҳидин ва ё шароити бади иқлимӣ қаламдод менамуданд.

Побанди чунин афкоре «ба Қандаҳор наздик шудем» гуфтани кадоме аз мусофирин Фаромурзро ба худ овард. Ҳавопаймо мебоист ба фуруд омадан оғоз менамуд, вале ин амал рух надод. Дар толор ноором‍ӣ оғоз гардид. Барои фуруд омадан бояд қисмати пеши ҳавопаймо поин меомад ва қисмати ақиб боло мерафт. Ҳавопаймо нуқсон пайдо намуда буд. Фазои бимноку ваҳшатзое эҷод шуда буд. Мусофирон аз якдигар иллатро пурсон мешуданд. Вале касе асли

қазияро намедонист.

Ӯро низ тарсу ваҳшат фаро гирифта буд. Беихтиёр зану фарзандаш ба ёдаш омад. Андешаҳои даҳшатборе ба зеҳнаш расид. Одатан дар рӯҳу равони одамӣ нишаста, ки замони ночориву дармондагӣ, ноилоҷӣ аз Худову Расул ёд мекунад ва ёриву имдод меҷӯяд. Фаромурз бидуни ин ки тарсу ваҳми худро нишон диҳад, ба мусофирони толор нигоҳ кард. Гурӯҳе аз онҳо салиб мекашиданд ва зерлабӣ чизе мегуфтанд. Аз кӯдакӣ дар зеҳну ҳушу Фаромурз гуфтаи падар нақш баста буд, ки таъкид менамуд ҳангоми хатару мушкилӣ, тангдастӣ сураи Тавҳидро бихонад, зеро сураи мазкур инсонро аз тамоми балову офатҳо эмин медорад. Вай зерилабӣ ба хондани сура оғоз намуд.

«Қул ҳувал лоҳу аҳад. Оллоҳу с-самад, Лам ялид ва лам юлад ва лам якул лаҳу куфуван аҳад».

Фаромурз ба чашми нимпӯш мехонду ба гиребони пироҳанаш куф мекард. Дар ҳамин асно яке аз сарнишинон аз кабина берун омад ва хоҳиш намуд аз толори якум ҳама мусофирон ба толори дуюм биёянд, ҳатто чанд нафаре ба кабинаи халабонҳо даромаданд. Мусофирон рӯи ҳам ба ҳам наздик буданд. Фаромурз, ки сарипо нишаста буд, имкони бархостан надошт. Фишору зичии ҳозирон ӯро ба яке аз ҷавонзанҳои нишаста наздик бурд. Ба гунае, ки шонаҳояш дар миёни зонуҳои ӯ қарор гирифт. Садоҳои тарснок бештар мешуд. Фаромурз низ аз тарс ранг бохта буд. Ҷавонзани ношинос мисли ин ки ин ҳолати ӯро эҳсос намуда буд, табассуми хафифе намуда гуфт:

– Хештандор бош, ватандор, ҳамааш ба некӣ меанҷомад. Худованд бо мост.

Ҷавонзан инро гуфт ва бо ёломати навозишу таскин даст ба сари Фаромурз гузошт. Вай бо шунидани суханони лутфомезу меҳрбор оромиш ҳосил намуд ва боз ба қироати сураи Тавҳид оғоз кард.

Таҷаммуи мусофирон коргар шуд. Қисмати пешинаи

ҳавопаймо поин омад ва амалиёти фурудой оғоз гардид. Шаҳри ҷангзадаи нимчароғону нимзулмонии Қандаҳор намудор гашт. Замоне ки чархҳои ҳавопаймо ба замин расид, Фаромурз ба худ ҷуръат дода пурсид:

– Номи Шумо чист, хоҳар?

Ҷавонзан баъд аз чанде табассумомез гуфт:

– Ҳамсафари Шумо Мария.

Фаромурз бе он ки ҷавонзан аз ӯ ном пурсида бошад, худро ошно намуд! – Номи ман Фаромурз аст.

Фар-о-мурз? Номи шуморо бояд такрор кунам, то дар ёдам бимонад, – гуфт Мария…

Фаромурз аз нав ба нома чашм давонд:

«Салом, Фаромурзи азизу дилбанди ман. Ҳаргиз гумон надоштам, ки соате фаро мерасад, ки бидуни ихтиёр достони зиндагии муштаракамонро бозгӯ менамоям. Рӯзе буду рӯзгоре ва бо хости Худо сарнавишти ману ту ба ҳам бархӯрду гиреҳ зад. Ҳарчанд фосилаи замонӣ хеле кӯтоҳ буд, асароташ ба дарозии умри инсонист. Зиндагии муштараки мо воқеан ҳам достонгуна буд. Зеро макону фазои муайяне дошт. Ангеза, умеду орзу, ишқу дӯстдорӣ дошт. Ва муҳим аз ҳама дар замону маконе шаклу сурат мегирифт, ки дар даруни он инсонҳо бештар ниёзманди ҳамдигаранд, беш аз ҳар вақти дигар инсонияту одамият доранд, аз эҳсосоте мисли муҳаббату дӯстдорӣ, меҳрубониву самимият ниҳодашон пур аст. Дар чунин замону маконе, ки ҷангиву ҷангзадааш мехонанд, масъалаи миллияту мазҳаб, нажоду қавмият камранг аст. Масъалаи инсон будан маҳакки асосист. Ҳама инсонҳо, чи сиёҳ, чи сафед, чи шарқиву чи ғарбӣ, замони марбут ба онҳоро зистан мехоҳанд. Чи бигӯям, ки ҷузъиёти он дидорро худ беҳтар медонӣ …»

Фаромурз чашмонашро баст ва ба хаёл фурӯ рафт. Мехост лаҳзаҳои оғозини ошноиро зарра –зарра дар пардаи

зеҳну ҳуш ҷамъ биёрад ва мазоҳири лаззатбахши дидорро муҷаддадан ба сар барад.

Мусофирон аз анҷоми бахайри кори ҳавопаймо изҳори хушнудӣ намуда, аз толори он берун мешуданд. Шодиву нишоти ботинии Фаромурз беш аз дигарон буд. Дар ин парвоз миёни мусофирон ӯро ёру ошное набуд. Танҳо камбуди техникии ҳавопаймо сабаб гардид, ки бо русдухтар Мария шинос шавад. Ҷасорату рашодати ҷавонзани рус ӯро шигифтзада намуда буд. Дилаш мехост бо ӯ бимонад. Мавзӯи суҳбат меҷуст. Гӯё нерӯи ҷаззобу кашанда дар пайкари зарифу хушандоми духтар нуҳуфта буд. Фаромурз даврони ҷавонии худро зиста буд, вале ҳиссиёти ширини ошно вуҷудашро такон медод. Оқибат ба худ ҷуръат дода макони иқомати ҷавонзанро пурсид.

Мария боз бо ҳамон оромишу табассуми малеҳ посух дод:

– Муҳосиби бригада ҳастам ва дар хобгоҳи занона зиндагӣ мекунам.

– Иҷоза медиҳед, ки гоҳ-гоҳе назди Шумо биёям? Фаромурз эҳсос менамуд, ки овозаш меларзид.

Мария аз таҳти дил хандид ва изҳор дошт:

– Дари хонаи мо ҳамеша барои меҳмонон боз аст. Худо ҳофиз.

Мария ба мошин нишаст ва ҳаракат намуд. Сипас дасти нозуки худро аз мошин берун овард ва то фосилаи муайяне бо аломати худоҳофизӣ ба сӯи Фаромурз алвонҷ дод. Фаромурз низ то нопадид шудани мошин аз пушти он чашм наметанд.

Қисми низомие, ки Фаромурз он ҷо хидмат мекард, 30 километр дуртар аз фурудгоҳ қарор дошт. Шабона бозгаштан дар ин фосилаи роҳ хеле хатарнок буд, аз ин рӯ маҷбур буд шабро дар фурудгоҳ гузаронад.

Фаромурз боз ба нома чашм дӯхт. Тааҷҷуб аст, ки бо нигарониву ҳаяҷони қалбиаш афзуда мешуд. Зарабони қалбаш

суръат мегирифт. Ин ҳолат вайро ба ваҳшат андохт. Бим дошт, ки Худое накарда аз шӯри эҳсосот қалбаш аз кор монад ва бимираду нома нохонда бимонад.

Мария дар идомаи нома навишта буд:

«Фаромурз! Шояд ин номаро навиштан муносиб набуд. Аз ҷониби дигар, агар ман дар ҳузури ту мешудам, имкон дошт ин густохиро карда наметавонистам. Вале ба навиштан маро вазъият водор намуд. Чун шароити нигоштан фароҳам омад, фурсатро ғанимат шумоаридам. Аслан сабаби таълифи ин нома, ки достони муштараки зиндагии ману ту унвонаш кардаам, каси дигарест, ки мақсад дорад гоми ҳадафманди тақдирсоз дар домони умри худ бардорад. Азбаски ба сарнавишти вай бетафовут нестам, метарсам гоми ӯ иштибоҳӣ бошад. Ин гом дар саргаҳи дуроҳаест, ки интихоби дурусту саҳеҳро тақозо мекунад. Маҳз дар ҳамин марҳала ман ба машварату маслиҳати ту ниёз пайдо намудам ва маҷбур шудам нома бинависам. Вале дар оғоз хостам достони зиндагиамонро баён созам, зеро зиндагии ман пас аз он дидор дар туву номи ту хулоса мешавад.

Ёд дорӣ, бо чи тарзу шевае изҳори меҳру муҳаббат намудӣ? Як рӯҳи ваҳшиву хурӯшонро ром намудӣ?...»

Чашмони Фаромурз пуроб шуданд. Вай барои нахустин бор ба таври амиқ масири рӯзгори он- рӯзаашро арзёбӣ намуд. Дарк намуд, ки пеши Мария гунаҳкор аст, вале пушаймонӣ суд надорад.

Фаромурз хуб ба хотир дорад. Дар остонаи ҷашни Ғалаба ба мулоқоти Мария рафт. Аз рӯи шумор ин дидори панҷуми онҳо буд. Дигар мурғи шарму ҳаё аз лонаи қалби ӯ парвозӣ шуда буд. Ҳама чиз барояш дӯстдоштанӣ буд. Фаромурз бе ибо дастони Марияро ба даст гирифт, аз пешонияш бӯсид ва бо садои қотеъ гуфт:

– Мария, намедонам боварам мекунӣ ё на, вале ман туро аз ҷону дил дӯст медорам.

Мария дастонашро раҳо кард, назди панҷара рафт ва чанд лаҳза сокиту хомӯш ба берун назар дӯхт. Чанд сарбози нимбараҳна дар ҳавлии хобгоҳи худ рӯи харак нишаста нома мехонданд. Аз чи бошад, дили Мария мехост бидонад, ки онҳо аз кӣ мактуб гирифтаанд. Маъмулан дар шароити ҷангии Афғонистон нома хеле дер мерасид. Вақт мегузашт ва Мария пушт ба Фаромурз ба берун нигоҳ мекард. Ӯ перомуни Фаромурз ва хонаводааш иттилои зиёд дошт. Медонист, ки ӯ зану фарзанд дорад. Дар як рустои дурафтодаи осиёӣ ба сар мебарад. Магар дар як дил метавон ду ишқро ҷойгузин намуд?

Оқибат Мария ба сухан даромад:

– Фаромурз, аввал он ки мо тафовути синнӣ дорем. Дувум ин ки миёни ману марди хонадор чи гуна ишқу дӯстдорӣ шуда метавонад? На, Фаромурз, андеша кун, амиқ андеша кун, ишқ макони бозӣ нест. Пояҳои ин хона бояд иборат аз вафову дӯстдорӣ, самимият, парҳезу озодагӣ бошад. Дар ин ҷода набояд ба хато рафту фиреб хурд. Ишқ сарнавишту қисмат аст. Магар мешавад бо қисмат бозӣ кард?

Медонам, дурӣ аз зану фарзанд фироқу ранҷ дорад. Махсусан, дар кишвари ноамне мисли Афғонистон. Ҳама мардон баъд аз иҷрои вазифаҳои мушкил, ҳарбу зарбҳо ба як дасти навозишгар, вуҷуди гарму муҳаббатрез ниёз доранд. Аммо мардонагӣ ҳам ҳамин аст, ки мо бояд тоқату сабр, таҳаммул дошта бошем. Лаҳазоти мушкилу ранҷбори хешро бо ёди занони интизор, фарзандони чашмбароҳ, модарони мушфиқ зебо бисозем. Ба синаҳои пурумеди хеш таҳарруку зиндагӣ бахшем.

Ту худ шоҳид ҳастӣ, ки чӣ гуна ҳамватанони мо ҳар рӯз дар гӯшаву канори ин кишвари ранҷкашида шаҳид мешаванд. Бахши азими онҳо ҳамсару дӯстдошта доранд. Бахши дигар бехабар аз ишқ, бехабар аз ин дарахти ҳамешасабзи идомати ҳастӣ, падруди зиндагӣ мегӯянд. Мо бояд сари ин масъала тааммул намоем. Худро барои хеш ва барои пайвандони мунтазир ҳифз кунем.

Худ гувоҳӣ, ки ҳузури мо дар ин кишвари бесоҳиб бо чӣ қиммате барои мо тамом мешавад. Нухбагони сиёсати мо ба бозие ворид шудаанд, ки кайҳо онро бохтаанд ва инак сардаргум роҳи халосӣ меҷӯянд. Оё фикр кардаӣ, ки ин ҳама чи оқибатҳое барои кишвару мардуми мо дорад? Маро бубахш, вале гумон мекунам чунин дӯстдоштане, ки аз он сухан дар миён мегузорӣ, ҳеҷ решаву шоху барге надорад, мавқеъ ҳам надорад. Гузашта аз ин, муносибати инсонҳо бо ин эҳсоси наҷиб бояд аз дигар мавҷудот тафовут дошта бошад. Дар ин марз расму суннатҳои инсонист, ки бояд риоят шавад. Охир, мо гунҷишк нестем, ки минқор болои минқор бизанем, болои ҳам пар бикашем ва бо ҳамин тамом. Изофа бар ҳамаи ин домани ман мардро надидааст, ки ин ҳам масъулияти зиёдеро пешорӯи ман мегузорад…

Фаромурз лол шуда буд. Ҳаргиз гумон надошт, ки Мария бо ин андоза ҷиддият сари ин масъала андеша мекунад. Аз гуфтааш хиҷолатзада шуд. Махсусан, дидгоҳи ӯ перомуни ҳузури ҳамватанон дар кишвар ӯро ба тааммул водор намуд.

Гумон мекард Мария ва шабеҳи ӯ дигар хидматчиёни мулкӣ машғулу масруфи кору пешаи худ ҳастанд. Рухдодҳову вазъияти мавҷуд барои онҳо бетафовут аст. Вале ин суҳбат ақидаи ӯро дигаргун сохт. Хидмати ӯ дар Афғонистон ба поён мерасид, вале иқрор дошт, ки ҳаргиз мисли Мария дар атрофи ҳаводиси Афғонистон амиқ андеша накарда буд.

Мария чун дид, ки Фаромурз сархам ва парешон аст, гуфт:

– Беҳтараш сари дастархони идона бигзар, биё, соате аз падарону бобоёни хеш, ки ба хотири дифои марзу буми мо, ба хотири озодиву истиқлоли ватан ба муқобили муҳоҷимони олмонӣ размиданд, ёд кунем. Аз хонадони мо бобоям дар ин ҷанги хонумонсӯз ҷон бохтааст. Сарбоз буда ва дар ҷангҳои Сталинград иштирок кардааст. Чанд сол пеш ба зиёрати мадфанаш рафта будем.

– Дар ин ҷанг ҳама саҳиму иштирокчӣ буданд. Кор дар

ақибгоҳ низ ба гунае размидан буд. Қариб хонаводае нест, ки азизеро аз даст надода бошад. Амаке доштам ба номи Бекалӣ, ки дар ҷанг пои росташро аз даст дода буд. Аз вақте ки худро ёд дорам ӯ дар мактаб китобдор буд. Ҳар сол дар ҷашни ғалаба нишону медалҳояшро ба бар мекард, бо мактабиён мулоқот меорост.

– Медонӣ, Фаромурз, – хитоб намуд Мария,- гоҳе шабҳо сари ин масъала соатҳо андеша мекунам ва ба ин натиҷа мерасам, ки маҳз мулоқоту нишастҳо бо ҷанговарони Ҷанги Бузурги Ватанӣ буданд, ки эҳсоси наҷиберо мисли ватандориву ватандӯстӣ дар ниҳоди насли мо тарбияту парвариш менамуданд.



– Бале, воқеан ин ҷанг дар таърихи башарият бесобиқа буд. Вале агар иттифоқу иттиҳоди мардум, рашодату ҷасорат ва мардонагии мардуми мо набуд, шояд мо ба пирӯзӣ намерасидем. Инро ҳам набояд фаромӯш кард, ки мо оғозгари ҷанг набудем, танҳо мехостем аз тамомияти арзиву озодии ватан дифоъ кунем, ки ин амр дар ҳар набарде хеле аҳамият дорад. Ҳақ бар ҷониби мо буд ва мо бояд пирӯз аз ҷанг бадар меомадем…

Мария аз ҷой бархост. Боз ба сӯи панҷара рафт. Таваҷҷуҳи ӯро сарбозоне, ки лаҳзае пеш машғули мактубхонӣ буданд, ҷалб кард. Онҳо бо шӯру ҳаяҷон саргарми суҳбат буданд. Шо-

яд хондаҳои худро байни ҳам арзёбӣ менамуданд.

Мария якбора ба сӯи дастархон баргашт. Дастонашро ба шонаҳои Фаромурз гузошт ва ғамгинона ба сухан оғоз намуд:

– Гӯш кун, Фаромурз, ту имрӯз афсари артиш ҳастӣ. Хидмати ту дар артиш доимӣ нест. Шояд баъди хидмат ёди артиш накунӣ. Вале як нукта ҳаст, ки маро ором намегузорад. Шояд он зеҳни туро ҳам ба худ ҷалб карда бошад. Роҳбарияти кишвар тибқи қароре, ки ба тасвиб расонда, имтиёзоти ширкаткунандагони ҳаводиси Афғонистонро бо имтиёзоти Ҷанги Бузурги Ватанӣ баробар донистааст.

Магар ин аз рӯи адолат аст? Оё мешавад ҷанги Афғонистонро ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ муқоиса намуд? Сарбози Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳадафу мароми муайян дошт. Медонист, ки ба хотири озодиву истиқлоли ватан меразмад. Дар ин роҳ ҳозир буд ҷони хешро фидо кунад. Вай ба умқи ин ҳақиқат расида буд, ки тан супурдан дар ин роҳи ростин қаҳрамонист. Вале ҷанги Афғонистон ки маънӣ надорад. Сарбозони Шӯравӣ бачаҳои тоза ба ҳаждаҳсолагиву бистсолагӣ расида, намедонанд, ки барои чӣ меразманд ва барои кӣ меҷанганд. Оё муҷоҳид, ки зодаи ин сарзамин аст ва ҳузури бегонагонро дар зоду бумаш таҳаммул намекунад, гунаҳкор аст? Оҳ, аз кадом дардаш бигӯям?

Ҳазорон нафар тифлону мардумони бегуноҳ бе он ки донista бошанд, барои кадом гуноҳе, бар асари бомбафиканиҳо, тӯпзаниҳо, инфиҷор дар минаҳо кушта мешаванд. Масъулияти ин ваҳшониятро кӣ ба дӯш мегирад? Кӣ? Кӣ? Мария дигар тоқат накард. Ба гӯшае нишасту ба гиря афтод.

Фаромурз, ки афсари гурӯҳи иктишофӣ буд, одатан дар нишасту маҳфилҳо ҳаргиз вориди суҳбат намешуд. Хомӯширо авло медонист. Ҳарчанд дарди Марияро хуб дарк мекард. Аммо дар ин маврид наметавонист хомӯш бошад. Зеро ҳаяҷони Мария ба гунае буд, ки тасаллову таскинро

тақозо менамуд.

Ӯ канори Мария нишаст, ба истакон оби сард рехта ба ӯ дароз кард. Гумон дошт сардии об оромаш месозад. Сипас нахустин бор хилофи ойинномаи ҳарбӣ суҳбат намуд. Ҳарчанд муътақид буд, ки воқеият барои Мария равшан аст.

– Гиря накун. Чаро барои гуноҳу хатои як тӯда бехираду худобехабар мо ашк бирезем? Вуруди низомиёни мо ба Афғонистон бузургтарин иштибоҳи сиёсатмадорони мост, ки ба шикасти шармандавори мо анҷом хоҳад ёфт. Ин иштибоҳ ва оқибати нохушоянди онро низомиёни сатҳи боло, тӯдаи генералҳои беҳунар дерест пай бурдаанд, вале хомӯширо баргузиданд, зеро ҷанг барои аксари онҳо сарчашмаи сарватҷамъкунӣ, дороӣ гаштааст.

Афғонистон низомиёни олирутбаи Шӯравиро ба тоҷиру бозаргон мубаддал сохт. Сарбози бечора дар биёбону даштҳои сӯзон адои хидмат мекунад, генералаш бошад бо ҳамсари ҳарису чашмгуруснааш дукон ба дӯкон пушти молу матои дасти дувум мегардад.

Вуруди артиши Шӯравӣ ба Афғонистон нишон дод, ки ин артиши овозадори дунё дерест, ки аз дарун дучори инқирозу пӯсиш гаштааст. Тамоми иттилооти расмиаш аз поин то ба боло бар мабнои дурӯғ бино шудааст. Бо ном шуъбаи сиёсии артиш, ки вазифаи ҷониаш тарбияти низомиён, таблиғу тарвиҷи сиёсати давлат аст, аз кор афтодааст. Ҳеҷ таъсире надорад. Дуздӣ, фурӯши асбобу анҷом ва лавозимоти низомӣ ба мардуми ғайр одати маъмулӣ шудааст. Миёни сарбозон шумори муътодон, хариду фурӯши маводи мухаддир ба авҷи аъло расидааст.

Кор ба ҷое расида, ки тиру тӯп, норинҷакҳои дастӣ, муҳиммотро ба муҷоҳидин мефурӯшанд, то рӯзи дигар ба ҳамон маводи фурӯхта ба сӯи худи онҳо ҳамла кунанд. Ин афсона нест, Мария, ин воқеияти артиши мост. Инро ба кӣ бигӯем, ки аз мост, ки бар мост.

Иттилооти бардурӯғро намегӯӣ. Ҳар рӯз аз нуқоти мухта-

лифи Афғонистон гурӯҳҳои иктишофӣ, қисмҳои низомӣ ба марказ роҷеъ ба шумори муҷоҳидини кушташуда хабар медиҳанд. Агар маълумоти фиристодашудаи онҳо аз аввал ҷамъбандӣ шавад, дар Афғонистон одам намемонад.

Ин воқеияти нангини рӯзгори мост. Ба муқобили он бояд мубориза кард. Мубориза шурӯъ шуда. Нерӯҳои тозае ба сари қудрат омада истодаанд. Кумитаҳои модарони фарзандони худро аздастдода арзи вуҷуд намудааст. Авзоъ ислоҳ мешавад, вале афсӯс, ки мо таъхир кардем. Вазъи Афғонистон дар маҷмӯъ вазъи дунёро тағйир медиҳад. Афсӯс нухбагони сиёсиву низомии мо ин кишварро нодида гирифтанд. Таъриху фарҳангашро, расму суннаташро сарфи назар карданд. Мавқеияти ҷуғрофиашро саҳл пиндоштанд. Эҳ, аз кадомаш бигӯям, ки ҳама чиз гуфтанист. Он чи ки муҷоз буд, гуфтам. Чизҳое ҳаст, ки имрӯзу даҳсолаҳои дигар чун рози сар муҳр мемонад. Баъд рӯзаш хоҳад расид...

Мария саропо гӯшу ҳуш буд ва ҳайрону шигифтзада суол кард: Находто ин андоза мо нузул карда бошем?

– Бале, ин ҳамин тавр ҳаст. Ин қатрае аз баҳр аст. Расонаҳои гурӯҳии мо одат кардаанд, ки воқеиятро пӯшида нигоҳ доранд. Аз гули шукуфон таърифу тавсиф мекунанд. Дар ҳоле ки ин гул дерест атру тароваташро аз даст додаву пажмурда шудааст. Дигар аз азамату шукӯҳи Шӯравӣ чизе боқӣ намонда…

Фаромурз ба соаташ нигарист. Вақт аз вақт гузашта буд. Бояд ба қисми низомии худ бармегашт. Қисме, ки ба ҷуз се сарбозу чаҳор афсар каси дигаре надошт. Инҳо низ мисли дигарон вазифаи «башардӯстона»-и хешро дуздакиву ниҳонӣ иҷро мекарданд.

Тӯли ду соли хидмат Фаромурз эҳсос мекард, ки дар ниҳодаш тухме бо номи нафрат, танаффур реша давонидаву сабз шудааст. Заминааш ҳам муносиботу аъмоли қумандони пастфитрату бефарҳанги гурӯҳ ва хиёнатҳои гӯшношуниди онҳое буд, ки бо онҳо ҳамкорӣ доштанд…

Хуршед, ин мусофири пирсоли танҳогард дар масири ҷовидонии хешосмони нилӣ оҳиста-оҳиста роҳ мепаймуд. Ҳеҷ шайъу ҷонзоде аз сарчашмаи нурбори ӯ бенасиб набуд. Аввали рӯз буд, вале ҳар лаҳза шиддати гармояш меафзуд. Фаромурз асири хотироти сардаргуми хеш эҳсос намуд, ки тахтапӯшташ ба сӯзиш омада. Мехост тағйири макон кунад. Дар ҳамин асно садои Шариф, марди қоматбаланди каҳдарав, ки аз ҳамсоягони ӯ буд ва дар мавсими имсол ӯро ҳамроҳӣ мекард, баланд шуд:

– Рӯбоҳро бубинед, рӯбоҳро. Бигиредаш, мегурезад.



Шариф чун дид, ки касе аз ҳамроҳон, ки худ аз чаҳор на-

фар беш набуданд, аз ҷой намеҷунбанд, досашро ба гӯшае партофт ва аз паси рӯбоҳи дар ҳоли фирор давид.

Тааҷҷуб аст, ки Ҳушёр саги гӯшбуридаи Фаршед, ки кунҷе хазида, забонашро аз таъсири гармо бароварда нафас-нафас мезад, бо садои Шариф ва рӯбоҳи даргурез вокунише нишон надод. Танҳо аз ҷояш нимхез шуд ва ба сӯи рӯбоҳ нигоҳи сагонае андохт ва боз ба ҳолати аввалааш баргашт.

Ин манзараи маъмулии саҳроӣ Фаромурзро ба хандаву андеша водор намуд. Рафтори Шариф, ҷавони рӯзгордида, ки Худованд ӯро аз гӯшту пӯст бенасиб намонда буд, воқеан хандаовар буд. Сад дар сад маълум буд, ки ӯ бо он шиками дамидаву ҷуссаи бузургаш ҳаргиз ба гарди пойи рӯбоҳ намерасад. Агар ҳам рӯбоҳро ба даст меовард, равшан набуд ба сайди худ чӣ мекард. Ё шояд кӯдакиашро ба хотир оварда бошад. Ба ҳар ҳол «давидани гӯсола то каҳдон» аз зеҳн гузаронд Фаромурз ва вориди хайма шуд. Нишастгоҳи муносиб барои худ дуруст намуда, боз номаро ба даст гирифт:

«Фаромурз, шояд миёни ману ту ба ҷуз дӯстиву рафоқати инсонӣ муносибату пайванди амиқтаре рух намедод, вале дар хилоли мулоқотҳое, ки бо ту сурат мегирифт, рухдоди дигаре пеш омад, ки назари маро бо ту ва инсонияти ту комилан дигаргун сохт. Маъзурам дор, ки перомуни он рухдод баъд аз гузашти солҳо сухан дар миён мегузорам…

Таҷлили ҷашни ғалабаро, ки дар хонаи мо ёд дорӣ? Шабҳангом баъди гусели ту вазъи хубе надоштам. Як гӯшаи дилам торику хиҷил буд. Суҳбати оншаба комилан маро таҳти таъсири худ қарор дода буд. Мехостам бихобам ва пинҳонӣ аз духтарони хонаамон гиря кунам. Дар ҳамин лаҳза дари хонаро касе кӯбид. Ман бидуни ин ки кӣ будани кӯбандаро бипурсам дари хонаро кушодам, зеро дар дилам чунин умеде мавҷ мезад, ки кӯбанда ту ҳастӣ, ки аз роҳат боргаштаӣ. Вале қалби занонаи ман иштибоҳ карда буд. Дар рӯ ба рӯи ман афсари қоматбаланде меистод, ки чашмони кабудранги равшан дошт. Афсари ноошно чун дид, ки ҳайратзада ба ӯ нигоҳ мекунам,

хандида гуфт:

– Ҷашни Ғалаба муборак! Меҳмони нохондаро интизор набудед?

– Ба Шумо ҳам муборак шавад, – гуфтам ман. – Ростӣ ман шуморо намешиносам. Гузашта аз ин вақт ҳам ба ҷое расидааст. Мо бояд бихобем.

– Мариябону. Худат медонӣ, ки бобоёни мо шаби ҷашни Ғалаба намехобиданд, – хандида гуфт, афсари ноошно.

Тааҷҷуб буд, ки ӯ номи маро, хонаи зистамро хуб медонист. Аз ӯ пурсидам,ки ӯ номи маро аз куҷо мешиносад? Ин пурсиши кӯдаквори ман бештар ӯро ба ханда водор намуд. Сипас як каме ором гирифта:

– Ман одами ҳамадонам. Ҳама чизро медонам. Омадаам, ки шуморо ба ҷашни пирӯзӣ табрику шодбош бигӯям ва дар зимн бо ту суҳбате дошта бошам. Акнун иҷоза медиҳӣ, ман вориди хона шавам?

Ман дигар илоҷе надоштам. Маҷбуран ӯро ба хона таклиф намудам. Меҳмон ба андозае густох буд, ки баробари пушти миз нишастан, тамоми ихтиёроти хонадориро ба даст гирифта ба амр додан шурӯъ намуд:

– Чаро ором нишастаед, духтарҳо? ҷашн дорем. Ин ҷашни азизтарини мост. Русҳо аз ҷашни Ғалаба ҷашни бузургтаре надоранд. Куҷост дастархони идонаи Шумо?

Афсар инро гуфта аз халтае, ки ҳамроҳаш дошт, як шиша шампон ва як шиша майи сурх, ним баста ҳасиб, чанд пора нони бурида берун оварда болои миз гузошт.

Маҳз дар ҳамин лаҳза ман эҳсос кардам, ки меҳмони мо сархуш аст ва дастовезашро ҳам аз ягон дастархони идонаи дигар ғанимат гирифта буд. Ман ба дили нохоҳам дастархонро оро медодам ва зерчашмӣ ба ҳамхонаам қазоқдухтар Элмира нигоҳ мекардам. Лабонаш аз шӯри ғазаб меларзид. Ҷашни Ғалабаро танҳо ба русҳо мутааллиқ донистан аз ҷониби афсар ӯро сахт нороҳат карда буд. Хулқу хӯи ӯро хуб омӯхта будам. Мехостам ба вай бигӯям, ки «саг меҷакад,

корвон ба роҳаш меравад», вале мавқеи муносиб набуд. Метарсидам, ки ҳозир ё замони дигар метаркад ва фазои хона печидатар мешавад, вале бар хилофи чашмдошти ман ӯ хомӯш буд, вале маълум буд, ки бо чӣ қимате оташи сӯзони қаҳру ғазаби худро фурӯ менишонад.

Оқибат дастархон омода шуд. Меҳмон ба қадаҳҳо май рехт ва ҳамин ки мехост даҳан боз кунад, Элмира суханро дар гулӯяш шикаст:

– Бубахшед, иҷоза медиҳед, ман нӯшбод бигӯям? Воқеан ҷашни Ғалаба наҷибтарин ҷашни мост. Болотар аз ин итмоми ҷанг, сулҳу осоиш, орзӯи тамоми мардуми озодихоҳи олам буд. Пас, ин ҷашни Ғалабаи тамоми инсонияти сулҳхоҳ аст. Пас, ман пешниҳод менамоям, ки ин ҷомро барои русҳо, русҳои воқеӣ бинӯшем. Меҳмон эҳсос кард, ки сухани охирини Элмира вокунише бар гуфтаҳои фавқи ӯст. Бо таҳаммул ҷомро саркашид ва қиёфаи ҷиддӣ гирифта ба Элмира гуфт:

– Чӣ, мо руси воқеӣ нестем?

Элмира низ бидуни тааммул посух дод:

– На, Шумо руси воқеӣ нестед. Руси воқеӣ мисли Шумо андеша намекунад. Ман аслан ҳозир нестам, ки Шумо руси воқеӣ, покниҳод, буданатонро барои ман собит кунед. Ба ин эҳтиёҷе надорам. Танҳо дар танҳоӣ гузаштаи хонаводагиатонро барандоз кунед, равшан хоҳад шуд, ки руси тоза нестед.

Элмира инро гуфт ва аз духтарон хоҳиш кард бо ӯ берун бираванд, то меҳмон арзи матлаб кунад. Суханони Элмира меҳмонро ба гунае ғофлилгир намуда буданд, ки чӣ гуфтанашро намедонист. Вақте ба худ омад ва фикру андешаҳояшро ҷамъу ҷур намуд, ки духтарҳо рафта буданд.

Меҳмон, ки то ба ҳол шахсияташ маълум набуд, боз чанд дақиқа сукут кард ва суоломез гуфт:

– Ин қазоқдухтар чӣ мегӯяд?

Нӯшбоди Элмира меҳмонро ба муши даробзада табдил

дода буд, чӣ гуфтану чӣ карданашро намедонист.

– Қазоқдухтар бисёр баҷо қазоват мекунад. Дар дастёбӣ ба Ғалаба тамоми мардуми Шӯравӣ чи хурду чи бузург саҳим буданд.

Меҳмон чун пай бурд, ки ман ба андешаҳои Элмира мувофиқам, идомаи баҳсро муносиб надида гуфт:

– Хайр, бало ба пасаш, сари матлаб биёем. Мебахшед, ки ман худро ҳам шинос накардам. Номи ман Федин Иван Федрович. Ё кӯтоҳакак Иван. Ман афсари қисми низомии «Н» мебошам. Шояд бидонӣ, ки хидмат дар чунин шуъбае чи масъулиятеро пешорӯи кас мегузорад. Шуъбаи мо бешубҳа чашму гӯши артиши Шӯравист.

Ростӣ Иван Федрович ниҳоят боэҳтиёту пардапӯшона ҳарф мезад. Ман ҳеҷ сарфаҳм намерафтам, ки ин ҳама бо ман чӣ иртиботе дорад. Вале маҷбур будам ба суханонаш гӯш кунам. Ӯ низ эҳсос мекард, ки муқаддимачиниаш фазои суҳбатро торафт тираву дилгиркунанда месозад. Аз шиддати нороҳатии ботинние, ки саропоямро фаро гирифта буд, наметавонистам дар ҷойи нишастам ором бигирам. Ангуштонамро ба ҳам мефишурдам, лаб мегазидам, даст ба манаҳ такя медодам. Ба ӯ нигоҳ мекардам, вале ҳушу ёдам ба ҳамхонаҳоям буд, ки дар ҳавлӣ бесаброна мунтазири хатми ин суҳбат буданд.

Иван Федрович мисли ин ки барои тӯл додани муқаддимаи суҳбат дигар зеҳну тавон надошт. Аз ин рӯ, софу пӯстканда мақсадашро ошкор намуд.

– Ман омадаам, ки ту ҳамчун ҳамватану ҳаммиллати ман дар як мушкил ба ман ёрӣ кунӣ. Мо ҳама дар ин ҷо ба ном вазифаи башардӯстона иҷро мекунем. Вале Ватан барои мо бояд дар мадди аввал бошад. Фаромӯш накун, ки мо рус ҳастем. Ва танҳо мо ба худиҳо метавонем дидаи эътимод дӯзем.

Худоё, ҳарчанд мақсади ниҳоии меҳмон бароям маълум набуд, вале чунин эҳсосе даст дода буд, ки гӯё ба мурдоби бетаге телаам медиҳанд. Ногоҳ гармии нохушоянде барқосо

аз ангуштони поям бархост ва то чаккаҳои сарам давид. Суҳбати мармузи Иван ҷараёни маъмулии равонӣ ва дар маҷмӯъ зиндагии маро дигаргун сохта буд. Эҳсоси тарсу бим бар ман чира мешуд. Хаёлам парвозӣ шуда буд. Меҳмон, намедонам, ваҷоҳатамро чӣ гуна дид, ки ҳаросон ангушт ба китфам зада гуфт:

– Ба ту чӣ шуд, рангат канда?! Мисли ин ки дар рӯят хун надорӣ?

– Ҳолам хуб аст, бигӯ бубинам чи мушкил дорӣ ва дар ҳалли он аз дасти ман чӣ коре сохта аст?

– Манзури ман Федик аст.

Ман бо чунин исме касеро намешинохтам. Дар ҳар сурат кӣ будани Федикро аз ӯ пурсидам.

– Худатро ба нодонӣ назан. Ман он афсари осиёиро аз гурӯҳи иктишофӣ дар назар дорам. Ҳамоне, ки чанд соат пеш назди ту буд. Як номи дарози забоншикан дорад.

– Фаромурзро мегӯӣ? – пурсидам ман.

Худи худаш. Ман ӯро Федик ном ниҳодам.

-Фаромурз, ту шояд, шояд қудрати тасаввурашро надошта бошӣ, бо шунидани ин шеваи гуфтору талаққӣ ман чӣ ҳолате доштам. Дунё дар пеши чашмонам торик шуда буд. Вуҷуди инсонсурате ба қалби дадманишона ва ғурури хоси аҳмақона, ки хешро аз ҳама қавму миллатҳо боло мегирифт, маро мутанаффир сохта буд.

Ном доштан неъмати бузургест, ки Худованд барои инсонҳо арзонӣ доштааст. Гузашта аз ин ном ниҳодан як гӯшаи сабзи фарҳанги инсонист. Охир, номҳо ҳар яке маънову мароме доранд. Дар пайкари як ном чӣ қадар орзуву ният, хоҳишу илтимосу дуои падарону модарон аст, ки зимни номгузорӣ рехта мешавад. Ном аст, ки ба инсон шахсияту ҳувият мебахшад ва сарнавишти ӯро ҳамроҳӣ мекунад. Ҳар гоҳ аз касе сухан дар миён афтад, тамоми ҳусну қубҳаш, пешрафту нузулаш дар номаш хулоса мешавад. Акнун биёву бубин, ки як пастфитрати гавҳарношинос номатро

бигирад ва мувофиқи завқу салиқаи худ, таҳқиромез бо такяи каломи худ талаффуз кунад…

Ман дар ҳоле ки комилан сабру таҳаммул аз даст додам, қарор додам, аз ҷой бархезам ва аз хона биронамаш. Вале аз зеҳнам гузашт, ки дар ин сурат ҳадафи аслии ӯ ношинохта мемонад. Боз ҳам худдорӣ карда ва бо аломати ин ки омодаи шунидани матлабаш ҳастам, ба ӯ нигоҳ кардам. Чашмонаш механдиданд. Ба гумонам дар рагу пайвандаш дурӯғу фитна меҷӯшид. Шароб хасу хошок ва сиёҳиҳои дарунашро ба берун меандохт.

– Мариябону, ту зеботарин духтари дунёӣ. Намедонам, ки ин сиёҳчардаи осиёӣ дили туро чӣ гуна тасхир кардааст?

– Иван Федрович! По аз гилеми худ фаротар нагузоред! Ин ба шумо марбут нест. Хубтараш равшан бигӯед, ки аз ман чӣ мехоҳед?

– Медонӣ, ин Федики ту дар гурӯҳи иктишофӣ хидмат мекунад. Гурӯҳе, ки бо муҷоҳидин сарукор дорад. Ман муддатҳост пинҳонӣ ӯро тахти назорат қарор додаам. Ӯ мусулмон аст ва бо ин афғонҳо ниҳоят наздик аст. Ман метарсам, ки инҳо аз мусулмон будани худ истифода кунанд ва балоеро ба сари мо биёранд. Бо ин мусулмонҳои осиёӣ ҳеҷ вақт набояд эътиқод намуд. Аз ин рӯ, ту бояд муносиботу муоширотатро бо Федик амиқтар созӣ, то битавонӣ роҷеъ ба фаъолияти гурӯҳи онҳо иттилооти дақиқе ҷамъоварӣ намоӣ. Барои ин бояд хоҳишҳои шахсии ӯро иҷро кунӣ. Ман ин хидмати туро бепосух намемонам. Ба мукофот пешниҳодат хоҳам намуд. Аслан занони мо дар сиёсатҳои бузурги миёни кишварҳо нақшҳои калидӣ бозидаанд. Ту аз онҳо чӣ камӣ дорӣ, Мария?

Ин охирин каломе буд, ки аз забони он разил шунидам. Кӯҳеро аз ҳақорату нафрату таҳқир болои шонаҳоям гӯё бор карда буданд. Аввал хостам домани сукуту хештандориро бигирам ва ӯро аз хона бадар кунам. Вале нерӯе дар вуҷуди занонаам мисли девонаи аз банд раҳошуда фарёд мекашид.

Бояд ҷавоби муносибаш медодам. Ҷавобе, ки то зинда буд, оромаш нагузорад.

Ба он бефаросати дасисагӯ фаҳмондам, ки сиёсате, ки ӯ мехоҳад аз он пуштибонӣ кунад, ба шикаст мувоҷеҳ шудааст. Садҳо ҳазор мардуми бегуноҳро ба хоку хун кашида ва садҳо ҳазори дигарро бехонумон сохта.

Ин ки дар сиёсатбозиҳо занҳоро сипар кардаанд, аз заъфу нотавонӣ ва бехирадии мисли ӯ номардон аст. Магар камоли разолат нест, ки зану хоҳари худро дар бозиҳои сиёсӣ вориду пешкаши бегонагон кунӣ ва худ суд биҷӯӣ?

Ба ӯ гуфтам, ки ӯ ин андешаи хомро дар сар напарваронад. Ман ба чунин пастиву зиштие мисли хабарчинӣ, туҳмату буҳтон даст нахоҳам зад. Дар бораи дӯсте, ки мешиносамаш ва ҷаҳони маънавии вайро болотару зеботар аз хеш дидаам, ахбору хабар ҷамъ намекунам ва аз мукофоту подоше, ки бар асоси дасисаву дурӯғу буҳтон эъто мегардад, безорам.

Ва боз гуфтамаш, ки агар зиёд муштоқу дилбохтаи ин кор аст, бигзор ҳамсари хешро пешкаш кунад.

Иван Федрович, ки чунин сурат гирифтани корро интизор набуд, бовар карда буд, ки суҳбаташ беасар монда ва натиҷаи матлуб нахоҳад дод. Аз ин рӯ, боқӣ хурданиҳоро дар халтааш андохта, хайрухуш карда, аз хона берун рафт.

Худованди бузургро сипосу саҷда мебурдам, ки мани дилшикастаро аз ин деви бадтинат ба зудӣ раҳо намуд. Сабукии ғайриқобили дарк эҳсос менамудам. Худро ба ҳавлӣ задам. Абри баҳорӣ, ки дар осмон аз сари субҳ хайма зада буд, дами борон буд.

Атру бӯи хафифи баҳор ба машом мерасид. Аммо чӣ баҳоре, ки аз ҳар гулу сабзаи наврустааш бӯи хун, бӯи ғаму андӯҳи солҳо хуфтаву дар мағз-мағзи замин анбошташуда ба атроф пароканда мешуд. Намедонам барои чӣ, вале бо тамоми вуҷудам мехостам, ту дар канорам бошӣ, то сахт дар канорат бигирам, тану ҷонамро фидоят кунам…»

Фаромурз чун ба ин ҷо расид, инони ихтиёрро аз даст дод.

Гиряро сар дод…

Банда аз замоне ки дар домани ҳастӣ худро чун як мавҷуди сартопо хоҳиши зистану зиндагии лаззатбор доштан мешиносад, ҳаргиз аз иштибоҳу хатоҳо масун нест. Махсусан дар марҳалаҳои оғозини зиндагӣ. Одамӣ бихрадона амалу кирдоре содир мекунад, ба гумонаш дурусту поку муназзаҳ аст. Ҳарчанд аз пешиниён шунида, ки чунин кирдору аъмоле оқибат дари пӯшаймониву надоматро мекӯбад. Вале афсӯс дар аксар маворид гӯшҳо ношунаво мегарданд, таҷрибаи талхи ҳастӣ пуштипо зада мешавад ва рӯзе мерасад, ки он гомҳои нопухтаву норасида, ки лаззати онӣ доштанд, дар чашмаи ранҷу хато ҷӯшида ранҷоба мешаванд, аз вуҷуди худ хабар медиҳанд. Вазъи дардрезу таҳаммулнопазире барои бандаи хокӣ оғоз мегардад. Зеҳн дар пардаҳои нозуки худ кардаҳои вайро зиндаву муҷассам месозад. Ба шиддати дарду ранҷ афзуда мешавад. Гӯё дигар роҳи илоҷу раҳоӣ нест. Вале боз инояту тараҳҳуми Худованди мутаол аст, ки ба сӯи мо сарозер мешавад. Бо ишорае аз нигоҳи раҳматбори ӯ ашк ба ҷунбиш меояд ва ранҷобаҳоро ба берун мекашад. Даст ба домони тавбаву надомат мезанад, талаби омӯрзиш мекунад.

Ба Фаромурз низ чунин ҳолате даст дода буд. Хомӯшу сарбазер ашк мерехт ва саҳафоти зиндагии худро варақгардон мекард. Рӯзу рӯзгоре, хуршеде дар бағал дошт, вале чи зуд раҳояш кард. Шояд дар китоби сарнавишт чунин нигошта шуда буд?

Фаромурз аз қиссаи Иван Федрович аз номаи Мария огоҳ шуда буд, вале аслан намехост дар атрофаш андеша кунад. Зеро ду соли тӯли хидмат миёни низомиён чунин саҳнаҳои нангину ноҷавонмардонаро ба чашмони худ бисёр дида буд. Иван Федровичро низ хуб мешинохт.

Ёдаш ҳаст. Хуб ба хотир дорад. Моҳи июни соли 198… буд. Баъди пешин тибқи нақшаи қаблӣ бояд дар яке аз

гўшаҳои хилвати шаҳр бо як ҳамкори афғон, ки иттилоъра-сони гурӯҳ буд, мулоқот мекард. Макони таъйиншуда ҷои хатарноку ноамне буд. Фаромурз либоси мулкӣ ба бар дошт, то хориҷӣ будани ӯро касе пайхас накунад. Вале ҳангоме ки ба ваъдагоҳ расид, манзараеро дид, ки ӯро нисбат ба артишу афсари артиш дилсард кард. Ҳамин Иван Федрович-буд, ки бо ҳамкори таҳҷойии онҳо маводи хӯрокӣ ва попӯшҳои аз артиш дуздидаашро мефурӯхт. Ҳамкор бо дидани Фаромурз ранг бохт. Дасту пояш ба ларза омад. Дар гӯшаи хотираш ҳам набуд, ки Фаромурз як соат пештар аз замони ваъдагӣ мерасад.

Фаромурз бидуни тарсу ҳарос ба онҳо наздик шуд ва ба забони русӣ ба Иван муроҷиат кард:

– Хиҷолат бикаш, сарбоз! Кӣ ба ту иҷозат дод, ки ҳаққи муштараки дигаронро бифурӯшӣ? Магар ин амал аз ҷониби афсар дар ҳаққи сарбозон хиёнат нест? Аз кадом мактаб тарбият гирифтаӣ? Оё медонӣ барои ин кирдорат тибқи қонуни замони ҷанг бо чи шевае ҷазо мегирӣ? Магар дилат ба сарбозоне, ки дар бадтарин вазъияти иқлимӣ ташнаву гурусна хидмат мекунанд, намесӯзад?

Иван ҳарчанд даступохӯрда шуда буд, вале ҳолати худро ба рух намекашид. Гумон мекард дар муқобили ӯ афғонмарде истодааст, ки шояд дар Шӯравӣ таҳсил карда бошад. Аз ин рӯ, ҳавобаландона ба сӯи Фаромурз садо баланд намуд:

– Ту худат кистӣ, ки ба ман дарси ахлоқ мехонӣ? Ман чӣ кор карданамро хуб медонам. Дар Шӯравӣ таҳсил кардам гуфта, мағрур машав. Ё мехоҳӣ русидониатро намоиш диҳӣ?

Ҳисси нафрату танаффури Фаромурз ба мусоҳиби бадкирдор бештар шуда, хост торсакие ба буногӯшаш бизанад, вале ибораи «хашм бародари Иблис аст» ба зеҳнаш расид. Иборае, ки аз хурдӣ дар зеҳнаш нишаста буд.

– Ту манро намедонӣ, вале ман туву коргарҳоятро хуб медонам. Ман афсари гурӯҳи иктишофиам. Қутби муқобили

ту. Ман як сарбози содиқи Шӯравиам ва афсӯс мехӯрам, ки шабеҳи ту разилону duздон обрӯву ҳайсияти артишро ба замин задаанд. Аз русидониам ҳам шикоят надорам. Бо фарҳангу адабиёт, таърихи тамаддуни мардуми рус ошно ҳастам. Шояд дониши русии ту заифтар аз русидонии ман бошад. Ҳамин тавр ҳам ҳаст. Агар аз осори бузургоне чун А.С.Пушкин, А.Толстой, А.М.Горкий, М.Шолохов ва дигарон хабардор будӣ, ба ин пастӣ даст намезадӣ.

Иван Федрович чун муш дар чанги гурба ҳаросон ба чор тараф нигоҳ мекард. Чун бозиро бохта дид, ба зориву тавалло даромад, вале Фаромурз дигар ба ӯ таваҷҷуҳе накард. Ба мошин нишаста, ба ронанда амри баргашт дод. Бале, ҷанги Афғонистон аз чунин саҳнаҳо зиёд дошт…

Хуршед, ин мусофири пирсоли танҳогард дар масири ҳамешагии хеш ҳамоно гом бармедошт. Нимарӯз буд ва кӯраи оташфишони хуршед ба ҳадди аълои худ расида буд. Бар рӯю рухсори ҳар шайъ, ҳар мавҷуд оташпора мерехт. Хуршед бо камоли азхудгузаштагӣ аз сарвати ҷонбахшу ҷонфизои ҷовидонии хеш бар ҳама заминиён пораи оташ, нуру равшанӣ нисор мекард. Хуршед гӯё меҳмони ҳамагон буд. Даштҳову киштзорон, теппаҳову кӯҳсорон, ҷангалу бешазорон, боғҳову роғҳо, дарёчаҳову пуштаҳо, дарichaҳову рӯдхонаҳо аз дастовези ин меҳмони некухисол ҳаққи хеш мегирифтанд. Хок низ бо дасту оғӯши боз нурборони хуршедро мебалъид. Танҳо одамӣ буд, ки тибқи ғаризаи табиӣ на тоқати гармӣ дошт ва на тоқати сардӣ…

– Фаршедҷон, оҳой Фаршедҷон аз чашма як кӯза оби хунук биёр, ки аз ташнагӣ сӯхтем. Падарлаънати рӯбоҳа дошта нашуд.

Ин садои Шариф буд, ки Фаромурзро аз олами тахайюл берун овард. Аз ин ки муддати тӯлонӣ бо қомати хамида зери хайма ғарқи андешаву номахонӣ буд, камараш дард ги-

рифта буд.

Аз ин хотир ин аз хайма берун баромад, то нафас рост кунад. Мардуми саҳрокор пиёдаву савора бо аспу хар барои нони чошт ва истироҳат бармегаштанд. Аз он сару садо ва ҷумбу ҷӯши саҳаргоҳӣ осоре намонда буд. Чанд қадам дуртар аз хайма як тана тути хасии пирсоле буд, ки ҳар нисфирӯзӣ Фаромурз бо ҳамкоронаш зери сояи он хӯрок мехӯрданд. Шариф баъд аз шикори бебарори худ зери тут нишаста буд ва бо миёнбандаш сару рӯ ва қафаси синаи арақшорашро пок мекард. Вай ҳамин, ки Фаромурзро дид, садо кард:

– Акаи Фаромурз, биё ин ҷо, як дами беғам занем.

Фаромурз лабханде зада гуфт:

– Дами беғамро ту бизан, ки аз рӯбоҳшикор хаставу шалпар омадаӣ.

– Эҳ, агар ҳайвони ҷигарррехта ба дастам меафтод, пора – порааш мекардам. Коре, ки ин авлоди бадҷинси фиребгар дар ҳаққи ман карда, ба ҳафт пуштам бас аст.

Мо дар бисотамон ҳафт мурғу як хурӯс доштем, ки ҳар рӯз чанд тухмашонро мегирифтем. Ҳамин порсол охирҳои тирамоҳ, қарибиҳои субҳ сару садову қуд-қуди номураттабу бимноки мурғон баланд шуд. Дар дилам рафт, ки чӣ иттифоқе афтодааст. Вале ҳамон рӯз хаpакӣ барои ҳезум рафта будам. Намози шом баргаштам, дигар дар пойҳоям ҷону фара намонда буд. Тамоми баданам дардманду зелолоб гашта буд. Қисса кӯтоҳ кӯфтагиву бефарагӣ бар ман ғолиб омад. Паҳлӯ гашта сарамро зери кӯрпа гирифта хобидам.

Саҳар аз гиряву нолаи занам бедор шудам. Ҳаросону осемасар ба ҳавлӣ баромада, сабаб пурсидам. Писарчаи хурдиам, ки навакак забон бароварда буд, рӯи суффа нимбараҳна нишаста буд. Ҳамин ки маро дид, ба гиря афтод ва бо забони ширини кӯдаконаи худ гуфт:

– Мулғола лубоҳ булдай

Аввал хандаам гирифт, вале якбора дилам сиёҳ шуд. Ҳаво низ абрноку ҷудолуд буд. Бӯи барф меомад. Худро сарзаниш

мекардам, ки чаро ҳамон шаб аз лонаи мурғон хабар нагирифтам. Ҷеғу фарёд, паропару қуд-қуди онҳо дар гӯшам садо медод. Мурғон одатан дар ду ҳолат ба чунин ҳаракате даст мезананд. Вақте ки хеле гуруснаанд ва онҳоро барои чаро аз лона раҳо месозанд ва ҳангоме ки хатари маргборе ба онҳо таҳдид мекунад. Акнун фаҳмидӣ, ки ин иблисбачаҳо ба ман чӣ карданд.

Фаромурз, ки қиссаи Шарифро дар оғоз ҷиддӣ нагирифта буд, дар анҷом аз ҳолу ҳавои рӯҳии вай мутаассир гашта буд. На сухане барои гуфтан дошт ва на матлабе барои дилбардорӣ.

Зерчашмӣ нигоҳи мӯшикофонае ба Шариф андохт. Марди солдида бо риши мошубиринҷи давида ва пешонии ожангзада сархаму малул дар дунёи андешаҳои пурпечи худ дар муқобилаш нишаста буд. Марде, ки аз умраш ду-дуним даҳа беш нагузашта буд. Вале биёву бубин, зиндагии сангину тоқатнофарсои деҳ ба ӯ чи карда.

Мурғрабоӣ одати ғаризии рӯбоҳон аст. Одате, ки дар хуну равони ин ҳайвони ваҳшӣ нишастааст. Мардум беҳуда дар атрофи рӯбоҳу мурғ ин қадар афсонаву қиссаҳои марғуб набофтаанд.

Аз сӯи дигар, ҳамсояи кӯҳу дара, дашту даман ки шудӣ, бояд аз махлуқоти марзу буми он ҳам андеша кунӣ. Бояд бидонӣ, ки зиндагӣ ҳама ҷо талошу мубориза аст. Мубориза барои раҳоӣ аз гуруснагӣ ва зинда мондан. Беҳуда нагуфтаанд, ки гурусна бо шери жаён мезанад.

Фаромурз намедонист, ки бо чи шевае домани суҳбатро аз сар бигирад. Дар ҳар сурат, даст ба китфи Шариф гузошта гуфт:

– Шарифҷон! Мурғонамро рӯбоҳ бурд гуфта хафа шудӣ? Парво макун, Худо ҷояшро пур мекунад.

Шариф бо ҳамон ҳолати андӯҳбор лабханди ғамгине намуда гуфт:

– На, акаи Фаромурз, инро ман мефаҳмам. Аммо инро ба

кӯдакон, ки рӯздармиён тухм мехӯрданд, чӣ тавр мефаҳмонӣ? Вазъи деҳа ба худат маълум аст. Фақру нодорӣ ба андозае хонаводаи моро таҳти фишор қарор додааст, ки роҳамро гум кардаам.

Аз ин ҳам, ки бигзарем хонаи марди деҳотиро ҷиғи хурӯсу маъосу баъоси гову гӯсфанд ободу гарм нигоҳ медорад.

Қиссаи Шариф Фаромурзро ба фикру тааммул водошт. Аммо чи метавон кард, ки манзараи тарсимнамудаи ӯ воқеияти ростини рӯзгори деҳотиён аст. Деҳот гиребонгири ҳазору як мушкил аст. Аммо чӣ гуна бо ин мардуми содаи деҳотӣ мегӯӣ, ки ҷаҳони имрӯз, ки мо ҷузъе аз он ҳастем, мушкилоти печидатаре дорад?

Одамҳо, кӯдакон рабуда мешаванд, инсонҳо дар рӯзи равшан кушта мешаванд. Эҳсоси инсонӣ камранг мегардад. Муҳаббату дӯстдорӣ, иртиботи миёни падарону фарзандон гум мешавад. Писар падару модарро эҳтиром намекунад. Падарон дар ҷустуҷӯи кор ба дигар кишварҳо мусофират мекунанд ва қисмате барои абадӣ зану фарзандони хешро фаромӯш мекунанд. Бале, рӯзгори кунунӣ дар ҳар гӯшаву каноре аз дунё чунин саҳнаҳое дорад. Вале мушкили аз ҳама азимтар ин адами шинохти гунаҳкор аст. Агар дар ин ҷода саъю талоше ҳам шавад, ҳосил ҳеҷ аст. Дунё тағйири сурат мекунад. Барқосо дигаргун мешавад, табиати одамӣ таҳаввул мекунад. Дар ниҳоди бандаи хокӣ инсоният мемирад, фано мешавад.

Дар ин гирудор, бояд дида ба сӯи ҳамсояи ягонаву ростин дӯхт, ҳамсоягии Худо нишаст…

Боз хомӯшии маргборе миёни ин ду марди ғамзада фаро расид. Онҳо намедонистанд, дар дили якдигарашон чӣ мегузарад. Хомӯш ба ҷониби якдигар чашм медӯханд. Ғамбодаҳо саршори ғаму андӯҳ буд, вале наҷобату иродати онҳо буд, ки ба ин лашкари зиштрӯи зиндагӣ тан дарнамедоданд. Пайванду решадорӣ дар ин хок онҳоро намегузошт,

ки таслиму асири ноумедӣ бошанд. Медонистанд, ки ҳолу вазъи дунё яксон намемонад.

Сукути зеритутии онҳоро расидани хӯроки нисфирӯзӣ шикаст. Фаршед барои ҳама дар як лаълӣ дар косаҳои чинии сурхи гулдор шӯрбои гарм кашида буд. Дар ҳоле ки ҳама шурӯъ ба хӯрдан карданд, Фаромурз фурсатро муносиб дид ва аз он ҷо бархоста зери хайма рафт, то идомаи номаи Марияро бихонад. Ҳарчанд чӣ гуна ҷараён гирифтани нигоштаҳои Мария барояш маълум набуд, вале ҳаяҷону изтироб муҷаддадан бар вуҷудаш чира шуда буд.

Эҳсоси тарсноку бимзо дар пайкараш мавҷ мезад. Ҳаракати хун дар рагу пайвандаш суръат мегирифт. Ниҳоят вай ба худ ҷуръат дода бо панҷаҳои ларзон номаро ба даст гирифт. Мария навишта буд:

«Фаромурз, азизам! Дар тӯли ин солҳои дуриву ҷудоӣ аз ту, ягона ёру муттакои ман Худованди таоло буд. Худованде, ки ишқу муҳаббат нисбат ба ту дар дили ман ҷойгузин намуд. Ишқе, ки дар домони як шаби гарми тобистонӣ дар осмони қалбам мисли раъд шуъла баркашид ва барои тамоми умр хонаи маро равшану нуронӣ нигоҳ дошт. Баъди он дидори пайвандгар замони тӯлонии фироқ оғоз гардид, вале сипос Худои бузургро барои инояташ, ки ҳамдаму ҳамрози ман буд. Ман соҳиби дарде шуда будам, ки ниҳоят ширину гуворо буд. Ҳар андоза, ки авҷ мегирифт ҳамон қадар лаззатбахштар мегардид.

Фаромурз! Шояд зиндагии ман рангу сурати дигаре мегирифт, агар ҳамон ҷумлаи ҳидоятгаре, ки он шаб бо забони модариат бар ман омӯхтӣ, то ман онро такрор ба такрор бар забон орам, то пайванди мо ҳалолу покиза бошад, то фардо гирифтори сарзанишу маломати касе нагардем. Ман он шаб тибқи хоҳиши ту тану нафсамро ба ту бахшидам. Ҳарчанд ин ҷумлаи сарнавиштсозро ҳифз карда будам, вале аввалҳо ба умқи он намерасидам. Баъдҳо тааммулу андеша дар атрофаш чашму зеҳни маро бештар боз менамуд. Чӣ қадар маънӣ, чӣ қадар масъулият дар ҳарф-ҳарфи он нуҳуфта буд.

Тану нафсро бахшидан, яъне аз дилу ҷон, самимӣ дӯст доштану муҳаббат варзидан. Гулӯи нафси саркашро буридан, покизаву озода ба сар бурдан. Дар роҳи баргузида содиқ мондан. Маро бовар мекунӣ ё на, вале ман ин ҷумларо ҳамчун савганднома пазируфтам ва як умр ба ишқи ту содиқ мондам. Зеро худро ба ту бахшида будам.

Ин ҷумлаи муъҷизаосо гӯё сояи ту буд, ки мудовим ҳамроҳу ҳамсафари ман буд. Зуҳури он дар пардаи зеҳни ман бароям умеду орзу, нерӯ мебахшид. Лаҳазоти зиндагиамро зебо месохт. Ман туро дӯст медоштам, вале бо пеши назар омадани ин ҷумла, ин дӯстдорӣ ба марзи девонагӣ мерасид. Ба шӯру туғён меомадам. Зеро ман як зани рус будам ва зани рус ҳангоме ки вориди водии ишқ шуду дӯст дошт, то умр ҳаст вафодор боқӣ мемонад.»

Фаромурз сар аз нома бардошт. Сатрҳои самимиву меҳррези нома дарди нуҳуфтаи ӯро тоза карда буд. Чашмони пурашкашро пӯшид ва ба гирдоби хаёл фурӯ рафт:

Эй ишқи ҷонфизо, ба куҷо мебарӣ маро,
Муште сукут сӯи наво мебарӣ маро.
То бо туам, ба ҳеҷ касам эҳтиёҷ нест,
Ҷонам фидот, сӯи Худо мебарӣ маро…

Нимаи тобистон буд. Хидмати Фаромурз дар артиш ба охир мерасид. Аснодашро омода месохт. Оқибат санаи бозгашт ҳам таъйин шуд. Мехост ҳар чӣ зудтар тарки ин хокдони мусибатзада кунад. Саҳнаҳои дидааш тӯли ду соли хидмат ба андозае мутаассиру дилшикастааш карда буданд, ки гумон мекард, ҳаргиз ба худ намеояд. Ҳеҷ дилбастагие дар ин сарзамин надошт. Танҳо дилаш, то мағзи ҷон ба мардуми ғарибу ғамзадаву сахтҷони ин хокдон месӯхт. Қалбаш фишӯрда мешуд. Масъалаи дигаре, ки сардаргумаш карда буд, маросими хайрбод бо ҳамхидматону ҳамкорони маҳаллӣ буд. Дар ин ҷо марсум буд, ки баҳонае пайдо кунанду гирди ҳам биншинанд, худро асири маю майгусорӣ намоянд, то азоби ранҷу дуриро аз ёру диёр чанд соате

фаромӯш кунанд. Рӯзҳои нахустини хидмат ин амр барои Фаромурз пазируфтанӣ буд. Вале баъдҳо ӯ дида буд, ки низомӣ мардум, то чӣ андоза ифрот мекунанд. Аз рӯзи мавлуд шурӯъ шуда, то рӯзи моҳигирону раҳсозон, дигару дигарон ҷашн гирифта мешуд. Ҷомҳо ба ҳам мехӯрданд, нӯшбодҳои берабти мастона фазои хонаро пур мекард. Ин мазоҳири зиндагӣ Фаромурзро, ки қаблан зиндагии одии мулкӣ дошт, ба фикру андеша вомедошт. Ӯ бо рӯзгори низомӣ мардум тавассути китобу намоиши филмҳо ошно шуда буд. Чи филмҳои хубе доштем. Вале ин ҷо воқеият дигаргун буд. Ӯ ҳама дидаҳову шунидаҳо, андӯхтаҳояшро таҳлилу таҷзия менамуд ва натиҷа мегирифт, ки аксари афсарони эъзомӣ омодагии касбӣ надоранд, дар улуми низомӣ аз дониши кофӣ бенасибанд. Гузашта аз ин ағлаб дар артиш ҳаргиз муваффақ набуданд. Аз ин рӯ, воқеияти ҷанг гумроҳашон мекард, истиқлоли фикру андеша, ҳадаф надоштанд. Дидани ин манзараҳо ӯро андӯҳгин месохт. Ҳис мекард, ки дарде дар қалбаш реша медавонад, вале онро ба касе наметавон гуфт. Зеро бо вуҷуди ин ҳама костиҳо эшон нисбат ба худ назари хосе доштанд, ки аз бузургманишӣ маншаъ мегирифт. Фаромурз барои онҳо мисли қазовати Иван Фёдрович ба ҷуз як афсари осиёӣ беш набуд. Аз ин рӯ, ҳаргиз заъфу нотавонии роҳбаронашро ба рухашон намекашид. Вале маҷбур буд одати марсумро риоят кунад. Як шоми тобистонро барои зиёфати хайрбод ҷудо кард. Дар он зиёфати гусел Марияро даъват кард. Қарор буд Мария дар иқоматгоҳи онҳо шаб бимонад.

Нишаст гармтар мешуд. Дуди тамоку ба сақфи хона мепечид. Аз чаҳор тараф чашмони хумории афсарон ба Мария, ба ягона зани меҳмони маҳфил дӯхта шуда буд. Мария, ки худ ҳолу ҳавои хубе надошт, эҳсос мекард, ки ҳузури бештари ӯ ба чӣ меанҷомад. Бо ишорае Фаромурзро ба берун кашид. Ҳарду вориди утоқи Фаромурз шуданд.

Пас аз дидор дар ҷашни Ғалаба Фаромурз тасмими худро

гирифта буд. Ният дошт қабл аз бозгашт бо Мария аҳди дӯстиву бародарӣ бандад. Ба ӯ бигӯяд, ки дар тӯли умри хеш инсонеро мисли Мария бо ин рашодату диловарӣ, покизагиву некқалбӣ, хушсиративу некухисолӣ надидааст. То зинда ҳаст, фаромӯшаш нахоҳад кард, номааш хоҳад навишт. Инак фурсатро муносиб ёфта буд ва мехост изҳори матлаб кунад. Вале Мария ғофилгираш кард. Дастони нозукашро ба гардани Фаромурз ҳалқа кард ва бӯсаборонаш кард. Сипас саражро ба синаи Фаромурз гузошта, гиряро сар дод. Фаромурз даступохӯрда шуда буд. Чӣ кор карданашро сарфаро намерафт. Вале ёд дошт, ки чӣ гуна фазои меҳрбору нишотангезе эҷод шуда буд. Дилаш дар тангнои сина мисли қалби кӯчаки гунҷишки ба- домафтода, метапид вале орзу мекард он лаҳзаро поён набошад.

Мария ором гирифта буд ва дар ҳоле ки мӯйҳои ҷингилаи Фаромурзро молиш медод ба сухан омад:

– Фаромурз! Ёдат ҳаст, ту изҳори ишқ кардӣ ва ман рад кардам. Вале имрӯз ман розиам риштаи зиндагиамро ба дасти ту бидиҳам. Сарнавишт мову туро дар оғӯши осмон рӯ ба рӯ сохт ва ман аз ҳамон дидори нахустин дил бохтам. Фикр мекардам, эҳсоси лаҳзавист, ки мисли бод мегузарад. Вале бо гузаштани ҳар рӯзе ин ҳис дар ҷисму ҷонам реша медавонад. Ман хуб фаҳмидаам, ки ҳаргиз наметавонам ҳамсари доимии ту бошам, халале ба зиндагии хонаводагии ту ворид кунам. Вале бо тамоми вуҷуд мехоҳам, ки ҳаққи хеш аз ман бигирӣ. Ёдгоре дар домони поки ман бигзорӣ. Аз ту таваққуи дигаре надорам.

Вазъияти тақдирсоз барои Фаромурз иттифоқ афтода буд. Дар канораш мавҷуде саршор аз исмату иффат, бо қалби ишқрезу муҳаббатбор нишаста буд. Умеди васлу пайванд дошт. Худоё, он чиро, ки рӯзе ӯ аз дилу ҷон таманно дошт, дар амал медид, вале дасту пояш пеш намерафт. Ҳазорон андешаи сардаргум дар зеҳнаш сарак мекашид.

Зеҳнашро пардае аз ибҳому дудилагӣ фарогир шуда буд.

Ба ҳеҷ ваҷҳ намехост хоре ба дасти ӯ ба пойи Мария бихалад.

Симои нуронии падар, андарзҳои субҳгоҳии вай дар чаҳордевори як хонаводаи деҳотӣ ба ёдаш омад. Хонаводае, ки фазои поку муназзаҳу дур аз ғайбату бадгӯиҳо дошт.

Падар дар ниҳоди фарзандон тухми ахлоқи ҳамида мекорид. Ба ростиву парҳезкорӣ ҳидоят мекард. Мегуфт: ба моли мардум ба чашми бад мангаред. Худро аз доми васвасаҳои шайтонӣ дур нигаҳ доред.

Фаромурз бо ин ёдовариҳо мехост роҳро барои гоми дуруст ҳамвор кунад. Лаҳза ҳассостар мешуд. Мария сар то по хоҳиши васл мунтазир буд.

Ҳар бор, ки Мария бо чашмони пурниёз ба ӯ менигарист, ваҳшату бимаш зиёда мешуд. Метарсид, ки муртакиби амале гардад, ки бо он як умр вайро ба суннатшиканӣ муттаҳам созанд.

Нобаҳангом аз зуҳури чораи муносибе чеҳраи шигифтзадааш шукуфон шуд. Хост Марияро ба никоҳи худ дарорад. Бо ҳамон тарзу усуле, ки аз хурдӣ зимни маросими ақди никоҳ дар маҳфилҳои арӯсӣ дида буд, маросими никоҳи хешро ба анҷом расонид. Косаи обе миёна гузошт, пардаи панҷараро канор зад ва моҳу ситорагонро ба шаҳодат кашид. Хутбаи никоҳро хонд ва он ҷумлаи калидии «тану нафсамро бахшидам»-ро бар забони Мария гузошт.

Он гоҳ ду шохаи пургули саршор аз меҳру дӯстдорӣ ба ҳам печиданд. Деворҳо ларзиданд, хок ба шӯр омад ва дар синаи пурдоғу дарди шаҳри ғамзада хонаводаи тозае зода шуд.

Замоне ки сокинони ин хонаводаи тозабунёд чашм аз хоби ноз боз канданд, чашми рӯз кафида буд ва аз шоҳидони ин пайванд моҳу ситорагон «на пай буду на Ҳайдар».

Фаромурз Марияро бо тамоми ҳастӣ канор кашида бӯсид ва сипас бо овози канда – канда хоҳиш кард:

– Марияҷон! Агар Худо хоста бошаду духтаре ба дунё

биёрӣ, ӯро Шаҳноза ном мениҳӣ.

Мария сухан намегуфт. Танҳо бо бӯсаҳои гарму ашколуд ризояти хешро баён месохт…

Фаромурз ғарқ дар ҷиби тафаккуру андешаҳои пешин пинак мерафт. Хотироти ширини он шаби нишотангези гарми тобистонӣ оқибат ӯро ба домани хоби амиқ кашид. Равшан набуд, чи муддате дар ҳавои дамкардаи даруни хайма сар рӯи номаи Мария хобид. Дар хоб низ ҳушу ёдаш маҷзуби зиндагиномаи Мария буд.

Аҷабо, ғайриинтизор Мария бо духтараш Шаҳноза вориди хайма шуданд. Мария мисли ҳамон шаби гарми тобистонӣ пероҳани сафеди холдорашро ба тан карда буд. Чашмони сабзрангаш аз шодиву фараҳ медурахшиданд. Дар паҳлӯяш дӯшизаи хубрӯи қоматбаланде, ки шабоҳати зиёде ба Мария дошт, истода буд. Болои лабаш холи сиёҳе ба андозаи гандум нишаста буд. Фаромурз низ чунин холе болои лаб дошт. Мӯйҳои тиллоранги ҷингилааш ҳам шабеҳи Фаромурз буд. Зебоӣ дар рухсораҳои гандумгунаш ба ҷӯш омада буд.

– Духтаратро наздат овардам, Фаромурз. Чаро хомӯшу беҳаракатӣ? Духтаре, ки орзуяш мекардӣ. Бархез! Фаромурз ба гунае ғофилгир шуда буд, ки аз ҷой намеҷунбид. Гӯё ӯро ба замин чаҳормех карда буданд.

– Падарҷон бархез, ман ба зиёрати Шумо омадам, чаро намехезӣ, магар аз дидани мо шод нестӣ? Аз барои Худо, бархез! - илтиҷо мекард, духтаре, ки Марияро ҳамроҳӣ мекард…

Оқибат Фаромурз бедор шуд. Болои сараш писараш Фаршедро дид, ки дар даст номаро гирифта буд.

Ӯ бо шаст, дар ҳоле ки номаро аз дасти писараш мегирифт, хитоб кард:

– Номаи дигаронро беиҷозат хондан аз рӯи одоб нест, Фаршед лабханде заду гуфт:

– На, падарҷон, ман чунин коре накардаам. Чун офтоб ғуруб намуда, аз Шумо дарак нашуд, нигарон шудам. Вақти намози шом ҳам шуд.

– Ҷойи нигаронӣ нест, писар. Кӯфту хастагии чандрӯзаро аз тан бадар намудам. Иншоаллоҳ, сабук шудам. Ҳозир мехезам.



Фаршед дигар сухане нагуфта аз хайма берун рафт. Фаромурз эҳсос намуд, ки посухаш Фаршедро қонеъ насохта буд. Мисли ин ки аз воқеият пай бурда буд. Вале зуҳури Мария ва Шаҳнозаро дар олами руъёяш фоли нек гирифт.

– Худо хоҳад, дидор наздик аст, – аз дил гузаронд Фаромурз. Саросема аз ҷой бархоста аз хайма берун ҷаст ва вузӯ гирифта, дар радифи намозгузорони ҳамроҳаш рост шуд.

Дараву дашт обпару оббураҳо ғарқ дар меҳи сиёҳу тори шаб буданд. Лаҳзае баъд бонги дилнишини «Аллоҳу акбар» бо бӯю атри умедофарини худ атрофро муаттар сохт.

Пас аз адои намоз ҳама барои сарфи хӯроки шом сари дастархон нишастанд. Шодиву сурури бесобиқае ҷону руҳи Фаромурзро саршор намуда буд. Нақшаҳои аҷибу ғарибе тарҳ мекард, ки ҳамагӣ ба Мария бастагӣ дошт. Расидани нома гӯшаи хуфтае аз зиндагии ӯро бедор намуда буд.

Ин ҳолати руҳии ӯ ҳамроҳони коркӯфтаву беҳангу фараашро низ бетаваҷҷуҳ намонд. Шариф, ки миёни онҳо ҳушёру ҷавонтар буд, дар ҳоле ки ба вай пиёлаи чойро дароз менамуд, кунҷкобона пурсид:

– Акаи Фаромурз, ҳамин меҳмони дишаба чи балое дошт, ки тамоми рӯз гӯшанишину масти хобат намуд. На субҳона хӯрдӣ, на нони чошт. Ҳатто намози асрро қазо кардӣ.

Пурсиши Шариф ба андозае ғайричашмдошт буд, ки посухи сазовор ёфтан барояш душвор буд. Болои сӯхта намакоб ҳузури Фаршед, ки дар гӯшае истода ба сӯи падар нигоҳи музтарибона дошт, вазъиятро печидатар месохт.

– Худоё, – фикр мекард Фаромурз, – ба ин бандаи Худо, ки мунтазири посух аст, чи бигӯяд ва чӣ гуна изҳор намояд, ки дар ин шабонарӯзи охир ӯ зиндагии хешро аз нав зиста, бурду бохти сарнавишташро барандоз намудааст.

Шариф дид, ки ҳамоно Фаромурз хомӯшу сар ба сукут аст, гуфт:

– Акаи Фаромурз, хобат бурд магар? Чаро посух намедиҳӣ?

Дигар ҷои сукуту тааммул набуд. Вай хандае карду гуфт:

– Шарифҷон, Худо хоҳад фардо ман ба пурсишат посух медиҳам. Шуморо ба асли масъала ошно месозам. Вале ҳоло иҷоза бидиҳед дунболаи корамро бигирам.

Аз сари дастархон бархосту канор рафт.

Ҳушёри гӯшбурида низ баробари ӯ аз кунҷе, ки хобида буд, бархоста, ӯро ҳамроҳӣ кард. Аҷаб шаби моҳтобие буд.

Моҳ миёни осмони гунгу хомӯш бо чеҳраи тобноку ширгун ба сӯи заминиён ханда мекард. Аз лабонаш, аз ҷабину рухсораҳояш нуру равшанӣ мерехт, зебоӣ метаровид. Замин ба тамоми мавҷудоташ борони анвори ширгуни моҳро фурӯ мебурд. Синаи хок аз таҷаммуи анвор медамид, ба шӯр меомад, масти нур мешуд. Ситорагон низ дар атрофи моҳ чун сарбозони азхудгузашта давр мехӯрданд. Аз хирмани наҷобату саховати онҳо низ донаҳои нур пош мехӯрд. Фаромурз аз авони кӯдакӣ шабҳо тамошои моҳтобро дӯст медошт. Махсусан шабҳои тобистон, ки дар болои суффа мехобанд, соатҳои дароз ба моҳ назар менамуд. Ӯро доимо ин нукта дар ҳайрат меандохт, ки ин ҳама нуру рӯшноиро маҳтоб аз куҷо мегирад.

Модараш мегуфт замин хонаи Худост ва моҳтоб чароғи хонаи Худост. Фаромурз оҳи амиқе аз таҳи дил кашид. Ёди гуфтугузорҳои даврони кӯдакӣ бо модар, бо чароғи конуни хонавода ӯро мутаассир намуда буд.

Фаромурз боз ба хайма даромаду чароғи нафтиро равшан намуд ва номаро ба даст гирифт. Дар идомаи нома Мария навишта буд:

«Фаромурз! Пас аз бозгашти ту ба Шӯравӣ даврони сангине дар зиндагиам шурӯъ гардида буд. Дастам ба ҳеҷ коре пеш намерафт. Сари калобаамро гум карда будам. То поёни маъмуриятам замони каме монда буд. Орзу доштам зудтар хатм ёбад. Вале низом низом буд, бояд муроот мешуд. Хеле асабонӣ будам. Духтарони ҳамхонаам зимни муошират бо ман саъй менамуданд бо рафтору кирдори нохушоянде табъи бе он ҳам хираамро хиратар насозанд. Болои сӯхта намакоб, пас аз се рӯзи рафтани ту маро ба қисми низомии «Н» даъват намуданд. Дари утоқеро, ки шуморааш дар даъватнома сабт шуда буд, боз кардам. Омад ба сарам, аз он чи метарсидам. Пушти миз ошнои дерина Иван Фёдрович нишаста, машғули сигор кашидан буд. Хашмолуд салом додам. Бидуни он ки салом гӯяд, ишора кард, ки ба курсии та-

рафи чапи утоқ бинишинам.

Иван Федрович мушаввашу парешонавзоъ бо дуди тамоку синаи худро то охири нафас пур мекарду баъд бо даҳону бинӣ синаи худро холӣ мекард. Хомӯшии ӯ маро мекушт. Дар ҳоле ки косаи сабрам лабрез шуда буд, ба сараш дод задам.

– Чаро эҳзорам кардӣ? Аз ман чӣ мехоҳӣ? Ман тоқати фазои ин дудолудро надорам.

Ӯ нимхандаи заҳролуде намуда, оҳиста ба сухан даромад:

– Ором бош, Мария Попковна. Суҳбат бо ту тӯлонӣ хоҳад шуд. Беҳтараш муфассал нақл кун, ки чанд рӯз пеш, бо он афсари осиёӣ шаб чӣ мекардӣ?

– Ин ба ту марбут нест,-хашмолуд посух додам.

– На, хонум, баръакс хеле чизҳо ба ман марбут аст. Ман ба ту гуфта будам, ки ӯ бо намояндагони муҷоҳидин иртиботи пинҳонӣ дорад. Афсӯс,тибқи иттилои расида, дар баъзе аз амалиёти сиррии ӯ ту ҳам даст дорӣ. Беҳтараш худат ба ман ҷузъиётро нақл мекардӣ…

Худоё, аз ин туҳмати ногаҳонӣ хун ба сарам зад. Худованд ҳеҷ инсонро ба доми туҳмату бӯҳтони ҳамнавъи худ гирифтор накунад. Дар як они воҳид дасту поятро ба занҷирҳои касифи ин мероси зишти одамӣ банд месозанд. Забонатро мебанданд, нуру зиё аз чашмонат мегиранд ва гӯшҳоятро ношунаво месозанд. Ҷойи афсӯсу дареғ аст, ки ин кирдори пасту хиёнатзои одамӣ, аз ҳамон замоне ки инсон ҳамчун инсон худро дар паҳнои ҳастӣ шинохт, вайро ҳамроҳу ҳампост.

Туҳматободи солҳои сиюм ба хотирам омад, ки бар асари он ҳазорон нафар мардуми бегуноҳ сарбанест шуданд.

Қисса кӯтоҳ, на суоле ба зеҳнам мерасид ва на посухе барои гуфтан доштам. Шукри беҳад Худоро, ки дар ҳамин лаҳзаи буҳронӣ мақомоти болоӣ оҷилан Иван Фёдровичро эҳзор намуданд. Ӯ саросема дафтарчаи ёддошташро бардошт ва ҳангоме ки аз утоқи кораш берун шуд, омирона гуфт:

– Ба ту то фардо муҳлат. Батафсил баёнот навишта ба ман

месупорӣ!

Аз ҷой бархестам ва бо сари баланд гуфтам,

– Аз ман баёнот мегирӣ? Хобатро бар об гӯй, фақат дар он дунё баёнот хоҳӣ гирифт!

Фаромурз! То зиндаам, ҳаргиз худамро барои ин сухан намебахшам. Аз куҷо медонистам, ки ин мулоқоти охирини мо бо Иван Фёдрович буд? Чун ҳамон рӯз, баъди нисфирӯзӣ ӯро бо ронандааш ашхоси номаълум ваҳшиёна куштанд. Ҳарчанд дар марги фоҷиабори ӯ заррае гунаҳкор набудам, худро ботинан гунаҳкор мешумурдам, ки чаро чунин гуфтам. Марги ӯ бар асари аъмоли зишти худи ӯ сурат гирифта буд. Ӯ киштаи хешро даравида буд. Аз рӯи шунидам он рӯз Иван Фёдрович бо ронандааш барои фурӯхтани маводи сӯхту хӯрока, ки яқинан аз қисми низомии худ дарёфт карда буданд, ба яке аз гӯшаҳои хилвати шаҳр меравант ва ба дасти муҷоҳидин меафтанд. Қарибиҳои шом ҷасадҳои онҳоро ёфтанд. Қотилон мошини хидматии онҳоро низ бо худ бурданд.

Ҳамин тавр бароям номаълум монд, ки ӯ ба таври қотеъ аз ман чи тавaққуъе дошт. Вале яқин аъмоли зишту разилонааш хиёнат дар ҳаққи муштарак, нокифоятии касбӣ ва муҳимтар аз ҳама ҳирсу тамаъ, чашмгуруснагӣ оқибат ӯро ба вартаи ҳалокат кашида буд»...

Ҳарчанд аз замони вуқӯи он куштор солҳо пушти сар шуда буд, вале ин бахши нома дар радифи Мария як гӯшаи дили Фаромурзро низ хиҷил сохт. Чеҳраи тарсхӯрдаи Иван Фёдрович пеши назараш омад. Он замон низ Иван Фёдрович ашёи дуздиашро пинҳонӣ ба сокинони маҳаллӣ мефурӯхт. Сарзаниши Фаромурз гӯё он лаҳза Иван Фёдровичро сахт нигарон карда буд. Вале вай аз куҷо медонист, ки суханонаш асаре надоранд, зеро барои Иван Фёдрович ин амале набуд, ки бори нахуст содир шуда бошад. Балки одате буд, ки солҳо шаклгирифта ва дар хуну пӯсташ нишаста буд. То вуруд ба Афғонистон фазои артиш аз ин падидаҳои номақбул пур буд. Афғонистон, ки ди-

гар барои чунин аъмоле имконоти бештаре фароҳам овард. Дар замони хидмат мушобеҳи сарнавишти фоҷиабори Иван Фёдрович, Фаромурз саҳнаҳои ваҳшатноктаре дида буд. Ҳирсу тамаъ, чашмгуруснагиву нодидагӣ баъзе аз низомиёнро ба ғорату ғасби амволу ашёи низомӣ ҳидоят мекард. Бисёр иттифоқ афтода, ки иддае аз ин тоифа мардум беному нишон мешуданд. Аз онҳо хурдтарин нишоне пайдо намешуд. Гӯё замин онҳоро ба коми худ фурӯ бурда бошад. Ин ки ҷасади Иван Фёдровичро бо ронандааш бозёфта буданд, нишон аз бахти ӯ буд.

Хосияту воқеияти ҳар ҷанге аз дунёбано ҳамин аст. Вазъият барои ҳама аз поин то ба боло равшану возеҳ буд, вале дар маҷмӯъ аз баррасиву таҳлилҳо, қазияҳо чашмпӯшӣ мешуд. Нанговартар аз ҳама ин буд, ки аз чунин тоифае қаҳрамон метарошиданд. Бо тавсифномаҳои дурӯғин онҳоро баъд аз марги шармандаворашон барои дарёфти нишону медалҳо пешниҳод менамуданд, дар ҳоле ки номи шумори зиёди сарбозону афсарони шуҷоъу бебок ба боди фаромӯшӣ супурда мешуданд.

Чӣ ҳам метавон кард? Воқеияти ҳар ҷанг ҳамин аст. Тарсу мардум дар ин майдон хеле зуд ранг мебозад. Ҳирсу тамаъро парда аз рух бармедорад. Танҳо ҷасорату далерист, ки қомати баланду рӯи сурх дорад. Инсонро аз тиру туфанги душман эмин нигаҳ медорад…

Фаромурз номаро варақгардон кард. Фасли тозае аз нома шурӯъ мешуд. Маълум набуд, бо чи иллате ин бахши номаро аз қисматҳои болоӣ ҷудо намуда буд. Ҳусни хатти Мария Фаромурзро ба худ ҷалб кард. Аслан нома аз оғоз бо хатти мирзоӣ китобат шуда буд, вале пайдо буд, ки дар ин фасл заҳмату диққати бештаре сарф шудааст.

Ҳарфҳо бо шевае пайванд шуда буданд, ки гӯё ҷон доштанд, зиндаву пуртаҳаррук буданд. Нимнигоҳе кофӣ буд, ки онҳо ба садо дарбиёянд ва нақли саргузашт кунанд.

Фаромурз боз ба сатрҳои нома дида дӯхт. Мурғи сарнавишти зани мардсифат бо болҳои сафеди сафед ва кулаборе аз донаҳои ғаму шодӣ, андуҳу нишот, омодаи парвоз буд.

«Фаромурз! Ин қисмат аз нома мутааллиқ ба сабзишу камоли зебодарахтест, ки дар замини ишқу муҳаббати ману ту ҷавона заду шукуфт. Зебодарахте, ки маро аз ранҷобаи танҳоӣ раҳо намуд. Ҷону равонамро ба зиндагӣ дилгарм кард. Шеваи зистану зебоӣ омӯхт. Агар ӯ набуд, шояд зистан бароям дигар маънӣ намедошт. Ободӣ аз ҷаҳони ман рахт бармебаст… Ҳамон сол баъд аз се моҳи бозгашти ту маъмурияти ман ҳам ба поён расид ва ба Ватанам бозгаштам. Ҳини бозгашт дигар танҳо набудам. Мавҷуди кӯчаке дар доманам аз ҳастии худ хабар медод. Ҳангоме ба ҷунбишу ҳаракат меафтод, оҳиста даст ба болояш мегузоштам. Қалбам саршори шодиву фараҳ мегардид, оромиш пайдо менамудам. Ман як зани навзо будам. Аз ин рӯ, зиёд нигарону музтариб мешудам. Андешаҳои мухталиф ба мағзам мерасид. Аз Худо мехостам мушкили маро осон кунад, дасту поям ба некӣ сабук шавад.

Худованд дуои мани муштипарро шунид, нодида нагирифт. Дар як субҳдами баҳорӣ садои тифлаки ман қалби Русияро ба ларзиш овард. Садо бар фазову кӯҳу дашт, ҷангалу бешазорон, болои рӯдхонаҳову чашмасорон соя афканд. Бо зуҳури ӯ баҳор барои ҳамеша дар хонаи ман муқимӣ шуд. Ба ӯ тибқи хоҳиши ту Шаҳноза ном ниҳодам. Хеле дилам мехост, ин муждаро ба ту бирасонам, вале модарам монеъ мешуд. Худо биёмурзадаш! Дар ин фикр буд, ки ту марди аёлмандӣ. Гузашта аз ин фарсаххо аз макони зисти мо дурӣ. Шояд ин хабар бароят мушкил эҷод мекунад. Ростӣ ман дар хилоли умрам ҳаргиз муқобили хости модарам гоме набардоштаам. Маҳзи хотири ин бароят нанавиштам ва ҳатто ба номаҳоят посух нагуфтам.

Мехостам фаромӯшам кунӣ. Замон мегузашт ва Шаҳноза бузург мешуд. Ҳар субҳ ба кӯдакистон мебурдамаш ва бегоҳӣ мегирифтамаш, то ин ки бароям мушкил пеш наояд. Як рӯз пешомаде шуд ва ман дертар ба кӯдакистон расидам. Шаҳнозаи ман ғамгин дар каноре нишаста буд. Чизе намегуфт, вале ҳамин ки аз дари кӯдакистон берун шудем, пурсид:

-Модарҷон, чаро дигарон падар доранду ман не? Ин суол,

ки рӯзе ҳатман аз забони ӯ бояд садо медод, маро ғофилгир намуд. Чӣ гуфтанамро надонистам. Гуфтам:

– Чаро, ту ҳам падар дорӣ.

Ӯ бо ҳамон ҷиддияти кӯдакона пешамро гирифта садо зад:

– Пас, ӯ куҷост? Чаро барои бурдани ман ба кӯдакистон намеояд? Чаро ба ман зоча намехарад?

Бар сари ман борони суолҳои бепосух фурӯ мерехт. Дигар илоҷе надоштам. Лаҳзаи ниҳоят ҳассос дар зиндагии хонаводагии мо сар расида буд. Бояд посух медодам. Шаҳнозаи ман бо чашмони кӯчаки ғуссадораш ва чеҳраи андӯҳбораш ба ман нигоҳ мекард. Бо тамоми қувват ҳавосамро ҷамъу ҷур кардам ва гуфтам:

– Падари ту дар ҷанги Афғонистон беному нишон гум шудааст.

Ин дурӯғро чӣ гуна бофтам, намедонам, зеро дар гӯшам ибораи «гум шудааст» мисли занг садо медод.

– Кай меояд?-боз пурсид Шаҳноза.

Гиря гулӯгирам кард. Дар зиндагии мо марҳалаи нав оғоз гардида буд. Мо бояд аз ин озмоиш мегузаштем.

– Меояд, рӯзе мерасад, ки меояд. – гуфтам ба ӯ. Шаҳноза бо ҳамон содагии кӯдаконаи худ бовар кард. Вақте ба хона расидем, ман барои нахустин бор ба ӯ аксатро нишон додам. Ҳамон аксе, ки якҷо назди зиреҳпӯш бардошта будем.

Ин гуфтугузор, пурсишҳо чанд дафъа миёни ману Шаҳноза сурат гирифт, то ин ки ӯ одат кард. Охирин бор вақте ба синфи якум мерафт, рӯзи аввали дарс ғамгину саргарон ба ман гуфт:

– Модарҷон! Агар падарам гум намешуд, ҳамроҳи ӯ ба мактаб мерафтем. Ин орзуи ӯ бар ҷигарам кора кард. Вале илоҷ набуд. Худро нашнида вонамуд кардам. Рӯзҳо мегузаштанд. Шаҳноза хуб дарс мехонд. Дар зимн дар расмкашӣ маҳорати фавқулода дошт. Аз ин рӯ, ӯро ба таври инфиродӣ ба маҳфили рассомӣ аъзо кардам. Медидам, ки чӣ гуна дар

ин ҷода пешрафт мекунад.

Ёд дорам, синфи ёздаҳум мехонд. Як рӯз аз кор дертар ба хона омадам. Шаҳноза хӯрок пухта, дастархон ороста буд ва маро интизорӣ мекашид. Вақте сари дастархон менишастем, Шаҳноза мисли пешина сӯям нигоҳ карда гуфт:

– Модар, Шумо тамоми ин солҳо ваъда медодед, ки падарам меояд, вале наомад. Аммо ман худам падарамро овардам. Дар хонаи хобам истодааст. Ӯро мехоҳӣ бубинӣ?

Худоё, аз ин хабар қалбам фурӯ рехт. Тарсидам, ки Шаҳнозаи ман мубталои бемории рӯҳӣ шуда бошад. Ӯ чун маро ҳайратзада дид, баланд, аз тахти дил хандид ва якбора маро канор гирифта гиря кард. Аз ин ҳолат ман бештар бимнок шудам. Яқин кардам, ки аз ақл бегона шудааст. Аз китфонаш гирифтам, аз рухсораҳояш бӯсидам. Ба чашмонаш нигаристам. Ақлаш дар ҷояш буд. Ӯ гиряолуд нидо кард:

– Натарс, модарҷон, беҳтараш бархез, ман падарамро ба ту нишон диҳам. Ӯ мунтазир аст. Дар ҳоле ки банди дилам меларзид, ҳаросон аз ҷо бархостам ва вориди утоқи Шаҳноза шудам. Болои рахти хобаш қоби бузурге истода буд, ки бо матои сафед пӯшида буд. Ӯ оҳиста матоъро аз болои қоб бардошт.

Дар қоб акси бузурги ту дар либоси низомӣ бо борхалтае дар дӯш тасвир шуда буд. Аз баландии кӯҳе фаромада истода будӣ. Акс ба гунае моҳирона наққошӣ шуда буд, ки инсон тасаввур мекард, ки ҳоло ё замони дигар аз қоб берун меҷаҳӣ. Ман ҳаргиз наққошиеро ба ин андоза зиндаву ҷаззоб надида будам. Дар поини қоб бо ҳарфҳои дурушт навишта шуда буд: «Бозгашти падар».

Шаҳноза маъюсу болшикаста бо навбат ба аксу ба ман чашм медӯхт. Хеле дилаш мехост, ки ман назарамро нисбат ба наққошии ӯ изҳор кунам. Дилам барояш месӯхт. Медонистам, ки эҳсоси бепадарӣ сахт ранҷаш медод. Тааҷҷуб аст, ки ҳар қадар бузург мешуд ҳамон андоза меҳру дилбастагиаш ба ту зиёдтар мешуд.

– Офарин, духтарам! Беҳтар аз ин намешавад. Аммо чаро

маҳз дар болои кӯҳ тасвираш кардаӣ? – пурсидам ман.

Шаҳноза муддате сукут намуд ва баъд ором ба сухан даромад:

– Аз бозе, ки худро мешиносам, дидори падар бароям мисли як қуллаи кӯҳ дастнорас аст. Аз ин рӯ, кӯҳро интихоб кардам. То ҳар вақте ёди падар кунам, ҳам кӯҳро бубинам ва ҳам падарро. Аммо росташро бигӯям, моҳе пеш хоб дидам, ки падарҷонам болои кӯҳе истодааст ва мехоҳад ба сӯи мо биёяд. Вақте бедор шудам, ин андеша ба сарам зад, ки хобамро наққошӣ кунам.

Ту худ медонӣ, ман падарамро надидаам. Намедонам дар чӣ шароиту вазъияте беному нишон шудааст. Вале дилам гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ бозмегардад, ман ӯро хоҳам дид. Худоё, кай ин рӯзи нек мерасида бошад?

Падарам аз роҳи дур хаставу коркӯфта хоҳад расид. Ҳамин ки ба дидори муборакаш расидам, ҳамаи либосҳояшро мешӯям, гарду хок аз рӯи пойафзолаш мебардорам, рӯймолчаашро мешӯям. Баъд либосҳояшро дарзмол мекунам. Мӯйҳояшро шона мезанам. Ин вазифаи як духтарест, ки бояд хидмати падарро бикунад.

Гуфтори Шаҳноза ба андозае ғамгину мутаассирам намуда буд, ки мехостам зор – зор гиря кунам. Намедонистам бо чӣ шевае аз дурӯғе, ки борои гумномии ту солҳо пеш бофта будам, халос шавам. Чанд бор ният кардам номаи муфассале бинависам ва аз моҷаро огоҳат созам. Вале нерӯи ниҳоние водорам мекард, ки навиштанро ба вақти дигар мавқуф гузорам.

Фаромурз, дигар чӣ ҷойи пинҳон кардан, ки ин шоҳкори Шаҳноза маҷрои одии зиндагии маро дигар сохта буд. Ҳамон бегоҳ, ки аксатро ба ман нишон дод, дер хобидем. Дар тӯли шаб ман се бор аз ҷо баланд шудам. Сари по дохили утоқ шудам. Акси бузургатро ламс кардам, бӯидам ва хомӯш гиристам. Бим доштам, ки ӯ шоҳиди гиряҳои шабонаи ман гардад ва рӯҳаш парешон шавад. Аз сӯи дигар, ме-

дидам, ки Шаҳноза низ сахт тағйир кардааст. Тамоми вақташро сари тоблуҳои наққошӣ мегузаронд. Аксҳои туро хаёлан дар мавзеъҳои гуногун, миёни сарбозон, дар корзор, болои васоили низомӣ ва дигар ҳолатҳо наққошӣ мекард. Дар ин миён ӯ ба омӯзишгоҳи рассомӣ ворид шуд, ҳарчанд ба ин даргоҳ ниёзе набуд. Наққошӣ ба таври рӯзафзун Шаҳнозаи маро ба гирдоби бетаҳи худ мекашид. Хонаи мо ба як намоишгоҳи ҳунарӣ табдил шуда буд.Расонаҳо перо-муни наққошиҳои ӯ гуфтору барномаҳо ташкил мекарданд. Тавассути телевизион наққошиҳояшро ба маърази намоиш мегузоштанд.



Порсол ҳатто як шабакаи телевизионии хориҷӣ аз рӯи тасвирҳои ӯ як барномаи чилдақиқаӣ таҳия намуда буд. Ин пешрафту камол шодию фараҳ мебахшид, аз доштани чунин духтаре ифтихор мекардам. Вале аз ҷониби дигар изтиробу нигарониам бештар мегардид. Мавзӯи калидии осори ӯ ҷанги Афғонистон буд ва маҳз ҳамин нуқта таваҷҷуҳи расонаҳоро бештар ҷалб мекард. Худи Шаҳноза ба омӯзиши амиқи таъриху фарҳанги ин кишвар шурӯъ намуда буд. Утоқи кори ӯ аз китобҳое, ки ба ин мавзӯъ ихтисос доштанд, пур мешуд. Ин ҳама хуб буд, вале интишори мусоҳибааш дар як рӯзномаи маъруфи ватанӣ оромишу сукунро аз ман рабурд. Мусоҳиба таҳти унвони «Бозгашти падар», ки баргирифта аз номи наққошии ӯ буд, мунташир гардид ва посухи ӯ ба саволи мухбир, ки иллати таваҷҷуҳи беандозаи ӯро ба мавзӯи ҷанги Афғонистон ҷӯё шуда буд, нигаронкунанда буд.

Шаҳноза изҳор дошта буд, ки дилбастагии ӯ ба мавзӯи мазкур ҳам ҷанбаи хусусӣ дорад ва ҳам ҷанбаи иҷтимоӣ.

Гап дар ин аст, ки ҷанги Афғонистон пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ бузургтарин рухдоди сиёсӣ-низомии ҷаҳон аст, ки раванди инкишофу такомули ҷаҳонро дигаргун сохтааст. Насли нав ба мавзӯи мазкур боз хоҳад гашт. Вазъияти айниро таҷдиди назару арзёбӣ хоҳад кард. Мо бояд бидонем, ки бо чӣ далоиле ҷанги Афғонистон ба шикасти абарқудрате мисли Иттиҳоди Шӯравӣ сабабгор шудааст. Гузашта аз ин насли мо бояд ба ҷаҳониён собит намояд, ки пуштипо задани расму ойин ва суннатҳову анъаноти асрҳо шаклгирифтаи як миллат адами эҳтироми собиқаи таърихӣ – фарҳангии як қавм, баробар ба пазириши мағбулият аст, мағлубият дар набарде, ки ҳоло оғоз нашудааст. Ҳеҷ нерӯе бо зӯргӯӣ, бо тиру тӯфанги асри ҳозир қодир нест, тафаккуру рӯҳи миллии як миллатро бишканад. Баръакс, зӯргӯӣ оғози шикасти дардноку шармандавори тадриҷист, ки оқибат ба нестии комил мебарад.

Ҷанбаи хусусии таваҷҷуҳи вижаи ман ба мавзӯи

Афғонистон падари ман аст, ки дар ин ҷанг гумном шудааст. Ӯ як афсари шоистаи артиш будааст. Корнамоиҳое карда, ки гувоҳаш нишону медалҳои сари синааш аст, ки дар аксаш тарсим шудааст. Вале, афсӯс ман чеҳраи гарми ӯро надидаам. Ин ҷанг маро аз навозишу лутфу меҳрубонии падарона маҳрум сохтааст. Оё медонӣ, чӣ андоза лаззату кайфият аст дар панҷаи падар, вақте ки барои навозишу изҳори муҳаббат болои сари фарзанд гузошта мешавад. Мӯйҳоятро молиш медиҳад, китфонатро сила мекунад ва ё саратро ба синааш монда оҳиста фишор медиҳад. Аз ин рӯ, наққошиҳои ман баёнгари воқеияти он рӯзҳост. Барои омӯзиши амиқи мавзӯъ ният дорам ба Афғонистон биравам. Ҷойҳоеро, ки як замоне падар он ҷо зиндагӣ карда, аз наздик бубинам…

«Фаромурзи азизам! Оё тасаввур мекунӣ, баъди хондани ин мусоҳиба чӣ вазъе бар ман даст дода буд? Хоб аз чашмонам парида буд. Хаёлӣ шуда будам. Вазъи равониам таваҷҷуҳи баъзе аз ҳамкоронро ба худ ҷалб намуда буд. Иллат мепурсиданд, вале мушкил он буд, ки розамро наметавонистам ба касе бигӯям. Ҳар рӯз аз хона, то коргоҳ пиёда мерафтам. Дар наздикии коргоҳ як гузаргоҳи зеризаминӣ мавҷуд буд, ки дар гӯшае аз он гадоён менишастанд.

Миёни онҳо як пиразане буд, ки хомӯш менишаст. Ҳаргиз мисли дигар гадоён садо баланд намекард, ҳар чизе, ки ба вай медоданд, мегирифт ва зерилабӣ дуову изҳори ташаккур мекард. Аз миёни гадоён ман танҳо ба ӯ рӯздармиён маблағи ночизе медодам. Дар ҳамон рӯзҳои парешонию буҳронии баъди мусоҳиба як рӯз ғарқи фикру андеша вориди гузаргоҳ шудам. Ҳеҷ таваҷҷуҳе ба касе надоштам. Ногоҳ касе аз пасам «духтарам» гуфта, садо кард. Баргаштам, ҳамон пиразан аст, ки тарафи ман меояд. Хаёл кардам аз ман пул мепурсад. Чун табъам гирифта буд, гуфтам:

– Имрӯз пули хурд надорам.

Ӯ лабханди нарме карду гуфт:

– На, духтарам. Имрӯз хайр кардан навбати ман аст. Ман

ба Шумо пул медиҳам.

Сухани ӯ мутааҷҷибам сохт. Ин гадои раҳнишин чӣ фикре дар сар мепарваронид, маълумам набуд, вақте комилан наздик шуд гуфт:

– Духтарам, мехостам ба ту бигӯям, ки ҳафтае як маротиб ба калисо бирав, ибодат кун, дигар чизе аз ман напурс. Рӯзҳои хубе хоҳӣ дошт. Ман ба хотири ту аз ҷой хеста наздик омадам. Шояд аз ҳамон замоне ки то назди ту омадам, раҳгузаре садақаи шоистае бар ман раво медонист, вале ман аз он сарфи назар кардам, то ин муҳимро ба ту бигӯям. Ту дар як марҳалае аз зиндагӣ расидаӣ, ки беш аз ҳар вақти дигаре ба инояти Худованд ниёзмандӣ.

Пиразани гадо инро гуфту худоҳофизӣ намуда, ба ҷониби макони доимиаш баргашт. Ман ҳайрону шигифтзада муддате ба ӯ нигаристам. Чӣ карданамро намедонистам, ба умқи ин бархӯрди ногаҳонии ин пиразани гадо намерасидам. Тааҷҷуб буд, ӯ аз куҷо медонист, ки ман калисо намеравам?



Аз пушти ӯ назар мекардам ва гумон мекардам, ки бори сангинеро аз дӯшам раҳо намуда буданд.

Пиразан сари ҷояш нишаст ва чун маро дид, ки лолу ҳайрон дар ҷоям шах шудаам, табассум кард ва оҳиста дасташро ба сӯям алвонҷ дод. Нигоҳи ӯ маро мунқалиб карда буд. Нигоҳаш нигоҳи одӣ набуд. Ба гумонам ӯ як хуршеди кӯчаке буд, ки аз миёни гадоёни роҳнишин тулӯъ кард, то ба нури файзбахши хеш роҳро барои мани саргардону сардаргум равшан кунад.

Ман шабеҳи як инсони шикастадиле будам, ки гирдоби зиндагӣ ҳар рӯз ба қаъри бетаги худ мекашидаш. Дасти ҳидояти ӯ гӯё аз гиребони ман озод бардошт ва дар як канори амну бехатар гузоштам. Дигар аз тамоми банду қайд озод будам. Идомаи роҳро намедонам, чӣ гуна тай кардам. Хеле зуд худро дар пушти мизи кориам дидам. Вуҷудам моломоли орзуҳои ширин буд. Ғайриинтизор дар пардаи зеҳнам симои наҷиби модарам пайдо шуд. Баъди даргузашти ӯ солҳост, ки ин ҳолат барои ман такрор мешавад. Дар сангинтарин ва нишотангезтарин лаҳзаҳои умрам ногаҳонӣ чеҳраи модарам пеши назар меояд. Мисли солҳои пешин зиндаву шодоб, саршор аз меҳрубонӣ. Медонам, ин як лаҳзаи хеле кӯтоҳ аст, чашм мепӯшам то ӯро хубтар бубинам. Ӯ дар муқобили ман бо ҳамон пироҳани сурхаш нишастааст. Вале ҳеҷ мутаваҷҷеҳ намешавам, ки болои чӣ чизе нишастааст. Танҳо маълум аст, ки болотар аз мавқеияти ман аст. Сухан намегӯяд. Фақат бар ман нигоҳ мекунад ва муҳаббатомез табассум мекунад.

Хоҳиши ӯро канор гирифтан, сахт фишурдан, сар ба синааш ниҳодан диламро аз беху бун ба ҷунбиш меовард, вале худорӣ мекунам, зеро аз таҷриба медонам, ки ин амалӣ шуданӣ нест. Бо хурдтарин ҳаракат симои модар нопадид мешавад. Аммо муътақидам, ки ҳар боре, ки ӯ зуҳур мекунад, гиреҳ аз мушкилотам боз мегардад, корҳоям бобарор мешавад. Ин дафъа ҳам чашмҳоямро муҳкам бастам ва са-

ропо маҷзуби ҳузури модарам гаштам. Дар ҳамин асно дари утоқи корам бо шаст боз шуд ва ҳамкорам Людмила ворид гашт.

– Куҷо ҳастӣ? Гӯширо намебардорӣ?! То ҳол чанд бор аст, ки духтарат телефон мекунад. Кори муҳим дорад.

– Оҳ, Людмила. Чи коре буд, ки кардӣ? Маро аз дидори модарам ҷудо кардӣ.

Ҳамкорам мутаҳайир шуда буд. Аз гуфтаи ман чизе сар дар намеовард, ҷуръати пурсидан ҳам надошт. Дидам, ки хиҷолатзада ва табъаш хира мешавад, бо ханда гуфтам, ки шухӣ кардам. Асли матлабро баъд мегӯям.

Сими телефонро пайваст карда, ба хона занг задам. Шоҳноза гӯширо бардоштан замон бо садои омехта бо шодиву ҳайяҷон изҳор дошт:

– Модарҷон! Шодиёна диҳед. Ранҷу заҳмати ман барҳадар нарафт. Созмони фарҳангии «Сарбоз» пешниҳод намуда, то намоиши асарҳои маро баргузор намояд. Ҳама махориҷу масрафи лозим ба дӯши онҳост. Медонӣ, модарҷон, ин чи қадар аҳамият дорад?

Аз ин хабари Шаҳноза ҷонам, қалбам аз шодӣ лабрез шуда буд. Дар пироҳанам намегунҷидам. Ӯро табрик кардам. Намоиш мебоист дар пойтахт доир мегардид.

Як ҳафта баъд Шаҳнозаро гусел кардам. Хеле дилам мехост худам низ шоҳиду иштирокдори ин намоиш бошам. Вале гирифториҳои идорӣ имкон намедод.

Фаромурз, азизам! Намедонам эҳсос мекунӣ, ки набудани Шаҳноза чи ҳолу вазъиятеро бароям фароҳам оварда буд. Ин нахустин мусофирати ӯ буд, ки моро аз ҳам ҷудо мекард. Дар тӯли ин солҳо ягона мояи шодию нишот ва муҳаррики зиндагии ман вуҷуди ӯ буд. Аз коргоҳ, ки бармегаштам, дари хона бо ханда ба рӯям боз мешуд. Борхалтаҳоро аз дастам мегирифт ва аз рухсораҳоям гарм мебӯсид. Эҳсос мекардам, ки чӣ қадар меҳру муҳаббату навозиш, нерӯи зиндагӣ дар лабони ӯ ҷойгузин аст.

Бо Худованд дуруд мефиристодам, ки чунин неъматеро барои мани ҳақир арзонӣ доштааст. Андеша мекунам ва ба умқи ин фарзия ман намерасам, ки Худое накарда агар вай намебуд, ман чӣ гуна дурию фироқи туро таҳаммул мекардам…

Қисса кӯтоҳ, мусофирати Шаҳноза аз ҷониби Худованд озмоише барои ман буд. Ҳар рӯз бароям сахту гарон мегузашт. Рӯзҳо, ки машғули кору гирифториҳои коргоҳӣ дар ҳалқаи ҳамкорон будам, ва сахтии фироқи ӯро камтар ҳис менамудам. Вале аз шабҳояш мапурс, ки мисли як дӯзахи сиёҳ буданд. Шомгоҳон, вақте ки аз кор бармегаштам, хона гӯё аз бекасӣ садо мезад. Саъй мекардам худро ба коре андармон созам. Вориди ошхона мешудам. Аз дегу коса ва зарфҳои мураттаб барчидааш бӯю атраш бар машомам мерасид. Ҳарчанд равшан буд, ки Шаҳнозаи ман, ки ба хориҷ сафар нанамудааст ё хидмати аскарӣ нарафтааст, вале худоромишу тасаллоҳои ботинӣ ёриам намекард.

Гузашта аз ин, дар ин рӯзҳои дурӣ аз Шаҳноза гули ёди ту шукуфотар мегашт. Ҳарчанд баъди ҷудоӣ аз ту рӯзе набуд, ки ман бо баҳонае аз ту ёд накунам ва ба гунае қалбам сӯзиш накунад, вале шукуфти ин гул дигар бароям ранҷовар шуда буд. Дигар ин гул ба танҳоии ман нештар мезад. Аммо сипосу дуруди бепоён Худованди бузургро, ки маро ин бор ҳам танҳо нагузошт. Гиря, ин эҳсоси дармонгару таскинбахш, ки Худои меҳрубону бахшанда дар вуҷуди мо инсонҳо ҷойгузин намуда, ба ёрӣ омад ва аз анбӯҳи ғаму ранҷҳо ба ҳаҷру дардҳоям кост. Замоне ки оромишу сабукӣ эҳсос намудам, андешае дар осмони зеҳнам барқ зад,ки дигар гузаштаро ба боди фаромушӣ бисупорам.Вале андешаи солҳо дар зеҳнам шаклгирифтаву парварда дар гӯшам занг мезад,ки ту як зани покдомани рус ҳастӣ,ки ҳастии хешро бахшидаӣ ва ҷуз сабру таҳаммулу садоқат роҳи дигаре мавҷуд нест. Фаромушӣ дар ин роҳ нодида гирифтани суннату ойини марсуми аҷдодист,ки бахшиданӣ нест…»

Фаромурз дигар натавонист идомаи номаро бихонад. Аз ҳикояти Мария сахт мутаассир гашта буд. Гузашта аз ин шаб ҳам ба ҷое расида буд ва каҳдаравҳои ҳамроҳаш барои хуфтан дохили хайма шуданд. Дигар чорае ба ҷуз хомӯш сохтани чароғу дароз кашидан барояш намонда буд…

Хуршед, ин мусофири пирсоли танҳогарди осмони нилӣ мисли ҳар рӯзи пешин аз пушти деворҳои баланди кӯҳҳои Машриқ панҷа мекашид. Нахуст нохунҳояш намудор мегашт, сипас банди дасту оринҷҳо. Ҳарчанд роҳ борояш ошно буд ва хурдтарин хаму хезаи масирашро медонист, вале аз пушти деворҳои кӯҳ боло омадан то болои осмон барояш душвор буд. Зеро барои худро қоим кардану гом бардоштан ба деворҳои биношуда аз шухсангу хоку рег бояд нохун мезад, деворҳоро мехарошид. Нохунҳояш ба санг мезаду хунафшон мешуд ва ба ҳамин тартиб болои боми осмон мерасиду дар масири доимӣ қарор мегирифт ва рӯзи наву мусофирати тӯлонӣ оғоз мегардид.

Маъмулан Фаромурз ҳар рӯз пас аз намози бомдод қабл аз каҳдаравҳо тулӯи хуршедро назора мекард, аммо андешаву хаёлоти пурпечи шабонгоҳӣ ӯро ба хоби сангине фурӯ кашида буд. Ҳамроҳон низ чун хоби амиқи ӯро диданд, дилашон нашуд бедораш кунанд.

Танҳо боз садои ваҳшатзои Шариф буд, ки хоби ӯро дар чашмонаш гусасту пора кард. Шариф дар ҳоле ки ба даҳонаи ғорчае, ки тахмин зада буд лонаи рӯбоҳи фирории дирӯза аст, пахол монда оташ зада буд, дод мезад:

– Фаршед, Фаршед зудтар як халтаи васеъ биёр. Лонаи ин падарлаънати иблисбашарaро пайдо кардам. Ҳозир бо шайтонбачаҳояш гираш меорам. Пахолдуди талх марги ӯст. Вақти мурданаш фаро расидааст.

Пахолдуди талх ба гунае зананда буд, ки дар мағзи инсон кора мекард. Фаршед бо ҳамроҳонаш бо чашмҳои обрав баробар сурфа мекарданд. Насими субҳгоҳӣ оқибат бӯи дудро

ба дохили хайма овард. Фаромурз, ки ба садои Шариф эътибор надода буд, баъд аз танаффуси пахолдуд дигар тоқат накарда ба берун баромад.

Рӯзи маҳшаре дар як пастхамӣ аз гӯшаи каҳдаравҷо барпо шуда буд. Шариф даҳони халтаро ба даҳони ғорча наздик карда буд ва мепоид, ки рӯбоҳу рӯбоҳбачаҳо таҳти таъсири талхдуди пахол иҷборан берун биёянд ва ба доми ӯ бияфтанд. Дигар ҳамроҳон назоратгар буданд. Ба чашмҳои обрав сурфа мекарданду механдиданд. Ин саргармӣ ба гунае Фаромурзро хашмолуд намуда, буд, ки намедонист аламашро аз ки бигирад. Рӯ ба ҷониби дигар гардонид, то ғазабашро фурӯ нишонад, то сари хашму ғазаб коре накунад, ки пӯшаймонию надоматро сабаб гардад.

Ғазабнишонӣ одате буд, ки Фаромурз аз кӯдакӣ бо атру бӯи он хӯ гирифта буд. Вай зодаву парвардаи як хонаводаи деҳотӣ буд. Хонаводаи деҳотиро магар мешавад бе мушкилу душворӣ, ҷангу низоъ тасаввур намуд? Аґлаб миёни волидайн сари ин ё он масъала нофаҳмӣ рух медод. Гуфтори модар падарро хашмгин месохт, вале лаҳзае баъд падар бо ҳамон наҷобату бузургии хеш осори қаҳру ғазаб аз ойинаи рух мезудуд ва бо хандаву забони ширин фазои хонаро нармию мулоимат мебахшид. Модар низ оромиш пайдо менамуд ва сархаму хиҷолатзада гӯшачашмӣ забони узрхоҳӣ мекушуд. Баъдҳо китобҳои падар буд, ки қироати онҳо ин одатро дар ниҳоди ӯ парвариш доданд. Чӣ гуна бояд дар муқобили бадию зиштӣ бо хубию некӣ посух гуфт? Бо чӣ шевае ҳақорату дашномро нашнида гирифт ва бо хандаву забони хайр ин падидаи зиштро рафъ сохт? Ӯ хуб ёд дорад, китобҳои қадими падар, китобҳои фарсудаву рангзарди ойиназамир аз ин намунаҳо зиёд доштанд…

– Ана, тамом, падарлаънат, бо зоту замандаш, бо кӯдаку сангаш дар дом афтод. Акнун ин мурғдузди ҳарромхорро аз реша нест мекунам, – хушҳолона фарёд зад Шариф ва ба бастани даҳони халта шурӯъ кард.

Фаромурз баргашт ва оҳиста – оҳиста хомӯшу бесадо ба ҷамоати сайёдон наздик шуд. Маълум набуд ҳамроҳони Фаромурз дар ваҷоҳату ҷаззобияти ӯ чиро эҳсос карданд, ки ҳамагӣ аз хандаву сару садо монданд. Танҳо Шариф ҳайрону шигифтзада пурсид:

– Акаи Фаромурз аз ба дом афтодани ин зоти маккору фиребгари мурғрабо хушҳол нестӣ? Ё аз хоб сер нашудӣ?

Фаромурз бе ин ки ба суолҳои Шариф ҷавобе бигӯяд, халтаро аз дасти ӯ гирифта, даҳонашро боз кард. Махлуқе бо пистонакҳои пуршир дар даруни халта ҳалқа зада буд ва аз тарси махлуқе бузургтару нерӯмандтар аз ӯ меларзид. Талхдуди пахол ба гунае димоғу чашмҳои ӯро сӯзонида буд, ки аз параҳои димоғу рухсорааш об ҷорӣ буд. Садои бенизоми қалбаш шунида мешуд. Бачагонаш, ки шояд аз умрашон чанд рӯзе беш нагузашта буд, талош мекарданд бо ҳамон чашмони хоболуду обрав, даҳон ба сӯи пистонакҳои модар дароз кунанд. Он модина рӯбоҳ бо ҳамон ғаризаи табиӣ ба сӯи Фаромурз дандон тез мекард, омада буд аз насли худ ҳимоят кунад, ҳарчанд гирифтору побанд буд. Дидани ин манзара вайро мутаассир сохт. Дилаш таҳ кашид. Оҳиста ба ҷониби Шариф бозгашту пурсид:

– Бо ин ҷонваракҳои забонбаста чи мехоҳӣ бикунӣ?

– Онҳоро ҳо ана ба он лаби ҷаррӣ, мебарам. Аввал бо дос зада нимҷон мекунам ва баъд ба ҷаррӣ ҳаво медиҳам. Сазои дузд мардум ҳамин аст,- хушҳолона посух дод Шариф.

Фаромурз аз тарзи гуфтору ваҷоҳати Шариф натиҷа гирифт, ки ӯ қодир аст ба аъмоли аз ин ҳам фаҷеътар даст занад. Хира-хира саҳнаҳое аз даврони ҷанги бародаркуш ба ёдаш зад, ки бо чи шевае аҳли як марзу бум, ҳамсоягони деворбадевор ба ҷони ҳам тохтанд, хонаи якдигар оташ заданд, бо чи ваҳшонияте фарзанди якдигар куштанд.

Вале Фаромурз ҳеҷ сарфаҳм намерафт, ки то ин андоза ваҳшоният, бераҳмӣ дар ниҳоди як ҷавони рустоӣ аз куҷо

сарчашма мегирифта бошад. Хун дар рагу пайванди вай ба ҷуш омада буд. Вале бо ҳамон оромиши табиӣ ба сӯи Шариф баргашту гуфт:

– Шариф! Магар ту аз нутфаи одам нестӣ? Магар Худо адлу инсоф, раҳму шафқатро аз вуҷуди ту гирифтааст? Оё ба ту наомӯхтаанд, ки назди Худо ҳатто вайрон сохтани лонаи гунҷишк ҳам аз гуноҳони кабираву нобахшиданӣ маҳсуб мешавад. Ҳама мавҷуду махлуқ дар синаи ин дунё ҳаққи зист доранд, ки Худованд ба онҳо бахшидааст ва маҳрум сохтани онҳо аз ин ҳақ ҳам марбут ба иродаи Худост.

Ин ҳайвони даҳонбастаро, ки дур аз инсонҳо дар ин пастхамӣ паногоҳе барои худу наслаш бунёд кардааст, бо зӯри дуд аз ҷойи гармаш ба берун кашидӣ. Фаҳмида бош, ки дар паҳнои ҳастӣ ҳеҷ амале чи неку чи бад бе посуху бе асар намемонад. Огоҳ бош! Рӯзе фаро мерасад, ки туро аз хонаат бо оташ берун хоҳанд кард.

– Эҳ, акаи Фаромурз, як гапҳое мегӯӣ, ки? Дунё чаппа нашудааст-ку? Як ҳайвони музир будааст, одам нест-ку, - ранҷидатабъ гуфт Шариф.

– Ту бачаи хубе ҳастӣ, – гуфт Фаромурз. Аз ман озурда нашав, вале ту иштибоҳ мекунӣ. Дар домани табиат ҳеҷ шаъю офаридае музиру зиёдатӣ нест. Идомати ҳастӣ пайваста ба вуҷуди онҳост. Ҳар якеро нақшу рисолатест. Дар дунёи худ зиндагӣ мекунанд ва идомату давоми ҳастии дигаронро сабаб мегарданд. Аз дунёбано ҳама чиз ҳисобшуда аст. Чизе аз ин дафтар берун намондааст. Болои ин мову ту инсон ҳастем. Инсон бояд аз ҳайвон фарқ дошта бошад. Барои ҳамин инсонаш номидаанд. Офаридгор ба мо неъмати бузургеро бо номи хирад ато намудааст. То бо раҳнамоии он ҳамдӯшу ҳампо бо тамоми мавҷудоти дигар зиндагӣ кунем. Барои бақои ҳастии хеш аз ҳастии онҳо баҳра бигирем, на ин ки бикушему бидарему биканем…

Равшан набуд, ки Шариф ба умқу моҳияти гуфтаҳои Фаромурз расида буд, ё на, вале Фаромурз аз ин бештар сухан

гуфтанро салоҳ надонист. Даҳони халтаро ба сӯи лона гардонд ва рӯбоҳро раҳо намуд. Рӯбоҳ филҳол худро ба даруни лона зад, вале лаҳзае нагузашта пас гашт. Ғаризаи модариаш ба кор афтода буд. Мехост бачаҳояшро раҳо созад. Фаромурз рӯбоҳбачаҳои навзодро ба даҳани лона тела медод ва рӯбоҳ аз гӯшашон газ мегирифт ва ба дарун кашола мекард. Шариф чун саъю талоши хешро барбодрафта дид, досашро гирифта ба кунҷе нишаст. Дигарон низ хомӯш ба кори худ машғул шуданд. Танҳо Фаромурз оҳи сабуке кашид. Аз кори худ эҳсоси ризоят мекард. Гумроҳеро аз роҳи бад бозгардонида буд. Нимнигоҳе ба сӯи Шариф намуд. Малулу сархам ғарқи андеша буд. Ин саҳна Фаромурзро низ озурда намуд. Бехабарӣ, бемаърифатии насли тозанафас ӯро дилхун менамуд. Охир, ба ин сайёди рӯбоҳкуш чӣ гуна бифаҳмонад, ки имрӯз банӣ Одам ба чи мушкилоте рӯ ба рӯ аст? Замон нисбат ба табиату мавҷудоти он муносибати дигарро тақозо мекунад. Гурӯҳе аз ҳайвоноти ваҳшӣ рӯ ба нестӣ овардаанд ва гунаҳкори асоси дар нобудии онҳо шикори беамону ваҳшиёнаи инсон аст. Ӯ рӯбоҳро куштанист, бехабар аз он ки дар ин деҳаи дурдаст низ барои ин амалаш ба додгоҳ кашида мешавад. Оҳ, агар ӯ медонист… Аз сӯи дигар аз куҷо бидонад, ки аз сарчашмаи шинохту маърифати олам мактаб баҳра набурдааст. Мактабе, ки рӯз ба рӯз ба мушкилоташ афзун мешавад. Муаллимонаш таркаш мекунанд ва дар ҷустуҷӯи ризқу рӯзӣ ҷалои ватан мекунанд.

Охирин зарраҳои маърифату дониш аз ин сарзамин рахт бармебандад ва дар осмони кишвар абри зулмату нодонӣ, ақибафтодагӣ соя меафканад…

Фаромурз ба Фаршед фармуд, то барои ношто зери тӯти хасӣ дастархон андозад ва худ оҳиста-оҳиста ба қаъри дара, ба сӯи чашма поин рафт. Дилаш мехост бо оби чашма дасту рӯй шӯяд. Ҳарчанд аз замони дамидани субҳ вақти зиёде нагузашта буд, ҳаво бо шиддат гарм мешуд. Заминҳои даравшуда бар асари гармои имсол саропо сӯхтаву суп сурх шуда

буданд. Гармселе мевазид ва бӯи ғализу занандаи мастакиро ба машом меовард. Дар воқеъ танҳо буттаҳои ҷонсахти мастакӣ буданд, ки ҷо-ҷо сарсабз истода буданд. Фаромурз бо ин рустанӣ аз кӯдакӣ ошно буд. Медонист, ки маъмулан чорпоён ба иллати бадбӯй буданаш онро намехӯрданд. Каҳдаравҳо низ ба ин бутта кордор намешуданд. Фаромурзро ба хотир омад, ки дар айёми кӯдакӣ зимистонҳо вақте бо модараш барои каҳ кардани гову гӯсфандон ба оғилхона мерафт, модар аз миёни каҳдарзаҳо қабзаҳои мастакиҳоро ҷудо менамуд. Баъдҳо як марде аз шаҳр меомад ва онҳоро бо худ мебурд. Мегуфтанд, табиб аст ва аз ин алафи худодод дорӯ месозад. Дар бораи хосияти шифобахши ин рустанӣ солҳои пеш дар маҷаллае мақолае ҳам хонда буд. Фаромурз дар он навишта шак надошт, вале як чиз ӯро мутааҷҷиб месохт, ки чаро ин бутта маҳз миёни алафҳо мерӯяд. Вале нисбат ба онҳо хеле сахтҷону тобовар аст. Дигар алафҳо бо гузашти замон аз шуои хуршед сӯхта зард мешаванд, вале мастакӣ сарсабз боқӣ мемонад. Магар рӯиши он миёни онҳо тасодуфист, ё пайванди табиие миёни ҳастии онҳо мавҷуд аст? Посухи дақиқу боварбахше ба зеҳнаш намерасид. Вале итминон дошт, ки дар ин дарёи ҳамешахурӯшони ҳастӣ ҳамеша ҳамдӯши якдигар дар талошу такопӯянд ҳамдигарро, комил месозанд, нерӯю тавони зист медиҳанд.

Побанди ин афкори сардаргум худро назди чашма дид. Пеши чашма сари по нишаст. Дар синаи чашма нахуст инъикоси чеҳраи хешро дид. Марде бо мӯйҳои жӯлида ва риши давида ба ӯ менигарист. Ожангҳои зери чашм ва тарҳи рухсораш гувоҳ буд, ки хеле хаставу коркӯфтааст.

Андӯҳи амиқе қалбашро фишурд. Охир, ин хастагиву кӯфтагии имрӯзу дирӯз набуд. Солҳои зиёдест, ки тобистони ӯ дар ҳамин дараву кӯҳу пушта мегузарад. Гову мол, каҳу беда, гандуму ҷав, ҳезумворӣ, аҷзои зиндагии ӯянд. Аслан деҳро бе вуҷуди онҳо намешавад тасаввур намуд.

Фаромурз замоне ки ба таги тути хасӣ расид, дастархон омода буд. Гардсӯз-хӯроки маъмулии саҳаргоҳӣ дар дег меҷӯшид. Ӯ ҳамроҳонашро садо кард, то бо ҳам ношто кунанд. Ҳамроҳон низ мисли ин ки гӯш ба қимор буданд, ба зӯдӣ даври ҳам омаданд. Ҳатто Ҳушёр саги гӯшудумбуридаи Фаршед бо ҳамон ғаризаи зотӣ аз пӯшти хайма бархост ва ба каҳдаравҳо наздик шуд. Дар фосилаи се метр дуртар аз мардум ба замин дароз кашид. Сарашро миёни пойҳои пешаш гузошт ва мунтазирона ба сӯи мардуми сари дастархон чашм дӯхт. Ҳушёр тӯли ҳаёти сагонаи худ одат карда буд, ки муддатҳо интизор мемонд, то соҳибони хона аз хӯрдан фориғ гарданд, дастархон ғундоранд ва он гоҳ нонреза ва пасмондаҳои хӯрокро ба косаи ӯ резанд. Гоҳе интизорӣ беш аз ҳад мегузашт.



Гуруснагӣ ҷонашро ба сӯзиш меовард. Вале ҳаргиз аз худ аломати норозогӣ ё ранҷиш нишон намедод. Бо додаву нододаҳо қаноат мекард. Ба атру бӯи хонаи Фаромурз хӯ гирифта буд. Аз бозе, ки чашм боз намуд, худро ҳамшафати ҳезумхона, зери пориса дид. Дар ин хона ҳама ӯро дӯст медоштанд, вале Фаромурз беш аз дигарон ба вай меҳрубонӣ мекард. Сарашро сила мекард. Гӯшҳояшро молиш медод. Ҳушёр гуфта, садо мекард. Ҳушёр тамоми рӯзро зери пориса мегузаронд. Танҳо шабҳо дар ҳавлӣ давр мезад. Постгоҳҳои худро хуб медонист. Аз дарвоза шурӯъ мекард. Аз назди оғилхона, ҳели молҳо мегузашт. Сипас марзи хатарнок, шиғе, ки ҳавлии Фаромурзро аз ҳавлии ҳамсоя ҷудо мекард, оғоз мегардид. Зеро шиғ сурохҳои зиёде дошт ва эҳтимоли вуруди ҳар ҷонваре зиёд буд. Вале Ҳушёр ба ҳеҷ ҷонзоде имкони вуруд намедод. Гоҳо шабҳо Фаромурз аз хона рӯи ҳавлӣ мебаромад. Ҳушёр бо як хез задан худро назди ӯ мегирифт. Пеши пойҳояш меафтод. Дум меликонд ва кафшҳояшро мебӯид Гуворотарин лаҳзаҳои зиндагии Ҳушёр маҳз ҳамин шабҳои бархӯрдаш бо Фаромурз буданд, зеро Ҳушёр медонист, ки ин ҳама меҳрубонию хидматгузории ӯ бепосух намемонад. Фаромурз ҳам як пора нон, гӯшт ё ширинию ба вай медиҳад. Инак дар даври дастархони каҳдаравҳо тамоми ҳӯшу ёдаш ба сӯи Фаромурз буд. Медонист, ки ғамгусору муттакои ягонааш маҳз Фаромурз аст. Ҳама машғули субҳона хӯрдан буданд, вале ин дафъа гӯё ҳама гунгу кар буданд. Ҳеҷ кас ба вай таваҷҷуҳе наменамуд, ҳатто Фаромурз ҳам. Фаромурз косаи чинӣ дар даст гӯё ношто мекард, вале дар асл тамоми зеҳнаш машғули номаи Мария буд, ки ӯро мутаассиру хаёлӣ намуда буд. Пайт мепоид, то ҳар чӣ зудтар аз ҳузури ҳамроҳон ҷудо шуда, худро ба зери хайма расонад ва давоми номаро бихонад.

Ҳушёр иштибоҳ накарда буд. Дар аснои сарфи субҳона ногаҳон чашми Фаромурз ба ӯ афтод. Саросема аз ҷой бархосту пасмондаи хӯрокашро пеши саги чашминтизор чаппа

кард. Косаи чиниро ба Фаршед дароз намуд ва шитобон худро ба хайма расонд. Саҳифаҳои охирини номаро ба даст гирифт. Мария дар идомаи нома нигошта буд:

«Фаромурзи азизам! Субҳ, ки бархостам, эҳсоси гуворое вуҷудамро фаро гирифта буд. Чеҳраи гадозани раҳнишин пеши назарам ҷилвагар шуд, дигар ҷои ақибгард набуд. Тасмимамро гирифтам, дасту рӯямро шустам, худро мураттаб сохта, ба калисо рафтам. Ибодат кардам ва ба ёди падару модарам шамъ гузоштам. Нахустин бор ба мардуме, ки барои ибодат дар калисо ҳузур доштанд, таваҷҷуҳ намудам. Ҳар яке побанду маҷзуби дунёи худ буд, дунёе, ки поку муназзаҳ аз ҳама зиштиву олудагиҳост…

Ниҳоди инсонии ба як шустагаре ниёзмандаст, то онро аз дурӯғу фиреб, кибру ғурур, дилбастагиҳои дунёӣ поку тамиз намояд. Ман калисоро чунин маконе дарёфта будам. Дар ин ҷо мардум қалбҳои хешро аз гарду ғубор ва кудуратҳои зиндагӣ, нифоқу душманӣ бухлу ҳасодат пок месозанд. Фазои ин макони муқаддас ғайриихтиёрӣ инсонро маҷбур месозад, ки масири тайнамудаи хешро барандоз намояд. Перомуни моҳияти ҳастии хеш андеша кунад. Ба рисолати инсонии худ пай барад. Ин ҷо ба умқи ин нукта мерасанд, ки дар домани ҳастӣ ҳама баробару ҳамсонанд. Касе пурзӯртару пурқувватар аз каси дигар нест. Ҳама дасти илтимосу дуо бардоштаанд ва чашми умеду ниёз ба сӯи Худо доранд…

Аз калисо, ки берун омадам, гумон мекардам, тамоми вуҷуди маро таконда буданд. Аз бори ғаму андӯҳ, гирифториҳои рӯзгор, хаёлоти бимноки сардаргум раҳо шуда будам. Худро сабуку бардам ҳис мекардам, дилам мехост, парвозӣ шавам, худро ба он гадозани раҳнишин бирасонам, аз дасташ бибӯсам. Ӯ дигар вориди зиндагии ман шуда буд. Як ҷузъи зиндагии ман гашта буд. Масруфи ин андешаҳо занги телефони ҳамроҳам баланд шуд. Садои ошнои Шаҳнозаи ман буд:

– Модарҷон, салом! Ман баргаштам. Баъди як соат ба шаҳр мерасам. Вале ман танҳо нестам. Мо ду нафарем. Меҳмон хоҳӣ дошт. Маро истиқбол мекунӣ ё не?

Худоё, ӯ аз куҷо медонист, ки садои ҷонбахши ӯ чи инқилобе дар вуҷуди ҳиҷронкашидаи ман барпо намуд. Зеҳнам чароғонӣ шуда буд. Дар қафаси сина қалбам аз шодию фараҳ мечархиду мерақсид. Лабонам пир-пир мепариданд. Моил ба гиря будам, гиряи раҳобахшу раҳогари ништангез. Аҷобатро бубинед, ки боз ин моҳрухсори зарринмӯи ман мепурсид, ки ӯву меҳмонашро истиқбол мекунам, ё не. Ин суоле буд, ки маро ғофилгир карда буд. Ман наметавонистам дар он лаҳза ҳама эҳсосотамро ба ӯ баён кунам. Бигӯям, ки ман ин бозгаштро ҳар рӯз интизор будам. Тӯли ин муддат ман масири тайшудаи зиндагиамро аз нав барандоз кардам. Зиндагиро аз нав зистам. Як меҳмон чи ки ҳазор меҳмонатро омодаам истиқбол гираму пазирой кунам…

Фаромурзи азизам! Худ ту медонӣ, ки ҳастии башарӣ моломоли саволу ҷавоб аст. Маҷмӯи ин пурсишҳост, ки инсонро таҳарруку ҷунбиш мебахшад. Зеҳни ӯро барои дарёфти посух, чорасозиву рафъи мушкил водор месозад.

Аммо, ростӣ, он лаҳза суоли Шаҳноза маро ба тааммулу андеша водор сохта буд. Лаҳни бархӯрду пурсиши ӯ эҳтирому самимият дошт. Аз фарҳангу тарбияти ӯ хабар медод. Ман Шаҳнозаамро танҳо ба воя расонда будам ва шукри Худованд мегуфтам, ки каму костие дар хислату тарбияти ӯ дида намешуд.

Фаромурзи азизам! Медонӣ, фурсат хеле кам монда буд. Бояд худро ба истгоҳи марказии қаторҳо мерасондам. Савори таксӣ шудам. Роҳ ба роҳ чунин андешае дар зеҳнам мавҷ мезад, ки гӯё ту бо Шаҳноза боз мегардӣ? Медонистам, ки орзуи шуданӣ нест, вале аз Худо мехостам, ки чунин бошад…

Ҳамин ки дар истгоҳи марказӣ аз таксӣ фуромадам, қаторе, ки Шаҳнозаи ман савори он буд, сар расид. Сару са-

дои мусофирону пешвозгирон якҷо бо ҳуштакзании қаторахо фазои истгоҳро пур карда буд. Дар тасаввури ман дар ин гӯшаи шаҳр ҳама мардум музтарибу ошуфтаву нигарон, ҳама саросемаву шитобзада буданд. Гӯё бори сангини тамоми мушкилоти ҷаҳонӣ бар рӯи шонаи онҳо буд. Шиддати ин изтиробу ташвиш ҳатто дар зеҳну равони кӯдакону хурдсолон, ки падару модари худро дар мусофиратҳо ҳамроҳӣ менамуданд таъсир карда буд. Дастҳои кӯчаки худ ба дасти падару модар дода буданд, вале ҳаросон ба чаҳорсӯ нигоҳ мекарданд. Гурӯҳе бо дили нохоҳам бо чашмони гиряолуд дунболи волидайн мерафтанд. Гурӯҳи дигар гирякунон сари по нишаста зӯр мезаданд, то худро аз панҷаи падарон ҷудо созанд. Истгоҳ аз ин манзараҳо зиёд дошт, вале касеро ба ин эътинову таваҷҷуҳе набуд. Шояд аз бунёд сиришту тору пуди маконҳое шабеҳи истгоҳ аз чунин хусусияту нишонаҳо шакл гирифтаву истеҳком пайдо намудааст. Ё шояд истгоҳ мазоҳири дигаре ҳам дошт, ки чашми ман ба онҳо нарасида буд…

Масруфи ин афкор ба қаторахо наздик шудам. Мусофирон як-як бо бору буни хеш аз вагонҳо хориҷ мешуданд. Ниҳоят аз вагони бистум Шаҳнозаи ман берун омад. Ман ҳама чизро фаромӯш карда будам. Канораш гирифтам, ӯро мебӯсидаму мебӯйидам ва ҳарфе наметавонистам гуфт. Дил намехост раҳояш кунам. Бим доштам, ки ин лаҳзаи ширини дидор фурӯ резад ва боз фироқ оғоз гардад. Ҳолу ҳавои равонии ман Шаҳнозаро мутаассир сохта буд. Дар ҳоле, ки буғз гулӯяшро гирифта буд бо тамоми нерӯ саъй менамуд, ки маро орому таскин бахшад. Бо дастони нозукаш сару рӯямро сила менамуд. Аз рухсораҳоям мебӯсид ва мегуфт:

– Модарҷон, ором бош. Ман ки баргаштам, пеши туям. Дигар гиря барои чӣ? Ману ту агар гиря кунем, меҳмонамон чӣ фикр мекунанд. Биё, беҳтараш меҳмонро бароят шинос кунам.

Меҳмон гуфтани Шаҳноза маро ба худ овард. Аз шиддати

ҳаяҷон ман аз ӯ фаромӯш карда будам. Охир, Шаҳнозаи ман телефонӣ ба ман хабар дода буд, ки танҳо нест. Худро ҷамъу ҷур карда ба қафо нигаристам. Ҷавони болобаланди сабзинарӯ ва шонапаҳне дар муқобилам истода буд. Лабонаш моил ба табассум буданд.

Ҳарчанд аз аслу насабу киву куҷоӣ буданаш ҳеҷ иттилое надоштам, вале дилам гувоҳӣ медод, ки ҷавони муаддабу бопадар аст. Аслан тарбияти хуб, хулқу хӯи нек пинҳон намемонад. Тухми ин гул чун ба вуҷуди фарде корида шуд, ҷавона мезанаду атру бӯ медиҳад.

– Исми ин ҷавон Ҷамшед аст, модарҷон,-гуфт Шаҳноза. Аз ҳамшаҳриҳои падарам. Барои кор ба ватани мо омадааст. Ман бо ӯ дар намоишгоҳ шинос шудам.

Фаромурзи азизам! Ман инро дар тӯли умри хеш таҷриба кардаам ва муътақидам, ки дар зиндагӣ саҳнаҳову ҳолатҳое ҳаст, ки васфу тарсимаш, розашро намешавад ба ҳар кас гуфт. Барои ин муттакову розшунаве лозим аст. Ин ниёзмандӣ дар конуни хонаводагӣ бештар эҳсос мешавад. Ин конуни муқаддас дар аснои сабзишу камоли худ дучори мушкилоте мегардад, ки дар атрофи онҳо ба ҷуз шавҳар ба касе наметавон розу ниёз кард…

Хабари Шаҳноза дар бораи ҷавонмарди ҳамшаҳрии ту маро бо чунин вазъе гирифтор карда буд. Тасаввурашро мекунӣ ё на. Хабари ӯ ба гунае ногаҳонӣ ва ғайриинтизор буд, ки ғофилгир шуда будам. Ҳазор фикру хаёл аз дилам мегузашт. Ҳамшаҳрии ту будани ҷавон маро шод намуда буд. Эҳсос мекардам, ки шарорае аз умед дар дилам шуъла мекашад.

Вале аз ҷониби дигар бим доштам, ки Худо накарда он ҷавон шинос ё хешованди ту бошад ва дар бораи ту ба Шаҳнозаи ман чизе ҳикоят карда бошад. Ман аз ифшо шудани дурӯғи худ дар бораи беному нишон гаштани ту дар Афғонистон метарсидам. Ин иштибоҳи бузурги ман дар зиндагӣ буд. Аз Худо мехостам, замоне фурсати муносиб

фаро бирасад, то ин иштибоҳро ислоҳ кунам. Ҳаққи худ медонистам, ки воқеиятро барои Шаҳноза ошкор созам ва бори сангини ин гуноҳи ҷавониро аз дӯшам канор бигзорам.

Лолу ҳайратзада ба ҷавон менигаристам. Пеши рӯям симои ту бо ҳамон либоси низомӣ ҷилвагар мешуд. Ман туро дар либоси дигаре надида будам. Замоне ки мушкиле пеш меомад, шабҳо хаёлан бо ту суҳбат мекардам. Бо ҳамон либоси низомӣ меомадӣ. Канорам менишастӣ ва боз хоб буд, ки моро аз ҳам ҷудо мекард…

Мефаҳмидам, ки гуфтугӯ бо ин ҷавон тӯлонӣ хоҳад шуд. Раҳравон фикр доштам, ки суҳбатро аз куҷо шурӯъ кунам. Ҳарчанд равшан буд, ки манзури ин ҷавон Шаҳнозаи ман аст, вале як гӯшаи дилам мехост дақиқ бидонад, ки ин ҷавонмарди хубрӯю некӯхисолро чӣ ниёзе аз дили Осиё ба сарзамини мо кашондааст. Магар ошноии ӯ бо Шаҳноза амри тасодуф аст, ё гардиши чархи сарнавишт аст, ки онҳоро бо ҳам рӯ ба рӯ сохтааст?

Маҷзуби суолҳои паёпайи бепосух ба манзил расиданамро пай набурдам. Боз ҳам садои Шаҳноза буд, ки аз олами хаёл берунам кашид.

– Модарҷон, расидем.

Лаҳзае ба худ омадам. Ман солҳо буд ба садои ӯ хӯ гирифта будам. Овозаш ҳамеша рӯҳамро менавохт, ба дилам менишаст. Қалбамро пурпури умеду орзу мекард, шодию нишот, оромишу эминӣ мебахшид. Чаҳордевори хонаи мо аз ин садо пур буд. Сояи ин садо, ки бешак ҳадяи илоҳӣ буд, маро аз гармои сӯзони зиндагӣ эмин нигоҳ медошт. Бо оби зулоли он гарди ғаму кудуратҳои ногаҳонӣ аз рухсор мешустам.

Инак, андешае ҳушдорам медод, ки:

– Мариябону, хештандор бош ва ин воқеиятро бипазир. Рисолати ин садо дар ин хона ба поён расидааст. Бо ризояту хушқалбӣ ӯро бояд рухсат кунӣ, то зиндагии хешро бисозад. Гӯшаи дигареро дар синаи ин замини худовандӣ обод кунад.

Ин қонуну идомати ҳастист, ки онро бояд ба ҷону дил пазиро шавӣ.

Ба хона ворид шудем. Бо ҳузури Шаҳноза хона руҳу равони тоза пайдо намуда буд. Аз дару девораш гул мерехт.

Шаҳноза бо ҳамон бодаступоие, ки хоси ӯ буд, фаврӣ дастархон густард ва ману меҳмонро сари дастархон даъват намуд. То ин ки ман лаб ба сухан боз кунам, ҷавон пешдастӣ намуд ва инони суҳбатро ба дасти худ гирифт:

– Модар, ҳаққи Шумост, ки бояд шахсияту мақсади омадани меҳмони хешро бидонед. Гумон мекунам аз ин, ки Шуморо модар хитоб мекунам, намеранҷед. Тaври дигар ҳам наметавонам бархӯрд кунам, зеро саргузаште, ки перомуни шумо аз Шаҳноза шунидааам, ниҳоят ибратомӯз аст…

Ман дар тахмини худ хато накарда будам. Маро модар хитоб намуданаш гувоҳ бар он буд, ки аз хонаводаи асил аст. Мехостам ба вай бигӯям, ки шунидани ин калима ҳаргиз мояи ранҷиш наметавонад бошад. Ман аз он рӯҳу равони тоза мегирам, лаззат мебарам. Модар будан ифтихори бузургест, ки на ҳама ба умқи маънии он мерасанд, вале боз ба сухан омад ва афкори дар зеҳн шаклу сурат додаи маро банд кард…

– Ростӣ, намедонам, дар бораи худам чӣ бигӯям. Дар тӯли зиндагӣ кори шоистае накардаам, ки қобили васфу гуфтан бошад. Китоби рӯзгори ман саҳифаи дурахшоне ҳам надорад. Як марди деҳотиам. Дар яке аз дурдастарин деҳоти Осиё зода шудаам. Дар деҳа мактаб хондаву дар шаҳр бахши забону адабиёти русро дар донишкада ба поён расондаам. Баъди хатми донишкада дар деҳа ду сол муаллимӣ кардам, аммо …

Ҷамшед, ки бо чеҳраи хандону табъи хуш ба ҳикоят оғоз карда буд, ногаҳон лаб фурӯ баст. Оҳи амиқе кашид. Ҳолу ҳавои ғамангезе бар ӯ чира шуда буд. Баъд аз лаҳзае нафас рост карду давом намуд:

– Бо қалбе саршор аз умеду орзу муаллимиро пеша намудам. Вале воқеияти зиндагӣ ҳама нақшаҳоро бар бод дод. Бо

маоше, ки бар ивази заҳмати муаллимӣ мегирифтам, пеш бурдани зиндагӣ имконнопазир буд. Гумон мекунам, ки миёни кишварҳои собиқ Шӯравӣ – бародарони пешин, аз ҳама сарзамини балокашидаву ранҷдида-сарзамини ман маҳсуб мешавад. Кишваре бо иқтисоди нозилу ақибафтода, корхонаву коргоҳҳои аз кор монда, вазъи бади иқтисодӣ. Фақру нодорӣ дар ин солҳо мардумро маҷбур месозад, ки ба хотири дарёфти қути лоямут ба кишварҳои дигар мусофират намоянд. Шумо худ шоҳид ҳастед, ки чи қадар аз ҳамватанони ман дар шаҳрҳои мухталифи Русия дар ҷустуҷӯи ризқу рӯзӣ овараву саргардонанд. Ман низ бо ҳамин манзур чанд моҳ пеш озими Русия шудам. Мехостам сармояе ҷамъ карда, хонадор шавам. Падарам намехост муаллимиро раҳо созам. Муйсафед бар ин андеша буд, ки ҳама агар ба Русия бираванд, кӣ фикри марзу буми моро мекунад? Ба фарзандони мардум кӣ хату савод меомӯзад? Дарду ранҷи рӯҳии ӯро ҳис мекардам. Мушкилоти рӯзафзуни деҳот, хору залил гаштани мактабу маориф, камбуди муаллимон дар мактабҳо азобаш медод, аммо чораи дигар набуд. Бо модар ният доштанд, ки маро хонадор кунанд, дар ҳоле ки дар каф як пули пучак ҳам надоштанд, намехостам аз касе қарз бигиранд ва як умр муҳтоҷу сарафаканда бошанд.

Қисса кӯтоҳ ба сад гуна бурҳону далел ризояташонро барои мусофират гирифтам. Вале аз куҷо медонистам, ки муаллимӣ даст аз домани ман намебардорад. Ҳамин ки ба ин ҷо расидам, чанде аз ҳамшаҳриҳоям маҷбурам карданд, ки барои онҳо дарсҳои омӯзиши русӣ ташкил кунам. Аксари онҳо мушкили забонӣ доштанд. Тӯли иқомати хеш бо чашмони худ дидам, ки ин мушкил, то чӣ ҳадду андозае барои пешрафту камол мониа эҷод мекунад…

Дар ин сарзамин дар аксари ҷойҳо инсонвор ба ту ҳарф намезананд, зеро забони онҳоро намедонӣ, ҳуқуқатро поймол мекунанд, чун қодир нестӣ бо забони онҳо аз хеш ҳимоят кунӣ. Таҳқират мекунанд, зеро дар муқобили эшон гунгу

забонбастаӣ. Чӣ ҳам мешавад кард, ки кишвари шумо аз ин мазоҳир зиёд дорад. Касе нест, ки ба ин корфармоёни торикдил бигӯяд, ки шумо ҳам аз мо бартарӣ надоред. Ба ҷуз аз хирвори таҳқиру дашном, ки бо забони модарии хеш сари дигарон фурӯ мерезед, аз забону фарҳанги дигарон хабар надоред…

Ҷамшед боз сар ба сукут шуд. Пардае аз ғаму андӯҳ бар чеҳрааш соя афканда буд. Ман хуб дарк мекардам, ки дидани ин саҳнаҳои нохушоянд барояш ниҳоят дарднок аст.

Ӯ дуруст қазоват мекард. Дар сарзамини мо муддати тӯлонист, ки шеваи бархӯрду муносибат бо муҳоҷирони меҳнатӣ тағйир ёфта буд. Худи ман низ борҳо шоҳиди манзараҳое будам, ки Ҷамшед бо сӯзу гудоз дар бораашон ҳарф мезад. Ба ёди солҳои пешин афтодам. Замоне ки Шӯравӣ ватани ягона буд. Миёни мардум самимияту дӯстдорӣ, одамият буд. Ба ҳар куҷо, ки мерафтӣ, гӯё дар хонаи худ будӣ. Дар ниҳоди инсонҳо эҳсоси умумии ватандорӣ шакл гирифтаву камол ёфта буд. Афсӯс, ин эҳсоси наҷиб низ бо мурури замон фурӯ рехту аз байн рафт. Рӯҳу равони мардум дигар шуд. Шояд иллаташ таҳаввули низоми кишварҳо буд, ки ҷомеаро ба табақаҳо тақсим намуд. Ин табақабандӣ муносибати миёни инсонҳоро низ комилан дигаргун сохта буд…

Мавзӯи дардноку пурсишзое дар фазои суҳбати мо соя афканда буд. Ҷамшед ҳамоно хомӯш буд. Сукути ӯ маро бар ин андешае вомедошт, ки гӯё аз ман шарҳу баёни воқеияти рӯзгори кунуниро мехоста бошад. Дилам мехост ба ҳар шевае, ки бошад, ӯро таскин бахшам. Гарди ғаму нороҳатӣ аз рӯҳу равонаш бардорам. Вале оғози калом мушкил буд. Зеҳнам вориди дунёи торику мубҳаме гардида буд. Ҳаргиз ба таври ҷиддӣ дар атрофи ин мавзӯъ андеша накарда будам. Медонистам, ки бисёре аз арзишҳои хуби пешинаро аз даст додаем. Муносиботи сармоядорӣ дар ҷомеаи мо соя афкандааст. Муносиботе, ки оҳиста – оҳиста аз ниҳоди мардум раҳму шавқат, меҳру дӯстдориро, пайвандҳои хонаводагиро

чун дузд мерабояд. Миёни мардум бетафовутию лоқайдӣ эҷод мекунад. Шиори хуби «ҳама барои як кас, як кас барои ҳама»-ро вожгун месозад. Дигар ҳар кас барои худ зиндагӣ мекунад. Ин афкор дар зеҳнам рух мекашид, вале бим доштам, ба меҳмон иброз дорам. Тасаввур мекардам, ки ӯ писари хондаву бохабарест ва зикри ин хулосаҳои сода барояш муносиб нест.

– Хайр, боке нест, дунё ба як қарору сукун намемонад. Рӯзе хуршеду гармои дигар фаро хоҳад расид – гуфт,- Ҷамшед ва хомӯшии суҳбатро шикаст.

Ман ки мунтазири гурез аз ин мавзӯи суҳбат будам, фурсатро муносиб донистам ва гуфтам:

– Ман ҳам бар ҳамин боварам. Гузашти замон ҳама чизро сари ҷояш мегузорад. Масалан дар ҳеҷ гӯшаи хаёли мо набуд, ки рӯзе намоиши ҳунари Шаҳнозаи ман дар қалби кишвар баргузор мегардад.

Аз шунидани ин сухан вазъи Ҷамшед дигаргун шуд. Чеҳрааш шукуфта боз ба сухан омад:

– Модар! Ин намоиш бемуҳобот дар зиндагии шахсии ман саҳифаи тозаеро боз намуд. Маҳз ба баракати он ману Шаҳноза якдигарро пайдо намудем.

Ростӣ, оғози роҳёбӣ ба ин намоиш аҷоиб буд. Як рӯз шомгоҳӣ чанд нафар аз ҳамватанон, ки дар канори шаҳр дар як хонаи танг иҷорашин будем, гирди ҳам ҷамъ омада будем. Дар ин манзил ягона мояи шодию хушнудии мо телевизиони қадимии соҳибхона буд, ки онро дар ихтиёрамон гузошта буд.

Аслан, мардикор мардумро ба ҳеҷ чизи дунёӣ сару коре нест. Шомгоҳ бо тани коркӯфтаву афгору хаста аз кор, ки бармегардад, дар фикри он аст, ки ҳар чи зудтар як тикка нон бихӯрад ва худро ба домани хоб занад, то шалпарию мондагиаш дарравад. Ҳушу ёди ӯ ҳамеша побанду асири ду ришта аст. Мисли ин ки тору пӯди дунёи мардикорӣ, ҷаҳони ғурбат аз бунёд чунин сохтаву сиришта шуда. Дар ҷойгаҳи

хоб аст, вале дар андешаи ин ки фардо кораш чӣ гуна сурат мегирад. Корфармо бо ӯ чӣ бархӯрде хоҳад дошт. Накунад, ки ба ҷои ӯ каси дигарро ба кор бигирад?!

Аз сӯи дигар дар як гӯшаи дилаш ёди зану фарзанд, падару модари мунтазири фарсангҳо дур ғамбодаашро ба ҷунбиш меорад. Ман аз ин манзараҳо тӯли иқомат дар сарзамини шумо бисёр дидаам. Оҳ, чӣ қадар сахту дардангез аст дидани саҳнаҳои зиндагии мардуми ғурбатнишин.Таъми ин шарбатро касе мефаҳмад,ки ҷуръае аз ҷомаш нӯшида бошад…

– Бубахшед, модар! Ман аз телевизиони қадимии соҳибхона ёд кардаму мавзӯи суҳбатро фаромӯш кардам. Қисса кӯтоҳ, он пагоҳ телевизионро, ки даргирондам, шуъбаи огаҳирасонии он перомуни таърихи баргузории намоиши наққошиҳои рассоми ҷавон Шаҳнозаи Фаромурз хабар медод. Домани шаҳрҳои бузург барои баргузории чунин корҳо боз аст. Агар шаҳр чунин мазоҳире надошт, шаҳр набуд. Вуҷуди як ҳунарманд доим пур аз ниёзмандиҳои отифист. Ҳамин ниёзмандиҳо ҳастанд, ки зеҳни ӯро таҳарруку пӯёӣ мебахшанд ва ба он қудрати офаринишу зояндагӣ ато мекунанд. Гирдоби ин ниёз ҳунармандро ба таври рӯзафзун дар печу хами хеш фурӯ мебарад, то ин ки асари ҳунарӣ зоида мешавад. Ҳунарманд мардум аз пеш медонад, ки офаридаи ӯ дигар танҳо мутааллиқ ба вай нест. Моли муштарак аст. Шабеҳи вай бояд дигарон низ зоидаи зеҳну ҳунарашро бибинанду лаззат бибаранд.

Маъмулан аз қадимулайём барои намоиши дастранҷҳои ҳунармандон, осори ҳунарию адабӣ, шаҳрҳоро интихоб намудаанд.

Огаҳӣ пиромуни намоиш ҷойи тааҷҷубу шигифтӣ надошт. Танҳо номи наққош Шаҳноза таваҷҷӯҳи манро ба худ ҷалб намуда буд. Ҳарчанд ҳеҷ рассомеро ба ин ном дар ватанам суроғ надоштам, вале гумон мекардам, ки ҳамватани ман аст. Гӯши ман ба ин номи дилчаспу кашанда аз хурдӣ одат карда буд. Бас қиссаҳову достонҳои марғуб хонда будам, ки

саҳафоти онҳоро шукӯҳу фарри ин ном музайян месохт.

Қисса кӯтоҳ, рӯзи аввали намоиш бо ҳамроҳонам беҳтарин либосҳоямонро ба бар кардем ва ба намоиш рафтем. Вуруд ба намоиш озод буд. Мурочиин зиёд буданд. Назди дар ду милиса истода буданд. Тамошобинон бемамониат вориди толор мешуданд. Вале ҷои тааҷҷуб аст, ҳамин ки мо ба даромадгоҳ наздик омадем, моро манъ карданд ва шиноснома талаб карданд, аз шуғлу ҷои кор пурсиданд. Аз лаҳни сухан гуфтану тарзи бархӯрдашон ҳувайдо буд, ки аз ҳузури мо хуш нестанд. Оқибат яке аз онҳо бо садои омирона таъкид кард:

– Ин ҷо ҷойи шумо нест. Равед, машғули кори худ шавед!

Аз ин намоиш умеди зиёд доштам. Қалбам саршори зебоӣ, орзуву умед буд. Ҳамхонаҳоямро бо худ гирифта будам. Ба онҳо гуфта будам, ки соҳиби намоиш шояд ҳамшаҳрии мост. Аслан дар ғурбат дидор бо як ҳамватан ё нишоне аз зодубум рухдоди бузург аст. Фазои ғурбату мусофират чунин сиришта шуда, ки инсонҳоро бештар ба ҳам наздик мекунад. Ду ҳамватанро,ки шояд дар ватани аслӣ ҳаргиз якдигарро надидаву намешинохтаанд, ба ҳам дӯсту бародар месозад. Бо чунин эҳсосу шӯру шааф ба намоишгоҳ омада будем, аҷобатро бибинед, ки милисаҳо вуруди моро монеъ шуданд. Ман худро ношунида вонамуд кардаму гуфтам:

– Нафаҳмидам.

– Чиро нафаҳмидӣ? Равед аз ин ҷо, ин ҷойи Шумо нест-хашмолуд гуфт яке аз онҳо.

Аз сару садо ва чеҳраи дӯзахии онҳо ҳамроҳонам безобита шуданд. Тӯли ин солҳо дар ин сарзамин чунин шеваи муомилаву бархӯрд онҳоро бимзадаву тарсхурда карда буд. Аз ин рӯ, изтироболуду мушавваш аз остинам мекашиданд ва зорию тавалло мекарданд, ки ба хона баргардем. Медонистанд,ки баҳсу мунозира бо онҳо суде надорад, баръакс метавонад боиси оқибатҳои нохушоянде бошад. Дар ҳоле ки аз шӯри ғазаб хун дар рагу пайвандам меҷӯшид, дурӯғе ба зеҳнам расид, ки коргар афтод. Гуфтам:

– Дигарон бемамониат вориди намоишгоҳ мешаванд. Шумо моро намегузоред?! Дар ҳоле ки худи Шаҳноза моро даъват кардааст. Бовар накунед, аз худи ӯ бипурсед.

Бо итминону бовар дурӯғ гуфтам, вале аз куҷо медонистам, ки он барои ман мушкили азимтареро эҷод мекунад. Милиса дар ҳоле ки аз ғазаб меҷӯшид, дод мезад:

– Куҷост даъватномаҳои шумо? Нишон диҳед!

Ман ки чунин сурат гирифтани вазъиятро интизор набудам, ба ҷуз таслим чорае надоштам.

Дар ҳамин лаҳза иттифоқе афтод, ки ҳеҷ интизорашро надоштам. Як духтари зарринмӯе, ки дар наздикии мо бо чанд нафар истода буд ва мисли ин ки моҷарои моро бо милисаҳо мушоҳида мекард, табассумкунон ба сӯи мо омад ва ба милиса гуфт:

– Рафиқ милиса! Ӯ рост мегӯяд. Ман онҳоро даъват кардаам. Бигузоред, дароянд.

Милиса ҳайратзада ба мову он духтар нигоҳ мекард. Шояд мехост бидонад, ки миёни мо чӣ пайванду қаробатест. Оқибат бо дили нохоҳам ба мо иҷозат дод.

Худоё! Ман беш аз милиса шигифтзадаву даступохӯрда гашта будам. Ҳеҷ боварам намеомад, ки дар рӯ ба рӯи ман Шаҳноза истодааст. Ҳамон Шаҳнозае, ки тасаввур мекардам, ҳамшаҳрии мост. Ёрои сухан гуфтан надоштам. Ҳусну ҷамоли ӯ маро ҷалб намуда буд. Ҷавондухтаре бо қадди баланду чеҳраи гандумгун, мӯйҳои тиллорангу ҷингила, чашмҳои зебои обӣ ба мо нигоҳ мекарду механдид. Ҳаргиз ӯро надида будам, вале гумон мекардам, ки солҳо бо ӯ қарину ошноям. Чеҳраи гарму хандаи маҳинаш ҷозибае дошт, ки ҳушу ёди маро ба худ ҷазб намуда буд. Наметавонистам аз ӯ чашм биканам. То ин ки вориди толор шавам, чанд бор ба қафо баргаштам ва нигоҳаш кардам. Вай низ ба мо нигоҳ мекарду табассумкунон ба ҳамроҳонаш чизе мегуфт.

Лаҳзае пас намоиш бо муаррифии кӯтоҳи корномаи

Шаҳноза ва ҳадафи баргузоркунандагони он оғоз гардид. Ба наққошиҳо наздик мешудам, вале пеши назарам чеҳраи шукуфони Шаҳноза зоҳир мешуд.

Модар! Аз Шумо чӣ пинҳон, ки дар нахустин дидор дил дода будам. Равшан буд, ки ӯ ҳамватани ман нест, зеро дар оғози намоиш ӯро наққошзани ҷавону чирадасти рус муаррифӣ карда буданд. Вале дигар ин муҳим набуд. Танҳо мояи тааҷҷуб буд, ки дар дили Русия кадом соҳибзавқе ба як русдухтар муносиби ҳусну ҷамолаш номи тоҷикӣ ниҳодааст. Номе, ки ҳувияту таърих дорад, аз мусиқӣ, зебоӣ, меҳру дӯстдорӣ, ҷаззобият саршор аст.

Саргарми ин андешаҳо аз пеши як тоблуи наққошӣ ба назди дигараш мерафтам.Ҳар кадом некӯтару афзалтар аз дигаре буд.

Мутаваҷҷеҳ шудам, ки аксари наққошиҳо ба мавзӯи ҷанг бахшида шудаанд. Таъкиди масъули намоиш зимни маросими ифтитоҳӣ ба хотирам зад, ки гуфта буд:

– Он рӯз дур нест, ки чашми зебонигари Шаҳнозаи мо ба сарзаминҳои дигаре бирасад. Аз миёни ин ҳама падидаҳову сияҳкориҳои ҷаҳони дар ҳоли тағйиру таҳаввул нақшҳои поку заррини чашмнадидаву дастнахӯрда пайдо кунад. Аммо имрӯз ҷаҳону ҳунари ӯро дар ҳамон банду басте, ки ҳаст бояд бипазирем. Ӯ мутаассир аз ҷанг аст, аз ҷанге, ки дар домани таърихи на чандон дури мо бо иштибоҳи падарон даргирифт ва бо қимати ҷони ҳазорон нафар фарзанд поён ёфт. Ин ҷанг мӯҷиб гардид, то арзишҳое мисли мардонагию азхудгузаштагӣ, ишқу муҳаббати инсонӣ, садоқату вафодорӣ ба Ватан, меҳандӯстӣ мавриди озмоиш қарор гиранд. Фарзандон ба ин арзишҳо содиқ монданд.

Наққошиҳои Шаҳнозаи мо баёнгари мавзӯоти ёдшудаанд. Чӣ беҳтар, ки бо чашми худ бибинеду қазоват кунед…

Наққошиҳоро дархри мавзӯъу мундариҷа унвоне буд. Миёни онҳо яке бо номи «Ишқи гумшуда» беш аз ҳама таваҷҷуҳамро ҷалб намуд. Дар акс зане тасвир шуда буд, ки

дар табақаи севум аз панҷараи хонаи худ ба сӯи машриқ , хестангоҳи хуршед менигарист. Аҷаб он буд, ки панҷара ба тахтапушт боз буд. Зан бо чашмҳои баста ғарқи хаёл рӯ ба сӯи офтоббаро намуда буд. Духтарчаи тақрибан даҳсолааш миёни ӯро оғӯш намудаву сар ба шонаҳояш ниҳода буд. Аз пушти кӯҳ ба ҷои хуршед нимпайкари марде дар ҳоли тулӯъ намудан буд. Чеҳраи мард ё чизе дар ғубори гарду чанг буд.

Ман ҳар қадар, ки фикр мекардам ба умқи фалсафаву ҳикмати он намерасидам. Дилам мехост аз тамошобинони дигар, ки аз барам мегузаштанд суол кунам, вале шарм мекардам. Побанди бигӯ-магӯи ботинӣ ногоҳ ҳис кардам, ки дар баробарам Шаҳноза истодааст. Мисли чанд лаҳза пеш маҳин-маҳин табассум мекард. Гумон мекардам Худованди мутаол хуршедеро дар бағали ман ҷойгузин кардааст. Дасту поям меларзид. Қалбам туғёнӣ шуда буд. Лабону паракҳои димоғам бозӣ мекард. Дар чашмҳоям шодӣ меҷӯшиду аз мижгонам ханда мерехт. Суҳбатро аз «Ишқи гумшуда» бо пурсиш оғоз кардам:

– Ин қисса дароз аст. Порае аз сарнавишти ману модарам аст-гуфт, – Шаҳноза бо ҳамон табассуми зебову дилангезаш. Вале аввал Шумо бигӯед, ки ҳастеду куҷоӣ ҳастед?...

Ҳамин тавр бо баракати «Ишқи гумшуда» мову Шаҳноза якдигарро ёфтем. Бо саргузашту ҷаҳони ҳам ошно гаштем. Муҳим аз ҳама дар пояи он наққошии дӯстдоштанӣ ман ишқи хешро ёфтам. Бозии сарнавиштро бибинед. Омада будам сармояе биандӯзаму зиндагӣ барпо кунам. Аз куҷо медонистам, ки сармояи якумрии ман дар канори Шумост. Ману Шаҳноза тасмими худро гирифтаем. Инак мунтазири ризояту дуои хайри Шумо ҳастем…

Фаромурзи азизам! Шунидани ин қиссаи марғуб аз як ҷониб бароям хушоянду нишотангез буд. Вале аз сӯи дигар фазои бимноке вуҷудамро асир гирифта буд.

Аз пеш медонистам, ки қонуни зиндагист. Рӯзе мерасад, ки Шаҳноза вориди зиндагии мустақил мегардад. Хонаву дар барпо мекунад, аз ин ҷойи гурез нест. Ман ин лаҳзаҳоро

солҳои мутамодӣ интизор будам. Аммо, акнун, ки орзӯямро бароварда медидам, ғаму андӯҳ бар сарам соя афканда буд. Набудани ту диламро тазйиқу фишор медод.

Боз ба ёди дурӯғе афтодам, ки солҳо пеш аз зеҳни як зани танҳои фироқзада таровида буд. Бо ин амали хеш кӯдаки маъсумеро фиребидам ва як умр ба дидори падар умедвораш сохтам. Донае, ки худ кишта будам ва вақти дараваш сар расида буд…

Шаҳноза мекӯшид моро танҳо гузорад. Худро дар ошхона машғул медошт. Эҳсос мекардам, ки ин гардиши тозаи рӯзгор ӯро низ сахт нигарон кардааст. Шояд ӯ дигар аз бозгашти падар умед канда буд. Тасаввур мекардам, ки адами ҳузури падар дар маҳфили арӯсӣ барояш то чӣ ҳадде дардноку ранҷовар аст. Ман бояд бо ҳар қимате дурӯғамро рост мекардам, воқеиятро барояш ошкор месохтам…

Оҳиста-оҳиста аз Ҷамшед аз зодгоҳу зодбумаш пурсон мешудам. Аз шаҳрҳое, ки номашон дар хотирам буд, ёд мекардам. Оқибат ба худ ҷуръат додам ва аз деҳе, ки ту онҷо зиндагӣ мекунӣ, ном бурдам.

Аз Худо илтиҷо менамудам, ки мабодо ҷавоби рад шунавам. Миёни суоли ману посухи Ҷамшед чанд сония беш набуд, вале дар гумонам соатҳо тӯл мекашид. Дар ин миён аз шиддати изтиробу нигаронӣ гӯё мемурдаму аз нав зинда шудам.

Фаромурзи азизам! Сипоси бепоён Худованди бузургро, ки ин дафъа ҳам манро ноумед насохт. Ҷамшед деҳаатро медонист ва ҳақиқатро пинҳонӣ аз Шаҳноза ба ӯ ҳикоят кардам. Ӯ туро намешинохт. Вале бовар доштам, ки туро меёбам.

Ба Ҷамшед гуфтам, ки ба издивоҷи ӯ бо Шаҳноза мувофиқам. Вале ӯ бояд ба ватан баргардад, туро пайдо кунад, номаи манро бирасонад, то бидонӣ, ки ҳамон мавҷуде, ки қабл аз зуҳураш ба ӯ Шаҳноза ном ниҳода будӣ, ба воя расидаву солҳост бо чашмҳои чор роҳи бозгашти туро мунтазир аст. Ва боз бояд бидонӣ, ки мӯҷиби нигоҳҳои интизори вай ман ҳастам, зане, ки аз замонҳои пеш дар хилоли

пурсишҳои тараҳҳумангези кӯдаки маъсуму ташнаи дидори падар, таҳаммул накарда посухи муносибе наёфт ва падарро сарбози беномунишоншуда дар корзор хонд…

Фаромурзи азизам! Акнун замоне фаро расида, ки бузургворона гуноҳи манро бибахшӣ ва Шаҳноза-ягона меваи дарахти умри моро аз ранҷу дарди интизории ба тӯлкашида раҳо бахшӣ. Махсусан дар ин лаҳзаҳои сарнавиштсоз, ки Шаҳноза гоми нахуст дар майдони зебову инсонсози ишқ мегузорад. Дар ин шоҳроҳ сарнавишт ӯро бо ҷавони некӯхисоле аз сарзамини шумо рӯ ба рӯ кардааст. Орзу дорам, ки бо Ҷамшед як дафъа ба пеши мо биёӣ, духтаратро бибинӣ ва ҳамзамон ба ӯ дар роҳи зиндагӣ бахти сафеду иқболи баланд орзу кунӣ…

Инак достони зиндагиамро ба Ҷамшед месупорам. Дилам гувоҳӣ медиҳад, ки навиштаҳои ман ба дастат мерасад. Ҳамин ки онро дарёфт намудӣ, зиёд таъхир накун. Бархезу биё. Шаҳнозаи мо дар маҳфили арӯсиаш набояд дилшикаставу бемуттако бошад, эҳсоси бепадарӣ кунад. Аз кӣ бояд бинолем, ки гуноҳи муштараки мост. Мо ӯро аз бунёд аз лаззати падар доштан маҳрум кардем. Замони шустани гуноҳон фаро расидааст. Ба умеди дидор, Марияи ту».

Фаромурз номаро саҳифа ба саҳифа мураттаб сохт ва дохили лифофа гузошт. Достони зиндагии Мария ва масири таку танҳо тайкардааш сахт мутаассираш сохта буд. Дилаш гирифта буд. Дарун- дарун месӯхт ва худро сарзаниш менамуд, ки чаро ба ҷуз ду номае, ки соли аввал ба Мария навиштаву посух нагирифта буд, дигар боре ҳам барояш сатраке нафиристод. Ҳарчанд нишону макони зисташ маълум буд, вале ҳаргиз нияти рафтан ҳам накард. Магар Мария ин ҳама сангдилию номеҳрубониро сазовор буд? Он духтари покдоманро чӣ душвор ба даст оварду чӣ осон раҳояш намуд. Куҷо шуд он ишқи сарбаланд, ки замоне дар муқобили Мария забона кашиду савганди сидқу дӯстдорӣ ёд кард. Чӣ оғози неку пурталотуме дошт ва чӣ маҷрои пурхаму печу

мубҳаме… Вале дигар об аз сар гузашта буд. Худкардаро даво не, волайлои пинҳонӣ…

Фаромурз тамоми ин солҳои дурӣ орзу менамуд, ки рӯзе бирасад, шароит фароҳам шавад ва ӯ ба аёдати Мария бирасад. Аз ҳамон ибтидо дарк мекард, ки онҳо ҳаргиз зиндагии муштараки доимӣ нахоҳанд дошт. Вале аз ҷону дил мехост бибинадаш ва чанд рӯзеро бо вай бигузаронад. Инро дар гардани худ қарз медонист. Аслан чархи зиндагӣ ба коми вай нагашт. Низоми кишвардорӣ фурӯ рехт. Ҳар киро сару савдое шуд. Болои ин даргириҳои дохили кишвар тамоми доштаҳоро ба хок яксон намуд. Орзуҳоро ба бод дод.

Вале пас аз дарёфти нома қарори қатъӣ гирифт. Дигар таъхир нахоҳад намуд. Ҳатман меравад. Охир, ӯро духтараш интизор аст, духтаре, ки замоне зуҳурашро орзӯ карда буд, вале хабар надошт, ки Худованди мутаол дерест орзуи ӯро бароварда сохтааст. Бовар дошт, ки Мария мисли пешин ӯро мепазирад. Вале андешаи дидор бо Шаҳноза ӯро мушаввашу нигарон намуда буд. Як гӯшаи дилаш хиҷил буд, зеро давроне ки Шаҳноза бар вуҷуди ӯ ниёз дошт, пушти сар шудааст. Махсусан даврони мактабхонӣ, ки як духтарбача беш аз ҳар замони дигаре ба дасти ҳимояту машварати падар ниёз дорад. Маҷлиси падару модарон, ширкат дар ҷашнҳои ҳамагонӣ. Бале мактаб аз ин мазоҳир зиёд дорад, вале чӣ илоҷ, ки ҳамаи ин дар гузашта аст ва ба ҷуз афсӯсу дареғ, ҳеҷ чизе чорагар наметавонад бошад…

Фаромурз аз хайма берун рафт. Мушкили дигаре барояш пеш омада буд. Ин қиссаи дилангези зиндагии хешро чӣ гуна ба ҳамсараш бигӯяд, то суъитафоҳум нашавад. Вай тасаввур мекард, ки як зани деҳотӣ бо шунидани ин моҷаро чиҳо хоҳад кард. Махсусан дар ин шабу рӯз,ки зиндагии сангине гиребонгири онҳост. Ҳеҷ яке аз онҳо ин воқеиятро намепазирад, ки домани ҳастӣ аз ин саҳнаҳо зиёд доштааст…

Сарнавишт ин гардонандаи азалии рӯзгору ҳаёти одамӣ

мувофиқи навиштаҷоти китоби хеш амал мекунад. То охирин нафас тамоми аъмоли инсонҳо дар ин китоб сабт шуда. Инсон ҳатто хурдтарин гоме берун аз масири китобатшудаи ин китоби ҷовидонӣ наметавонад бардорад. Агар рӯзе дар паҳнои ин дунё Фаромурзу Мария бо ҳам рӯ ба рӯ омадаву пайванде доштаанд, ин саҳифае аз сарнавишти онҳо будааст.

Он ҳам ҷилваҳои сарнавишт буд, ки миёни ин пайванд барои дарозмуддат девори фироқу дурӣ, ёдҳои ранҷолуд бино кард. Ҳосили он пайвандро аз рӯзҳои нахуст дар қиболи сахтию мушкилоти рӯзгораш бо сабру таҳаммул ошно кард, ба ӯ меваи умед чашонид. Худо кунад, ки ин воқеияти ногузирро бифаҳмад, – аз дил гузаронд Фаромурз…

Нимарӯз буд ва гармо мағзи сарро меҷӯшонид. Каҳдаравҳо ҳама ба ҷои ҳаррӯзаи худ таги тути хасӣ ҷамъ шуда буданд. Ҳар рӯз ҳол чунин буд. То қарибиҳои офтобпаропар коре намешуд кард. Бояд дар зери сояи тут, ки гӯё аз гармо месӯхту чеғ мекашид, соатҳо мунтазир мемонданд, то тафси рӯз бишканад.

Миёни онҳо Фаромурз Фаршедро надид. Ба зеҳнаш расид, ки шояд ба оби чашма рафтааст, зеро ягона таскинбахши каҳдаравҳо дар ин рӯзҳо ҳамин оби сари чашма буд. Аз оби зулоли чашма ҳам менӯшиданд ва ҳам ба сару рӯй ва сандуқи синаи хеш мепошиданд ва бад-ин восита шасти гармиро коҳиш медоданд.

Чашми Фаромурз ба гӯшҳои буридаи Ҳушёр афтод, ки аз дара берун мешуд. Аз пушти ӯ Фаршед бо кӯзаи пуроб зоҳир шуд. Вай хомӯшу ғарқи хаёл мунтазир монд, то Фаршед обро ба мардуми гармозада бирасонад. Мехост мардум ҳама аз об серӣ нӯш кунанд, ташнагӣ бишкананд, бар ҷабину рухсораҳои арақолуди хеш об зананду салқин шаванд. Он гоҳ мақсадашро ба онҳо бигӯяд. Баробари ба зери тут расидани Фаршед мисли ҳар рӯз сару садои ҷамоат баланд шуд. Ҳарчанд шумори онҳо бисёр набуд, вале ҳар яке мехост навбати аввал бошад. Миёни онҳо боз ҳам пуртакопӯ аз ҳама Шариф буд, ки фарёд мекашид:

– Об аз хурд аст, кӯзаро ба ман диҳед, хурдонро эҳтиром кунед!

Фаромурз ботаҳаммул ин манзараро тамошо кард, то ин ки ҳама аз обнӯшию обпошӣ фориғ шуданд. Сипас ором ором ба сухан даромад.

– Бачаҳо! Имрӯз ҳама ба деҳа бармегардем. Шумо бегоҳӣ ҳама меҳмони ман ҳастед. Каҳдаравӣ, ки қариб тамом шуда-аст. Фаршед! Ту пештар бирав ба модарат бигӯ, имшаб меҳмон дорем. Омодагӣ бигирад. Аз деҳи ҳамсоя акаи Меҳробро хабар кун, бегоҳ хона биёяд. Бобоятро ҳам фаромӯш накун. Ӯро бо даст гирифта биёр. Ба ӯ бигӯй, падарам сафар дорад, озими Русия аст.

Фаромурз ба ёди пирмарди хусураш афтод, ки моҳҳои охир хеле пиру фартут шуда буд. Ӯро хеле дӯст медошт, зеро дар лаҳазоти душвортарини зиндагӣ борҳо ӯро даст гирифтаву аз гирдоби мочароҳои рӯзгор берун кашидааст. Ба писараш амри хабар кардану овардани мӯйсафедро дод ва акнун Худо мегуфт, ки бемори бистарӣ набошад. Вуҷуди ӯ дар меҳмонии имшаба барои Фаромурз ниҳоят муҳим буд.

Гумон мекард дар сурати эътирозу норизояти эҳтимолии ҳамсараш пирмард ёрӣ хоҳад намуд…

Ҳамроҳон аз ин тасмими ногаҳонии Фаромурз тааҷҷуб менамуданд. Охир, дар дили тобистон, айни долу зарби кор ин мардакро чӣ пешомаде маҷбур намуда, ки Русия биравад?

Ин пурсише буд, ки зеҳни ҳамроҳонро ба худ во дошта буд, вале касеро ёрои пурсишу кунҷковӣ набуд. Ҳама ҳайрон-ҳайрон ба ҳам менигаристанду сар меҷунбониданд. Хомӯшии печида бо риштаҳои гарморо садои илтиҷоомези Шариф шикаст:

– Акаи Фаромурз! Садқаи бачаҳот, маро бо худ бибар. Ман дар умрам аз чаҳордевори ин деҳа берун нарафтаам. Як умр аз пушти гову мол, коҳу каҳдарза давидаам. Як дунёро бибинам. Чор танга кор кунам. Шояд зиндагиам ранги дигар бигирад. Аз барои Худо, не нагӯй, маро бо худ бигир.

Фаромурз мефаҳмид, ки Шариф шӯхӣ намекунад. Зиндагии якрангу якнавохти деҳ, бекорӣ ҳама ҷавононро дилгиру рӯҳшикастаю ноумед сохта аст. Вале намедонист, бо чӣ шевае ба ӯ бифаҳмонад, ки ҳадафи ӯ аз ин мусофират мардикорӣ нест, балки поён бахшидан ба даврони чашмчориву мунтазирии пайвандонаш аст?! Замоне ки ба ин даврон оғоз мебахшид ҳаргиз фикр накарда буд, ки чӣ ранҷу сӯз, чӣ фироқу дурии ҷонгудозе онро ҳамроҳ аст… Эҳ, агар Шариф медонист, ки ӯро чӣ дидоре дар пеш аст. Дидор бо духтараш Шаҳноза, ки даврони кӯдакиаш бо ҳасрати дурии падар сипарӣ шудааст…

Шариф чун дид, Фаромурз хомӯш аст ва ба саволи ӯ посух намегӯяд, дубора ба сухан омад:

– Акаи Фаромурз! Чаро хомӯшӣ? Ё таклифи ман нафоридат?

Ман ғамат намедиҳам. Роҳкиро дорам. Дасти камро набинӣ, маро бо худ бибар.

Фаромурз оҳе кашид ва ноилоҷ гуфт:

– Не, Шариф. Наметавонам. Ман он ҷо чанд рӯз беш намемонам. Хеле зуд бармегардам. Ҳамин ки баргаштам, тӯйро оғоз мекунем, маҳфили арӯсии духтараки азизу дурдонаи маро.

Вуҷуди Фаромурзро шӯре аз эҳсоси шодию хурсандӣ, омехта ба ғаму андӯҳ фаро гирифта буд. Хаёлан лаҳзаҳои дидорро тасаввур менамуд. Аз худ бехуд шуда буд. Ӯ худ намедонист, ки ин ҳолати ӯ то чӣ андоза ҳамроҳонашро ҳайрону дастпохӯрда намуда буд. Касе намедонист, ки ин ҷавонмарди қавипайкарро, ки ниҳодаш моломоли рашодату далерӣ буд ва ҳамеша чеҳраи ҷиддӣ дошт, чӣ сӯзу, чӣ дарде ба гиря водор сохта?

Шариф аз дидани ин манзара сахт тарс хӯрда буд ва ба гунае худро гунаҳгор мешумурд, ки чаро аз ӯ суолҳои беҷо намуд. Оҳиста аз остини Хусрав, ҳамсояи девордармиёни Фаромурз кашид, то таваҷҷуҳи ӯро ба худ ҷалб созад. Хусрав марде буд миёнсолу камсухан. Одат дошт, то аз ӯ чизе

напурсанд, ҳарф намезад. Ин одати бархоста аз даврони кӯдакӣ боис шуда буд, ки миёни ҳамдеҳагон ба ӯ лақаби Гунгак биниҳанд. Вале ин дафъа ҳолу ҳавову ваҷоҳати Фаромурз ӯро низ беқарору безобита намуда буд. Аз ин сабаб, рӯй ба сӯи Шариф намуда гуфт:

– Чӣ мехоҳӣ?

– Ака, чӣ гап шуд? Наход аз гапҳои ман хафа шуда бошад?

Хусрави Гунгак дигар ба Шариф чизе нагуфт. Аз ҷой бархост ва назди Фаромурз рафт ва даст ба китфи ӯ ниҳод. Вай рӯй ба ҷониби дигар гардонида буд то ҳамроҳон ашк рехтанашро набинанд.

Фаромурз фурӯ нишастани дастеро рӯи шонаи хеш ҳис намуд. Ҳарчанд намедонист, ки моли кист, вале яқин дошт, панҷаест, ки аз рӯи дилсӯзию тараҳҳум ба хотири таскину дилбардорӣ бардошта шудааст. Аз расиши ин даст чашмаи дарду ранҷи ӯ ба ҷӯш омад. Дар ҳоле ки шонаҳояш аз шӯри гиря меларзид, дар зимн аз ин вазъияти равонии худ ҳайрат мекард. Ба зеҳнаш мерасид, ки саҳнае ки бо ӯ мегузарад, дар рӯзгори ҳамаи қавму миллатҳо метавонад шабеҳи худро дошта бошад. Вале аҷиб аст, ки дар чунин вазъияте дасте, ки аз рӯи шавқату тараҳҳум дароз шуда, ба ҷои таскину оромиш сабабгори шиддату боло гирифтани ғаму андӯҳ ва ашкҳои нуҳуфта мегардад.

Хусрави Гунгак Фаромурзро ба тарафи худ кашида, нигарону озурдахотир пурсид:

– Туро ба Худо, чӣ шуда, чаро баҷойӣ гиря мекунӣ? Сарбаста ҳарф мезанӣ. Як дам аз сафари Русия дам мезанӣ, як дам аз тӯй. Болои ин ашк мерезӣ. Росташро бигӯй, чӣ ҳодиса шудааст? Дилам метаркад.

Фаромурз фаҳмида буд, ки ба ҳолу ҳавои худ ҳамроҳонашро низ нигарону ноҳинҷор сохта буд, вале чӣ илоҷ, ки эҳсосоти худро наметавонист ҷамъу ҷур созад… Ба Хусрав рӯй намуда гуфт:

– Аз барои Худо, аз ман чизе напурсед! Ин қисса дароз аст. Ҳамаашро бегоҳӣ ҳикоят мекунам. Ҳоло ман рафтам. Паноҳатон ба Худо. Бегоҳӣ шуморо мунтазирам.

Ӯ оҳиста-оҳиста аз дара сарнишеб пойин омад. Мехост ғуссаҳои анбошта дар дилро раҳорах рӯи сангҳову хоктӯдаҳо бирезад ва то манзил расидан тану рӯҳи худро аз ғалаёнҳои равонӣ раҳо созад, то зимни ҳикояте, ки дар ҳузури ҳамсар ва меҳмонон дар пеш дорад, аз худ заъфу нотавонӣ нишон надиҳад. Оқибат дара поён ёфт, ба сангоб расид. Сангобе, ки ба ҷуз сангу шӯху реги тафсон дигар сарвате надошт.

Ба ёдаш омад, ки замоне аз ин сангоб аз оғози баҳор то охири тобистон дарёчаҳои хурде мегузашт. Гоҳе сел ҳам меомад ва бо худ селобаҳои зиёде меовард. Чӣ хуш рӯзгоре буд, замоне ки онҳо баъд аз фурӯ нишастани сел бо бачаҳо селобачинӣ меомаданд. Барои зимистон аз селовардаҳо ҳезум ҷамъ мекарданд.

Симои биҳиштии модари худобиёмурзаш пеши чашмонаш ҳувайдо шуд. Ёд дорад, хуб дар хотираш нишаста, ки чӣ гуна модар низ гоҳ-гоҳе ӯро ҳамроҳӣ менамуд. Рӯймоли докаи сафедашро гирди гарданаш мепечонид, дасту остин бармезад ва селоба мечид. Решаҳои сурху сафеди дарахту буттаҳо мисли мор печида бо ҳам, бо лоию гил паҳнаи сангобро пур мекарданд. Рангҳои мухталифи решаҳо, оби бедасту по, ӯро мутааҷҷиб месохт. Тааҷҷуб мекард, ки дар дили хоки сиёҳ чаро решаҳо мисли шир сафеданд. Обро, ки на табар дораду на дасту по, чӣ қудратест, ки решаҳоро аз танаи дарахтону буттаҳо меканад? Аз ин қабил суолҳо дар мағзи ӯ зиёд зуҳур мекарданд ва модар муфассири ҳамадон буд. Ҳеҷ пурсишеро бепосух намемонд. Бо забони шевои хеш ширин – ширин қисса мегуфт.

Фаромурз афсӯс мехӯрд, ки дигар солҳост, ки модар канораш нест. Оби ин дарёчаи мавсимӣ ҳам чанд солест комилан хушк шудааст.

Дар пардаи зарифи ин ёдвораҳо ғарқи тамошои даврони

кӯдакӣ буд, ки ногоҳ эҳсос намуд, ба қабристони деҳ расидааст. Дар канори сангоб дар саргаҳи деҳ мазори пиру қадимии мардуми деҳот ҷойгир буд. Вориди қабристон шуд. Мехост, сари манзили модар дуо кунад ва дар мусофирате, ки пеши рӯ дошт аз рӯҳи покаш дуо бигирад…

Қарибиҳои намози шом буд ва ҳамаи меҳмонон, ба ҷуз амаки Меҳроб, ки бояд аз деҳи ҳамсоя сар мерасид, дар меҳмонхонаи барҳавои Фаромурз ҷамъ шуда буданд. Фаромурз хеле нигарону беқарор шуда буд, чуртак мерафт. Чанд бор аз дарвоза берун рафт ва ба ҷодаҳои поёну болои деҳ нигоҳ кард. Вале аз ӯ дарак набуд. Ҳузури Меҳроб барояш ниҳоят зарур буд, зеро тибқи андешае, ки дар сар парваронида буд, бояд қиссаро аз ӯ оғоз мекард. Замон мегузашт, хӯрокро бояд мекашиданд. Дигар ҷойи сабру интизорӣ набуд. Ӯ ноумед ба ҳамсараш дастур дод, то дастпухташро бикашад. Дар ҳамин асно садои Меҳроб баланд шуд. Фаромурз давон – давон бо истиқболи ӯ шитофт. Меҳроб бо ҳамсару писараш ба меҳмонӣ омада буданд. Аз шодӣ дар пероҳанаш намегунҷид. Меҳробро канор кашиду ҳамроҳ бо Ҷамшед ба меҳмонхона раҳнамоӣ намуд.

Меҳмонон пас аз сарфи шом намози хуфтанро бо ҳам гузорданд. Шаб ҳам ба ҷое расида буд. Бояд гуфтаниҳо гуфта мешуд. Дили Фаромурз дар сина мисли кабӯтарак бозӣ мекард. Ба худ ҷуръат дод ва аз Фаршед хоҳиш кард то модараш ва ҳамсари Меҳробро назди меҳмонон даъват кунад. Хеле музтариб буд, ки худое накарда зани Меҳроб қабл аз ӯ дар бораи Шаҳноза чизе гуфта бошад.

Занҳо мутааҷҷиб аз ин даъвати нобаҳангом вориди меҳмонхона шуда ба гӯшае нишастанд. Вуруди занҳо сукути маргбореро дар фазои хона ҷойгузин сохт. Ҳама гӯш ба қимор буданд, ки чӣ мешавад. Зеҳни касе ба асли мақсад намерасид. Фазои хона, мунтазирӣ барои Фаромурз хафакунанда шуда буд. Эҳсос мекард, ки аз ин бештар наметавонад хомӯш бошад. Дар ҳоле ки вуҷудашро саропо арақ зер карда

буд, ба ҳамсараш рӯ оварда, гуфт:

– Очаи Фаршед, медонӣ акаи Меҳроб бо чи нияте хонаи мо омадааст?

Фаромурз хуб медонист, ки ҳамсараш аз мавзӯъ комилан бехабар аст ва дар баробари суоли ӯ посухе ҳам нахоҳад гуфт. Аз ин рӯ, мунтазири ҷавоби ӯ нашуда изофа намуд:

– Меҳроб бо ҳамсараш омаданд, ки духтари мо Шаҳнозаро барои писарашон Ҷамшед хостгорӣ кунанд.

Ҳамсари Фаромурз Матлубабону, ки то ин лаҳза дар ҳузури мардон шармгину сархам нишаста буд, бо шунидани номи Шаҳноза таконе хурд, ба сӯи шавҳараш чашм дӯхт ва ҳайратзада хост чизе бипурсад, вале нигоҳи Фаромурз ӯро аз раъяш баргардонд. Ҳолати мубҳаму пурсишзое пайкарашро фаро гирифта буд. Гӯё болои лахчаҳои оташ побараҳна нишонда будандаш. Қалбаш оташ гирифта буд, вале он нигоҳи ошно, нигоҳе, ки солҳои мутамодӣ ба атру бӯи он хӯ гирифта буд, имконаш намедод. Матлуба тамоми умр зери сояи ин нигоҳ оромишу сукун эҳсос мекард. Ин нигоҳи одӣ набуд. Нигоҳе буд, ки меҳрубонию муҳаббат дошт. Мисли як инсон ҳувияту шахсият дошт. Матлуба садои ин нигоҳро мешунид, нафаси гармашро аз дурҳо ҳис мекард. Ин нигоҳ мисли як хуршед ин қадар нуру рушноӣ дошт, ки Матлуба ҳеҷ вақте натавониста буд бар чашми ӯ мустақим дида дӯзад. Дасти ин нигоҳи ҷаззоб имшаб низ ба зудӣ ҳаяҷону ғалаёни мубҳами равониро аз тани нозуку хастаи ӯ дур афканд ва ба хештандорӣ ишорат кард.

– Ин қисса дароз аст Матлуба, гуфт Фаромурз ва ба ҳикоят оғоз намуд…

Ҳамаи меҳмонон саропо гӯшу ҳуш буданд. Бо эҳтиёт нафас мекашиданд, то ровӣ риштаи сухан гум накунад, то калимае аз занҷираи достони ӯ берун наафтад. Дар хилоли ҳикояти ҷонсӯзи Фаромурз танҳо занон буданд, ки ашкҳои ғайриихтиёрии хешро аз гунаҳои сӯхтаву офтобдидаи хеш бо лаби докаҳои сафед пок мекарданд.

Қиссаи ғамолуду ғуссадорӣ Фаромурз ба поён расид. Пose аз шаб гузашта буд. Ҳарчанд қисса хатм шуда буд, вале меҳмонон мисли пешин мижа назада бо даҳони бозу гӯшҳои сих ба ровӣ чашм дӯхта буданд. Достони ғамангези ду инсони хокӣ онҳоро маҷзуби худ гардонида буд. Дар тасаввури онҳо ин достонро анҷоме набуд.

Гумон мекарданд сукути нобаҳангоми ровӣ ба мақсади нафас рост кардану аз нав шурӯъ кардан аст.

Вале дар ин лаҳазоти сангину ҳассос ровӣ ба ҷуз ҳамсари сар ба сукуту гирёни хеш ба каси дигаре таваҷҷуҳ надошт. Андешаи ин ки мабодо ҳамсараш дар қиболи достони зиндагии ӯ вокуниши баде нишон диҳад, ё худое накарда Шаҳнозаи ӯро напазирад, дилҳурааш намуда буд.

Вай оҳе кашиду боз ба ҳамсараш муроҷиат кард:

– Ҳамин тавр, Матлубабону. Ман охирин гӯшаи пинҳони сарнавишти хешро бароят бармало намудам. Дигар ҳама чиз вобастаи туву қарори туст.

Ин сухани охирини Фаромурз шабеҳи равғане буд, ки болои оташи дар ҳоли фурӯ нишастан мерезанду он забона мекашад. Аз шунидани ҳарфи охири шавҳар Матлубабону зор-зор ба гиря афтод.

Бобои Ҳазин, падари Матлубабону, ки хастаҳолона дар кунҷи девор каҷпаҳлӯ хобидаву достони домодашро шунида буд, бо садои гирифта ба сухан даромад:

– Ором бош, духтарам. Худатро ба даст гир. Ҳеҷ кори баде нашудааст. Ин тақдир аст. Аз тақдир гурехта намешавад. Ту бояд шодӣ кунӣ, ки духтардор шудӣ. Духтар надоштӣ, акнун Шаҳноза духтари туст…

Гуфтаи падар мисли ин ки коргар афтод. Вай оҳиста – оҳиста оромиш пайдо намуд ва сипас лаб ба сухан боз кард:

– Падар! Дар тӯли зиндагии муштарак ман ҳеҷ гоҳ сухани шавҳарамро ду накардаам, аз хатти кашидааш берун нарафтаам. Ҳамеша кӯшидаам, хидматгузори ӯ бошам. Конуни хонаводагиро покизаву тамиз нигоҳ дорам. Худоро шукр

мегӯям, ки ҳаргиз аз шавҳарам низ номеҳрубоние надидаам. Ман тамоми хоҳишу тасмими Фаромурзро ба ҷону дил мепазирам. Ӯ шаҳсутуни хонадони ман аст. Шаҳноза, ки дар борааш бо меҳру дӯстдорӣ ҳикоят намуд, дигар танҳо моли ӯ нест. Вай фарзанди ростину поку ҳалоли мост. Ман ӯро бештар аз ҷон дӯст хоҳам дошт. Аз ин соат дигар Фаромурзро ором намегузорам. Бигузор фардо сӯи Шаҳноза сафар кунад. Ӯро бо модараш назди мо биёрад. Маҳфили арӯсиашро ҳатман дар домони деҳаи худамон барпо мекунем. Инсонҳо дар паҳнои ҳастӣ беш аз ҳар чизи дигаре ба меҳру муҳаббату, дӯстдорӣ ниёз доранд. Махсусан фарзандон, ки ниёзманди дасти навозишгару меҳррези падару модаранд. Акнун ба ману очаи Ҷамшед иҷозат. Мо бояд тӯшаи сафарро омода кунем.

Фаромурз, ки аз паёмади достон сахт нигарон буд ва ба некӣ анҷом ёфтани достонро ҳеҷ интизор набуд, дигар аз шодӣ парвозӣ шуда буд. Бо шаст аз ҷой бархоста, ҳамсарашро канор гирифт ва аз пешониаш бӯсид. Ҳамсараш базӯр худро аз чанги шавҳар раҳо намуда, хиҷолатзада худро ба берун зад. Модари Ҷамшед низ аз дунболи ӯ аз меҳмонхона хориҷ шуд…

Бобои Ҳазин даст ба фотиҳа бардошт ва меҳмонон низ ба ҷуз Меҳроб пароканда шуданд. То дамидани субҳ ва оғози мусофират соатҳои ба шумор монда буд…

Хуршед, ин мусофири пирсоли танҳогарди осмони нилӣ мисли пешин аз иқоматгоҳи шабонаи хеш берун меомад. Дурахшиши теғаҳои бурронии он пардаҳои тору зулмонии шабро аз домани хок пора намуда, ба дур меафканд.

Роҳро барои мусофирати тозаи хеш ҳамвор месохт. Рӯзи нав дар паҳнои ҳастӣ оғоз мегардид.Вале имрӯз хуршеди пирсол танҳо набуд. Ҳамрадифи ӯ марде аз деҳи дурдасти кӯҳистонӣ бархоста буд, то ҷониби хуршедҳои дурафтодаву мунтазири хеш ҳаракат кунад.

Парандагони саҳархез, ки бо ламси ангуштони нарму гарми хуршед даричаҳои чашм боз карда буданд, инак бо мусиқии дилангези садоҳое, ки аз умқи синаи онҳо бармехест, ба марди мусофир сафари бахайр таманно менамуданд. Қалби ин мард саршор аз орзуҳои хуршедист. Роҳи тӯлоние ӯро дар пеш аст, вале яқин дорад, ки баҳористони дидор наздик аст.

## МУНДАРИҶА


Садое аз хилват ........................................ 5
Бӯйи шаб ........................................ 127
Бозгашти падар ........................................ 155



**УМАР САФАР**
**БОЗГАШТИ ПАДАР**
*(қиссаҳо)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ҳуруфчин *Ш. Мусулмонова*
Рассомон *А. Додобоева,*
*Р. Шарипов, Ҷ. Раҳим*

Ба матбаа 30.07.2014 супурда шуд.
Чопаш 1.08.2014 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 16. Андозаи 60х84 $^1/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар ҶДММ «Илм» чоп шудааст.